*Маҷид САЛИМ*

# АЗ ПАЙИ ПАЛАНГ



Душанбе
«Адиб»
2010

ББК 84 Тоҷик 7-4
М-79

Муҳаррир *Зиё Абдулло*

М-79 **Маҷид Салим**. Аз пайи паланг (қисса ва ҳикояҳо).
– Душанбе, «Адиб», 2010, 200 саҳ.

Қисса ва ҳикояҳои маҷмӯаи «Аз пайи паланг» аз ҳаёти пурҳаводиси олами вуҳуш, набототи ва табиат нақл карда, хонандагонро ба дӯст доштани табиат ва сарватҳои кишвар ҳидоят месозанд.

ISBN 978-99947-64-67-3

© Маҷид Салим, 2010

# ҶАНГАЛ

*(Қисса)*

Рӯз бегоҳ мешуду мӯйсафеди Саид майли деҳа рафтан надошт. Як гӯшаи дилаш сиёҳ буд. Воқеаи дирӯзаро ба ёд овард ва беихтиёр камонро аз сари шона гирифта ба замин монду оҳи бадард кашид. «Бало занад, қариб буд мардака паронам. Дар пирӣ номам ба одамкушӣ мебаромад, мегуфтанд, ки ҷангалбон барои як оҳу фалониро кушт». Мӯйсафед бо чунин андешаҳо аспашро дар чаман сар дод, баъд хӯрҷинро таги каш гирифта лаби чашма омад.

Аз миёни харсангҳо ҷӯйчаи об шилдиросзанон поён мерехт. Овози об ба ӯ ҳаловат бахшид, ба ҷисму ҷонаш форид, вай рӯи замин качпаҳлӯ зад ва пораи нонро ба оби хунук тар кард. Оби сарди чашма хаёле мағзашро рӯшан кард. Ҷангалбон ба атроф, ба харсангҳои болои пушта чашм давонд ва боз ҳамон шабеҳаҳо – пайкараҳои аҷибро дид. «Шояд инҳо аз дуртарин замонаҳо омада бошанд, – аз дил гузаронд мӯйсафед, – ва дар қалби худ розу ниёзеро пинҳон доранд». Сангҳайкали болои сурхкӯҳ мисли шайтон дандонҳояшро гиз карда, хаёле атрофро сӯз медод. Зебоиҳои қади дараро хуш надошт гӯё ва худашро яккаву танҳо медид. Дарахтони сарсабзу чаманзорро бад медид. Дар сояи вай рустание намесабзид. Мӯйсафед ба ин шабеҳаи булъаҷаб хеле нигоҳ карду худ ба худ хандид.

Ривояте ҳаст, ки дар кадом замоне дур ягона фарзанди ҳокими ин дара ба мардумозорӣ ва куштори ҷонварони бегуноҳ машғул будааст. Аз дасти ӯ парандаву чарандаҳо ноилоҷ ин маконро батамом тарк кардаанд. Ҳоким ин аҳволро дида писарашро дуои бад мекунад, аз Худо маргашро мехоҳад. Фоҷиаи рафтани ҷонварон ва ғами фарзанд ӯро ба андӯҳи ҷовидон пайванд месозад ва мард шабону рӯзон ашки сӯзон мерезад. Бо гузашти солҳои дароз дар ҷои манзили ҳоким ҳамин кӯҳ пайдо мешавад, ки аз дилаш оби сард метароваду нолиш мекунад…

Мӯйсафедро садои ногаҳонии тир аз банди андешаҳо берун

овард. Ӯ ҳадаҳа туфангро ба даст гирифта сарнишеб, ҷониби чашмаи Зелолак давид. Овози тир аз ҳамон сӯ меомад. Ҳангоме ки ба пушта расид, аз рӯ ба рӯ Носири гарданкаҷ баромад, ки ду кабки сарбурида дар даст дошт. Ҷангалбони пир аз тарзи нигоҳи ӯ дарёфт, ки кабкҳо ягона сайди имрӯзи вай нестанд, кадом ҷонвари дигареро низ куштааст. Носир ба ӯ аҳамият надода роҳашро давом дод.

– Эй сангдил, чаро намемонӣ ҷонварон осуда гарданд? Чӣ тавр дилат шуд, ки чунин парандаи зебороо сар бибурӣ?

Носири гарданкаҷ, ки дар синну сол ба писари мӯйсафед баробар меомад, бо хашм сухани ӯро бурид:

– Кӯҳу ҷангалу кабку оҳу мулку моли Худоянд. Як оҳура араша гирифтем, ду кабка парондем, хайр, чӣ шудааст, магар ҷангал аз ин зарар мебинад?

Аз сару рӯи мӯсафед арақ мешорид, танаш меларзид. Вай мили туфангро ҷониби Носири гарданкаҷ рост кард:

– Як кабк арзиши сад нафар монанди туро дорад. Ту ба ҷуз куштану хӯрдан кори дигар надорӣ. Кабк бо овози хушаш, сурати зебояш дили ҳазоронро шод мекунад. Кӯҳе ки овози кабк надорад, шукӯҳу шаҳомат ҳам надорад. Аз оҳу намегӯям. Ҳоло кабкҳоро рӯи замин мон, ман акт менависам, – ҷангалбон ҳамоно мили камонро сӯи ӯ рост медошт.

Ин кори Саид шасти Носирро гардонд. Ин гуна касон аслан тарсу мешаванд. Вай кабкҳоро пеши пояш партофт ва зери лаб ғур-ғур кард:

– Мӯсафеди аҳмақ, рӯзе мерасад, ки камонро аз дастат мегиранд, пас бо ту гап мезанам…

Мӯйсафед малул гашт. Сахт аламаш кард, ки омада-омада дар овони пирӣ бо чунин беинсофҳо рӯ ба рӯ шуд. Агар дарахту буттаю сабзаҳо намешуданд, шояд ба зону зада, аз алам ҳой-ҳой мегирист. Охир, замонҳои пеш, дар даврони Шӯравӣ касе ҳақ надошт, ки бо азми бад вориди ҷангал шавад. Он айём ҷангалу ҷонварон пуштибон доштанд.

Носир ба ӯ аҳамият надода аз пайроҳа сӯи водӣ рафт. Саид кабкҳоро аз замин бардошт ва хост бо роҳи гургхӯрда ба пайраҳаи оҳувон расад ва бо ёрии ҷангалбони ҷавон Ҷамол, ки он ҷо навбатдорӣ мекард, Носирро дастгир намояд.

Ҳангоме ки садои тир баромад, Ҷамол селаи парандаҳоро назора дошт. Дар шохи бурси бузург як ҷуфт тазарв нишаста буд. Поёнтар аз миёни алафзор сангпуште базӯр роҳ мерафт. «Агар шикор кам шавад, ё ақаллан дар мавсими имсола пешгирӣ гардад, шумораи мурғони даштӣ хеле зиёд мешавад– худ ба худ гуфт Ҷамол,– аммо ба сангпуштҳо чӣ шуда бошад. Дар ҷумҳурии мо танҳо як намуди сангпушт ҳаст. Ҳамин ҳам кам мондааст». Ӯ сангпуштро аз миёни буттаҳои печида халос карда ба кафи даст гирифт. «Натарс, ман макони алафҳои доруиро нишонат медиҳам». Ҷамол сангпуштро силакунон навозиш намуд. Сангпушт муносибати неки одамро пай бурд магар ки сар бардошта ба атроф нигоҳ кард. Ҷамол сангпуштро сар дод. Вай дар як дам миёни алафзор ғайб зад.

Ҷамол як сол боз ҷангалбон аст. Ӯ мисли дигар ҳамсинфонаш шаҳр нарафт, меҳри ҷангал, гавазну оҳубарраҳо, мурғони даштӣ ӯро ба ин ҷо овард. Моҳҳои аввал ҳеҷ аз тамошои ҷангалу пуштаҳои сарсабз сер намешуд. Аз дидани манзараҳои кӯҳ лаззат мебурд. Худашро хушбахт медид. Вале дертар дид, ки ин зебоиҳо, ин ҷонварони бепушту паноҳ душманони зиёд доштаанду бадтаринаш одам будааст. Барои надидани кӯрдилиҳои одам хост ҷангалбониро тарк кунад, аммо дилаш ба ҷангалбони пир – Саид сӯхт. Натавонист ӯро танҳо гузорад. Медид, ки ба ӯ мушкил аст, як худаш танҳо, шабу рӯз аз пайи ҳифзи ҷангал мегардад. Инсони неку дӯстдори обу хоки диёр аст. Ин хел одамон ҳоло ангуштшуморанд.

Атроф ором буд. Аммо як гӯшаи дили Ҷамолро чизе сиёҳ мекард. «Ба мӯйсафед ягон воқеа рӯй надода бошад?» Вай болои харсанг баромада дастро ба пешонӣ соябон кард ва ба сӯе, ки садои тир омада буд, нигарист. Нигоҳаш ба нишебии рӯ ба рӯ бархӯрд, дид ҷангалбони пир лаҷоми асп дар даст хастаҳол сӯяш меояд. Аз қадаммонияш пай бурд, ки ҳодисае рух додааст. Агар ӯ орому шод бошад, қадамзаниаш ҳам фарқ мекунад, дилпур меояд, агар кораш омад накунад, ошуфтаю парешон меояд. Мӯйсафед ҳоло аламзада метофт. Вай аспашро ба пояи хаданг баст, худ назди Ҷамол омад.

– Ҷамол, бачам, медонӣ чӣ қадар мушкил аст, вақте ки туро намефаҳманду аз дарди дилат огаҳ нестанд. Охир, ман чил со-

ли зиндагиамро сарфи ҳимояи ҷангалу ҳайвонот кардам, мехоҳам то охири умр ба ҳамин пеша содиқ монам. Аммо мебинам, ки солҳои охир ҷангалу ҳайвонот бепушту паноҳ мондаанд. Зимистони гузашта аз хунукиву гуруснагӣ чӣ қадар ҷонварон несту нобуд шуданд. Аз ин касеро парво нест.

Сукути гароне ба миён омад. Ҷамол аз нигоҳи мӯйсафед рамуз гирифта пурсид:

– Падар, ҳар гоҳ шумо дар бораи ҷангалу ҳайвонҳо гап мезанед, ҳис мешавад, ки нохушие пеш омада. Ҳодисае рух дод? Ман садои тирро шунидам…

– Ҳа, имрӯз Носири гарданкаҷ боз шикордуздӣ кард, лекин метарсам, ки чун ҳамеша аз об хушк мебарояд,– бо ҳасрат гуфт мӯйсафед.

– Шумо бошед, ҷони худро зери хатар монда, бо ӯ дастбагиребон шудед, албатта.

– Чӣ фоида? «Бори якум нест, ки шумо маро дастгир мекунеду ҷарима мебандед. Аздусар боз халос мешавам» – нописандӣ кард Носир ва дӯғ ҳам зад, ки ба ҳукумат шикоят мебарад.

Ҷамол телефони ҳамроҳро аз киса баровард, рақам чид, куҷое занг зад, сипас қотеона гуфт:

– Ин дафъа ҳуҷҷатҳоро ба додситонии вилоят месупорем, бинем, боз кӣ тарафашро мегирад, – ва даст ба китфи мӯйсафед гузошт.

Саид навмедона гуфт:

– Ман кабкҳоро аз дасташ гирифтам, вале дилам гувоҳӣ медиҳад, ки вай сайди дигаре низ дорад ва куҷое пинҳон кардааст.

Соате пас мошине дар марзи ҷангал пайдо шуд. Мошин дарахту буттаҳоро зер карда, рост назди онҳо омад. Аз он ду нафар милиса берун омаданд ва гӯё Ҷамол одам набуд, ки ба ӯ нигоҳ накарда ба мӯсафед рӯ оварданд. Оне, ки рутбаи баландтар дошт, гуфт:

– Ҳа, бобои Саид, ҳеҷ тинҷ намегардӣ-да. Боз чӣ гап шуд?

– Шумо ҳомии қонун, медонед, ки дар мамнӯъгоҳ шикор мумкин нест. Ун беимон гавазнҳоро, ки ба Китоби Сурх дохил шудаанд, шикор мекунад. Ана, акт ҳам тартиб додем.

Милиса гӯё нав Ҷамолро дид, ки ба сӯи ӯ нигоҳи кӯтоҳе карду бепарво гуфт:

– Бо актҳоят сари моро гаранг кардӣ…

Мӯйсафед аз чунин муомила нахуст тааҷҷуб кард, сипас хашмаш омад:

– Шумо ин ҷо барои маҳкум кардани мо омадед, ё ...

Милиса паст наомад. Ӯ ба ҳар роҳ мехост алови чашми пирмардро гирад:

– Бобои Саид, охир саратро мехӯрӣ бо ин якравият. Ҳамеша Носирро ба шикордуздӣ муттаҳам мекунӣ? Ин навбат бо камон таҳдид кардаӣ!

– Худо шоҳид, Носирро ҳангоми шикордуздӣ дастгир кардам.

– Шуд, ба идораи милиса меравед, он ҷо маълум мешавад.

* * *

Дар дами пирӣ милисахонаро ҳам дид мӯйсафед. Пештар касе ҳад надошт, ки бе иҷозатнома вориди мамнӯъгоҳ гардад. Шикор набуд, хурду калон медонистанд, ки бо камон вориди ҷангал шудан мумкин нест. Он айём шумораи ҳайвонот, парандаҳо хеле зиёд буд. Ҳоло чӣ? Аз дасти шикордуздону ҳаннотон дар кӯҳу дашт гулу буттаи доругиву парандаву чаранда намондааст. Мӯйсафед бо ҳамин фикру хаёлҳо дохили бинои милисахона шуд ва сардори милисаро пурсид. Навбатдор сард «сардор нест» гуфт. Мӯйсафед хиҷилу дилшикаста каноре нишаст.

Чӣ рӯзҳоеро аз сар гузарондааст ӯ. Даҳҳо нафар шикордуздонро ба маҳкама кашида, ҷони ҷонварони зиёдеро харидааст. Агар он чормағзи пиру он чашма забон медоштанд, чӣ қиссаҳое аз рӯзгори ӯ мекарданд. Ҳамсолонаш рӯзро дар масҷиду чойхона кӯр мекунанд. Ҷои хӯрду хоби ӯ болои сабзаву рӯи тобасанги кӯҳу дара аст…

Садои милисаи навбатдор мӯйсафедро ба худ овард. Ӯ дохили дафтари кори барҳавои сардор шуд.

– Корҳо чӣ хел, мӯйсафед, ҷангал дар ҷояш?

Пурсиши сардори милиса ба назараш сарду таҳқиромез тофт. Мӯйсафед ранҷид:

– Бад не, писарам.

– Чӣ хел бад не, ки рӯздармиён аз болои шумо ариза меояд. Одамон менависанд, ки баҳудаю беҳуда онҳоро меранҷонед. Дирӯз ба корманди мо дағалӣ кардед.

– Писарам, ҷангал моли ҳама, моли мардум аст. Онро бояд ҳам шумо, ҳам ман ҳифз кунем ва ҳам фарзандони ману шумо…

Мӯйсафед суханашро то охир набурд, сардор барошуфт.

– Мо кори дигар надорем? Ба ҷои пеши роҳи ҷиноят-коронро гирифтан нисфи кормандон аз паси шумо оворааанд. Бас кунед худсарииро, аз мӯи сафедатон шарм доред…

Бобои Саид бо садои шикаста гуфт:

– Чӣ кори носавоб кардам?

– Кӣ ба шумо ҳақ дод, ки ба Носир барин марди мӯътабар шикордузд гӯён тӯҳмат занед?..

– Маро ҳам гӯш кунед, агар гунаҳам бошад, ҷазо диҳед,- гуфт мӯйсафед озурдахотир. – Ҷангал боигарии давлат аст. Носири гарданкаҷ барин муттаҳамҳо онро нобуд мекунанд. Мана, ҳуҷҷат, вай як ҳайвони нодир – гавазни бухороиро паронд.

Сардори милиса дарк кард, ки ба мӯйсафед гап гузаронидан мушкил аст, таҳдидаш кард, ки агар минбаъд аз болояш шикоят шавад, парвандаи ҷиноӣ боз мекунад ва гуселаш кард.

* * *

Дар рӯи ҳавлӣ пайдо шудани мӯйсафед ҳамсараш – кампири Оишаро хурсанд кард. Хост ӯро меҳрубонӣ кунад, гӯяд, ки минбаъд низ ҳамин хел барвақттар хона биёяд. Вале шавҳарашро малулу ранҷур ёфт. Пай бурд, ки ҳодисае рух додааст. Чизе напурсида чою нон овард, дуртар нишаст:

– Чаро ин қадар худатро обу адо мекунӣ? Корат дар ҷангал гаштану аз паси ҷонварон давидан. Пир шудӣ, нафақа баро, дам гир.

– Ин хел нагӯ, занак. Хонаамон назди мамнӯъгоҳ, зиндагимон орому осуда, боз чӣ лозим?

– Дар ин синну сол ба ту ин корҳо намезебад. Замона дигар шуд...

Бобои Саид сухани ҳамсарашро бурид:

– Носири гарданкаҷ дирӯз боз як оҳуро паронд. Бачааш танҳо монд. Бечора сар то сари беша давида оча меҷӯяд. Нолаҳои оҳубарра маро обу адо кард. Ман бояд он беимонро ба маҳкама кашам.

– Мардак, метарсам, пешонаам шӯр шавад. Овоза ҳаст, ки гӯё шикорчиён қасди ҷони туро доранд.

– Гапи беҳуда, ман аз касе наметарсам, давлат ҳаст, қонун ҳаст...

– Ба ҳар ҳол, эҳтиёт шав. Ба хотири ҷангал қариб бегона шудаӣ. Ақаллан тӯю сур ё хабаргирии наздиконатро фаромӯш накун...

Мӯйсафед ба андеша рафт. Боз ҷастухези галаи гавазнҳо пеши назараш омад. Ӯ ин ҷонварони зеборо хеле барвақт, замоне ки онҳоро аз кишвари ҳамсоя оварданд, дӯст дошт. Он айём барои таҷрибаи илмӣ беш аз панҷоҳ сар гавазнҳои бухороиро ба ин мавзеъ расониданд. Бо мақсади ба иқлим ва обу ҳавои минтақаи нав мутобиқ кардани онҳо. Он вақтҳо Саид нав ҷангалбон таъин шуда буд. Дар оғӯши дара, ки чор тарафаш кӯҳҳо саф кашидаанд, хомӯшии пурасроре ҳукмфармо буд. Ҳавои тоза, гулу буттаҳои хушбӯй, чукрию торон, пудинаи кӯҳӣ, дӯлоназор зуд писанди оҳубарраҳо гашт. Галаи оҳувон бо Саиди ҷавон низ унс гирифт. Ҳамин ки оҳувон лаби чашма обхӯрӣ меомаданд, Саид пешорӯи гала истода, онҳоро тамошо мекард. Шумораи оҳувон сол то сол зиёд мегашт. Онҳо ба ҳар васила насли худро нигоҳ медоштанд.

Боду ҳавои ҷангал зуд дигар мешавад. Дами саҳарӣ мебинӣ, ки офтоб баромадаасту ҳаво гарм аст, аммо рӯз нисф нашуда аз куҷое боди дайдуе вазида, хушку тарро ба фазо мебардорад, борони сел меборад. Боре ӯ ҳанӯз ба маҳали гавазнҳо нарасида буд, ки борон шиддат гирифт ва якбора ба жола мубаддал гашт. Вай хавотир буд, ки оҳувон дар селроҳа бимонанду нобуд шаванд. Чакманашро болои сар гирифта сарнишеб давид. Аз теғаҳои кӯҳу шаххо ҳаври гарме мехест, ба гулу гиёҳон печида сӯи осмон мерафт. Саид дид, ки оҳувон дар ҷое кушоду бехавф мечаранд, осуда шуд. Вай акнун дохили хайма шуданӣ

буд, ки овозе ношинос омад. Ҷангалбон бо дили нохоҳам пас гашт ва намояндаи ҳукуматро дид.

– Чаро гавазнҳоро дар ҷангал сар додӣ?

– Магар мумкин нест?

– Гавазнҳо бояд се моҳ дар ферма нигоҳ дошта мешуданд.

– Чӣ хел инҳоро се моҳ дар оғил нигоҳ медорӣ? Инҳо ҷонварони озоданд, дар қайду банд зуд мемиранд…

Намоянда каме ба сукут рафт ва афзуд:

– Ин муҳим нест, ҳоло як гавазнро ба хонаи раис бурдан лозим.

Саид барошуфт:

– Кадом раис?

– Чанд раис ҳаст?

– Ман ягон гавазнро аз гала ҷудо намекунам.

Пас аз ин воқеа бадбинон тӯҳматҳои зиёд бастанд ба Саид, аммо чун дасту дилаш пок буд ва қонуну қоида кор мекард дар кишвар, бегуноҳиашро исбот кард, сараш хам нагашт.

* * *

Гавазнҳо зуд талу пуштаҳо ва бешаро омӯхтанд. Ҳафтае пас худашон бемалол чашмаю рӯдхонаҳоро пайдо карда обнӯшӣ меомаданд. Тобистон ҳам гузашт. Саид Худо мегуфт, ки зимистон гарм ояд, то ҷонварони бегуноҳ азоб накашанд. Охир, дар иқлими барояшон бегона зуд унс гирифтан осон нест. Аммо кӯҳистон зебост: як тараф чаманзори пури пудинаи кӯҳӣ, рову вағнич, торону чукрӣ, дигар ҷониб қад-қади ёна дӯлоназору пистазор аст, пастхамиҳоро хоргулу алафҳои дигар зер кардаанд. Вале акнун кам-кам аз паси кӯҳҳо бӯи хунукӣ меомад, шамоли сард мевазид. Ана, ҳамин сардиҳои бемаврид табъи ҷангалбонро хира кард. Аз беқарорию хӯсидани ҷонварон маълум буд, ки онҳо чӣ будани шамолу тундбоди сахти кӯҳистонро намедонанд. Ғайричашмдошт зимистон сербарф омад. Саҳарии барфи аввал гавазнҳоро ба ёнаи беша, ҷои офтобрас овард. Ҳайвонҳои ба гармӣ одаткарда ба зӯр роҳ мегаштанд. Дар барф ғӯтида пешпо мехӯрданд. Саид барфи болои буттаҳоро такида ба гавазнҳо барои ёфтани ғизо ёрӣ медод. Чӣ қадар мушкил буд. Ана, ҳамон вақт сархайли гавазнҳо

ба ӯ меҳр баст. Акнун шоҳгавазн аз паси Саид рамаро ба ҷои даркорӣ мебурд.

Он зимистони сард ду гавазн талаф ёфт. Он ҳам бо айби одамони деҳа, дурусташ шикорчиён. Шикорчиёни беинсоф шабона ду гавазни ҷавонро, ки дар барфбод монда буданд, захмӣ карданд. Барои онҳо шикори гавазнҳои бухороӣ ҷашн буд. То ин дам онҳо бештар кабку оҳу ё хирс шикор мекарданд. Пас аз он ки аз оҳувони бухороӣ огоҳӣ ёфтанд, дигар шабу рӯз аз пасашон мегаштанд. Саид то чӣ андоза бераҳм будани инсонро ҳамон зимистон фаҳмид. Ва боз донист, ки ҷонварон низ монанди одамон дар доираи қонуну қоидаҳои хос зиндагӣ мекунанд, фармонгару фармонбар доранд, дар ҳудуди муайян мезиянд, дар лаҳзаҳои душвор ба якдигар ёрӣ медиҳанд. Замистони нахустро оҳувон хеле душвор паси сар карданд. Баҳор омад.

Саид пас аз сарҷамъу ором дидани рамаи оҳувон лаби чашма фуромад, миёнбандашро кушод, нони хушкро ба оби сард тар карда хӯрд. Вай ин чашмаро бори нахуст медид. Оби чашма ҳай ширин буд, ба назари ҷангалбон чунин намуд, ки он ба оби дигар чашмаҳои атроф намемонад, мазаву сардиаш фарқ дорад. Бори дигар каф ба об зад ва ногаҳ ҳикояти дар кӯдакӣ аз падар шунида ба ёдаш омад. Падар қисса мекард, ки рӯзгороне дур ин ҷо чашмаи оби ҳаёт будааст. Аммо он аз чашми касон пинҳон буд, ба ҳар кас ошкор намешуд. Боре шикорчиҳо оҳубарраеро захмӣ карданд, вале он дар ҷангали анбӯҳ гум шуд. (Мегӯянд он замон ҷангалистони ин ҷо касногузар будаасту ҳазор гуна парандаву чаранда, аз ҷумла оҳувони бешумор дар он ба сар мебурдаанд.) Чанд рӯз пас одамон боз ҳамон оҳубарраро мебинанд. Вай солиму бардам буд, аз захми танаш нишоне дида намешуд. Одамон аз будани асроре дар кори оҳубарра пай мебаранд ва рӯзҳои дароз онро дунболгирӣ мекунанд. Саранҷом оҳу онҳоро бар сари чашмае меорад, ки миёни бурсзорон ҷорӣ буд. Аҷиб он буд, ки одамон диданд, ҷонварони захмиву бемор яке паси дигар сари чашма меомаданд, аз он менӯшиданд ва ҳамон замон дард аз танашон мерафт, захмҳояшон шифо меёфт. Лек баробари ба чашма хӯрдани нигоҳи одамон об аз назар пинҳон гашт. Пас аз он

оҳувон аз ин макон рафтанд, одамон барои пайдо кардани чашмаи сеҳрангез бурсзоронро буриданд, лек мурод ҳосил нагашт. Шояд он чашма аз нав худро ба ман намуда бошад, андешид Саид…

Садои ногаҳонии тир ҷангалбонро як қад паронд. Вай миёнбандашро лаби чашма фаромӯш карда, ҷонҳавл боло давид. Аз шикорчӣ на пай буду на нишоне. Хирсбачаи захмӣ чашмони калони ноумедашро аз ҷангалбон намеканд. Гӯё мехост охирин бор ба инсонҳо назар дӯзад. Аз онҳо гуноҳашро пурсад. Хирсбача талоши хестан кард, аммо натавонист, базӯр худашро поёнтар кашиду якпаҳлӯ афтид. Саид осема ба атроф нигарист ва дар нишебии Сурхдара марди силоҳдореро дид.

Ҷангалбон ӯро шинохт. Ин ҳамон Носир буд, ки соли гузашта ҳангоми шикор Саид бо ӯ дастбагиребон шуда буд. Ҷангалбон бо чанд хез худро ба ӯ расонд:

– Хуни ҳамин хирсбача як рӯз мегирадат. Биё, як бор ба чашмаш нигар, бубинам тоқаташро дорӣ ё на!

– Намефаҳмам, чӣ мегӯӣ.

– Нағз мефаҳмӣ, ун ҳайвони безабона тири камони ту захмӣ кард.

Ҷангалбон дид, ки шикорчӣ сархушу маст аст ва гуноҳашро ба гардан намегирад, чолок ба ӯ дарафтода камонашро кашида гирифт.

– Инро ба милиса мебарам, он ҷо маълум мекунанд, ки шикор кардӣ ё на.

Носири сармаст бепарво хандид:

– Одамгариро фаромӯш кардаӣ, нодон! Як хирсбача мурд, дигараш пайдо мешавад.

Носир аз кисааш як банд пул бароварда ба мӯйсафед дароз кард.

– Ма, гир, ба зиндагии яксолаат мерасад…

Саид ҳарчанд мехост чизе гӯяд, забонаш намегашт. Танҳо ҳаминро тавонист, ки мили камони аз дасти шикордузд гирифтаашро сӯи ӯ рост кард. Ранг аз рӯи Носир парид, худро зуд паси бурси бузург кашид, пас ҷонҳавл рӯ ба нишеб гурехт.

Саид танҳо монд. Баъди андак сари моҷарои рафта андешид. Бори дувум буд, ки Носирро ҳангоми шикор дар

мамнӯъгоҳ даст мегирифт. Аммо вай чунон муомила мекард, ки гӯё подшоҳи олам бошад. Аз чизе тарс надорад, на қонунро медонад, на қоидаро. Танҳо аз шикам меандешад, зебоӣ чист, ҳифзи обу хок чист, тасаввур надорад. Аз куҷо пайдо мешаванд чунин одамон? Гумон доранд ҳамаро бо пул мехаранду мефурӯшанд. Не, ин навбат намемонам, дар даст далел дорам.

Саид ба чормағзи бузург нигарист ва ба хотир овард, ки чӣ хел хирсбача бо очааш зери он меомад, ба танаи дарахт часпида ба шохаш мебаромад, бозӣ мекард. Он рӯзҳо ҳаво хеле тафсон буд. Чормағзҳои кӯҳӣ хеле бомазаанд. Ҳамин чормағзи сари пушта ҳар сол меваи хуб медиҳад. Бисёр ҷонварон аз он барои худ хӯрок захира мекунанд. Селаи зоғҳо, аккаю калламушҳо рӯзи дароз чормағз мекашонанд. Як бегоҳӣ вай ба чормағз наздик омада дид, ки марде дар халтааш чормағз меғундорад.

– Оё намедонӣ, ки дар мамнӯъгоҳ чидани меваю рустаниҳо манъ аст.

Мард китф дарҳам кашида бо тааҷҷуб гуфт:

– Тахмин чиҳил сол пештар мо ин ҷо зиндагӣ мекардем. Баъд кӯчонда ба таҳдашт бурданд. Деҳаи бобоӣ гуфта омадам. Барои савғот камтар чормағз барам гуфтам.

– Не, додар, ин чормағз хӯроки ҷонварон аст.

Мардак малул шуд, хайрухуш ҳам накард.

Ҳеҷ гап не, андешид ҷангалбон, беҳуда меранҷанд, беҳтараш, омадани хирсро интизор шавам.

Саид миёни харсангҳо пинҳон шуд. Чанде пас хирси маллаи бузург пеш-пешу хирсбача аз қафо таги дарахт пайдо шуданд. Оча бачаро болои сар бардошта ба танаи чормағз наздик бурд. Хирсбача чолок ба танаи дарахт часпид ва мисли одам боло баромад. Ҳини баромадан ягон шоху навдаро нашикаст, болои шохаи аз ҳама калон нишаста, дарахтро ҷунбонд. Ҳамин ки рӯи замин пури чормағз шуд, хирсбача боз бо ёрии оча поён фуромад. Ва ҳар ду ба чидану хӯрдани чормағз пардохтанд.

Ҳангоме ки Саид ба пуштаи Кабкрез расид, ҳоли хароби он аз банди андешаҳо берунаш кашид. Мардум онро ба чарогоҳ табдил дода буданд. Аз деҳаи ҳамсоя пинҳонӣ гову моли худ-

ро инҷо оварда сар медиҳанд. Аз дасти чорво рустание намондааст. Соли гузшта зимистон сахт омад. Ҷонварон аз гуруснагӣ ба ҳалокат расиданд. Селаи кабкҳо маҷбур ба деҳа фуромаданд. Мардум садҳо кабку бошаро нобуд карданд.

* * *

Саид аз миёни ҷангал мерафту ҳодисаҳои солҳои пешин аз пеши назараш мегузаштанд. Боре, тахминан даҳ сол пеш, ба шаҳр рафт ва ба боғи ҳайвонот даромад. Ва он ҷо ҳамон гавазнро дид, ки аз назди ӯ бурда буданд. Тани лоғару нигоҳи ҳазини ҳайвон ҷигарашро пора кард. Хаёле гавазн ӯро шинохт, назди панҷара омад, гардан ёзид, сару танашро бӯ кашид. Гӯё гуфт «ту ҳам мисли дигарҳо ба тамошои ман омадӣ?» Дар вақташ ӯ ба ваъдаи намояндаҳо бовар карда, гавазни озодро дар банд кардаву ба шаҳр фиристода буд. «Кай медонистам, ки боғи ҳйвонот чӣ аст? Вагарна асло ҳайвони безабонро аз ҷангалу ҳамроҳонаш ҷудо намекардам». Гавазн дар макони танг ин тарафу он тараф ҳаракат карда, ҷои гурез мекофт, шохҳояшро ба панҷараҳои оҳанин зада, садои ғамангез мебаровард. Хаёле ба Саид лаънат мефиристод…

Мӯйсафед ғарқи андеша чӣ гуна назди Ҷамол расиданашро нафаҳмид, ҳодисаи хирсбачаву Носирро низ чанде аз ёд бурд, хаёлаш ҳама банди гавазн буд. Вақтҳои охир ӯро тақдири гавазнҳо ором намегузошт. Қариб ҳар шаб ҳамон гавазни гирифторро хоб медид. Аммо ин хоб ғайримуқаррарӣ буд, боре гавазн ногаҳ ба гап даромад. Дар асл вай по мекӯфту сар меҷунбонд, аммо Саид овозашро мешунид. «Ёд дорӣ солеро, ки нав ба кор омада будӣ? Чӣ хел кӯҳу камар зебо буд, аз бӯи гулу гиёҳ маст мешудӣ. Ба ҳайрат наё, ҳамаи ҷонварон забон доранд, бо якдигар гуфтугӯ мекунанд, аммо одамон забони онҳоро намефаҳманд. Танҳо одамони поку раҳмдил гоҳе онро пай мебаранд..»

Гавазн ба давру бараш нигоҳ кард, ҳис намуд, ки дар беша дигар касе нест, оҳиста гуфт: «Гӯш кун, ман омадам, ки сирреро бароят кушоям. Дар кӯҳистон гиёҳҳое мерӯянд, ки умри инсонро дароз мекунанд. Аммо одамон ҷангалҳоро нест карданд, чашмаҳо хушкиданд. Чашмаи Зелолакро ёд дорӣ? «Бале,

дар ёдам ҳаст, аммо кайҳост хушкидааст!» «На, нахушкидааст. Он чашмаи оби ҳаёт аст. Ту бояд он чашмаро ёб!..»

Мӯйсафедро хоби дидааш парешон кард. Ӯ оромиро аз даст дод, овози гавазн аз гӯшҳояш намерафт, дар миёни ҷангал мегашту ба чор сӯ нигаҳ мекард, чизе меҷуст. Роҳравон надид, ки чӣ хел буттаҳои пиёзи анзурро таги по кард. Дуртар селаи тазарвҳо нишаста буданд. Мӯйсафед тамошои ин мурғони зеборо дӯст медошт, аммо ин бор ба онҳо нигоҳ накард. Дар сараш ҳамоно як фикр давр мезад: «Шояд ба ростӣ оби чашмаи Зелолак шифобахш бошад? Пештар ҳамаи ҷонварон аз ҳамин чашма об менӯшиданд..»

– Ҷамол, чашмаи Зелолакро дар ёд дорӣ?

– Бале, аммо вай кайҳо хушкидааст.

– На, он чашма нахушкидааст,вай чашмаи одӣ нест, – ҳаяҷонашро базӯр фурӯ бурда нидо кард мӯйсафед.

– Пири кор, ҳар рӯз як гапи нав мегӯӣ. Равшантар гап зан.

– Гавазни пир дар хобам гуфт, ки Зелолак оби ҳаёт аст…

Ҷамол ба замин нишаст, сарашро миёни дастҳояш гирифт, хандид. Мӯсафед ба ин парво накард, ба суханаш давом дод:

– Агар Зелолак хушкида буд, чаро ҷонварон аз чашмаи нав ёфтаву тозакардаи мо наменӯшанд. Маълум, ки онҳо дар куҷо будани Зелолакро медонанд. Мо бояд он чашмаро пайдо кунем.

– Ман дирӯз дар Зелолак будам. Он ҷо ҳеч гуна чашма нест.

Саид рост ба чашми шогирдаш нигарист, аммо чизе нагуфт. Аз нигоҳаш хонда мешуд, ки ба будани чашмаи Зелолак ва шифобахшии он заррае шубҳа надорад.

* * *

Моҳҳои охир ба ҷои ҷангалбонӣ кораш аз идора ба идора давидан шуд Саидро. Хаста шуда буд, вале намехост аз нимароҳ баргардад, азмаш то ба охир рафтан, ҳақиқатро побарҷо кардан буд. Ҳоло ӯро раиси кумитаи замин ба наздаш хонда буд. Саид роҳравон меандешид, ки ҷангалу ҷангалбон ба ин идора чӣ муносибат дошта бошанд. Ин ҷо ба ӯ фаҳмонданд, ки дар ҳудуди хоҷагии ҷангал як пора замини санглоху беоб будаасту Носир ном кас онро харидану обод

кардан мехоҳад. Саид бояд тасдиқ кунад, ки воқеан ин порazaмин хушк ва бе долу дарахт аст.

– Бобои Саид, шуморо ҳамчун ҷангалбони куҳансолу собиқадор даъват кардем, ки маслиҳат пурсем. Ҳоло ҳама ҷоро бӯҳрони иқтисодӣ фаро гирифтааст. Вақти он аст, ки аз замин босамар истифода барем. Қарор шуд, панҷ гектари қитъаи Зелоли болоро ба акаи Носир диҳем.

– Чаро маҳз ин қитъаи ҷангалро, – ранҷидахотир гуфт мӯйсафед.

Раис ҳуҷҷатҳоро варақ зад.

– Ин ҷо омадааст, ки ин қитъа беобу санглох буда, ниҳолонаш саросар хушк шудаанд.

Мӯйсафед аз ҷояш нимхез шуд:

– Ӯҳ беимоне, аз Худо наметарсад. Ин қитъаи сарсабзу хуррам аст. Пур аз парандаву чаранда. Магар шумо рамаро ба дасти гург месупоред?

Раисро нохост ҳол дигар шуд:

– Шунида будам, ки шумо сахт гарданшаху якравед, аммо гумон надоштам, ки гӯлу нодон ҳам ҳастед. Мулки Худо васеъ аст, агар як пора замина Носир гираду обод кунад ва ба ивазаш ба шумо низ чизе диҳад, магар бад аст? Ҳоло замони иқтисоди бозаргонӣ аст, дигар давлат ошу нон намедиҳад, худатон бояд рӯзиатонро ёбед…

Саид давоми сухани ӯро нашунид:

– Ман намефаҳмам шумо аз кадом иқтисоду аз кадом бозаргон мегӯед, вале медонам, ки Носир каси ноинсоф ва ҳаромкору ҳаромхӯр аст, ман ба чунин одамон салом карданро ҳайф медонам. Ризқамро то имрӯз Худо расонд, иншооллоҳ, аз ин пас низ мерасонад. Ва агар ба Носир додан ё надодани ун замин вобаста ба ман бошад, қотеъона «не» мегӯям.

Шояд раис чунин ранг гирифтани сӯҳбатро интизор набуд, ки дастпоча шуд. Дида мешуд, ки бори нахуст бо ӯ чунин муносибат мекунанд, суханашро рад месозанд, аз мансабу ҷоҳаш намеандешанд. Рафтори Саид ба иззати нафсаш сахт расидаву мувозинати танашро вайрон карда буд, намедонист чӣ гӯяду чӣ кунад. Аламаш мекард, ки як мӯйсафеди саҳрогард сархамаш кард. Оромӣ дар дафтари кор вазнину

тазйиқовар гашт ва бо рафтани ҳар лаҳза вазнаш бештар мегашт. Раис инро пай бурд, ки пас аз хомӯшии дароз бо овози шикаста гуфт:

– Ба шумо ҷавоб…

Ҷангалбони пир – Саид бо хотири ошуфта аз идораи кумитаи замин берун шуд. Дар чанд рӯзи охир танҳо ин андеша дар сараш мегашт, ки бо аз миён рафтани як кишвари бузург ногаҳ ҳама дигаргуна шуд, махсусан хислату хӯи одамон. То дина гӯё ҳама покдилу боинсоф буданд, аммо дар як дам пӯст дигар карданд, инсон буданд, шайтон шуданд монанди Носир. Оё мешавад, ки одам ин гуна зуд дигар шавад? Ё онҳо аз азал чунин буданду ҷаҳолату разолаташонро пушти ниқоб пинҳон мекарданд? Ин гуна суолҳо зиёд буданд дар мағзи Саид, вале ҷавоб ба онҳо пайдо набуд.

* * *

Баъди қазияи Носири гарданкаҷ мӯйсафед каме осуда гашт. Аз он осуда шуд, ки як пора замини ободро аз чанги ҳанноте берун овард. Дина аз қитъаи Ҷамоли шогирдаш хабар гирифт. Натиҷаи корҳо хурсандаш кард. Вале тамоми ин муддат ҳушу ёдаш боз ба гавазну хоби дидааш ва чашмаи Зелолак банд буд. Ҳол ӯ дар банди Зелолак танҳо чашмаи обро ҷустуҷӯ дошт. Ҳамин ҷо андаруни пудиназор чашмаи мусаффое буд. Обаш доим ях барин хунук. Гоҳе ки гузори мӯйсафед ин ҷо меафтид, ҳатман лаби чашма нишаста об менӯшид ва низ ҳамин ҷо нонашро тар карда мехӯрд. Баҳорон, дуртар аз чашма аз таги сангҳои суфтаю шикаста чукрӣ неш мезад. Болотар – майдони пиёзи анзур. Ӯ миёни алфзор қадам зада, ҷӯёи чашмаи шинос шуд. Тарҳи чашма ҳанӯз барҷо буд. Ҷангалбони пир хурсанд шуд, ки ақаллан пайи чашмаро ёфт. Пагоҳ белу каланд оварда онро тоза мекунам, қарор дод вай, ё шояд чашмаи гавазн гуфта дигар аст. Он чашма бояд ҳамеша ҷорӣ бошад. Ин ҷо танҳо тарҳи чашма ҳасту бас. Ӯ дудила шуда атрофро аз назар гузаронд. Роҳи дур мондааш карда буд. «Агар чашмаи гавазн ёд – кардаро меёфтам, шояд аз нав ҷавон мешудам» андешид ӯ. Ва ногаҳ дар пешорӯи мӯйсафед гавазни шинос пайдо шуд. «Ман омадам, ки чашмаи оби ҳаётро нишонат диҳам. Камтар он сӯтар, паҳлӯи санги...»

Садои тир ҳама ҷоро фаро гирифт. Гавазн бо чашмони лабрези меҳр ба Саид нигарист, сипас сари зону нишаст, пиндор ба мӯсафед таъзим кард ва саранҷом ба паҳлӯ зад. Аз ҷои фурӯрафтаи тир хун фаввора мезад, рӯи рустаниҳои тару хушк менишаст ва ноаён дар дили хок мерафт. Чанде пас дили гавазн аз задан бозмонд, ки рафтани хун хотима ёфт, сукуте сангин рӯи ҷангалистону шонаи кӯҳу пуштаҳо нишаст. Ба Саид чунин намуд, ки зиндагӣ ба поён омад, овозҳо ба жарфное бетаг фурӯ рафтанд. Вай сари по нишаст, сарашро миёни ду даст овард ва фарёд зад.

Фиғони ҷангалбони пир дар дили кӯҳҳо акс гашта то ба дуриҳо рафт. Ҳангоме ки Ҷамол ҳаросон омад, мӯсафед бо ҳасрат гуфт:

– Дер кардӣ…

– Ҳеҷ гумон надоштам, ки дар Зелолаки ором низ рӯзе шикор мекунанд. Ин кори Носиру ҳамроҳонаш аст, щубҳа надорам. Бояд онҳоро даст гирем.

Мӯйсафед чашмони нимвои гавазнро пӯшида, пойҳояшро ҷамъ кард. Ғиҷовак гулӯгираш кард. Ҷамол ба сӯе, ки мӯсафед пайи поро дидаву ишора карда буд, давид. Саид танҳо монд. Ӯ намедонист чӣ кор кунад. Болои сари гавазн мотам дошт. Ин дам сояҳои домани кӯҳи Фурӯш хаёле атрофро печонданд. Аз қаъри дара шамоли сард дамид, атроф ба сукути асрорангезе фурӯ рафт.

Носири гарданкаҷ аз барор гирифтани шикораш хурсанд буд. Ӯ кай медонист шоҳгавазнро кушта буд. Камон сари китф миёни арчаҳо панох бурда, мӯйсафеду шогирдашро назора мекард. Ба тапу талоши онҳо зеҳн монда худ ба худ механдид: «Мӯйсафеди якрав, ҷазоятро бин, пеши роҳамро гирифтӣ, акнун кофта гард. Дар ду дунё намеёбӣ маро!» Носир борхалтаашро кушода чанд бурида гӯшту нон бароварда пешаш гузошт. Баъд шишаи шаробро кушода пиёларо пур кард. Заҳрханд зад, сипас навдаҳои арчаро яктарафа карда дид, ки Саиду Ҷамол ҳанӯз миёни ҷангал равуо доранд. «Аблаҳҳо, фикр мекунанд, ҷангал моли падарашон аст. Кобед, кобед. Агар Худо раҳматона хӯрад, меёбед Носира».

Баъди нӯшидани арақ як бурида гӯштро фурӯ бурд, роҳат

шуд. Ду пояшро ба танаи арча ниҳода дароз кашид. «Эҳ, агар ин мӯйсафеди аблаҳ монеъ намешуд, ин заминро соҳиб мешудам. Он вақт кӣ ҳад дошт, ки Носирро ту гӯяд. Он гоҳ парандаю чарандаи ин ҷо дар фармонам буд. Чӣ қадар пул сарф кардам, киҳоеро восита накардам. Дар ҳама ҷо мӯйсафед халал расонд. Оқибат номам ба шикордуздӣ баромад. Аммо ман аз ун мегуфтагиҳои ӯ не. Агар аз ин ҷангал наронамаш, номам Носир набошад!»

Мӯйсафеду шогирдаш ҳамоно ҷангалро тагорӯ доштанд. Дар осмон ду-се боша нарм болафшонӣ мекарданд. Қуллаи кӯҳ дар ҳалқаи талу теппаҳо мисли чанори азиме метофт. Аз болои сар селаи кабк парида гузашт. Носир надид, онҳо куҷо нишастанд. Вай гардани каҷашро ба чапу рост тофта ба атроф зеҳн монд. Ногаҳ нигоҳаш зери шохаҳои бурси наздик ба кабку чӯҷаҳояш афтид, ки хокбозӣ доштанд. Кабк бехабар аз ҳузури одам чӯҷаҳояшро зери теф медароварду мебаровард, роҳат мекард, садоҳои аҷиб мезад. Вуҷуди Носири гарданкаҷро ҳирс фаро гирифт. Камонро бардошт, аммо ногаҳ ба ёдаш зад, ки ҷангалбонҳо ӯро мекобанд, аз нияташ гашт. Каме сабр мекунам, то рафтани ин аблаҳон. Ҷамолу Саид дар ҳамин наздикиҳо мегаштанд, вале аҷиб ин буд, ки ба ҷои нишасти ӯ наздик намешуданд, гӯё касе намегузошт, Носирро аз чашми онҳо пинҳон медошт. Садои по ва овози гуфтугӯи ҷангалбонҳо гоҳ наздик меомаду гоҳе дур мерафт. Яке андаруни ӯ исён дошт, ором нишастан намегузошт, садои «гуфтугӯи» кабку чӯҷаҳояш ба оташи ҳирсу ҳавасаш равған мерехт. «Аз ин чӯҷаҳо бояд ду-сето дорам» азм кард вай. Ва бо ин ният анбону камонашро андаруни шохаҳои бурс монда, худ синамол ҷониби кабк хазид. Монанди гурба ба кабк наздик мешуд. Ба нишебӣ расид. Камтараки дигар монда буд, ки ба чӯҷаҳо бирасад. Дарк кард, ки аз миёнаи сангҳои лағзонак гузаштан осон нест. Аммо Носир аз онҳое набуд, ки аз нимароҳ баргарданд. Бо эҳтиёт ба рӯи сангҳо по гузошт. Вале ногаҳ пояш лағжид ва якбора дасташ аз санг канда шуд, пуштнокӣ ба партгоҳи бетаг афтид.

Фарёди ҷонкоҳи одам, ки ба талу пуштаҳо ва саранҷом ба синаи кӯҳҳо бархӯрдаву акс дода буд, парандаву чарандаҳои

ҷангалро як он ба сукут водошт. Кабку чӯҷаҳояш низ даме аз хокбозӣ бозистоданд. Кабк гардан ёзида ба давру бар нигарист ва дар ҳамон ҳол хеле истод. Чун дид, хатаре нест, бозпас ба кораш идома дод.

Ҷамол фарёди ҷонкоҳро шуниду боваpаш наомад, ки Носир бошад.

– Акаи Саид, биё, чуқурии арчазорро бинем. Хаёлам, ба Носир чӣ воқеае рӯй дод.

Бобои Саид нобоварона китф ба ҳам кашида ба ҷарӣ наздик омад.

Диданд, ки дар умқи ҷар болои сангҳо ҷасади беҷони Носир хобидааст. Мӯсафед як оҳи бадарде кашида нигоҳи рамуздорашро ба шогирдаш дӯхт.

– Ана, оқибати шикордузд, охир уболи ҷонварон Носирро ҳалок кард. Хайр, чӣ илоҷ, ба деҳа хабар додан даркор.

Бобои Саиду шогирдаш ба роҳи омадаашон қафо гаштанд…

Ин дам сояи домони кӯҳҳо дар ҳалқаи офтоб печутоб хӯрду ҷангал ба сукути асрорангезе фурӯ рафт.

## САНГОВДАВАК

*Санговдавак, санги ту ку?*
*Айилу пуштанги ту ку?*
*Ҷӯраи бенанги ту ку?*
*Ақли таги санги ту ку?*

Санговдавак дар канори дарёча, ки дар соҳилаш ҳамагӣ дусе ниҳоли тут ва як арчаи худрӯй боқӣ монда буд, мезист. Имсол дар аввали сардиҳо, зимистон надаромада ҳамроҳонаш ба кишварҳои гарм парвоз карданд. Нарафт, тани танҳо монд. Рӯзи видоъ, вақте ки селаи санговдавакҳо парвозкунон дур мешуданд, ба чирик-чирики онҳо эътибор надод. Парандаи сода он замон оқибати ин амалашро фикр накард.

Гумон дошт, ки табиати зебои ин мавзеъ ӯро мехӯронаду албатта, аз сардӣ ҳам ҳифзаш мекунад. Аммо имрӯз ба ҳамон

самте, ки чанд моҳ пештар ёронаш рафта буданд, нигоҳ мекарду афсӯс мехӯрд.

Аз ҷониби наҳр, ки обаш хеле кам шуда буд, боди сахте вазидан гирифт. Санговдавак ҷонҳавл сарашро таги пар кашид. Бо панҷаҳои борикаш базӯр шохчаи тутро, ки бод охирин баргҳояшро ба ларзиш оварда буд, медошт. Баргҳои хазонгардида ба «ҳуҷум»-и бод тоб наоварда, оқибат гирифтори он шуда, аз дарахт дур меафтоданд. Хунукӣ санговдавакро маҷбур карда буд, ки ба ҷои бехавфе парида равад. Лекин атроф холӣ, ҷои муносибе барои зист набуд. Медонист, ки ҳар зимистон одамон бераҳмона дарахтони соҳили дарёчаро бурида, ҳезум – аловии зимистон захира мекунанд. Ба тутзори собиқ, ки ҳоло ба ҷуз кундаҳои хушк дигар чизе он ҷо дида намешуд, бо ҳасрат дида дӯхта, барои аз сардӣ раҳо ёфтан худро миёни шохаҳои арча зад.

Танҳо дар ин ҷо, миёни шохаҳо аз шамолу хунукӣ ҷон ба саломат бурд. Акнун кам-кам ба баданаш гармӣ медавид. Аз бекорӣ бо минқорчааш таги болашро тозакунон худашро ба тамошои атроф хост андармон созад. Дид, ки табиат хеле хору залил шудааст. Аз накҳати баҳор, гулу буттаҳои фаровон нишоне намондааст. Як вақтҳо, аниқтараш ҳар тобистон ба ин ҷо гурӯҳ-гурӯҳ одамон омада дам мегирифтанд. Баъзеҳо хайма зада, шабонрӯзӣ дар соҳили дарё фароғат доштанд. Аз он дар аҷаб буд, ки одамон ҳамин канори обро ҷои истироҳат интихоб кардаанд. Охир, насл ба насли санговдавак дар канори рӯдхонаҳову дарёчаҳо зистаанд. Онҳо дар ҳамин шароит ба дунё омадаанду боз мераванд, аммо ба одамон чӣ намерасад, ки чашми тамаъ ба манзили онҳо медӯзанду эшонро аз хона бехона месозанд? Ҳоло дар ҷое, ки санговдавак лона гузошта буд, санг не, балки шишаҳои шикаставу зарфҳои холии консерва ба назар мерасанду халос. Аз дасти одамони беғам на ниҳоли тут мондаасту на моҳӣ. Нағз дар хотир дорад, ки шабона як гурӯҳ ба об ноқили барқ партофтанду ба тухми моҳиён қирон омад. Ду рӯзи дароз болои об пури мурдаи моҳӣ буд. Ҳайфи ин зебоӣ, аз хаёл гузаронд санговдавак. Ҳис кард, ки ҳоло вақти чунин фикру мулоҳизаҳо нест. Баъд андешаи як санговдавак ба кӣ даркор? Ғами ҷонро бояд хӯрд. Ин лаҳза модар пеши рӯяш омад.

– Ҳа, беҳуда ба гапи модарам гӯш накардам, – оҳ кашид санговдавак.

Гуруснагӣ азобаш медод. Ноилоҷ ҷои гармашро тарк кард, дар соҳил аз санге ба санге парида, ба об наздик шуд. Он ҷо ду нафар бо тӯр моҳӣ медоштанд. Онҳо моҳичаҳоро ҳам ба дом афканда, дар халтаи махсус даруни об мегузоштанд. Санговдавакро талошу ҷонкании моҳичаҳо ғамгин кард. Моҳигирҳо бошанд, ба ин аҳамият надода, тӯрро тез-тез ба об мепартофтанд.

Парандаи зирак дар соҳил болои харсанге нонрезаҳоро диду онҳоро саросема бо минқорчааш чидан гирифт. Ду-се нонрезаро фурӯ бурда буд, ки аз кучое сангчае бошаст омаду сахт ба ҷисми нозукаш бархӯрд. Қаноташро сӯзиши сахте фаро гарифт. Мехост парвоз кунад, натавонист, балки базӯр, охирин мадорашро ҷамъ карда, паси сангҳо пинҳон шуд. Лаҳзаи охир чашмаш ба моҳигир афтод, ки мехост, ӯро боз нишон бигирад. Вале худдорӣ карду бепарвоёна нигоҳашро аз мурғаки маҷрӯҳ канда, ба рафиқаш гуфт:

– Медонӣ, ҷӯра, дар мулки мо ҳамин санговдавак кам мондагӣ. Лекин сабил сахтҷон будааст. Аз зарби санги дастам намурд-е... Ҳӣ-ҳӣ-ҳӣ...

Моҳигири дигар аз муносибати ҳампаҳлӯяш ҳайрон шуда, китф дарҳам кашид. Балки вай надид, ки чӣ тавр ин сайди тасодуфӣ базӯр аз марг раҳо ёфт...

Санговдавак миёни сангҳо руст шуда, роҳи аз таъқиби моҳигир раҳо ёфтанро меҷуст. Қаноташ сахт дард мекард. Ба ҷои захмбардошта нигоҳ кард. Сарашро болои ҷароҳат гузошт. Аз қаноташ кам-кам хун мешорид. Охирин қувваташро ҷамъ карда, базӯр бол кушод. Натавонист ба як самти муайян биравад. Бо душворӣ худро ба наздикии арча расониду аз душман паноҳ ёфт.

Мадоре надошт. Хеле дам гирифту саранҷом ба шохи боло ва боз болотари арча парид. Ин ҷо дар шохаи хушкшуда лонаи кӯҳнаашро дида хушҳол шуд. Фикр кард, ки албатта, зинда хоҳад монд. Лонаи кӯҳна барояш рамзи хоби ором буд. Хушҳолона аз шоха ба шохае парида, ғамро аз худ дур мекард. Дар таги арча ҷои мувофиқеро интихоб карду барои худ лонаи

нав сохт. Агар соҳил сарду хунук бошад, таги арча баръакс барои зиндагӣ басо қулай афтод, ҳам аз боду борон раҳо ёфта буду ҳам аз таъқиби фарзанди одам. Баъзан танҳоиро фаромӯш кунад ҳам, хавфе вуҷудашро тарк намекард, як гӯшаи дилаш сиёҳ буд. Охир, то ҳанӯз шамолу тундбодҳо пушти сар нашуда буданду атрофи дарё ҳеҷ не ки холӣ шавад. Ба болои ин ҳама одамон дар он тарафи дарё заминро канда, лӯлаҳои обгузар оварданд. Санговдавак дид, ки онҳо ба ягон ҷонзод раҳм надоранд: сангпуштеро сангсору саги бесоҳиберо, ки дар таги харсанги калон хона кушода буд, зада пеш карданд.

Ҳайрон буд, намедонист, ки одамон аз ҷонварон чӣ бадӣ дидаанд? Барои чӣ онҳоро чашми дидан надоранд? Ин субҳ бо тарс аз хоб бедор шуду беихтиёр ба соҳил дида дӯхт. «Ҳамсояҳо», ки дар соҳил машғули кор буданд, дар бораи чизе баҳс мекарданду ҷониби арча ишора менамуданд. Аз миёншон табарбадасте омада, атрофи арча як чарх заду онро аз бехаш бурид. Арчаро зери лӯлаи об гузоштанду болояшро хокпӯш карданд. Санговдавак боз бе кӯю дар ва бесарпаноҳ монд. Дар ҳасрати ҳамҷинсон парвоз карду дар боғе фуруд омад, аммо он ҷо ба гунҷишку қумрӣ, зоғу кабӯтарҳои ёбоӣ вохӯрд. Дар ҳеҷ куҷо аз санговдавакҳо асаре набуд.

... Ӯро қар-қари зоғҳои сиёҳ ба худ овард. Чирик-чириккунон болои харсанг парид. Аз ин ҷо чинорҳои хамгашти майдон намоён буданд. Дар ҳар шоху навдаи чинори пир, ки аз ҳама баландтар буд, селаи зоғҳо нишаста базм доштанд. «Онҳо шояд омад-омади сардиҳоро истиқбол мегиранд», аз дил гузаронд санговдавак. «Охир, модарам мегуфтанд, ки дар миёни парандаҳо наҳстарин зоғҳои сиёҳанду қадами шуми онҳо ба замин танҳо бадбахтӣ меорад».

Санговдавак гуфтаҳои модарашро ба хотир оварду алам гулӯгираш кард. Аз ғаму ғусса чӣ кор карданашро намедонист. Оқибат фаҳмид, ки гурусна мондааст. Охир, ӯ мисли зоғ имкони баланд парвоз кардан надошт. Макони зисташ, ки соҳили обу анҳор, мавзеи намнок ва сангоб аст, наметавонад дар шохаҳои баланд манзил бисозад.

Базми зоғҳои сиёҳ шиддат мегирифт. Онҳо ба якдигар нав-

бат надода, сурудхонӣ мекарданд. Шояд ҳамин бепарвоӣ ва ё фориғболиаш аст, ки зоғ сесад сол умр мебинад. Аммо санговдавак чӣ? Магар ин парандаи майдаи дастнигарро ягон ҷонзоди дигар ба эътибор гирифтааст? Санговдавак аз хурдӣ дар бораи гузаштаи авлодаш нақлҳои зиёде шунидааст. Акнун аламаш кард. Дар танҳоӣ, хорию зорӣ дарк намуд, ки ҳамон нақлу ривоятҳо маъние доштаанд.

Ба дарё чашм давонду дар об акси модарашро дида, ҳамон ривояти куҳан ба хотираш расид.

Модараш нақл мекард, ки дар замонҳои қадим ҳамаи ҷонзоди олам аҳлона зиндагӣ мекардаанд. Яке ба дигаре кордор набудааст. Одамизод акнун ба ром кардани баъзе намуди онҳо оғоз карда будааст. Ана, дар ҳамон замонҳо дар соҳили ҳамин рӯд санговдавак – модар мезистааст. Ӯ бо амри расули Худо – Ҳазрати Сулаймон ҳамин маконро маҳали зисташ интихоб кардааст. Агар дигар парандаҳо боғоту чаманзорро интихоб карда бошанд, ба санговдавак соҳили дарёву миёни сангҳо маъқул шудааст. Вай вазидани шамол, мавҷи дарёро писандида, аз ин интихобаш фахр ҳам мекардааст.

Рӯзе ҳангоми сайругашт дар лаби дарёча майнаеро дид. Аввал ӯро назараш нагирифт, аз ин муомилаю ғурури санговдавак майна ранҷиду хост, ки адабашро бидиҳад. Хуб шатранҷбозӣ карданду баъд ба оббозӣ машғул шуданд. Санговдавак ақлашро дар барге печонду зери санге пинҳон намуда, ба об даромад. Чӣ қадар оббозӣ карданашро худаш ҳам нафаҳмид. Як замон оббозӣ ба дилаш зад у берун омада, ақлашро наёфт. Майнаи доно аз гӯшае ба даву този санговдавак нигоҳ карда хуб хандид. Охир, вай ақли ӯро duздидаву аллакай хӯрда буд. Мегӯянд, ки то ҳанӯз санговдаваки нодон дар ҳасрати ақли гумкардааш дар соҳили дарёҳо мегардаду онро меҷӯяд.

Ин ривоятро ба ёд оварду ғаму ғуссааш дучанд афзуд. Ба нодонияш бовар кард. «Куҷост ақлу фаросати азалӣ, ки аз ин вазъият раҳоӣ ёбам», андешид санговдавак. «Чаро ҳамаи парандаҳои дигар хушбахтанду ман – не».

Дигар қар-қари зоғҳоро намешунид, аз санге ба санге ҷаҳида, ба назди арчаи бурида омад. Тухмҳояшро шикаставу

пачақ, лонаашро харобу валангор дарёфт. Бо дили зору дидаи гирён қад-қади соҳил парвоз кард. Мехост ин маконро тарк карда, ба кишварҳои гарм биравад. Ин фикр якбора ӯро ба худ овард. Охир, бо ин боли захмину меъдаи холӣ дур рафта наметавонад... Шабона парвоз мекарду рӯзона зери сангу миёни шохаҳо пинҳон мешуд. Ба хӯроки кам – ду-се пашша ё ҳашараи хурд қаноат карда, роҳашро давом медод. Парвоз шабона хатарнок аст. Дар торикӣ ҳар замон ба бумҳои бераҳму селаи кӯршапаракҳо рӯ ба рӯ мешуд, вале илоҷе намуда, базӯр роҳашро дигар карда, парвозро барои расидан ба кӯи мақсуд идома медод. Намедонист, ки ҳамҷинсонашро пайдо мекунад ё на. Барояш ин муҳим набуд, балки парвоз, ёфтани макони нав, манзили бехавфу хатар-ана, ҳамин буд мақсади сафари тӯлонии вай. Дигар шудани маҷрои зиндагиро бо чашми худ медид, вале бовар намекард, ки дунё дигар шудааст ва одамизод кӯҳу ҷангалҳоро аз худ карда, мавзеъҳои табииро ба хости худ сурати дигар бахшидааст.

Санговдавак ба хотири расидан ба соҳили мурод ҳамоно дар парвоз буд. Ба куҷо, аниқ намедонист.

## МАРКАБ

Ба хари бесоҳибмонда роҳгардӣ мушкил гашт. Охири фасли хунукӣ коҳу алаф ёфтан осон нест. Шояд соҳибаш аз хар барои ҳамин ҷудо шуд. Нахост, ки ему хошоки гову молашро бо хар тақсим кунад.

Ҳоло маркаб дар кӯча сарҳуй мондааст. Ҳайвони бечора фих-фих карда бо умед ба атроф нигоҳ дошт. Оқибат дид, ки касе соҳибаш намешавад. Акнун маркаби пир дар кӯчаҳои деҳа базӯр-базӯр роҳ рафта сарпаноҳ мекофт. Пойҳояш аз зарби хунукӣ дир-дир ларзида қариб фукаш ба замин мезад. Хари мискин аз ин рафтори одамон ҳайрон буд. Ба онҳо чӣ бадӣ кардаам? Магар хизмати соҳибамро қадр надоштам? Чаро Карим дар чунин айёми сард соҳибам нашуд?

Маркаби сода ҳоло ҳам аз соҳибаш умед дошт, ки баъди

оворагиҳо боз гашта назди дарвозааш омад, овоз баровард, изҳори умед кард. Модахар аз пайдо шудани соҳибаш хурсанд шуд. Гумон дошт, ки ҳоло ӯро дар оғил ҷой хоҳад дод. Лекин ғайричашмдошт Карими даллол харашро зери мушту лағат гирифт.

– Ҳой падарлаънат, куҷо омадӣ, рав, коҳу бедаам базӯр ба гов мерасад. Дар чиллаи хунукӣ ин ҷо хок мехӯрӣ?!

Хар ноилоҷ қафо гашт.

Бобои Раҳмат, ки дар ҳамсоягии Карим мезист, ин манзараро тамошо карда, бетоқат шуду назди вай омад.

– Эй беинсофе, ин чӣ кори кардагиат, магар одами мӯъмину мусулмон ба ҳайвони безабон чунин муомила мекунад, ҳа?

– Чӣ кор кардам, магар ин рафтори ман бад аст? – Худро ҳайратзада вонамуд кард Карим.

– Наход одам дар чиллаи зимистон харро аз ҳавлӣ баровар-да пеш кунад, – афзуд бобои Раҳмат. Ӯ базӯр ғазабашро фурӯ бурда сари по истод.

– Эй мӯйсафеди гаранг. Як хар будааст-да. Чӣ воҳима дорӣ, мехоҳӣ ҳаққи гову гӯсолаамро, коҳи захира кардаамро ба ин ношуд диҳам, ҳа. Не, не, намешавад, – забон хоид Карим ва илова кард: – Мӯйсафед, ба худат маълум, ин зимистон сахт омадааст, ҳатто чанд кӯдак аз сардӣ мурд. Аҳволамон бад аст, мефаҳмӣ.

– Мефаҳмам, нағз мефаҳмам. Лекин беинсофӣ ҳам ҳадду ҳудуд доштагист. Бин, канӣ дар деҳа кӣ харашро берун баро-вардааст, одамон тоқат карда гаштаанд-ку...

Рӯзи дуюм аст, ки барф меборад. Дар қади кӯча ду-се саги бесоҳиб монда буду халос. Сагҳои ҷонсахт худро ба чор тараф зада, оқибат паси мағозаи хусусии кали Ҷаббор ҷой гириф-танд. Хайрият, касе онҳоро аз он ҷо пеш накард.

Лекин аҳволи хари пир бад шудан гирифт. Аз гушнагию хунукӣ сахт ба танг омад. Ноилоҷ монда буд. Модахар рӯзи дуюм гушнагиро ҳам фаромӯш кард. Аз оби кӯлмаки поёни деҳа хуб нӯшид, ду-се пӯсти дарахту шохчаҳои арчаро ёфта хоид. Ҳис кард, ки ширai шохча талх аст, комак зада нӯшхор карду ноилоҷ оби даҳонашро фурӯ бурд.

Дигар модахар гуруснагиро ҳис намекард, сар то пояш дар

фишори қабзаи сармо афтода буд. Акнун маркабро бими сардӣ безобита мекард. Фаҳмид, ки ҳамин тавр то саҳар сарпаноҳ наёбад, яқин дар роҳ афтида мемирад. Аммо ҷон барои ҳайвон ҳам ширин аст. Модахари пир мурдан намехост.

Маркаб дар таги барфреза чухт буд. Болояшро мисли курпа барф пӯшонд, ҳайкали шахшударо мемонд. Хунукӣ ба мағзу ҷонаш кора кард. Дир-дир ларзида пойҳояшро базӯр ҷунбонд. Ҳанӯз нишонаи зинда мондан буд...

Модахар аз миёни резаҳои барф зиндагии пешинаашро дид. Дид, ки тобистон асту дар алафзор мечарад. Чор тараф алафу лаб-лаби дара қамишу буттаҳои худрӯй. Маркаб ишкамашро сер карда, роҳи соҳибашро поид. Карими даллол алафҳои овардаашро дарза баста ба хар пазала карду боз худаш низ болои дарзаҳо нишаст. Маркаб муқобилат накард, балки бо ифтихор бору соҳибашро мебурд. Намехост дам гирад.

Карими даллол болои дарзаҳои алаф савлат дошту боз харро ягон-ягон хала зада, ҳаловат мебурд.

Вақте ки бачаҳои деҳа аз қафои маркаб давиданд, хар хушҳол шуд. Гашташро дигар карда, резачорпо қадам монд. Бачаҳо Карими даллолро маломат доштанд.

Яке гуфт, ки мардак инсоф ҳам надорад. Ба хари бечора чор дарза алаф бор кардаасту боз худаш болои он савор. Эй беинсофе!

Карими даллол бо халачӯб ба сари бачаҳо таҳдид карду дашном дод.

– Ҳой очағарҳо, аз хар фуроям, мурдед!

Маркаб аз ин муомилаи миёни соҳибашу бачаҳо чизе нафаҳмид, аммо ҳис кард, ки бачаҳо тарафдораш ҳастанду ӯро дӯст медоранд. Маркаб, ки танҳо мемонд ё соҳибашро намедид, назди бачаҳо меомад. Онҳо болояш савор мешуданд. Бо навбат. Ва маркаб боиси дилхушии онҳо мегашт. Ҳоло дар ин ҳавои сард на бачаҳо буданду на соҳибаш Карими даллол.

Маркаби пир на аз муносибати бераҳмонаи одамон, балки аз соҳибаш дар тааҷҷуб буд. Ҳайрон, ки магар инсон ба ивази некиҳои хар ҳамин хел ҷавоб медиҳад. Ё шояд хар ҳамин хел тақдир дорад?

Модахари бечора аз ҷояш ҷунбида наметавонист. Яке аз миёни барфрезаҳо суроби мӯйсафедеро дид. Ӯро шинохт. Бобои Раҳмат маркаби пирро ҷунбонд.

– Хайрият, зинда будааст, – худ ба худ гуфт мӯйсафед. Агар ҳайвони безабонро наҷот надиҳад, яқин имшаб аз хунукӣ мемурад.

– Их, ҷонвар, их, рафтем...

Мӯйсафеди Раҳмат харро ба ҳавлияш бурда дар оғилаш баст, коҳу ҷав дод. Аз ҳисоби алафи модагов хар кам – кам ҷон гирифт...

Дар молбозори деҳаи ҳамсоя Карими даллол ба соҳиби маркабе, ки ароба мекашид, сахт часпид. Ӯ ду пойро дар як мӯза андохта нархарро харидор шуд. Соҳиби маркаб дар ҳолати нобоб монд. Кору борашро як тараф монда, бо тааҷҷуб ба харидор нигоҳ дошт. Намедонист ба ин мардаки шилқини касофат чӣ ҷавоб гӯяд. Китф дарҳам кашид.

– Биё, ҷӯра, харатро фурӯш, пушаймон намешавӣ. Охир, дар ин фасли сармо харро хӯрондан осон нест.

– Амак, ман харфурӯш нестам, маро ба ҳолам мон. Охир, бо ин маркаб ҳар саҳар бор мекашонам, мефаҳмӣ, – афзуд соҳиби гӯшдароз.

Карим, ки дар савдои хару дигар ҳайвон устухон надошт, роҳи ҳилаву найрангро гирифт. Ӯ гарданашро каҷ карда ба зорӣ даромад.

– Ҷӯраҷон, не нагӯй. Ман аз деҳаи дур хархарӣ омадаам. Харат маъқул шуд, барака ёбӣ, фурӯш, илтимос.

Соҳиби хар дид, ки аз Карими даллол ба осонӣ халос намешавад. Яқин кард, ки харидор ё одами баинсоф аст, ё кораш даллолӣ, аз ин ҳисоб фоида ба даст овардан аст.

Ноилоҷ монд.

– Хайр майлаш, бигузор гуфти ту шавад. Ба ивазаш чанд пул медиҳӣ.

– Ту нарх мон, охир хар хари ту ҳаст-ку, – гуфт маккорона Карими даллол. Ӯро рафтору содагии соҳиби маркаб шерак кард.

– Чорсад сомонӣ медиҳӣ?

– Неъ.

Якбора авзои Карими даллол дигар шуд. Вале ӯ, ки дар савдо устухон надорад, худро бой надод.

– Камтар инсоф бикун, додар. Охир, як ҳайвони ифлос – чорсад сомонӣ, ҳа...

– Хоҳӣ ҳамин, нахоҳӣ, ба корам халал нарасон.

Карими даллол аз чунин сурат гирифтани савдо дилтанг шуд.

– Шутур ҳам бошад, ба ин қадар пул намеарзад...

Карими даллол боз як бори дигар бозорро давр зад. Лекин ҳушу ёдаш ба хар банд буд. Як илоҷ карда маркабро харидан даркор. Он нархар ҷавону бақувват аст. Боз чанд соли дигар хизматашро хоҳад кард. Ин хел харро дигар аз куҷо меёбам, – аз дил гузаронд Карими даллол.

Бо ҳамин андешаҳо ӯ боз гашта назди соҳиби маркаб омаду бо зорию тавалло ба кафи дасташ 350 сомонӣ часпонд.

– Барака ёбӣ, не нагӯйи...

Сардӣ ҳай тӯл кашид. Дар деҳа коҳу беда кам монду азоби беҳезумӣ афзуд. Мардум аловӣ мекофт...

Бобои Раҳмат ноилоҷ модахарро савор шуда роҳи даштро пеш гирифт. Ӯ дар қади дара аз хар фуромада ҳайвонро аз нухтааш гирифт. Мӯйсафед ба чор тараф чашм дӯхта ҳезум мекофт. Ин дам яке хандаи ноҷое баланд шуд.

Мӯйсафед дид, ки дуртар Карими даллол болои нархари наваш нишаста мушханда дорад.

– Ҳа, мӯйсафед, дилат ба модахар сӯхт, ки пиёдаӣ.

– Эй, ин туӣ Каримбой, муборак шавад, боз хардор шудаӣ.

Каримро аз ин муомилаи мӯйсафед хориаш омад, аламаш кард, аммо муғамбирона рӯй ҷониби вай тофта гуфт:

– Ана, бин чӣ хел хари ҷавону боқувват, нав аз деҳаи ҳамсоя харида овардам. Ин модахари наҳс насибат кунад, бахшидам, гир. Лекин савораш шав, ҳӣ-ҳӣ-ҳӣ.

Аз ин хандаи дандоннамои Карим мӯйсафед хафаву малул шуд. Чӣ ҷавоб гуфтанашро надониста хомӯш монд. Танҳо баъди лаҳзае сукут гуфт:

– Карим, биё, ин гапҳоро як сӯ мону ягон ҷои сершоху навдаро нишон деҳ.

– Ана, ин гапи дигар, – бо салобат гуфт Карим. – Биё аз

қафои ман, агар модахарат роҳ гашта тавонад, ба ҷои сердарахт мерасӣ...

Ду маркаб, яке нархари ҷавону бақуввати Карим ва модахари пири бобои Раҳмат дар пешорӯи дара роҳ мепаймуданд. Харҳо аз ин камари дара гузашта ҷониби нишебии камбарф тоб хӯрданд. Дар зови пурбарфу яхин, лағжонак роҳ гаштани модахар мушкил шуд. Модахар аз нархар қафо монд. Маркаб пойҳояшро таранг кашида дам мегирифт, боз каме гашта меистод.

– Их, их, ҷонвар. Камтари дигар монд, медонам ту ҳам мисли ман пир шудаӣ. Ба ту вазнин, лекин чӣ илоҷ? Одамизода феълаш ҳамин, то зинда ҳаст, ҷунбуҷӯл дорад. Танҳо маро назди ҳамин Карими фукчухт шарманда накунӣ, шуд...

Акнун модахар оҳиста-оҳиста роҳ мегашт. Мӯйсафед ноилоҷ монд. Дигар аз қафои Карим рафтанро аз ёд баровварда ба атроф чашм давонд. Нигоҳаш ба ду-се ниҳоли шикастаи себҳои худрӯй афтоду аз хар фуромад.

– Агар ҳамин хел чор-панҷ ниҳол ёбад, ду-се дарза ҳезум мешудагист...

Мӯйсафед ҳезум мечиду аз дил мегузаронд: пирию хартозӣ, кӣ туро маҷбур кард, ки ҳезум биёрӣ, ҳа...

Бобои Раҳматро касе ба ҳезум равон накарда буд, худаш омад. Дид, ки як ҳафта боз дар хона аловӣ камчин шудааст. Аслан, дилаш ба набераҳояш сӯхт. Онҳоро гирди бухорӣ, ҳини гармшавӣ диду азм кард, ки худаш бо ҳамин модахар ба дашт рафта ҳезум меорад. Айби худаш, ана, омада-омада ба ин Карими беимон рӯ ба рӯ шуд. Шояд вай аллакай ду-се дарза ҳезум ҷамъ кардаасту дар бозгашт аҳволи маро дида боз механдад. Ҳа...

Миёнаи қади дара дар ҷои шамолпаноҳ Карим дарзаҳои ҳезумашро ҷамъ карду саросема болои хар бор кард. Шитоб ки дошт, гиреҳ ва нӯги бандро кушода монду дарзаҳо афтоданд. Аз нав зӯр зада пойҳояшро ба замин тиргак кард. Дарзаҳо аз пушти хар каҷалаву аил суст шуд...

Карими дар ғазаб бераҳмона ба фуки хар, сағрияш кӯфтан гирифт. Нархар аз зарбаҳои сахти соҳибаш гӯё чорхез шуд. Карим харро аз нав ҷул зад. Маркаби хаста аз чунин муноси-

бати соҳиби наваш гаранг шуда аз ҷояш намеҷунбид. Карим дарзаи дуюмро бо шаст бардошта, болои полон гузошт. Арғамчинро сахт тоб дода аз болои гарданбанд гузаронд. Хар аз тарс ҷунбиду боз дарзаҳо афтоданд.

Ин дам гӯё ҷони Карим ба ҳалқаш омад, ки бо қаҳру ғазаб харро кӯфтан гирифт, то дилаш хунук шудан ҳайвонро азоб дод. Танҳо даме ки дилаш аз задан хунук шуд, бозистод. Фикр карду боз худашро таскин бахшид. Дарзаҳоро аз нав ба якдигар баста, баъд болои хар гузошт. Акнун нархар бомаром пеш мерафту Карим босавлат ҷонварро их гӯён мехост ҳарчи тезтар ба қишлоқ баргардад. Нияти як бало карда аз мӯйсафед пештар расидан дошт, то фаҳмонад, ки вай зӯру тавоно ҳасту корашро медонад.

– Их, ҷонвар, их! Ин мӯйсафед манро гӯлу гаранг гумон кардааст, ана, мебинӣ кӣ ҳақ будааст, – аз дил гузаронд Карим. – Магар дар чиллаи зимистон, дар ин хунукӣ нигоҳубини хар зарур аст. Дуруст аст, ки ман тобистони дароз модахарро кор фармудам, бечора моҳҳои дарози гармо алаф кашид, вале ҳоло зимистон, алафу ҷав нест, боз модаговам гурусна!

Охир, хар барои кор аст, пир ки шуд, нодаркор мешавад, боз як хар будааст-да, хар...

Маркаб аз дилу нияти соҳибаш бехабар оҳиста-оҳиста боло мебаромад. Каримро гашти хар қонеъ накард, ки бо шаст ба сағрии хар ду-се бор фаровард. Маркаб гашташро суст накарда аз миёни роҳу бероҳаи лағжонак базӯр роҳ мепаймуд. Аз параҳои биннии маркаб ҳавр баромада таги шикамаш арақ кард.

– Их, ҷонвар, их!

Карим ҳини бозгашт боз бо бобои Раҳмат вохӯрду табъаш хира шуд. Дид, ки модахар базӯр дар пойҳояш рост истодаасту мӯйсафед ҳанӯз овораи ҳезумчинӣ аст.

– Бобои Раҳмат, ҳоло ҳам оворай, ҳа.

– Ҳа, Каримбой, корро тамом кардӣ, маълум дарзаҳоят ҳезуми хушк.

– Ҳа, ҳезум гирифтам, мехоҳам ба воситаи ҷари харсанг роҳро убур кунам.

Мӯйсафедро ҷавоби Карим хуш наомад. Вале аз дилаш нияти пок баромад:

– Каримҷон, роҳҳо пурбарфу лағжонак, ба роҳи ҷари харсанг нарав, хатар дорад. Чӣ, аз ҷонат сер шудаӣ?

– Биё, мӯйсафед, ин гапҳоятро як сӯ мон, охир ин нархари ман мисли модахари ту пир нест, ки афтад, мегузарад.

Мӯйсафед дид, ки ба Карим насиҳат кардан бефоида аст. Ноилоҷ аз пайи ғундоштани боқимондаи ҳезуми худ шуд. Ҳангоме ки дар зови шамолпаноҳ мӯйсафед модахарро ҳезум бор мекард, Карим ба ҷар наздик шуд.

Нархар дар дами ҷари харсанг гашташро якбора суст кард. Шояд ҳайбати ҷар буд, ки маркаб фих-фих карда гӯшҳояшро сих намуд. Тамоми қувваю ғайраташро ҷамъ оварда пойҳояшро тиргак кард.

Карими бехабар аз дунё харро ба сиёсат гирифт.

– Их, ҷонвар, их, камаш монд, ҳамин ҷарии сабилро гузарем, қишлоқ намудор мешавад.

Маркаб аз тарси ҷарии бетаг пойҳои ақибашро таранг карда якто-якто қадам мемонд. Барфу яхи зери пояш мелағжид, бори хар меларзид. Карим ноилоҷ аз хар фуромад. Ба сағрии хар кӯфта ӯро ба пеш рафтан водошт.

– Ҳа, ҳа, ҷонвари вафодоре, эй нархари боқуввате. Наход, гузаштани як ҷарӣ бароят мушкил афтод.

Нархар ҷариро тай намуд. Аз ваҳми ҷарӣ, хунукию барф худи Карим ҳам сахт тарсид, бо дидани зови бетаг дилаш таҳ кашид, аммо сир бой надод, гӯё намехост, ки нархар аз тарсуияш огоҳ шавад. Ин дафъа Карим бо ғазаб нӯхтаи харро кашида, ба бари сағрияш бо халачӯб сахт кӯфт. Ҷонвари безабон пеш нарафта, болои барф ба фук зад. Хар зӯр зада хестан мехост, аммо хеста наметавонист. Бор харро фишор доду паҳлӯи ҷарӣ ором шуд.

– Их, очағар, их, их!

Карим ноилоҷ оҳиста бандро кушода, як дарзаи ҳезумро фаровард, ҷоҳилона ба сару гардану сағрии хар кӯфт, гӯё аламашро аз хар мегирифт. Хар дид, ки соҳибаш оқибати корро намеандешад. Ноилоҷ зӯри охирин заду пойҳои ақибашро таранг карда худро бардоштанӣ шуд, ки як пояш болои товасанг

омад, лағжида сарозер шуд, аз паси хар пои Карим низ аз баландӣ канд. Ӯ имкон наёфт, ки банди харро аз кафи дасташ раҳо созад. Овози имдодталабонаи Карим як баромаду ба гӯши ҷарӣ дармонд, барфи ғафс овози ӯро гӯё фурӯ бурд…

Рӯз бегоҳ шуд. Мӯйсафед ба осмони болои сар нигаристу аз дил гузаронд, ки оё Карим ба деҳа расида бошад.

– Их, ҷонвар, их!

Маркаб дам нагирифта оҳиста-оҳиста роҳро кӯтоҳ мекард...

Дар деҳа овоза шуд, ки Карим бо нархараш гум шудааст…

Бобои Раҳмат интизори обшавии барфу тармаи қади дара буд. Зеро ӯ яқин медонист, ки Карим ҳамроҳи хари ҷавонаш ба ҷари бетаги харсанг афтидааст. Аммо қасд кардагӣ барин ҳаво ҳеҷ гарм намешуд, ки барфу яхи моҳҳои охир об шавад.

## ХУКИ ЁБОӢ

Ин қадар хунук шудани рӯзҳои охири тирамоҳро ягон ҷуку ҷондор, парандаю чаранда интизор набуд. Дар Полвонтӯғай ду рӯз боз аз дами саҳарӣ борони сахт меборид. Дар нисфирӯзӣ борон ба барф бадал гашта ҷару пушта, шебу фарози кӯҳсорро бо кӯрпаи сафедаш пӯшонд.

Акнун дар сардию шамол ҳамаи ҷонварони ҷон ба саломат бурда дар ҳелчаҳои худ роҳат доштанд. Ягон ҳайвон ҳурбаи шикор баромадан надошт. Танҳо дар пуштаи ҷари говкуш галаи гургҳои чилламаст чор тараф давида, хаёле шодӣ доштанд. Хуки пири ёбоӣ маҷбур шуд, ки чор хукбачаашро танҳо монда, аз пайи ёфтани ризқу рӯзӣ ба вусъати ҷангал бароядд. Модахук оҳиста-оҳиста ҳаракат мекард ва парвои хунукӣ надошт. Бадани серравғану серпашмаш сардиро ҳис намекард. Боридани барфи бемаҳал ба модахук фурсат дод, ки бачаҳояшро аз чашми шикорчиҳо дуртар бурда, дар анбӯҳи чакалакзор паноҳ созад. Охир, зимистони сербарф барои харгӯшу суғур ё ҷайра азоби алим аст, ки онҳо аз шикорчиён ё ҳайвонҳои пурзӯр гурехта натавониста нобуд мешаванд. Дар ин фасли сармо бузҳои кӯҳӣ ҳам аз рақибони худ роҳи халосӣ ҷуста, аксар вақт ба доми фиреби одамон меафтанд.

Модахук поёнтари ҷарӣ хамбида ба атроф чашм давонд. Буттаву дарахтҳои пурбарф, баргҳои хазони зери дарахтон рехта, шохчаву навдаҳо низ дар ноилоҷӣ хӯрокаш буданд. Лекин ҳоло шиками модахук меваи тар, бехмева мехост.

Нохост шамоли дайду ба гӯши хук аз дарунтари ҷангали анбӯҳ садои ба ҳам бархӯрдану шикастани навдаҳои арчаҳои худрӯйро расонд ва ӯ гӯш ба қимор шуд. Ҳисси шунавоӣ ва биноии ҳассос ба хук имконият дод, ки зуд сиёҳиеро миёни дарахтон мушоҳида кунад. Дурусттар назар карду рақибашро шинохт. Шикорчии сурхина милтиқашро ҷониби хук дошта, пайти мувофиқ меҷуст. Банди дили хук ларзид, дигар имкони фикр кардан набуд. Хук яке навдаи ниҳоли пешашро сахт такон дода, чапғалат париду фирор кард. Садои тир оромии атрофро халалдор карду дар хунукӣ ба дили ҷонварон ваҳму тарс андохт.

Шикорчии сурхина аз барор нагирифтани шикораш дар қаҳру ғазаб шуда, милтиқашро бо шаст поён карду хаёле худ ба худ дар қаҳру ситеза шуд.

– Ин хуки падарлаънат бори чандум аст, ки зинда мемонад. Очағар ин қадар ҳилагар будааст, – афзуд шикорчӣ. – Лекин ман ҳам очаи зорашро нишон додаам-ку. Соли гузашта шаш хукбачаашро ҷо ба ҷо паронда, гӯшташонро ба солдатҳои ӯрус фурӯхтам. Лекин ин балозада ҳар сол ба боғу полези ман ҳуҷум карда, хоки ҳотаамро мебезад...

Модахук аз аввал шикорчии сурхинаро бад дид. Хаёлаш дигарон каме инсофу диёнат доштанд. Ба ҷони ҳайвонот, хосса хукҳои ёбоӣ он қадар ҷабр намекарданд. Аммо шикорчии сурхина бо баҳонаи шикор ба тухми хукҳо қирон овард. Худаш «гӯшти хук ҳаром» гуфта намехӯрд, шикор мекарду мефурӯхт. Ҳамон вақт модахук аз ёри бовафои худ нархуки хокистарранг ҷудо гашту дунё дар назараш торик шуд. Хост қасосашро аз шикорчӣ гирад.

Модахук нағз медонист, ки ҳар қадами ба деҳа ва ҷои зисти одамон наздик шудан ба ҷонаш хавфу хатар таҳдид дорад, вале дар он рӯзу соат ӯ ташнаи интиқом буд. Пеши рӯи хук танҳо ҳамҷинси бовафояш нархуки хокистарранг буду халос. Хуки ёбоӣ аз теппа хамбида, ҷониби ҳавлии шикорчӣ, ки дар

канортари деҳа ҷойгир буд, равон шуд. Ба ҳотаи шикорчӣ, ки саросари он бо шохаи беду аръар, навдаи дӯлона ва хор шиғ гирифта шуда буд, расид ва дар кунҷи хандақ қарор гирифту гӯш ба қимор истод.

Мардуми деҳа ҳама масти хоб буданд ва ба бахти хук як ҳафта боз қувваи барқ қатъ гардида, чароғҳо хомӯш буданд. Хуки ёбоӣ фурсатро ғанимат дониста, ба полези ҳавлӣ ҳуҷум кард. Ӯ фукашро ба киштзор зада, аз як лаб полезҳоро шудгор мекард. Меваҳоро мехӯрду бо пояш мешакид. Ӯ боҳавсала тарбузу харбузаҳоро решакан карда, ҷӯяки лӯбиёро ба хок яксон намуда, баъд ба ғаллазор даромад. Бевақтии шаб шикорчӣ аз садои даҳшатноки ҳаёҳӯй, чӣ-чӣ ва хур-хури хуки ёбоӣ бедор шуда берун давид. Дар торикии шаб дид, ки ҷонвари бадвоҳимае ҳотаашро хукшӯр дорад. Ҳарчанд фарёду фиғон кард, ҳайвон дур нашуда, балки зиёдтар полезро такурӯ кардан гирифт. Ночор милтиқашро оварда, сӯи ҷонвар тир андохт.

Дами саҳарӣ шикорчиро манзараи даҳшатовар, вайрону валангор ва хоктӯдаосои полез гӯё девона кард. Ӯ ноилоҷ дандон ба дандон монда, ба ҳафт пушти хукҳо лаънат хонда, қавл дод, ки то охирин хуки ин дараро нест накунад, ором намегирад...

Модахук аз баҳри шикор гузашта, мехост ҳарчи тазтар ба назди бачаҳояш баргардад, метарсид, ки мабодо шикорчӣ паногоҳи хукбачаҳоро пайдо созаду охирин нишонаи нархуки хокистаррангро нест кунад. Хуки пир аз рӯи ғариза дарёфт, ки дар ин хунукӣ беҳуда гаштан дигар фоида надораду бояд ба ҷои касмадиде паноҳ барад. Ӯ дар бозгашт решаи наю ҷӯробоқ, олучаю себи ёбоӣ кофта хӯрд. Бо фукаш бехи чормағзи кӯҳнаеро кофта, чанд дона чормағз ёфта, сипас хурсандона роҳашро идома дод. Ҳавои сарди бегоҳӣ мисли даҳони аждаҳо аз худ ҳаври хунук бароварда, шамоли саҳро ба шоху панҷаҳои ниҳолон ҳуҷум дошт. Дар ин беша танҳо селаи зоғҳои ало бепарвоёна бол кушода, бо шаст ба баргу пояи дарахтон нишаста, тефҳои худро метакониданд. Садои қар-қари зоғҳои маст ба оҳанги баргрезӣ ҷӯр гашт. Хуки ёбоӣ хаёл кард, ки дар дили ин саҳрои васеи беохир танҳо аст. Ӯ ҳиҷ гумон надошт, ки дар ҳамин сардию даҳшати шамол шикорчии сур-

хина ӯро дунболагир аст. Шикорчии сурхина ҷонсарак хаёле аз мурдан наметарсид ё ҷонаш аз санг буд, ки ларзидаю палмосида бо сару тани пурлой, мӯзаҳои нам аз қафои хуки ёбоӣ ноаён меомад.

Панҷаи боду шамол чун сӯзан ба тани шикорчӣ мехалид ва бод гӯё қасди қадами ӯро рӯфтан дошт, ин дам хуки пири ёбоиро хунукӣ таъсир надошт, балки ӯ аз барф ҳузуру ҳаловат мебурду бехабар аз тақдир, оламу одам ба ҷангалзори дарун наздик мешуд.

Хук танҳо дами ба паноҳгоҳ наздик шудан яке истод, гӯш ба қимор шуд, ҳиҷ бовараш намеомад, ки рақибаш то ҳанӯз ӯро думболагирӣ дорад. Бӯи одамиро ҳис карду аҷабаш омад, наход одамизод ин қадар ҳилагар бошад, ҳа. Боз хавфи нав ҳис карда фукашро тарафи боди тунд вазидаистода гардонда, ҳаворо бӯ кард. Аламаш афзуд. Одамӣ бо ин ҳама ақлу фаросат ва шуури баланд назар ба ҳама мавҷудоти олам гоҳо аз дарки чунин ҳиссиёти дарандагону ҷонварон оҷиз аст. Инсон мебинаду мешунавад, ҳис мекунад, вале ҷонварон низ бо имову ишорат, овоз мақсаду мароми якдигарро мефаҳмонанд.

Хуки ёбоӣ ноилоҷ бо овози махсуси худ хукбачаҳоро аз наздик будани душман огоҳ кард. Сипас дандон гиз карда пайт кофт, ҳаворо бӯй кард ва рақиби бемурувваташро ёфт. Шикорчӣ ин дам хуки ёбоиро ба нишон гирифта буд. Тир ин дафъа набояд хато хӯрад. Он гоҳ бо тири дуюм хукбаачашро ҳам аз пой хоҳад афтонд. Чӣ, магар қавлу қасам беҳуда буд. Охир, ман бояд авлоди ин хукҳоро нест кунам, аз дил гузаронд шикорчӣ...

Шикорчӣ куланги милтиқро кашиду кундаи таги оринҷаш яке ларзид ва тир боз хато хӯрд. Воқеа ғайричашмдошти ӯ ранги дигар гирифт. Хуки ёбоӣ чапғалат дода фирор кард. Ҳайвон дигар имкони паногоҳ рафтан наёфт, балки шояд нахост, ки шикорчӣ хукбачаҳоро бинад. Аммо шикорчии сурхина бо шаст паногоҳ давида, ба хукбачаҳо тамоман наздик шуд. Хукбачаҳо, ки то ин дам одамро надида буданд, нигоҳи тааҷҷубовари худро аз шикорчӣ намеканданд. Онҳо нагурехта, балки бо ҳисси кунҷковию ҳавас сӯяш назар дӯхтанд. Маънӣ кӣ бошад, ин махлуқ ва дар ин дили ҷангал аз онҳо чӣ мехоста

бошад. Хукбачаҳо интизори овозу ишорати модари худ чор тараф нигоҳ карда, ҳайрон буданд. Аммо аз модахуки пир дарак набуд.

Шикорчии сурхина аз оромии хукбачаҳо рӯҳ гирифта, яку якбора ду тир паронд. Хукбачаҳо садои нолаомези дилхароше бароварда ҷо ба ҷо рӯи барф афтиданд...

Дар деҳа овоза шуд, ки Сафари шикорӣ базӯр аз шикори хук бегоҳӣ ҷон ба саломат омадааст.

– Наход, одам ҳамаро монда, ҳами думи шикори хука гирад, ҳа. Шумо, Сафар, як мардаки калон, мергани моҳир. Охир, гӯшти хук ҳаром-ку.

Сафари шикорчӣ дар бистараш нимхез шуда, хомӯшона ба гапҳои Саиди босуҳма гӯш дод. Оқибат гапҳои мусоҳибаш ба дилаш зад, ки афзуд:

– Шумо, Саид, чира медонед, мазаи шикора надида бошед-ки!

– Э, мурад ҳами хелӣ шикор. Базӯр як ҳафта боз нав яхҳот об шуданд, хунукит зада буд, мемурдӣ, бачаҳот сағира мешуданд баъд, – гуфт бо қаҳр Саиди босуҳма.

Сафар ҳам паст наомад:

– Ту, Саид, ғами худта хӯр. Ман аз шикори хукҳо то мурдана даст намекашам, марда қавлаш якта, фаҳмидӣ.

– Дигарон кабку бузи кӯҳӣ шикор кунанд, ту хукбача. Ҳайфи қаду бастат. Сафаре, худат ранги хук шудаӣ, бахудо.

Дигар Сафари шикорчӣ давоми гапҳои ҳамсояашро гӯш накард, балки аз қаҳру ғазаб ба худ печида, зери лаб чиҳое гуфта хомӯш монд.

Акнун дар хонаи холӣ шикорчӣ танҳо монда буд. Дар сараш ҳазору як фикру хаёл давр мезад:

– Аз баҳри ҳамин шикори наҳс бароям-чӣ, – андешид ӯ. – Ё гапи ҳами мардум рост бошаву шикори хук ба хонаам наҳсӣ, касратӣ биёраду оқибат радди маърака гардам, ё тавба!

Шикорчии умрдида ҳанӯз аз кори кардааш қаноатманд набуд. Як гӯшаи дилаш ӯро васваса дошт, ки боз ба шикори хук бароияд, охир ҳамин хукҳо набуданд, ки борҳо полезу ҳавлияшро вайрону валангор кардаанд. Не, ин хуки пири зиндамонда оқибат барои қасоси бачаҳоша гирифтан албатта

қишлоқ меояд. Тайёрӣ бояд дид. Дар шиғу ковокии ҳота дом монда ҳушёр шудан лозим, ба одамҳо низ шояд ҳуҷум кунад.

Хуки пири ёбоӣ баъди воқеаи шуми ба сараш омада, чанд соат дар талу пастхамиҳо гашта, баробари рӯшан шудани атроф ҷониби хилватгоҳ раҳакӣ шуд. Мехост ҳарчи зудтар рафта хукбачаҳояшро бинад. Омаду ҳар ду бачаашро оғуштаи хоку хун ёфт. Модахук онҳоро бӯ кашидаву лесида-лесида хур-хуркунон овози бадарде баровард...

Хуки ёбоӣ пай гирифта мерафт. Ҳайвон бӯ кашида дар пайи шикорчӣ ва ҷустуҷӯи хонаи ӯ шуд.

Хук атрофи хона чарх зад. Чашмаш ба оғили гову гӯсфанд афтоду ба бари девор рост хеста, аз мӯрии барои ахлотпартоӣ кушодаи оғил, ки калонтар буд, дарун даромад. Молу гов дар як дам бесаранҷом шуда, роҳи гурез кофтанд, аммо дар баста буд ва хуки ёбоӣ аввалин бор ғайриихтиёр бо фукаш ва дандонҳои тезаш ҷонварони бегуноҳро даронда ҳамаро ба хоку хун оғушта кард.

Баасту садои ноҷои гову мол аҳли хонаро бедор кард. Шикорчӣ омадани хукро фаҳмид, ки милтиқашро ба даст гирифта, майли берун шудан кард. Хуки ёбоӣ ба ҳота гузашту чашмаш ба дом афтод. Ӯ, ки аз ҳилаи шикорчӣ огоҳ буд, домро писанд накарда бо фукаш онро дур партофту ба вайрон кардани палаку шикастани навдаи ниҳолон, поймол кардани гандуми нешзада шурӯъ кард.

Шикорчӣ овози ваҳшатзадаи ҳамсараш ва кӯфтани дарро шунида, якбора давида берун баромад ва ӯ низ суроби хуки ваҳширо дида дар тааҷҷуб монд.

Хук Сафари шикорчиро шинохт. Афту андоми хунуки ӯро боз дид ва аз дил гузаронд, ки ин башара бояд ҷазояшро бинад.

Шикорчӣ аз фурсати муносиб истифода бурда, сари хукро нишон гирифта паронд, вале тираш хато хӯрд. Хук аз дард фарёди сахте карда, як такон хӯрду наафтид. Хук ба рони пояш тоб хӯрда, хуни аз он ҷо шоридаро лесида, хур-хур кард. Аз лаҳми ронаш хун заҳида, пояшро суп-сурх кард. Пояш ғалбер шуда буд. Сипас лангон-лангон канори полез рафт. Хуки пир таҷрибаашро ба кор бурда, худашро нотавону дар чанголи марг вонамуд кард. Ӯ дигар илоҷ надошт. Акнун хук дардеро

ҳис намекард. Ҳаёт дигар барояш маъно надошт. Баъди марги хукбачаҳо худашро дар рӯи замин хору зор дид. Дигар на ҷуфт дошту на сарпаноҳ. Сафари шикорчӣ гумон кард, ки кори хук тамом шудааст. Ӯ ғолибона табассум ба лаб милтиқашро рӯи даст бозӣ медоранд. Лаҳзае қомат хам карда, хост милтиқашро монда сӯи хуки нимҷон равад, ки яке чашмаш ба ҳамсояҳо, аҳли байташ афтод.

Онҳо бо имою ишора ба шикорчӣ мехостанд чизеро фаҳмонанд, вале зунуки ҳамаашон ба дарун зада барин. Шикорчӣ танҳо ба имою ишораи онҳо зеҳн монда, яке чашмаш ба хуки ёбоӣ афтод. Ҳайрон шуд, мӯи баданаш сих шуд. Ҳангу мангаш канд, рӯяш дока барин сафед шуду лабонаш пир-пир париданд.

Дар рӯ ба рӯяш хуки ёбоӣ рост меистод. Шикорчӣ ба даҳшат афтода, зери лаб «Ло ҳавла ё наузанбиллоҳ» гӯён хост ба милтиқ тир ҷой кунад, аммо дасташ нарасид. Хуки ёбоӣ нохост бо як ҳамлаи тез бо фукаш ба шикорчӣ ҳуҷум кард. Ва шиками ӯро дариду худ қафо гашта, рӯ ҷониби кӯҳсор гурехт.

## МОДАКАБК

Модакабк аз чӯҷаи навзодаш хавотир буд. Акнун се чӯҷаи дигарашро, ки дар чоррӯзагиашон ба дасти одамон афтодаанд, қариб фаромӯш кардааст. Дилаш ба ҳоли чӯҷаи паршикастааш месӯзад. Модакабк чӯҷаи ҳайрону зорашро, ки базӯр роҳ мерафт, аз байни буттаҳо, алафҳои зардгашта гузаронида, ба замини тӯғайзори паси теппа хамид.

Аз қади пуштакӯҳ то лаби чашмаи хунукак ҳар ҷо-ҳар ҷо алафҳои гуногун, ниҳолони зарбеду дӯлона, олучаи худрӯй месабзид. Модакабк ин маконро хеле хуб медонист ва ҳоло кӯшиш мекард, ки атрофро ба кабкчӯҷаи маҷрӯҳаш нишон диҳад, ба ин ҷонвараки навзод тариқи шикору аз одамон паноҳ бурданро омӯзад, то чӯҷааш беҳуда тӯъмаи душман нашавад. Ин вақт боз чӯҷаҳои нав пар баровардааш ба ёдаш омаданд. Рӯзҳои аввал модакабк он чӯҷаҳоро аз назди лонааш он қадар дур намебурд. Аз шикорчиёни бераҳм сахт метарсид. Ҳамин

ки сайёҳони навбаромади дар китф камондорро медид, як бор «қиғ» гуфта, чӯҷаҳояшро ҷои бехавф паноҳ мекард. Онҳо садои «қа-қи»-и модарро шунида, аз талвосаи ҷон ба чор тараф гурехта, ба сӯрохӣ ё таги буттае руст мешуданд. Рангу пашмакҳои нави чӯҷаҳо ба ранги рег, алаф, хоки ин диёр монанд буд. Ҳатто, чашмони тезбин ҳам онҳоро ба осонӣ дарнамеёфтанд. Чӯҷаҳои навбол, ки аз калакӣ баромадаанд, зуд парвозро ёд мегиранд.

Аммо дастгир кардани чӯҷаи кабк дар ин давра боз дар миёни шаху кӯҳпораҳо осон нест...

Он бегоҳи шум модакабк бо чор чӯҷаи навпараш, ки андаке ҳушёру чаққон буданд, сайру гашт дошт. Модакабк бо чӯҷаҳояш хушбахт буд ва ин лаҳза бо фарзандонаш пеш рафта, торафт дарунтари кӯҳсор медаромаду аз бахти баландаш хаёле меболид. Аз боду ҳавои пуртаровати ин гӯшаи кӯҳистон завқ бурда, ба чор тараф нигоҳ мекард. Чӯҷаҳояш кунҷковона даву пар доштанд. Яке модакабк дар ҷояш истод, баданаш сахт ларзид, қариб аз ҳуш рафта буд. «Қиғ» гуфта чӯҷаҳоро аз фалокат огоҳ кард, вале аллакай дер шуда буд, чӯҷаҳои бетаҷриба ба ҳар сӯй фирор карданд.

Модакабк дарзамон бӯйи доруи камонро ҳис кард. Ин бӯйи нафратовар вуҷудашро сӯзонду безобитааш намуд. Аввал сару калобаашро каме гум кард. Чор тараф назар дӯхта дид, ки чӯҷаҳояш ҳар ҷо паноҳ бурдаанд. Ҳарчанд онҳо дар ҷои сералаф пинҳон гаштанд, вале дили модакабк биму тарс дошт. Сайёди бераҳм овози чӯҷаҳоро шунида, аз рӯи таҷрибааш фаҳмид, ки ин овози чӯҷаи кабк аст ва саросема милтиқашро гирифта, ба он тараф давид. Модакабк ҳис кард, ки ҷони чӯҷаҳояш дар хатар аст, «қи-қи», «қа-қа» гуфта онҳоро огоҳ кард, ки аз зери гулхорҳои пинҳоншудаашон берун набароянд. Аз байн ду-се соат гузашт, модакабк ҳамоно хавф дошт, ки шикорчӣ ҷое нишаста онҳоро мепояд. Ӯ медонист, ки одамизод ҳилаву найранги зиёд дорад ва барои ба даст овардани чӯҷаи кабке лозим шавад, соатҳои дароз ноҷунбон меистад. Модакабк аз дил гузаронд, ки рафтору кирдори гургу рӯбоҳ дар назди ин тоифа одамон ҳеҷ аст.

Ин дам суроби шикорчӣ нохост пайдо гашту дар қади дара

ба сӯи чӯҷаҳояш тир холӣ кард. Як ҷуфтро ғалтонда сеюмиро ниҳоят дошт...

Акнун шикорчӣ хурсандиву шодӣ дошту модакабк дуртар ноилоҷ мисли мурғи нимбисмил гӯё ҷон меканд. Ҳоло модакабк чӯҷаи паршикастаашро таги тефаш гирифта буд. Мехост аз ягона чӯҷаи ҷон ба саломат бурдааш халос шавад. Ҳарчанд медонист, ки ин чӯҷа заифу нотавон, маъюбу маслуқ асту дур рафта наметавонад, вале меҳри модарӣ намегузошт, ки ӯро танҳо монад. Чӯҷаи маҷрӯҳ таги қаноти модар роҳат карда ҳайрон буд, ки чаро додаронаш, се чӯҷаи дигар наметобанд. Ӯ ҳиҷ сарфаҳм намерафт, ки онҳо ба чанголи шикорчӣ афтодаанд. Намедонист, ки дар ин кӯҳистон вақтҳои охир барои онҳо паноҳгоҳ қариб ки намондаасту доим одамон онҳоро несту нобуд мекунанд ва зиндамондаҳоро ба қафас ҷой карда шаҳр мебаранд...

«Қав-қив»-и модар барояш гуворо буду аз миёни парҳои гарму нарми модакабк берун рафтан намехост. Модар ба «ғут-ғут»-и чӯҷаи маҷрӯҳ гӯш дода хаёле мотам дошт. Ёди чӯҷаҳои бенишону ғами ин тифли маҷрӯҳ афгору хаста кардааст ӯро. Модакабк тефак зада чӯҷаашро аз хоб бедор кард, акнун модар мехост, ки ин маконро тамоман тарк карда бо чӯҷаи маҷрӯҳаш даруntари кӯҳу дара равад, ҷое, ки пою қадами одамон нарасад. Бо ҳамин ният модакабк сӯи ғору баландкӯҳ роҳ пеш гирифт.

Раҳорраҳ модакабк ҳис кард, ки шикорчиён ҳоло низ дар ин макон қарор доранд, Худо накунаду бо онҳо рӯбарӯ шавад, яқин аст, ки аз чӯҷаи ягонаи паршикастааш низ маҳрум мешавад, барои ин мехост тезтар аз ин гӯшаи бесоҳиб бадар раванд. Модакабк дид, ки боз чӯҷааш шалпару гаранг аст. Муддате гирди чӯҷаи маъюбаш давр зада фаҳмид, ки ӯ ташнаву гурусна мондааст, боз ҳаво тафсида чӯҷа дамгир мешуд. Модакабк донист, ки ба чӯҷа ёрдам лозим аст ва ноилоҷ бо нӯлаш аз гардани чӯҷааш гирифта, чанде рафту оқибат онро зери буттаи гулхоре гузошт. Ва худ парвоз карда аз ҷӯйи оби чашма поёнтар хамид. Баъди аз чашма хуб об нӯшидан ба қафо баргашт, чӯҷаи маҷрӯҳ маътали модар чашмони интизорашро аз модакабк намеканд. Модар ӯро сер кард, вале магар чӯҷа ҳамоно

гуруснаву беҳол буд, ки «чик-чиккунон» мағал дошт, баъд ноилоҷ таги қаноти модар паноҳ бурд...

Рӯз аз нисф гузашта буду дар паҳнои дара модакабк бо чӯҷааш саргардон аз тарси одамон фирор дошт. Чӯҷаи маҷрӯҳ базӯр роҳ мерафт намефаҳмид, ки чаро модараш ин қадар саросема ҷониби маҳали номаълуме ҳаракат дорад. Намедонист чӣ тақдире онҳоро дар пеш аст. Чӯҷаи маҷрӯҳ аз болои сангрезаҳо бо азоб гузашт, болаш сӯзиш дошт, ҳаво оҳиста-оҳиста мӯътадил мегашт. Чанд пуштакӯҳ ақиб монданд. Ниҳоят, макони васеъ, сералаф намудор гашт. Модакабк шод шуд. Дар ин макон одамон нестанд. Селаи кабкону мурғони даштиро дид, ки озодона дар сабзазор ғел зада сурудхонӣ доштанд. Селаи кабкону мурғони ин диёр, ки аз шикорчиён огоҳӣ надоштанду бехабар аз ғаму дард буданд, парвозкунон бо тааҷҷуб ба модакабку чӯҷаи паршикаста нигоҳ карданд. Ватани кабк дар ақиб монда буд. Акнун ӯ бо чӯҷааш бояд дар макони нав рӯ орад. Модакабк бо умед ба атроф чашм дӯхт. Ин вақт чӯҷаи маҷрӯҳ «чик-чик»-кунон таги тефи модакабк даромад. Модакабк хуб фаҳмид, ки дар ин макон солҳост, ки ба ғайр аз ҳайвоноту дарандагони ваҳшӣ қадами одамӣ нарасидааст ва ин ҷо ҳанӯз бӯйи доруи камонро намедонанд.

Аз ин ҳолат модакабк шод гашта, чӯҷаашро зери пар карду аз қисмати ояндааш дилпур шуд, зинда мемонад, наслашро гум намекунад... Ва парандаи нодон гузаштаашро зуд фаромӯш кард. Ҳилаву найранги шикорчӣ аз ёдаш баромад. Нафаҳмид, ки шикорчӣ барои ба мақсадаш расидану ба ин макони нав роҳ ёфтан бо чӣ қадар ҷонканиҳо, пинҳону рустшавон, афтодаву хеста ба ин ҷо омадааст. Модакабк хеле бармаҳал хурсанд шуда, майдони васеъ, кӯҳу пуштаҳои сералафро давр зад. Долу дарахтони макони нав, сояи сангу теппаҳои пур аз гулу гиёҳ табъи дилаш буд. Дар бозгашт ногоҳ дид, ки селаи гунҷишкону мурғони даштӣ сари чашмаи бари теппа ғун шуда шӯру мағал, фарёду бедод доранд, аз ин манзараи ногаҳонӣ дилаш таҳ кашид, пеши чӯҷаи маҷрӯҳаш нарафта поён фаромад. Вақте ки парандагону ҷонварон модакабки ношиносро диданд, боз баландтар ғирев бардошта қариб ба ӯ ҳуҷум намоянд. Фаҳмиданд, ки сабабгори ба ин мавзеъ

роҳ ёфтани қадами номубораки шикорчӣ ҳамин модакабк аст. Кабки пир аз ин муомилаи дурушти парандагон дар ҳайрату тааҷҷуб монд. Нигоҳашро аз таъқибу таҳдиди онҳо базӯр гурезонда ба атрофи чашма дурусттар чашм давонд. Дид, ки онсӯтари чашма, паси алафҳои худрӯй суроби шикорчӣ намудор аст. Ӯро зуд шинохт, душмани ашадии ӯву ҷонварон саросема ҷунбуҷӯл дошт. Сару рӯяш пурлой, либосҳояш чиркину олуда метофт. Модакабк фаҳмид, ки шикорчии бераҳм ба қасди ҷони кабк ба ин гӯшаи хилват омадааст...

Ана, барои чӣ ба ин макони ором низ наҳсӣ расиду парандагон безобита шуданд, хуни ин ҷонваракони бегунох дар гардани ӯ мешавад. Чаро мани нодон аз аввал андеша накардам. Фаҳмам ба ҳамин чизи одӣ нарасид. Надонистам, ки шикорчиён аз ҳайвонҳо ҳам бераҳмтаранд. Акнун ҷони ҳамаи парандагони ин мавзеъ низ дар хатар монд, фикр кард модакабк...

Шикорчии умрдидаву таҷрибадор то ин вақт ноаён назди чашма омада, атрофро хуб омӯхт. Аз омади кораш завқ бурда, болои чашмаро бо тӯри майда пӯшонд. Як сӯрохӣ боқӣ монду халос...

Дар ин қади дара низ шӯру қиём буд. Селаи гунҷишкакону кабкҳои даштӣ дар сари чашма ҷамъ шудаанду ҷуръати аз он обхӯрӣ надоранд, аз тарси шикорчӣ атрофи чашмаи бо алаф пӯшида кӯтоҳ-кӯтоҳ парида бо ҳарос пас меҷаҳанд.

... Шикорчии бераҳм, ки як умр гӯшти ҷонварони бегуноҳро хӯрдааст, ҳоло аз рафтори парандагон дар ҳайрат буд. Ӯ, ки милтиқаш тир надошт, мехост бо ёрии тӯр селаи кабкҳои сари чашмаро дошта гирад. Ҳоло тааҷҷубаш меафзуд, ба рафтори парандагон нигариста, ангушти ҳайрат мегазид. Чаро онҳо ба чашма обхӯрӣ намераванд? Чаро мисли пештара бепарво сурудхонон об намехӯранд? Чаро парешону хаста ба чашма наздик мешаванду боз қафо гашта фирор менамоянд? Ё ки онҳо низ мисли инсон фикру андеша мекунанд, аузубиллоҳ, не.

Модакабк ин аҳволро хуб мулоҳиза кард, донист, ки ташнагӣ ин парандаҳоро низ мисли чӯҷаҳои вай ба ҳалокат мерсонад. Модакабк дар худ ҷасорат ҳис карда, нотарсона парида назди чашма омад. Аввал хуб ба чеҳраи шикорчӣ зеҳн монд. Якдигарро шинохтанд. Агар шикорчӣ тир медошт, ҳоло

ӯро ба ҳалокат мерасонд. Вай босаброна, мушташро гиреҳ карда аз модакабк чашм намеканд. Аз нигоҳи хунполои кабк ба ҳарос омад. Паранда нигоҳи нафратборашро аз душманаш канда, зиракона ба чашма даромад. Об нахӯрд, худро ба тӯрхалта печонда дасту почак зад. Мехост тӯрро канда партояд. Кабк овози бадарде бароварда навҳа кард. Нолишкунон дар тӯр афтода ба оби чашма сарозер шуд. Модакабк аз тақдири бадаш нолида, ҳасрат дошт, ки касе нест, ӯро аз ин бало халос кунад. Пеши рӯяш чӯҷаи маҷрӯҳи бесоҳибаш менамуду фарёд мекард.

Ин манзараи мудҳишро ҳам парандагони ба ҳарос омадаву ҳам сайёди бетараҳҳум тамошо доштанд. Ногоҳ мардак ба худ омаду мисли девона ба сӯйи чашма давид. Шикорчӣ тани бечони модакабку тӯри парешони ба болҳои модакабк часпидаро гирифта, шах шуд. Модакабк пару болаш рехта, нӯлаш шикаста ба як пораи гӯшт монанд гаштааст. Шикорчӣ дар умраш аввалин маротиба ба чунин ҳол гирифтор буд. Қадре фикр кард, баъд одам буданаш ба ёдаш расид ё аввалин маротиба аз рафтори пасташ шарм кард, ки номаълум бо панчаҳои ларзон тӯрро як сӯ ҳаво дода, бо алам аз назди ҷисми хунолуди модакабк дур шуд...

Парандаҳои ташна парпарак зада, худро ба оби сарди чашма заданд. Бо ҳавас минқор ба об тар карда, то сер шудан нӯшиданд. Дуртар ҷисми бечони модакабкро насими бегоҳӣ гӯё навозиш мекард. Андак онсӯтар паси сояи санге чӯҷаи маҷрӯҳ роҳи модарашро мепоид...

## САРИ МОР

Дар талу пушта гулу гиёҳҳо, алафҳои худрӯй кайҳо зард гаштаанд. Ҳарчанд аз ҷониби қаторкӯҳҳо насими серуне ба атроф мевазад, вале ягон ҷонзоти ин гӯшаи фаромӯшшуда инро ҳис намекунад. Балки дар саросари водӣ гоҳ-гоҳе овози кабк ба гӯш мерасаду халос. Дар ҳаво бошад, бошае танбалона бол кушода, ба поён назар дорад. Дигар на хазандае ба чашм менамояду на ҷонваре.

Дар ин гармои чиллаи тобистон парандаю чарандаи қади дара то дами бегоҳ аз лонаи худ берун намебарояд. Даҳмарда ин нисфирӯзӣ ҳам подаро лаби наҳр хамбонда як ҷо ҷамъ кард. Акнун говҳо шикамсерӣ чаридаю хуб об нӯшида хоб буданд. Аз тинҷӣ, оромии пода дилпур шуда, сипас рӯ ҷониби сангоб ниҳод.

Аз гармии тоқатфарсо гоҳо нафасгир мешуду як дил мекард, ки дам гирад: бало ба паси ҳамун сари сабилмондаи мор. Ҳамаи ин рост аст ё дурӯғ, кӣ медонад? – аз дил гузаронд даҳмарда. Ба ҳар ҳол як бахтро озмудан лозим, андешид ӯ.

Ба дара фуромаду пойҳояш сусту бемадор гаштанд. Дар худ боз сустӣ, тарсу ҳарос ҳис карда ночор монд. Дар ҷояш нишаст ва ба чор тараф назар афканда, гӯш ба қимор шуд. Ҳама ҷо ором буд. Нохост хониши кабкҳо қатъ шуду яке қир-қиру чироси мор баланд гардид.

Даҳмарда аз рӯи таҷриба фаҳмид, ки дар ин наздикиҳо лонаи мор ҳаст. Аммо чӣ хел мор, аниқ канда натавонист.

Хайр, шояд чипор ё афъӣ бошад, ё кубро, балки садои мори гурза будагист, не, астағфируллоҳ, илоҳо гурза набошад...

Соли гузашта даҳмарда нахустин маротиба мори гурзаро аз наздик дид. Ӯ то ин дам морҳои ҳархелаи майдаи безарарро медонисту халос. Акнун дар паҳлӯи харсанг мори бадҳайбате, ки ду-се метр дарозӣ дошт, меистод. Сари секунҷа ва чашмони хунполояш ба дили даҳмарда ваҳм андохт. Дигар аз ҷой намеҷунбид...

Гурза бо пайдо шудани уқоби тезчангол миёни алафу буттаҳо хазид. Парандаи мушоҳидакор ба ҷои аввали мор наздик шуда, болафшон нигоҳи барқворашро аз алафзор наканд. Дар гармӣ дид, ки мор хишос карда, дарякҷо тоб мехӯрад. Уқоб хеле давр зада, яке аз боло поён шуд ва ҷисмашро лӯндакарда миёни алафзор зад. Ин дам талошу мубориза миёни уқобу гурза сар шуд. Уқоб бо панҷаҳои гирои тезаш ғайричашмдошт аз миёни мор чанг зада ба ҳаво бардошт. Дид, ки аз чашмони мор хун мерезад, лекин гурзаи кӯршуда асло таслим шуданӣ набуд. Бадани сиёҳчатобу рангаи мор дар офтоб медурахшид. Мор ба уқоби гурусна заҳр зад, ки баъди муқобилиати зиёде аз чанголаш хато хӯрда, сарозер поён аф-

тид. Мори кӯршуда ҷонҳавлона миёни сангҳо хазида, гум шуд. Уқоб аз нияташ нагашта боз поён хамбид. Ҷуссаи бақуввату босалобати уқоб дар лонаи мор пайдо шуда, бо хашм тухмҳои майда-майдаи рангаро бо панҷаҳояш зада шикаст...

Даҳмарда то ин дам кабку бузҳои кӯҳиро бисёр сайд кардааст. Ҳатто дар ин кӯҳу дара ҷонварон аз пайи қадами шуми вай несту нобуд шуда, боқимонда ин манзилу маконро якумрӣ тарк кардаанд. Ва даҳмарда мондаасту подааш ва ҷару ҷангали холӣ. Аз бозе ки дар ин макон ҳайвонот қир шуданд, даҳмарда оромиву осоиш надорад, саломатияш ҳам он қадар хуб нест. Шояд танҳоӣ дилгираш карда ки вақтҳои охир тарсончаку буздил шудааст. Аввалҳо на аз ҳайбати хирс парво дошту на аз хуки ёбоӣ. Кордаш болои равған, подаро ба ҳоли худаш монда фақат кораш шикор буду халос. Акнун мехоҳад шӯҳрати пештараашро барқарор созад, тарсу ҳаросро аз дилаш дур карда, боз домани шикорро сахт қапад...

Барои амалӣ намудани нияташ назди чанд мулло рафт, дуо гирифт, худоӣ, назру ниёз кард, нашуд. Хост боз табобат кунад, ки нохост сари мор ба хотираш расид. Дар ҷавонӣ шунида буд, ки сари мор мисли тӯмори балогардон хосияти шифоӣ дорад. Сари морро ҳам гӯё ҳамчун пӯсти мор агар тӯмор карда ҳамроҳат гардонӣ, ҳама корат бобарор мешудааст ва аз ҳама муҳимаш, нотарсӣ ёри кас мегаштааст. Даҳмарда аз морҳои заҳрдор мисли фишормору афъӣ, кубро сахт ҳарос дошт. Танҳо мехост, ҳарчи тезтар ягон мори безаҳреро мисли чипору кӯрмор ба даст дарораду сарашро гирифта тӯмор кунад. Гумон дошт, ки он вақт албатта аз ин ташвишҳо халос мегардад.

Дами нисфирӯзӣ, дар ҳавои гарм атроф ба ҳукми хомӯшӣ афтод. Даҳмардаи одаткардаро боз хониши селаи кабкчӯҷаҳо ба худ овард. Хост то пайдо кардани мор ба шикори кабк машғул шавад...

Дид, ки дар баландӣ селаи кабкҳо қив-чувкунон бепарвоёна равуо доранд. Даҳмарда милтиқашро тайёр карда, зери бушолеро камингоҳ кард. Алафҳоро зери каш гирифта, қуланги милтиқашро кашида омода шуд.

Одатан дар ин мавсим кабкҳои башӯромада, дар сар ҳавои ишқу висол доранд. Кабкҳои нар ҷуфти худро пайдо карда,

якдигарро бо хонишу овози дилреши худ меҳрубонӣ, навозиш мекунанд. Аз қаҳ-қаҳи онҳо атроф ба базмгоҳ табдил меёбад, дигар кабкҳо низ дунболи онҳо нағмасарой мекунанд. Даҳмарда интизор мешавад, ки кай онҳо наздик мешаванд. Ӯ медонад, ки кабкҳо масти ҳавои мушкбези кӯҳсоранду арбадакунон ба ҳамдигар минқор мезананд. Ин дам кабке аз паси буттаи худрӯй баромад. Даҳмарда нишон гирифта бехато кабкро паронд. Ҷисми пурхуни кабк, ки дар як пой ду пих дошт, дар пеши пои даҳмарда питирос мезад. Даҳмарда камонро як сӯ монда, кабкро пар канда, оташ геронд...

Баъди хӯрокхӯрӣ ягон соати дигар интизор шудан лозим, албатта мор пайдо мешавад, аз дил гузаронд даҳмарда. То бегоҳ як илоҷ карда сари морро ёфтан лозим. Ӯ аз бекорӣ аз кисабағалаш қурутеро бароварда ба даҳон андохт. Шӯрии қурут даҳонашро мазза дод. Ӯ қурутро нашикаста бо ҳавас мемакид. Яке овози қирроси мор ба гӯш расид. Даҳмарда ҷонҳавлона аз пушти харсанг гузашт ва ба лаби гулҳавз нарасида чашмаш ба мори холдори нақшини дарозе афтид. Даҳмарда аввал гаранг шуд. Сахт тарсид. Охир, ӯ намедонист кадом навъи мор дар пешаш истодааст. Фарқи ӯ накард, хаёл кард, ки мори чипорро вохӯрдааст. Агар чипор бошад, албатта безаҳр будагист. Вай пештар медонист, ки мори чипор дар тобистон пӯст мепартояду дар ҳамин моҳ ба худ ҷуфти муносиб меҷӯяд.

Хайр, ҳарчи бодо бод, ҳоло ки мор танҳо аст, онро паронидан лозим, набошад ҷуфташ боз аз пасам мешавад...

Аз ҳамон рӯзе, ки даҳмарда соҳиби тӯмори сари мор шудааст, кораш дар ҳақиқат бобарор асту хеле шердил низ гаштааст.

Лекин даҳмарда шабҳои дароз азоби гӯр мекашад. Рӯзона ба ину он андармон шуда, чӣ хел гузаштани вақтро намефаҳмад. Вале акнун аз шаб, аз торикӣ сахт метарсад. Шаб ки шуд, хобаш мепарад. Боз ба ҷои овози кабк чирроси морро мешунавад. Қариб ҳар шаб мор хоб мебинад. Афту башараи хунуки морҳои ҳархела ба баданаш ларза меоранд.

Морҳо рақскунону бозикунон дар атрофаш ҳалқа зада чиррос мезананд. Даҳмарда аз чирроси морҳо тарсида аз хоб бе-

дор мешавад. Хаёле дар банди дасташ ба ҷои тӯмори сари мор, ҷондори сиёҳи чашмкалоне бо дандонҳои хунолуд мехазад...

Имшаб боз хоб дид. Дид, ки сиёҳӣ атрофашро ҳалқасон печонда ҷояшро ба рӯз доданӣ нест. Дуртар нохост чашмаш ба мори калони бадҳайбате бархӯрд. Мор аз ҷояш барҷаста, сарашро ҷунбонда забончаашро баровардааст, чизе мехояду аз ду бари лабаш хун ҷорист. Мор болои сараш омада ҳалқа зад.

Даҳмарда ба худ омада дид, ки аз тарс дарақ-дарақ меларзаду хунук мехӯрад. Ин вақт морҳои дигар низ ба шӯру қиём омада гирдашро ҳалқасон мепечонанд. Мазмун, ба ҳамдигар мефаҳмонданд, ки даҳмарда омадааст, даҳмардае, ки сари морро тӯмор кардааст. Даҳмарда чорғов шуда берун баромад. Ҷонаш ба танг омада буду нафасгирияш мушкил шуда буд. Дар берун хост тӯморашро гирад. Аммо аз банди дасташ мори сиёҳе чиррос зад. Ҳуш аз сараш париду додгӯён бедор шуд. Фаҳмид, ки то ин тӯмори зормонда дар банди дасташ аст, дар хобаш ӯро морҳо ором нахоҳанд монд.

Бо ҳамин ният хост имрӯз тӯмори сари морро бурда дар пушта, дуртар аз алафзор партояд. Шояд он вақт аз хобҳои даҳшатнок раҳоӣ ёбад...

Даҳмарда тӯмори сари морро бо ҳарос кушодан хост. Банди дилаш ларзид, тӯмор ғалтид, базӯр як илоҷ карда худашро нигоҳ дошт. Тӯморро боз дар кафи дасташ соида гарм кард, баъд бӯй кашид, тӯмор ҳанӯз бӯи мори зинда дошт. Пас онро миёни кафаш гирифт, то сиру асрори тӯморро ақаллан ҳозир дарк созад. Вале аллакай дер шуда буду даҳмарда илоҷи хатояшро наёфт. Чунгурак нишаст, хест, гумон кард, ки дар гулӯяш сӯзан дармондааст. Даҳмарда дар атроф чизеро надид, сараш аз гармии зиёд чарх зад. Нав тӯморро мепартофт, ки кафи пояш сӯзиш кард. Дид, ки мори нақшине аз пеши пояш майли дур шудан дорад.

Хост чӣ гуна будани ин морро муайян кунад, аммо пеши чашмаш сиёҳӣ зад, арақ ба тамоми вуҷудаш давид, дар тобу таб сӯхт. Хост фаҳмад, ки морони дигар метобанд ё не, надид. Ҳеҷ чизро надид ва якбора якпаҳлӯ миёни буттаҳо афтид...

# МУРҒИ ДАШТӢ

Беша сердолу дарахт ва роҳи каҷукилебаш, ки пур аз решаҳои пӯсидаю анбӯҳ буд, пеши шамолро гирифта, гӯё буттаҳои худрӯи нав қадкашидаро панаҳ мекард. Дар шоху панҷаҳои навдаи дарахтони пир лонаҳои парандагон алвонҷ мехӯрданд. Яқин, солҳо боз лонаҳо бесоҳиб мондаанд, ки баъзеашон титу парешон шуда, аз зарби боду борон сӯроху кашол афтодаанд.

Як вақтҳо беша пури набототу ҳайвонот, гулу гиёҳҳои сершира буд. Аз пиёзи кӯҳӣ сар карда, то ҷамилаку субинак, пудинаву чукриву торон дар домани ҳамин кӯҳу дара ба чашм мерасид. Аз беша болотар, аз фарози кӯҳпора як банди даст барин об поён мерехт. Аҷаб оби тозаю шаффофе буд, ки аз нӯшиданаш сер намешудӣ. Қариб ҳамаи мурғону ҷонварон аз ҳамин шаршара об менӯшиданду ташнагӣ мешикастанд.

Чӣ шуду баъдтар ин бешаи озодро мамнӯъгоҳ ном ниҳоданду он рафта-рафта харобу валангор шуд. Мурғи даштӣ шоҳид аст, ки чӣ тавр бо омадани ҷангалбонҳо пою қадами одамон мавзеи ободу хуррам ба хок яксон шуд. Баъзе табиатдӯстон дар дохили беша хона сохта, муҳити табиатро халалдор сохтанд...

Онҳо нафаҳмиданд, ки ҳеҷ гоҳ инсон ба табиат пурра ғолиб намеояд ва ҳатто табиат метавонад як замоне интиқомашро аз инсон гирад. Вале ҳоло дар ин ҷо табиат ба сукут, андешаи дуру дароз рафтааст ва хомӯш аст. Зеро дар ҷангал неку бад паҳлӯи ҳам омадаанд ва ғаму шодиро якҷо мебинанд.

Мурғи даштии ҳайрону лолмонда ба атроф нигоҳ мекарду хомӯш мемонд. Ӯ дигар суруд намехонд, овозаш мисли пештара оҳангу шева надошт. Балки вақти нағмасароӣ фаҳмид, ки овозаш тамоман хастаю дилхарош гаштааст. Ин дам мурғи даштӣ ёди рӯзҳои гузаштааш мекард. Вай ҳамаи зову нишебӣ, пайраҳаю гузаргоҳҳои бешаро нағз медонад. Мурғи даштӣ ҳатто мефаҳмад, ки кадом дарахт умри чандсола дорад.

Акнун дар ин қади водӣ аз зебоӣ, гулу себарга, алафҳои доругӣ дарак нест, балки саросари бешаро найзору қамишзори

шикаста, титу парешон фаро гирифтааст. Аз луху ангат, арчазори худрӯй онсӯтар ҳавзи об ба чашм расид. Дар ҳавз мурғобиҳои сафед бенизом шино мекарданд. Онҳо бидуни иртиботе байни ҳам, хомӯш, мисли қаҳриҳо ҷониби соҳил майл доштанд. Кӯҳ мисли шиками дамидаи дардманде аз худ ҳаври бадбӯй бароварда, гӯё дар қаъри бетагаш асрори накушодаеро гӯр мекард.

Селоби мурғобиҳои сарсон ноилоҷ худро ба қади ҳавзи пурлой, ифлос кашида, дохили лою чал шуданд. Акнун ҳар кадом бо ҳавсала ба лой минқор зада, баргу пояи лух меканд. Мурғобиҳои гурусна дигар тарсу бим надоштанд, торафт ба лою чал ҷӯлида, ҳавзро аз боло ба поён мекофтанд...

Мурғи даштӣ ҳам сахт гурусна монда буд, аммо аз ҳирси талоши мурғобиҳои лошахӯр нафраташ омад ва бо қаҳр канори ҳавзро тарк карда, дарунтари ҷангал парвоз кард. Атрофро хомӯшу сард дида, аз шикорчӣ нишонае наёфт. Дилпур шуд, ки имрӯз шикорчӣ наметобад. Даме ки ба лонааш баргашт, ҷӯҷааш беқарорӣ дошт. Ҳайрон аст, ки чаро модараш соатҳои дароз беҳису ноҷунбон истода, ба фикру хаёл фурӯ меравад, овоз намебарорад, ӯро навозиш намекунад, балки дам ба дарун кашида меистад. Ҷӯҷаи навомӯхт сарашро тарафи модараш тофта ноз кард. Гумон дошт, ки ҳоло модар ӯро таги қанотҳояш гирифта, тефашро ба минқори нозукаш тоза мекунад. Баъд ҳарду якҷоя ба сайри ҷангал мераванд. Ин дам мурғи даштӣ яке бесаранҷом шуд. Танаш ларзид, аз тарс ҷӯҷаашро таги пар кард. Ӯ зуд бӯи боди борутро ҳис кард. Аз лонааш поинтар, наздики ҳавз нигоҳ кард, дид, ки шикорчӣ ғарами лухро яксӯ карда, ба ҳавз наздик мешавад. Аз бими ҷон мурғи даштӣ овози сахту ҷонкоҳе бароварда хост мурғобиҳои содаро огоҳ кунад. Аммо аллакай дер шуда буд. Садои даҳшатноки туфанг дар фазои дашт баланд шуду мурғобиҳо дар канори лойчал якпаҳлӯ афтиданд. Шикорчӣ ҳам бо шаст давида омад. Аз барори шикораш хурсанд шуда, саросема дохили ҳавз шуд. Дар рӯи об ҷисми хунолуди ду-се мурғобӣ алвонҷ мехӯрд...

Шикорчӣ метавонист бо ҳамин сайдаш – мурғобиҳои кушта, ба деҳа баргардад. Аммо ӯ нарафт, балки дарунтари беша рафта, ба камингоҳаш паноҳ шуд. Аслан шикорчӣ бо нияти

доштани мурғи даштӣ ба беша омада буд, аммо ин парандаи зеборо пайдо накард. Ҳоло ӯ аз куҷо медонист, ки дуртар паҳлӯи найзор мурғи даштӣ ӯро наззора дорад...

Мурғи даштӣ паси баргҳои анбӯҳ панохҳ буд. Акнун ӯ аз оянда сахт дар ташвиш буд. Дарки он ки авлоди мурғони нодир тамоман несту нобуд мешаванд, аламаш кард. Вале ин тарсу ҳароси ӯро чӯҷааш нафаҳмид. Ӯ аз куҷо медонист, ки дар ин водӣ аз авлоди мурғони даштӣ, ки ба Китоби Сурх дохил шудаанд, танҳо онҳо боқӣ мондаанду халос.

Мурғи даштии пир боз гузаштаро пеши рӯ овард. Нағз дар ёд дорад, ки чӣ хел мурғони даштӣ аз кишвари ҳамсоя ба ин диёр омаданд. Ба онҳо иқлими хушобу ҳаво, дашту дамани васеъ ва чаманистони сабзу хуррам писанд афтод. Ва мурғони даштӣ ин водиро ватани якумрии худ интихоб карданд. Он айём сарвари оилаи мурғон аз ин рафтори онҳо розӣ нашуд. Таъкид кард, ки оқибат аз ҷониби одамони ин сарзамин ба таъқиб гирифтор шуда, яксар нобуд хоҳанд шуд. Худи сарвари мурғон ба ватани аҷдодияш баргашт, аммо онҳо монданд, хостанд ба ин диёр ҳусн бахшанд. Дар кӯҳу дара нағмасарой карда, насли худро зиёд намоянд.

Вале омада-омада гапи ҳамон мурғи даштии батадбир рост баромад. Акнун ба тухми мурғони даштӣ қирон омад.

– Чӣ илоҷ, – андешид мурғи даштӣ. – Охир, мо ба одамон ягон бадӣ накардаем-ку? Чаро онҳо доим ба мо душманӣ мекунанд? Магар намефаҳманд, ки табиат бо ҳамин ҷонварону хониши парандагонаш зебост?...

Мурғи даштӣ аз ин фикру хаёлҳо хаста шуда, боз аз пайи наҷоти чӯҷааш шуд. Акнун ӯ бо минқор шоху навдаҳои хушки арчаро шикаста, атрофи лонаашро мустаҳкам мекард. Мехост то фаро расидани хунукиҳо як лонаи васеи аз чашми шикорчӣ дуртар бунёд созад, то дар он ягона чӯҷааш зиндагӣ карда, наслашро нигоҳ дорад. Мурғи даштӣ аз рӯи таҷрибаи андӯхтааш бо тамоми маҳорату санъат лона сохт. Акнун лонааш аз табиат, ранги гулҳо фарқ надошт ва онро одамизод дарров пайхас намекард. Рӯз нисф нашуда, аллакай лона тайёр шуд ва мурғи даштӣ чӯҷаашро танҳо монда, худ болотар, миёни қади дара парвоз кард ва омада яке болои дарахти ангат нишаст. Акнун ӯ

бо ҳавас ба атроф чашм дӯхт. Ҳарчанд чандин сол боз беша макони мурғи даштӣ аст, боз вай онро дӯст медораду ҳеҷ аз табиат дил канданӣ нест.

Ҳар дафъа онро зеботару дилҷӯтар мебинад. Ҳайрон мешавад, ки чаро ин зебоиҳо ба чашми одамизод наметобад. Мурғи даштӣ аз лонаи сохтааш дилпур буд, ки дигар ғами шикорчии баднафсро аз сар дур кард. Ниҳоли ангат бо баргу пояи худ мурғи даштиро хаёле дар оғӯш кашида, ӯро аз чашми бегона паноҳ дошт. Аслан ангат ниҳоли бахосияту барои мурғи даштӣ хеле азизу муқаддас аст. Охир, мурғи даштӣ дар ҳамин беша, зери ҳамин ниҳоли худрӯй ба дунё омад, калон шуд, тариқи парвоз омӯхт.

Он айём дар беша аз ҳама зиёдтар мурғони даштӣ буданд. Ҳар рӯз села-села мурғон дар болои дара парвоз карда, суруд мехонданд. Дигар парандаҳо, аз қабили мусичаю қумрӣ, гунҷишку майна бо ҳасад ба селаи мурғони даштӣ нигоҳ карда, аз сарҷамъии онҳо тааҷҷуб доштанд. Мурғони даштӣ аз ширaи гулу гиёҳҳо хӯрда, бо хониши зебои худ ба водӣ ҳусн мебахшиданд. Аммо ин шукуфоӣ ва ваҳдати мурғони даштӣ ба сарашон боз бало овард. Балои осмонӣ не, балки балое, ки онро одамизод кашф карда, ба беша расонд ва аз тири камону шикори бераҳмонаи одамон мурғони даштӣ низ кам шудаанд. Инсоният фаҳмид, ки гӯшту авғани мурғи даштӣ аз ҳамаи ҷонварон болаззаттар будааст. Акнун шабу рӯз мурғони даштиро шикор мекарданд. Дар ин дашту ҷангал мурғи даштӣ овора асту мисли пештара дар фазо озодона парвоз намекунад, балки бо мушкилоту азоби алим дар атроф, дар ҷангали васеъ, ки имрӯз барояш танг шудааст, пинҳон шуда мегардад. Мурғи даштӣ аз шохаи ангат парида, ба поён нигоҳ кард. Ба пасхамӣ миёни арчаҳои худрӯй нишаста, дид, ки нисфи қади зов ба харобазор табдил ёфтааст. Аз ҷангали пештара қариб ному нишоне нест. Одамон барои ҳезум ҳамаи дарахтонро саросар буридаанд. Аз ғарами кундаву реша, шохаҳои шикаставу нимсӯхта мурғи даштиро даҳшат зер кард. Ноилоҷ ҳавои атрофро чуқур нафас кашид, то фаҳмад, ки аз кадом ҷониб бӯи одам, бӯи шикорчӣ меояд, вале ба димоғаш ҳеҷ гуна бӯи одамизод нарасид. Аз дил гузаронд, ки шикорчӣ шояд ҳилаву

найранги наве бофта баровардааст. Оқибат мурғи даштиро табиати вайрон, дарахтони ҳасратзада дилгир кард...

Наход, одамизод ақаллан ба офаридаҳои табиат раҳм накунад. Хайр, моро-ку барои гӯштамон шикор мекунанд, фикр кард мурғи даштии пир, – нисбат ба табиат чаро ин қадар бетараҳҳум аст инсон?!

Атроф ҳамоно хомӯшу бесадо метофт. Адирҳо, қади зову кӯҳпораҳо мисли сари бо поку тоза тарошида лучу урён буданд. Баҳор ин ҷо чӣ қадар зебо, мунаққаш мегашт. Дар баҳорон баъзе парандаҳои муқимӣ муваққатан гашта меоянду тӯю тамошо мешавад ва боз атрофро қиву ҷув, хониши парандаҳо пур месозад. Ҳоло ҳамааш сӯхтаву фано гаштааст. Офтобу гармии тамузи фасли тобистон ҳукм ронда, рустаниву буттаҳоро бармаҳал хушк кардааст. Аз гармии тоқатфарсо ниҳолони санҷиту ангат мисли мӯйсафеде, ки асои худро ба замин кӯфтааст, хам хӯрдаанд.

Мурғи даштӣ ба ёд овард, ки соли гузашта дар гӯшаи дашт хаймае пайдо шуду баъд гурӯҳи одамон дар сурати табиатшинос ба таҳқиқи беша шурӯъ намуданд. Онҳо гурӯҳ-гурӯҳ шуда, дар қади дара, нишебу пуштаҳо аланг-саланг, беҳуда хеле гаштугузор намуда, ба дафтарҳои худ чиҳое навиштанд. Шоху навдаҳоро шикаста, бо ҳар гуна пурбину асбоби ченкунак аз назар гузарониданд. Ҳангоми тарзи ҳаёти парандагонро мушоҳида кардан онҳо низ ғайричашмдошт ошиқу гирифтори мурғони даштӣ шуданд. Акнун ҳар рӯз ҷангалбон ноилоҷ ду-се мурғи даштӣ шикор карда, барояшон хӯрок мепухт.

Мурғи даштӣ аз чунин муносибати одамони шаҳрӣ, ки якбора дигар шуданд, дар тааҷҷуб афтода, намедонист, ки ҳамаи инро сабаб чист. Акнун мурғи даштии пир ҳамаашро аниқ медонад, ки аз онҳо ба зоти мурғон ягон фоида нест, балки зарару зиён мерасаду халос. Онҳо тирамоҳи ҳамон сол ба ин ҷо як озмоишгоҳ – мошини сайёр низ оварданд. Ҳар рӯз аз дохили озмоишгоҳ ду-се нафар ба беша омада, мурғони даштиро мушоҳида мекарданду баъд бегоҳӣ худашон пинҳонӣ ба шикор даст мезаданд. Шаби дароз дар озмоишгоҳ базми майнӯшӣ, рақсу бозӣ ороста мешуд даҳҳо мурғон қурбон мегардиданд. Боз касофат омад. Охири ҳамон сол гурӯҳи дигар

ба муоинаи бузҳои кӯҳӣ сар карду беша ба коми нестӣ афтод. Акнун бузҳои нодир низ ба балои азим гирифтор шуданд. Дегҳои калон аз гӯштбирён пур мегардиданд. Одамонро гӯштхӯрӣ ба дил зад, ки боқимондаи гӯштро ба қади дара мепартофтанд. Қад-қади беша аз устухонҳои бесоҳиб пур шуд. Дигар бузҳои кӯҳӣ низ амон надоштанд. Ҳамин ки аз чор-панҷ фарсах роҳ дуртар суроби одамро диданд, як илоҷ карда дар ягон ғор ё домани кӯҳпорае панаҳ мешуданд.

Он айём дашт ба мотамхонаи ҷонварон, бузҳои нодир табдил ёфт. Аз фиғону нолаи ҳайвонот ба дили ранҷури мурғи даштӣ тарсу ҳарос афтод. Аҷабаш омад, чаро худи ҳамин одамон буданд, ки чанд сол пештар гурӯҳи бузҳои нодирро бо сад машаққат аз кадом давлати ҳамсоя оварда, ба беша сар доданд, то онҳо ба шароиту иқлими минтақа одат кунанду шумораашон зиёд шавад. Имрӯз боз худи онҳо баргашта омада, бо баҳонаи санҷиш шикорро ба роҳ мондаанд...

Мурғи даштӣ ҳар дафъа аз кору амали одамон ҳайрон мемонад: чаро инсонҳо ба заҳмату ранҷи худ беэътиноӣ мекунанд? Чаро ободмекунанду баъди чанд сол боз гашта онро вайрон мекунанд? Мурғи даштии пир гузаштаи авлодашро ба хотир оварда, афсӯс хӯрд, ки дар вақташ гапи модарашро нагирифту ин маконро тарк накард. Модараш мегуфт: Намебинӣ, чанд насли моро инсон хонагӣ кард? Ҳоло як авлоди мо хонагӣ шуда, дигар ба ҷангал намеояд. –Чӣ хел? – пурсида буд он вақт мурғи даштӣ. Модараш ба қаҳр афтод, ки ана ҳамон мурғон оқибат хонагӣ шуда, аз боли парвоз монданд. Ҳоло танҳо тухм карда метавонанду халос. Наход моро ҳам хонагӣ созанд?

– Кӯшиш доранд, ки хонагӣ шавем. Бин, аллакай ҳамроҳони мо баъзеашон дар қафас умр ба сар мебаранд. Одамон ҳоло ҳам ҳаракат доранд, ки ҳама намуди мурғҳоро хонагӣ ва мутеи худ созанд. Ҳар сол села-села мурғонро ба боғҳои ҳайвонот мебаранду сар медиҳанд. Оқибат онҳо дар паси панҷара, дар хориву зорӣ ҷон медиҳанд.

Мурғи даштии пир, ки соҳиби таҷрибаи бой буд, ҳоло ҳам ба тавоноӣ, бузургиву доноии одамизод шубҳа дошт. Танҳо баъди ба лонааш баргаштан фаҳмид, ки хатои сахт карда буда-

аст. Ӯ лонаашро холиву вайрон дида, фиғонаш баромад. Худро ба хоку санг зад, ҷароҳат ёфт, вале аз чӯҷааш нишоне наёфт. Дами рӯз мурғи даштӣ ба анбӯҳи ангатзор парвоз карду яке нигоҳаш ба шикорчӣ афтод. Дид, ки чӯҷаи дӯстдоштааш дар кафаси шикорчӣ талвосаю беқарорӣ дорад. Ин вақт шикорчӣ намедид, ки чӣ тавр чӯҷаи мурғи даштӣ худро ба танаи қафас зада, роҳи наҷот мекобад.

... Мурғи даштӣ оқибати корро фаҳмид, донист, ки аз дасти бешафқати шикорчӣ халосӣ нест. Акнун ӯ танҳо ғами фарзанд, чӯҷаи навомӯхт ба сар дошт. Агар худашро нишон диҳад, яқин ҳадафи тири шикорчӣ қарор мегирад. Мурғи даштӣ девонавор баланду паст парвоз карда, яке овоз баровард. Чӯҷаи навомӯхт овози модарашро шинохту бесаранҷом гашт. Худро ба чор тарафи қафас зада, аз ғояти тарсу ҳарос даҳонаш боз шуда, дилак мезад. Мурғи даштии пир дар болои сари шикорчӣ тоб хӯрда, боз дур мешуд. Ӯ аз он ки ба чӯҷааш ёрӣ дода натавонист, ба худ печиду болҳояшро паҳн карда, фарши замин шуд. Селаи гунҷишкакон ин ҳолро дида, аз тарс шавқункунон парешон шуданд. Шикорчӣ афтидани мурғи даштиро дида, аз шодӣ қафасро партофта, аз қафои паранда давид. Вақте ки шикорчӣ фашшаскунон, бо дами гирифта, забонаш ба комаш часпида нав ба мурғи даштӣ наздик шуд, нохост мурғи худро мурда вонамудкарда аз ҷояш парида, ба дуртар парвоз кард. Шикорчӣ ҳанӯз умедашро наканда буд, ки боз аз қафои мурғи даштӣ рафтан гирифт. Танҳо баъде ки мурғи даштӣ тамоман нопадид шуд, шикорчӣ хатояшро фаҳмида, саросемавор ақиб гашт.

Шикорчӣ пакару маломатзада, афсӯсхӯрон ба қафас наздик шуда, чӯҷаи мурғро пайдо накард. Бо алам қафасро зада шикаста, худро танбеҳ дод. Яке дуртар дар сари теппа мурғи даштиро бо чӯҷааш дид. Милтиқи бетирро песонда, аз замин санг гирифта, ба сӯи мурғон ҳаво дод. Акнун шикорчӣ дар миёнаи дашт ҳайрону лол чӣ кор карданашро намедонист.

Ин вақт мурғони даштӣ дар иҳотаи гунҷишкакон парвоз доштанд. Онҳо дигар аз шикорчӣ наметарсиданд ва сурудхонон ба манзили пештараи худ бармегаштанд.

# ГОВИ ЯКРАВ

Баъди марги холаи Раҳима модагов яку якбора дигар шуд. Бовар кунед, бачаҳои азиз, ман пештар медидам, ки гови пир чӣ гуна орому осуда буд. Дар рӯи ҳавлӣ, алафро кавша карда, лаҳзае аз соҳибаш – холаи Раҳима ҷудоӣ надошт.

Кампир ҳам онро меҷӯшиду ҳам обу алафаш медод. Модагов ба ғайр аз холаи Раҳима дигар касеро наздикаш намемонд.

Як ҳафта боз гов безобита, ҳаросону қаҳролуд аст. Гоҳе ба ёди соҳиби бовафояш баоси боаламе кашида, ба замин пой мекӯбад. Гӯсолаи худсолашро низ хаёле фаромӯш кардааст. Коҳу об ҳам намехӯрд. Якравии модагов ҳиҷ тамом намешуд. Баъди як-ду рӯзи дигар гӯсолаашро низ ба наздаш роҳ намедодагӣ шуд. Акнун макондани гӯсолача ва дӯшидани модагов тамоман мушкил гашт.

Чанд маротиба ҳаққу ҳамсояҳо хостанд говро бо роҳи зӯрӣ мутеъ созанд. Лекин модагови пуртаҷриба дарзамон чизеро мефаҳмид, ки думашро ҳода карда чор тараф метохту гардан намефуровард.

Як рӯз соҳиби ҳавлӣ бо дӯстонаш нохост ба модагов ҳуҷум карда, ғайричашмдошт онро ба замин афтонда, дасту пояшро маҳкам бастанд. Келини хона аз тарсу ваҳм ба модагов наздик нашуд. Барои он ки шири гов ба замин нарезад, говҷӯш лозим буд. Говҷӯше, ки модагов ӯро роҳ диҳад. Ин дам духтари хурдии холаи Раҳима, ки чанде пеш шавҳар карда буд, дар ҳавлӣ пайдо шуд. Бо дидани рӯи духтарак нигоҳи модагов дигар хел шуд. Акнун ҳайвон оҳиста-оҳиста нафас кашида, нигоҳи имдодҷӯёнаашро аз бонуи шинос намеканд.

Духтари раҳматӣ чизеро фаҳмид, ки омада говро ҷӯшид. Сатили пурширро ба гӯшае гузоштанд. Вақте ки банди пои говро кушоданд, ҳайвон орому осуда метофт. Аҷаб, вай назди гӯсолааш нарафт, балки пеши бону омад. Дастони ӯро лесида баос кард.

## ГУРБАИ ГУРУСНА

Гурбаяк ҳайрон аст. Як рӯз боз дав-давон дар ҷустуҷӯи модарҷон аст. Гурбаяк чор тараф медавад. Намедонад куҷо, назди кӣ равад, суроғаи модарашро пурсад.

Мияв-мияв. Очаҷон. Гирякунон мерафту гуруснагӣ азобаш медод. Гурбаи майдаяк аз миёни буттаю ниҳолак гузашта, қади роҳ расид, бо сад умед ба одамон нигоҳ кард. Дид, ки касе ба ӯ таваҷҷӯҳ надорад, ҳайрон шуд, ҳиҷ ақли кӯдаконааш намегирифт, бо суолаш посух намеёфт. Чаро инсонҳо низ ӯро намебинанд. Охир, ман гуруснаам, фикр кард гурбача...

Худашро таги пои чанд роҳгузар бурд, зада дураш карданд. Ноилоҷ гашт. Аммо гуруснагӣ ҳолашро ба танг овард. Садои раҳмовари мияв-мияв Обидҷони шашсоларо назди гурбача овард. Обидҷон зуд аз хонааш шир овард. Пишакча бо харосу тааҷҷуб резаҳои нону ширро фурӯ бурд. Гурбачаи аллакай нимсершуда дигар нигоҳашро аз Обидҷони хурдакак намеканд.

Гурбача ҳайрон буд, ки чӣ тавр ин писараки сода гуруснагии вайро фаҳмиду калонсолҳо не. Гурбачаи майда суолҳои бисёр дошт. Мехост аз Обидҷон дар бораи одамон, рафтору кирдори онҳо пурсон шавад. Аммо намедонист чӣ гуна ӯро фаҳмонад. Дилу бедилон аз қафои Обидҷон равон шуд. Бовар дошт, ки соҳиби наваш ҳаргиз ӯро озор намедиҳад ва гуруснаaш намегузорад...

## ЛОНАИ МУСИЧАҲО

Каримҷон ҳар саҳар бо садои хушу гуворои «ку-ку-ку»-и мусичаҳо аз хоб бедор мегашт. Пеш аз мактаб рафтанаш як бор ба лонаи мусичаҳо, ки дар тоқи болохона ҷойгир буд, назар афканда, бо дили пур дастурӯй шуста, баъди чойнӯшӣ мактаб мерафт. Ин саҳар Каримҷон овози шиноси «ку-ку-ку»-и мусичаҳоро нашунид. Дилаш яке ганда шуд. Бо хотири парешон зуд ба тоқи болохона нигоҳ карду дуд аз димоғаш баро-

мад. Қариб гиря кунад. Кадом дилсиёҳе хасу пахолҳои лонаро партофта, онро вайрон кардааст.

Каримҷон дигар мусичаҳоро надид. Фаҳмид, ки онҳо аз одамон сахт ранҷидаанд. Чӣ разилӣ, – фикр кард ӯ. Магар ин парандаҳои беозор ҷон надоранд? Онҳо ба одамон чӣ бадӣ кардаанд, ки чунин ҷазо диданд?

Имсол баъди боронгариҳо ҳаво гарм шуд. Як саҳарӣ ҳанӯз офтоб набаромада буд, ки Каримҷон овози шиносеро шунид. Аз ҷояш як қад парида хест, «ку-ку-ку»-и мусичаҳои шинос чун оҳанги ошное ӯро берун овард. Каримҷонро ҳеҷ бовараш намеомад. Мусичаҳо паст-паст парида, ба тоқи болохона хасу пахол мекашонданд. Писарак ба лонасозии мусичаҳо зеҳн монда мехост фаҳмад, ки оё азми онҳо қавист. Дид, ки бо ҳавас лонаи худро дуруст мекунанд. Аз дил гузаронд инсонҳоянд, ки ба якдигар кинаву адоват, ҳисси қасосгирӣ мепарваранд, аммо ҷонварону парандагон асло кина намегиранд. Боз хона месозанд, «ку-ку-ку»...

## ШИКОРИ РӮБОҲ

Аз ин воқеа чанд сол гузашта бошад ҳам, он ҳеҷ аз хаёлам намеравад. Ҳамин ки дар бораи рӯбоҳ ҳарф занам, ё афсонаи «Рӯбоҳи ҳилагар»-ро шунавам боз он воқеаи мудҳиш пеши назарам меояд.

Ин дам мехоҳам ба одамон фаҳмонам, нидо кунам, ки ин мо – инсонҳоем, ки рӯбоҳро ҳилагару морро газанда ва хирсро бефаҳм гуфтаем.

Он рӯзи наҳс бо дӯсти шикорчиям дар паҳнои дара мегаштем. Дар ин марғзор диққати маро бештар гулу буттаҳо, ниҳолакони зебо, чашмаҳои мусаффо мекашиданд.

Гоҳ-гоҳе ба суханҳои шикорчӣ гӯш медодаму ҳайрон мешудам. Ӯ исбот карданӣ мешуд, ки шикор кайфияту ҳаловати хосса дорад. Нав аз хамгаште мегузаштем, ки ногоҳ шикорчии рафиқам худашро паҳлӯи санги азиме руст карда, маро таъкид намуд: ин ҷо бошам...

Бинам, дуртар рӯбоҳи зардчатобе, ки қариб ба саг монанд

аст, ҳамроҳи бачаҳош бемалол сайругашт дорад. Рубоҳ чунон зебо роҳ мегардад, ки ҳаваси кас меояд. Ҳамон вақт низ беихтиёр афсонаи халқии «Рӯбоҳи ҳилагар» ба хотирам расиду ҳайрон шудам. Ҳис накардам, ки чӣ гуна шикорчӣ рӯбоҳро ба нишон гирифт.

Танҳо, даме ки садои тир ба атроф ғулғула андохта, хомӯширо халалдор намуд, ба худ омадам. Шикорчӣ хурсандона аз ҷояш хеста, пеш давид. Дидам, ки рӯбоҳ дар хун ғарқ шуда печутоб мехӯрд. Мехост фарзандонашро наҷот диҳад. Хун ҳамоно аз бари гарданаш ҷорӣ буд. Дӯсти шикорчиям маро низ ба онҳо наздик мебурд. Рӯбоҳбачаҳо бо гиряву нола модарро бӯй кашида, ночор рӯ ба гурез ниҳоданд.

Ҳангоме ки ба назди рӯбоҳи захмин расидем, манзараи мудҳише ошкор шуд. Рӯбоҳ дар хуни худаш тапида, тоб мехӯрд, фукашро ба замин зада, нияти хестан мекард. Шикорчии беинсоф яку якбора бо камони дасташ ба фарқи сари рӯбоҳ кӯфта нидо кард:

– Бин ин лаънатиро, чӣ хел фиребгару айёр аст. Агар ҳозир накушемаш, боз гурехтанаш мумкин.

Ин лаҳза ҳис кардам, ки на рӯбоҳи захмини дар хоку хун ҷӯлида, балки шикорчии беинсоф ҳилагар будааст. Ҳилаи шикорчӣ ҳазору як маъно дошт, маълум набуд, ки рӯбоҳро барои пӯсташ шикор кардааст ё барои овозаю дарвозааш. Шикорчӣ хунсардона чашм ба манзараи ғуссабарангези ҷонкании рӯбоҳ дӯхта, зери лаб батакрор мегуфт: «Оҳ, рӯбоҳи ҳилагар-е!»

## НАХЧИР

Баъди зимистони сербарф ҳаво кам-кам мӯътадил мегашт. Дар миёни талу шаххҳои дара алафҳои худрӯй сар кашида, обҳои нуқрафоми чашмаҳо якмаром ҷорӣ буданд. Нахчир ба ягон-ягон қуллаҳои барфпӯш нигоҳкунон аз дил гузаронд, ки ҳоло ҳам хунукӣ ҳукмфармоӣ дорад. Нахчир аз хавфи сармо торафт поёнтар хамбида, мехост дар як ҷои офтобрас дам гирад ва тану ҷонашро гармӣ бахшад.

Ҳини роҳгардӣ ҳис кард, ки ҳанӯз ҳам аз сару рӯяш бӯи хунукӣ меояд.

Ин зимистон чӣ қадар азоб кашид. Барфу боронгарӣ аҳволашро сахт бад карда буд. Гуруснагию танҳоӣ қариб ҳалокаш мекард. Вале нахчири ботаҷриба миёни анбӯҳи барф низ ризқу рӯзияшро пайдо намуд. Бо фукаш барфро бероҳа карда аз таги барф гулу гиёҳҳоро пайдо мекард. Рӯзҳои дароз ба пӯстлох ё решаи ниҳоле қаноат менамуд.

Нахчири шалпару лакот ба илоҷе, дар поёнтари ёна ҷои гарм пайдо кард. Аз мавзеи ёфтааш хушаш омад. Чор тараф сабзу хуррам метофт. Офтоб низ қади як найза баланд гашта, бадани нозуки ҷонварро хаёле ба оғӯш кашид. Нахчир дароз кашида каллаашро миёни пойҳояш монда роҳат дошт. Осуда нафас мегирифту аз мӯъҷизаи табиат ҳайрон мешуд.

Аҷоиб, болотар хунукӣ, барф, ин ҷо гармӣ, офтоб. Вале дар ин макони хуррам ҷондоре ба назар намерасад. Аз дур гоҳ-гоҳе овози кабке шунида мешуду халос. Дили Нахчири танҳо ғамгину ошуфта гашт. Замоне ин ҷо макони бузҳои кӯҳӣ, рӯбоҳу шағол ва ғизолон ба шумор мерафт. Он замон Нахчир хушбахт буд. Хаёл мекард, ки то охири умраш бо галаи бузҳои озоду бепарво дар миёни ҳамин хел гулу гиёҳ, сабзаву себарга давутоз карда мегардад...

Нахчир боз хунук хӯрд, дид, ки гармии яклаҳзаина аллакай гузаштааст. Бо дили нохоҳаму қалби реш-реш аз ҷояш нимхез шуд. Мисли пештара шоду мағрур набуд. Эҳа, он замонҳо бо омад-омади баҳор хаёле маст мегашт. Масту хумори табиати дилфиреб ва ёрони бовафояш. Давутоз карда, аз шавқ аз санг ба санге меҷаҳид. Оромӣ надошт. Чунки дар ҳаракату давидан бахташро меёфт. Ҳоло ӯ дигар қудрати давутоз надошт. Каллаи вазнинашро базӯр ҷунбонд, фаҳмид, ки тез пир шудааст. Пашми рехта, як шохи шикаста ва захмҳои ҷо-ҷои бадани нахчир аз он гувоҳӣ медоданд, ки вай замоне чусту чолок, нотарс будааст. Ҳамаи саргузашташро нахчир дар ёд дошт. Агар забон медошт, чӣ нақлҳои талху ширине мекард. Аз рӯзгори бузҳои кӯҳӣ, оқибат нестшавии онҳо, шикори бераҳмонаи одамон накл мекард. Магар инсонҳо ба нақлу ҳикояҳои вай бовар мекарданд, асло не!

Нахчир худаш кӣ? Чаро забон баровардa гап мезадааст. Кӣ ӯро ҳуқуқ додааст, ки одамонро муҳокима намояд.

Нахчир ҳамаи инро аз дил гузаронида тааҷҷуб мекард. Ҳайрон мешуд, ки на ҳама бошандагони олам ба якдигар баробаранд. Чаро ба одам шикору куштор, бероҳагӣ мумкин будааст, ба дигар мавҷудот не!

Ин дам нахчири гурусна хост дарунтари марғзор раваду аз алафҳои нав аз хок саркашида шикамсерӣ хӯрад ва кӯфти хастагияшро барорад, ки нохост овози шиносе ба гӯшаш расид. Болотар баромада, аз баландӣ бо дидаи ҳасрат ба поён, ба нишебиҳо нигоҳ кард.

Чашмаш яке ба хаймаи навсохтаи одамон, сагҳои гизала, молу гови деҳа афтоду дамаш дарун афтод. Аз аламу дард ҳалқаш сӯхт, авзоаш беҷо шуд, сари калобаашро гум кард. Ва мисли ҳайвони моргазида беқарору ҳайрон гашт. Нахчир пештарҳо низ аз одамон сахт тарсу ҳарос дошт. Ҳамин ки ба одамон рӯ ба рӯ мешуд, ҳастияшро фаромӯш мекард. Ҷонашро ба каф гирифта як тараф мегурехт. Ҷонвар яқин медонист, ки маҳз ҳамин махлуқи зираку доно сабабгори нест шудани авлод, насли вай гаштааст.

Ҳо, инҳо бо ин доноӣ, нописандии худ ба сари дигар мавҷудоти табиат ҳам балоҳои зиёде меоранд...

Охир куҷост он галаи бузҳои кӯҳӣ, оҳувон, ҳатто дигар парандаю чаранда низ ин макони як вақтҳо хурраму ободро кайҳо тарк намудаанд. Ҳамааш ба айбу гуноҳи инсон аст, фикр намуд нахчир. Ба ин гуна хулоса баровардан нахчир ҳақ ҳам дорад...

Охир, ҳамин одамон буданд, ки бо расидани пою қадамашон чашмаҳои ин мавзеъ тамоман хушк гашта, ниҳолакон аз нумӯ, сабзиш монданд. Ин макони зебои кӯҳистон, ки ватани азалии ҳайвону чарандагони нодир буд, рӯ ба вайронӣ овард. Одамон тамоми ҳайвонотро бераҳмона аз як сар несту нобуд намудаанд. Нахчир аввалҳо аз ин амали онҳо ҳайрон мешуд. Андеша мекард, ки шояд барои куштани ҷонварон зарурате пеш омада бошад ё онҳо барои табиат бори зиёдатианд. Аммо хеле баъдтар фаҳмид, ки ин хаёлаш тамоман ботил будааст...

Дид, ки одамон барои як лаҳзаи кайфу сафо ҳаргиз ба мавҷудоти зинда раҳму шафқат надоштаанд. Одамон солҳост, ки ин маконро ғорату хароб мекунанд. Аз дасти онҳо дар ин мавзеъ дигар на паранда мондаасту на чаранда. Насли галаи бузҳои кӯҳӣ тамоман нест шудааст...

Акнун аз авлоди бузҳои кӯҳӣ ҳамин нахчир мондаасту халос. Бо омадани баҳори нозанин ҳар сол ин ҷо одамон боз пайдо мешаванд, гову мол бонӣ карда, гармиҳои тобистонро ҳамин ҷо мегузаронанд. Аз саҳар то дами бегоҳӣ аз дохили хаймаҳо танҳо садои мусиқӣ, фарёду фиғон ба гӯшаш мерасад. Онҳо худро шоҳи табиат дониста, дигар мавҷудот, парандаю хазандаро назарашон намегирад, андешид Нахчир...

Хайрият, баъди гузаштани ҳар баҳор ягон одам дар ин макон намемонад. Нахчир худ ба худ суол медиҳад, ки чаро одамон маҳз баҳор ба ин минтақа меоянду халос. Ин давра аз кӯҳистон чукрӣ, торону алафҳои доругӣ ҷамъ карда, хуб шикор мекунанд. Ҳамин ки фасли зебои сол гузашт, дигар моҳҳои дароз, айёми хунукиҳо касе ба ин ҷо пою қадамашро намегузорад.

– Чаро зимистон одамон кӯҳистонро фаромӯш месозанд? Ин давра кӯҳҳои барфпӯш зебоянд-ку. Шояд одам тоқати хунукӣ надошта бошад, – меандешид Нахчир...

Нахчир хиҷилу дардманд ноилоҷ каме равуо намуда, боз ба хаймаи шинос назар кард. Чашмаш нохост ба туфанги думилаи овезони паҳлӯдарии хайма афтод. Аз дидани камон пашми бадани нахчир хест ва ноаён ларзид. Чӣ будани туфангро надонад ҳам, борҳо мушоҳида кардааст, ба чашмони худ дидааст, ки маҳз ҳамин чиз, садои ногаҳонии вай даҳҳо ёронашро аз пой афтонида, оғӯштаи хоку хун намудааст. Он вақтҳо туфанг доим дар дасти даҳмардаи сурхинарӯй буд. Даҳмарда ба галаи бузу гӯсфандони хоҷагӣ кам эътибор дода, доим аз пайи шикори бузҳои кӯҳӣ мегашт.

Ҳамин ки чӯпони калтариши сурхина бо туфанги сари китфаш овезон дар қади дара пайдо мешуд, бузҳо аз тарси ҷон ба чор тараф фирор мекарданд. Аз ин гурезогурези ҷонварони рамида даҳмардаи беғам завқу ҳаловат бурда, онҳоро як-як ба нишон мегирифт. Дар ин паропар, албатта ду-се бузи кӯҳӣ

ҳалок мешуд. Даҳмарда бо ин ҳам қаноат накарда, боз аз пайи таъқиби ҳайвонот мешуд. Мисли саги бӯйгир паси ҳар сангу буттаро хабар мегирифт. Аз тарс дигар кабкҳо овоз баланд намекарданд. Ягон ҷонвар ҳаракат надошт, парандагон майли парвоз надоштанд. Онҳо мунтазир буданд, оқибати шикори даҳмардаи сурхинаро.

Бузҳои кӯҳии ташнаи об метарсиданд, ки поён хамбида аз ягона чашмаи ин дара об нӯшанд.

Дар шафати чашма даҳмарда бузҳои сайдкардаашро пӯст меканд. Танҳо баъди ду рӯз, вақте ки даҳмарда ба назди галаи бузу гӯсфандҳои хоҷагӣ баргашт, чонварон барои обнӯшӣ наздик омаданд. Бузи кӯҳӣ ҳини обнӯшӣ дид, ки шумораи ҳамроҳонаш рӯз то рӯз кам шуда истодааст. Гуруснагӣ, шикорҳои пай дар пай ба тухми онҳо қирон меорад...

Бузи кӯҳӣ ҳоло он рӯзҳоро ба хотир оварда намедонад чӣ кор кунад, ба куҷо равад. Ба кӯҳу камар баргаштан бефоида аст. Он ҷо дигар на хӯрок ҳасту на долу дарахт ва на гулу гиёҳ. Ҳатто аз ягона ҷои обнӯшӣ, чашмаи як вақтҳо нуқрафоми хунук маҳрум шудаанд. Аз дасти шикорчиён ва дому найрангҳои онҳо дар ин гирду гӯша амон нест...

Бузи кӯҳӣ гашташро суст карда ошуфтаю парешон дар миёни талу пуштаҳо хеле давр гашт. Ин дам ҷонвари ҳайронро танҳо як фикр азоб медод.

– Чаро насли моро бузи кӯҳӣ мегӯянду ҳадафи шикор қарор медиҳанд? Охир, бузҳои хонагӣ ҳам аз авлоди мо ҳастанд-ку! Шояд бо айби одамон онҳо аз ватани аслии худ, кӯҳу камар ҷудо шуда, деҳотӣ шуда бошанд. Галаи бузҳои дар ихтиёри чӯпони калтариш бударо намегӯӣ. Доим дар тарсу ҳаросанд. Дигар ин бузҳо озодона дар кӯҳистон намегарданд, балки то дами марг дохили оғилу хонаҳои маҳкам азоб мекашанд.

... Ташнагӣ, гуруснагӣ торафт аҳволи ҷонварро ба танг меоварад. Бузи кӯҳӣ ноилоҷ монда буд, вале ғурури рӯҳи озодипарасташ намегузошт, ки маконашро тарк созад. Оқибат ноилоҷ монду бо дили нохоҳам ба поён, ба одамон, дуртар ба галаи бузҳои хоҷагӣ бо ҳасрат нигоҳ кард. Онҷо, миёни марғзори сералаф бузҳо бепарвоёна мечариданд. Даҳмардаи калтариш дар ҳавои кушоди пешорӯи хаймааш роҳат дошт.

Шамол ба машоми бузи кӯҳӣ аз миёни майдони алафзор бӯи ҳамҷинсонашро расонд. Ҳиссиёти баланди шунавоӣ ва биноӣ бузро маҷбур намуд, ки пеш равад. Таккабуз ба оҳистагӣ аз зери буттаҳо, сангҳо гузашта торафт ба чарогоҳ наздик мешуд.

Бузи кӯҳӣ роҳравон фикр кард, ки ҳамҷинсонаш ӯро мефаҳманд. Охир, мо аз як авлодем-ку. Назди онҳо мераваму ақаллан шикамамро сер мекунам. Ҳамин ки сер шудам, боз баргашта ба боло, ба камари кӯҳҳо меравам ва дар як ҷои шамолпаноҳ шабро рӯз мекунам. Бузи кӯҳӣ нобоварона оқибат назди бузҳои қишлоқ омад. Ба онҳо ноаёнякҷоя шуда, ба чаридан даромад. Бо ҳавас мечарид, ки яке серкаи гала аз куҷое пайдо шуда ба ӯ дарафтод.

Бузи пешрав, серкаи гарданшах аҳволи ӯро ба танг овард. Вай бӯи бузи бегонаро ҳис карда, зуд ҷангӣ шуд. Шохҳои тобу печхӯрдаи таккабузи пир дар як дам ба бадани буз бархӯрданд. Бузи кӯҳӣ рақибашро ба пушт хобонда, хост корашро тамом кунад, ки дилаш нашуд.

Серкаро сар доду ба атроф нигоҳ кард. Дид, ки дигар бузҳои хонагӣ ҳам ӯро чашми дидан надоранд. Бузи кӯҳӣ намедонист, ки чӣ гуноҳ кардааст. Чаро ӯро худи ҳамҷинсонаш роҳ намедиҳанд?

Ин дам яке чашми чӯпони ҷавонтар ба бузи кӯҳӣ афтод. Ӯ оҳиста-оҳиста ба буз наздик шуд. Аввал бузи кӯҳӣ хост гурезад, вале имою ишорат, даъвати чӯпонбача ӯро далер кард. Зорию тавалло, нигоҳи хайрхоҳона хушаш омад. Дид, ки вай мисли даҳмардаи калтариш камон надорад ва бадхашм ҳам наметобад.

Ӯ ба содагӣ боз ба одамизод бовар намуд. Ҳиҷ ба гӯшаи хаёл намеовард, ки инсон метавонад ҳар лаҳза ӯро фиреб диҳад. Чашмаш ба пораи нони кафи дасти чӯпон афтод. Дилпур шуд, ки чӯпон ӯро кӯмак кардан мехоҳад. Бузи кӯҳӣ бо тарсу ҳарос ба чӯпонбача наздик шуда, хост пораи нонро гирад, ки нохост дастони боқуввати вай аз шохҳояш доштанд. Пеши чашмони бузи кӯҳӣ сиёҳ гашту пойҳояш бемадор шуда, мувозинаташро гум кард.

Чӯпонбача бузро зуд ба замин пахш карда даҳмардаи калтаришро фарёд кард.

Калтариш аз ин ҳилаи шогирди наваш хурсанд шуда, давида омад.

– Эй шогирд, тамоман қоил кардӣ. Аз қафои ин бузи лаънатӣ чӣ қадар гаштем, ҳар дафъа халос мехӯрд. Чӣ қадар зираку ҳушёр буд. Дар ин кӯҳу дара ҳамаи бузҳои кӯҳӣ нesту нобуд шуданд, танҳо ҳамин таккабуз ҷон ба саломат мебурду халос. Ҳама чизро ҳис мекард, мисли одам боақл буду хубро аз бад фарқ карда метавонист. Дар умрам чунин ҷонвари доноро надидаам, хаёле тир ӯро пайдо намекард. Дунёра бин, ки бо пои худаш давида омад. Акнун кушта мазза карда мехӯрему нисфаша ба раиса мебарем. Охир, гӯшташ доругӣ-ку. Боз шохоша дар хона чун хотира меовезам.

Даҳмардаи калтариш худ ба худ баланд хандида кайф мекард. Дастонаш бозӣ доштанд...

Бузи кӯҳӣ дигар қудрати аз замин хестан надошт. Пойҳои бастааш аҳволашро ба танг меовард. Дилаш бухс мекарду нафасаш мегирифт. Ҳис кард, ки аз умраш дақиқаҳои башумор мондааст.

Ин дам худашро таънаю маломат намуд. Аз бефаҳмияш хорияш омад. Косаи чашмонаш пуроб гаштанд.

Аввалин маротиба аз наздик даҳмардаи сурхинаро дид. Мушоҳида кард, ки вай мисли ҳайвони ваҳшӣ тӯъмаашро интизор аст. Аз нигоҳи бешармонаи ӯ, ҳаракатҳои айёронаи шогирдаш ҳайрону зор гашт. Охир, чанде пеш чӯпонбача чӣ қадар меҳрубонӣ дошт. Ҳоло чӣ, ҳаросонаву бо фахр корди устодашро тез мекунад, андешид бузи пири кӯҳӣ...

Таккабуз ором шуд. Пеш аз марг ҳатто овоз набаровард. Охирин маротиба ба атроф нигариста ҳайфаш омад, ки кӯҳистон бе ҳайвонот мемонаду аз ин одамонро парвое нест.

Бузи кӯҳӣ саргарми талвосаи ҷон ҳоло ҳам ба одамизод бовар мекард. Умед дошт, ки одамизод ба ӯ раҳм мекунад. Яке калтариш фуки бузро таги зону карда кордро ба гулӯяш кашид.

Таккабуз хеле почак зада ҷон канд. Даҳмарда корди хунолудро дар танаи пурпашми буз тоза карда, бепарвоёна назди хайма рафт.

Надид, ки таккабуз ҳоло ҳам азоби ҷонканӣ дошт, пойҳояш

ҳамоно меларзиданду нигоҳаш чизеро меҷуст. Ин нигоҳро касе надид, нафаҳмид, ки барои чӣ, дар умқи чашмони ҷонвар оташаке мавҷ мезанаду мисли гирдбоде боло хестан мехоҳад...

## ГӮСФАНДИ ЁБОӢ

Дар домони кӯҳи Фурӯш чунон хунукии сахт ҳукмфармо буд, ки имкони сар бардоштан набуд. Аз паси Аҳмади шикорчӣ қадам мезадам, шамолу тундбод мисли кампирони қаҳролуда бо ситеза рӯи барфро мерӯфт. Аз пастхамию қади ёнаҳо барф хеста, рост ба сару рӯй мезад. Шикорчии хомӯш дар байни талотум роҳ мееёфт, ҳаракат мекард, атрофро, таги ҳар сангу баландиро медид. Яқин, аҳволи маро пай бурд, ки паҳлӯи санги калони шамолпаноҳе қарор гирифт. Камонашро аз сари китф гирифта бо тааҷҷуб гуфт:

– Чӣ? Шикорро осон фикр кардӣ? Ин хунукӣ ҳоло ҳеҷ аст. Боз болотар равем, ҳавоеро мебинӣ, ки пеши чашмот кӯрбод мешавад.

Дасту панҷаҳои беҳису карахтамро молиш дода, андак ба худ омадам. Дигар маҷоли сухан гуфтанам набуд. Аз пушаймонӣ дигар майли гап кушодан надоштам. Аз ҷои шамолпаноҳ ба атроф назар кардам, яхистони сарду беканор. Ҷо-ҷо ниҳолакони то нисф миёни барф монда ба мисли пайкараҳои барфӣ ба хоби абад рафтаанд.

Дар шохи лучу урёнашон ях шӯша бастааст. Шамол ҳуштаккашон ҳукм меронд. Дар атроф ягон ҷонзоде наменамуд. – «Наход, дар чунин боду ҳаво шикор кардан ё ҷонвареро дидан мумкин бошад?» – аз дил гузарондам ман.

Аҳмади шикорчӣ камону борхалтаашро як сӯ монда, аз кисаатш қурут баровард. Қурути сахти шӯр дар даҳон мазза медод.

– Медонӣ чӣ? Ин ҷо макони гӯсфандони ёбоист. Камтар истем, баъд ба шикор мебароем.

Ман ба ҳайрат омадам. Охир, чӣ хел дар ин хунукии сахту тундбод, дар ҳамин хел рӯзи сармо гӯсфанди ёбоӣ ба чаро барояд? Вай чӣ хел махлуқ бошад-а!?..

– Чӣ, то ҳол гӯсфанди ёбоиро надидӣ? Медонӣ, ба гӯсфанди

хонагӣ хеле монанд. Мисли гӯсфанди хонагӣ баос зада, хеле тез медавад. Ҳаёт дар кӯҳу камар онро зираку ҳушёр кардааст. Гӯсфанди ёбоӣ шохҳои печдарпечи зебо дошта, дар баландкӯҳҳо мегардад. Танҳо айёми хунукиҳо баъзан поёнтар мефарояд, гӯшташ бомазза, доруи тайёр. Барои гӯшташ шикораш мекунанд. Ҳозир, ҷӯра, дар диёри мо хеле кам мондааст, ангуштшумор...

– Наход, ҳамин хел ҷонвари нодирро нест кунанд-а? Биё, аз баҳри шикораш бароем. Гашта қишлоқ равем беҳтар, – гуфтам бо зорӣ.

Аҳмад хандаи хунуке намуда маккорона гуфт:

– Ҷӯра, ин касби мо аз бобоҳоямон мондагӣ. Ваъда кардаам, ки ин дафъа бо гӯсфанди ёбоӣ бармегардам. Агар дасти холӣ равам, шармандагӣ, таънасори дӯстонам мешавам, мефаҳмӣ?

– Биё, аз баҳри шикор бароем. Аздусар ин ҷо гӯсфанди ёбоӣ нест. Агар бошад ҳам, мон, зиндагӣ кунад. Охир, онҳо чӣ гуноҳ доранд, ки...

– Гӯш кун, биё насиҳат накун, нодир, яктоанд... Ин гапҳо ба кӣ лозим? Шикор мекунем, гӯшташро, ҳатто шохҳояшро мехаранд. Зиндагӣ-да, хафа нашав. Онҳоро як умр шикор мекунанд-ку. Боз дар ин замона, ҳатто ман дидам, ки бо автомат онҳоро қир мекарданд. Ҳозир чӣ?! Мо яктоашро сайд кунем, бас... Баъд Аҳмади шикорчӣ ҳеҷ гоҳ аз шикор дасти холӣ барнагаштааст, фаҳмидӣ?

Дидам, ки ба ӯ ҳеҷ гап таъсир намекунад, ноилоҷ хомӯш мондам. Шикорчӣ милтиқашро омода намуда, корди дудамаашро ба миёнаш баст. Бо эҳтиёт атрофро синчакорона назорат менамуд. Пас аз чанде оҳиста нидо кард:

– Ана, бин, гуфти ман шуд.

Бинам, чанд гӯсфанди ёбоӣ оҳиста-оҳиста майли поён хамбидан дорад. Аз шохҳои печдарпечашон маълум буд, ки гӯсфандони ёбоиянд, пеш-пешашон ду-се қӯчқор беparво меомаданд. Онҳо гоҳ-гоҳ истода барфро бо дасту пой ва фукашон титу парешон карда, решаи ягон рустанӣ ё гулу гиёҳеро кофта мехӯрданд. Аҳмади шикорчӣ фаҳмонд, ки онҳо гурусна монда, дар ҷустуҷӯи хӯрок саргардонанд. Акнун ягона умедашон поёнтари пуштакӯҳ ва алафҳои таги барф монда.

Гӯсфандҳои ёбоӣ хеле наздик омаданд. Зебову бовиқор ва ҳушёру зиракона қадам мемонданд. Ин гӯшаи дури кӯҳистон ватани аслии онҳост. Гӯсфандон маҳз ҳамин ҷо худро бехавфу хатар ҳис мекунанд. Онҳо ҳаргиз ба деҳот наздик намешаванд. Чунки аз душмани асосии худ – одамизод сахт ҳарос доранд. Гӯсфандҳои ёбоӣ ба назар чизеро пай намебурданд ё шояд гуруснагӣ сахт онҳоро ба танг оварда буд, ки бе тарсу бим торафт поёнтар меомаданд. Дар паси санги азим Аҳмади шикорчӣ интизорашон буд. Банди тамошо шуда, нафаҳмидам, ки чӣ хел садои тир баромад. Гӯсфандони ёбоӣ чунин сурат гирифтани вазъиятро интизор набуданд, ки чор тараф парешон гаштанд. Ҳар кадом худро миёни харсангҳо, тӯдаи барфу нишебиҳои мушкилгузар мезаданд. Андак болотар аз камингоҳ гӯсфанди азиме дасту почак мезад. Аҳмади шикорчӣ бо як дав болои гӯсфанди ёбоӣ расида, мисли девона фарёд зад:

– Ана, бин, чӣ хел сайди зебо, – кордашро бароварда, сари гӯсфандро осонакак аз тан ҷудо кард. Пас сӯи ман нигоҳ карда, – Рафта халтаю бандро биёр! – гуфт.

Дар андак вақт гӯсфандро ба халта ҷой намуда, ба пуштора гирифт ва каллаи беҷони шохдорашро ба дасти ман дод. Яқин, маро хунукӣ сахт таъсир кардааст, ки дасту пои сардгаштаамро фаромӯш кардам. Шоххҳои гӯсфанд аз дастам канда шуда, калла рӯи барф афтид. Ҳайрону ошуфта мондам. Дар рӯи барф каллаи гӯсфанд, шоххҳои зебояшро дидам, чашмони хунгирифтаи гӯсфанди ёбоӣ маро гӯё мепесонд. Аҳмади шикорчӣ вазъиятамро пай бурд магар, ки аз баҳри каллаи гӯсфанд гузашта, маро садо кард, ки аз қафояш равам. Тундбоду барф ба сару рӯ мезад ва ҳуштаккашон овоз мебаровард. Маро андешаи гӯсфандон ором намегузошт. Хаёлам, ҳоло ҳам онҳо барфро титу пареш карда, ғизо мекобанд. Гуруснаанд, аммо аз тарс дигар поён фаромаданӣ нестанд...

Аз ин воқеа чанд сол гузашт, намедонам. Дигар бо гӯсфанди ёбоӣ дучор нашудам. Танҳо ҳар гоҳе ки дар ягон китоб расми гӯсфанди ёбоиро бинам, он ҳодиса ба ёдам мерасад. Боз гӯсфандҳои сарсонро миёни тӯдаи барф мебинам, онҳо ҳамоно гуруснаанд. Қадре дуртар каллаи беҷони гӯсфанд метобад, ки бо нигоҳаш шикорчиро мепесонад...

# МЕҲР

Нисфишабӣ кампир бори охирин назди гов омад. Чароғи оғил месӯхт. Дар рӯшноии он модагов кавша мекард. Ба сояаш назар андохта, чизеро меҷуст. Чашмонаш аз будашон калонтару варамида менамуданд. Беқаророна по ба замин мекӯфт.

Ӯ соҳибашро дидан замон фарёде кашида, аз ҷунбуҷӯлу пойкӯбӣ бозистод. Кампир модаговро хору мол карда, даст ба шиками варамидааш бурд. Гов рамуз гирифта, хомӯшона ба чашмони чӯкидаи кампир менигарист.

– Ҳа, имшаб то саҳар, Худо хоҳад, таваллуд мекунӣ. Дардат сабук мешавад... Ҳо, дар кавшаҳош, а! Ана, гӯсолаи қашқаи перорсолаат гов шуд. Гови чор кас медидагӣ. Ҳамсояҳо, дидагиҳо, ҳама таърифаш мекарданд. Афсӯс, ки боумед калон кардему дар охир бозор бурдем. Рӯзгор, эҳтиёҷот...

Модагов чизеро фаҳмидагӣ барин фаш-фашкунон намаки охурчаро мелесид. Кампир ба охурча як қабза алаф партофт.

Ба ҷойгаҳ дароз кашидан замон хоби кампир ғалаба кард...

Гови ҳамсоя беист медавид. Ғӯлачӯбе дар гарданаш овезон буд. Ғӯлачӯб ӯро монда кард, ки даваш суст шуд.

– Ҳой, мардак, ин гови гаранг охир сараша худаш мехура мегум. Чӣ балое дора, ки ай пода доим мегуреза. Дар гарданаш чуб ҳам бастем, давоша наёфтам. Ана, имруз ай нимрузӣ аллакай гурехтаст.

– Занак, медонӣ, гов дар ҳасрати ҳамун гӯсолачаи мурдагиаш девона шудай. Шохзан шудай.

Гови Назокат-хола калаашро ҷунбон-ҷунбон ба назди гови ҳамсоя омад. Онҳо ба чашмони якдигар менигаристанд. Сиёҳак шиками варамидаи ӯро лесида, гӯшҳояшро як ҷунбонду маоси сахте кард.

– Ҳой, кампир, ягон чӯб гирифта биёр. Ин Сиёҳак тамоман аз худ рафтагӣ, ягон каса боз натарсонад.

Мӯйсафед чӯбро ба сари Сиёҳак бардоштанӣ буд, ки гов шикоятомез нолише баровварда, ӯро сур кард. Мӯйсафед медавид, гов аз қафояш. Кампир доду фарёдкунон мардакашро ба хона даровард. Онҳо ҳар ду аз тиреза ба гови пурхашм нигари-

ста, ҳайрон-ҳайрон аз тани ларзонаш чашм намеканданд. Назокат-хола аз банди говаш дошта, баланд фарёд мекард:

– Эй пирҳои бетадбир! Садқаи ин хел гов шавед! Ширу маскаша солҳо боз мехурдед. Акнун омада-омада барои шумо девона шуд.

Хоби даҳшатноки кампирро нолаи ҷонкоҳе қатъ кард. Ӯ зуд хесту саргиракашро кофта наёфт ва калӯшҳояшро пӯшида, сарлуч ғур-ғуркунон ба оғилхона наздик шуд. Субҳ медамид. Дар саҳни васеи оғил гов нолиш мекарду бо фукаш чизеро меҷунбонд.

– Эҳ, вой! Ин чӣ гап? Чӣ кор кардам мани кампири гаранг? Мардакам аз сафар биёяд, чӣ мегӯяд?

Гӯсолаи навзод беҳис мехобид. Гов гирди гӯсола беист чарх зада, маос мезад, даме истода гӯсоларо мелесид. Кампир бо дастони лоғари шахшӯлаш пушти гӯсоларо молида, ӯро хезонданӣ мешуд. Аммо ӯ ҳамоно беҳаракат мехобид. Аз бонги имдодталабонаи гов ҳамсояҳо бедор шуданд. Онҳо ба Назокат-холаи гирёну гӯсолаи беҷон нигариста, хомӯшона сар меҷунбониданд.

– Ҳамсояҳо, акнун чӣ кор кунам? Ин мардак биёяд, чӣ ҷавоб медиҳам?

– Эй холаҷон, чӣ ин қадар худатро обу адо мекунӣ? Мо ҳам гов дорем, гап дар ин не. Ба гови бечора мушкил. Барои ҳайвон ҳам ҷигарбандаш ширин.

– Чӣ кор кунам, Саидҷон? Мани заиф чӣ кор кунам?

Саиди шофбурут, ки чандин молу гови деҳаро аз ҳаромшавӣ нигоҳ дошта, ҳалол карда буду то ин дам мулоҳизакунон менишаст, корди калони якдамаашро баровард.

– Аз шишта нигоҳ кардан чӣ фоида? Гӯсола дигар зинда намешавад. Шир бошад, даркор.

Кампир ба гӯсолаи хобидаю модагови меҳрубонаш нигариста, чашмони худро бо нӯги остин поккунон беихтиёр «не» гуфт.

– Оча, розӣ шавед. Охир, ба наберачаатон шир даркор. Вай ба шири гов одат кардагӣ.

– Хайр, ихтиёр. Фақат дар пеши ман не! – гуфт кампир ва рӯяшро дигар сӯ тофт.

Офтоби саҳарӣ нурпошӣ дошт. Нурҳои зарҳалин ба тану ҷони кампир ҳаловат мебахшиданд. Ӯ дар ҳота худро ба коре андармон карданӣ шуда, мекӯшид, ки садои кордзании Саидро нашунавад. Вале магар нашунида метавонист, дар он ҷо, дар назди оғил шиками нозуки гӯсоларо медӯхтанд.

... Пойҳои кампир ба ӯ итоат намекарданд. Сараш вазнин, гумон мекард, ки сатили пуробе болои сар дорад. Гӯё гуноҳи азиме карда бошад, ки ба чашмони модагов нигоҳ карда наметавонист. Маро бубахш, мегуфт дар дил ба гов, охир, ту ҳам мисли ман модарӣ ва ба умед таваллуд мекунӣ. Аммо чӣ илоҷ?

Модагов гӯё суханони ӯро мешунид ва маъқул меёфт, ки калла ҷунбонда, маос мезад. Кампир говро ба оғил даровარда, шохбандашро кушод. Модагов чизеро пайхас кардагӣ барин аз ҷояш намеҷунбид. Шояд «гӯсола»-и рӯ ба рӯяш рост истодаро дида буд, ки чашмонаш беҷо шуданд. Вай сарашро ёзонда, як ба хӯса нигаристу баъд ба рӯи кампир. Кампир сатил дар даст хомӯшона ба нуқтаи номаълуме чашм медӯхт. Вай гумон бурд, ки гов хӯсаро аз гӯсола фарқ карда натавонист ва нишаст, ки онро ҷӯшад. Модагов ӯро фаҳмид, хӯсаро бӯй кашид ва лесидан гирифт.

## САГИ КӮР

Саги пир фукашро болои пойҳояш монда, базӯр гуруснагиашро пинҳон медошт. Шиками холӣ ҳолашро табоҳ карда буд. Аз дирӯз боз ба даҳон об нагирифтааст. Эҳа, ин ба гуфтан осон. Дардашро худаш медонисту Худо. Мор барин ба худ печида лӯнда шуд. Чашмони обраваш пури об шуданд. Баробари саг соҳибаш – мӯйсафеди ҳафтодсола ҷои нишаст намеёфт. Ҷунайди пир, ки як вақтҳо бақуввату бардам буду баъзеҳоро назараш намегирифт, ҳоло рӯҳафтодаю хиҷил намуда, сари калобаашро гум кардааст. Мӯйсафеди ҳайрону зор аз саги пираш чашм наменканд, ҷонвари безабонро ба таври худ дилбардорӣ мекард.

... Дили мӯйсафед ҳеҷ ором намегирифт. Ноилоҷ чӣ фикре ба сараш заду зуд аз дар берун шуд. Ӯ оҳиста-оҳиста ба

ахлотҷои сари кӯча наздик шуд. Фақат ҳамсояҳо набинанд шуд, аз дил гузаронд мӯйсафед. Ба бахташ дар ин дами рӯз кӯча холӣ буд. Бобои Ҷунайд аввал бо дили ноҳоҳам, балки ҳаросида ё шарм карда, болои ахлотҷойро такурӯ карду чизе пайдо накард. Хост баргардад, ки боз ҳоли бади сагаш ба хотираш расиду ноилоҷ чуқуртар рафтан гирифт. Акнун ӯ парвои шарму ҳаё, ё бӯи бади ахлотҳоро надошт. Ба ҳама чиз розӣ буд. Танҳо бо дасти холӣ барнагардад. Оқибат пораи устухони гӯштдореро пайдо карду хурсандона чапасар ба хона баргашт. Саги пир пораи устухонро ба ҳавас мехоид. Оби даҳонаш мерафт. Саг устухонро лесида аволаашро фурӯ мебурд. Боз аз нав қуввату мадор гирифт. Яке чашмаш ба мӯйсафед афтод, базӯр дид, ки соҳибаш ҳар як ҳаракати ӯро мушоҳида дорад. Ҷонвари рамузфаҳм аз феълу атвори соҳибаш хуб огоҳ буд. Саг мақсади мӯйсафедро бо як нигоҳ пай мебурд. Ҳоло ӯро хафаву малул дида, аз ҷояш хест. Ин тарафу он тараф давида, ба соҳибаш фаҳмондан мехост, ки ҳоло вай қуввату ғайрат дорад.

Бобои Ҷунайд ба даву пари сагаш зеҳн монда, шод гашт, хурсанд шуд, ки ягона дӯсти ғамбарору пуштибон ва нигоҳбонаш сиҳату саломат мебошад...

– Эҳ, пирсаги нодон-е. Ту ҳам аз гуруснагӣ мисли одам азоб мекашӣ. Гуруснагӣ барои ҳама, чи инсону чи ҷондор мушкил будааст, – андешид бобои Ҷунайд. – Мана, шикамат ки сер шуд, ба по хестӣ, акнун даву тоз дорӣ. То луқмаи дигар ёфтана парвои олам надорӣ. Чунки ту мисли одам фикр намекунӣ. Фақат хӯрдану гаштана медониву халос, чунки саги бефаҳмӣ.

Саги пир аз ин гапҳои мӯйсафед чизеро пай бурд, ки вингвингкунон аз ӯ дур шуд.

Мӯйсафедро ин дафъа ҳам оромӣ, фаҳмиши саги дӯстдоштааш қоил кард.

– Ина бинед-е, ӯ ҳама чизро мефаҳмад, ақли сагонааш ҳоло ҳам кор мекунад. Ин манам, ки ақламро хӯрдааму сагро лаънат мекунам. Худи мани мӯйсафеди аблаҳ ба хешону наздикон, дӯстонам то охир вафодорӣ нанамудааму боз аз ин саги пир гила дорам. Ҳатто солҳои охир ягон бор бо номаш ӯро ҷеғ намезанам. Охир, ӯ пирсаг не, балки як вақтҳо Ҷасур ном дошт

ва солҳои сол ин ном ифтихори ман буд. Барои чӣ ҳоло, ки ҷонвар мисли худи ман пир шудаасту азоб мекашад, боз аз дасти ман ранҷ мекашад, беҳурматӣ мебинад...

Муйсафед ҷавонияшро ба ёд оварду яке саги пирашро бо номи пештарааш фарёд кард. Ҷасур, Ҷасур... Саги пир аз ин фарёди ногаҳонии мӯйсафед ҳайрон шуд. Ба ин мӯйсафед чӣ шуда бошад, охир ӯ ду-се сол аст, ки танҳо пирсаг гӯён, ӯро ном мебурд. Ҷонвар аввал бовар накард. Гӯшҳояш сих шуданд. Ҷасур-Ҷасур...

Саги пир аз нав ҷон гирифт, меҳри сагонааш рӯ заду баргашта пеши мӯйсафед омад. Боз пойҳои ӯро бӯида, думашро ликонда изҳори миннатдорӣ кард...

Мӯйсафед сари сагро силакунон хомӯш монд. Бобои Ҷунайд, вақте ки ин сагро ба худ гирифта буд, чилу шаш сол дошт. Он вақт Ҷасур ҳамагӣ як кучуки чашмнокушодае буду халос... ва ҷонвар аз рӯзи аввали чашмашро кушодан ҳамин мӯйсафедро диду ба ӯ меҳр баст, меҳри сагона. Акнун Ҷасур гӯён ном гирифтанаш саги пирро ҳайрон кард. Як-ду соли охир соҳибаш тамоман тағйир ёфтааст. Дунё дигар шуд чӣ бало, ки Ҷунайди як вақтҳо далеру нотарс, ҷангалбони номдор дар сари пирӣ дамдузду парешонхотир гашт. Дигар на ҳавсалаи кор дошту на зиндагӣ, мӯйсафед азоби нодорӣ, танҳоӣ мекашид. Саги пир ин ҳолати соҳибашро ба хубӣ пай мебурд, аммо намедонист, ки чӣ кор кунад. Аз дасташ чӣ кор ҳам меомад. Охир, Ҷунайд ба нафақа баромадаасту саг ҳам пир шуда. Замона бошад, дигар гаштааст.

Саги пир боз гузаштаашро ба хотир овард. Айёмеро, ки зиндагии ширине дошту маконаш миёни кӯҳу дара буд. Он вақтҳо ӯ буду соҳибаш Ҷунайди ҷангалбон. Пеши назари саги пир ҷангали анбӯҳи камари кӯҳ, оғӯши дара, теппаю фарози зебо, чашмаҳои зулол пайдо гаштанд. Худашро дид, ки аз қафои Ҷунайди ҷангалбон шодона медавад.

Бале саг Ҷунайдро сахт дӯст медошт. Тайёр буд, ки худашро барои ӯ қурбон созад. Мӯйсафед одати аҷибе дошт. Буду шуд, ҳаёту мамоташ ҷангалу замин, обу хок буду халос. Ҷунайд ошиқи ҳар бутта, гулу гиёҳ буд. Саг медид, ки соҳибаш бо киҳое сар ба сар намешавад. Барои як кабк ё боша

одамҳои бисёреро ҷавобгар кардааст. Буданд, шикорчиҳое, ки ба дасти Ҷунайд афтода оқибат суд шудаанд.

Сагро ростқавлӣ, ҷонсупории соҳиби ҷангалбонаш ҳайрон мекард. Ҷунайд метавонист соатҳои дароз дар бораи кӯҳистони диёр ҳарф занад. Саг медид, ки ҳамин поквиҷдонии Ҷунайд аст, ки бисёриҳо ба ӯ душман гаштаанд. Саг ба хотир овард, ки чӣ тавр Ҷунайд бар зидди шикорчиҳо мубориза мебурд...

Он рӯз Ҷасур аз қафои ҷангалбон медавиду гоҳ-гоҳе фукашро миёни алафҳо бурда, чизеро бӯй мекашид. Бӯи зираи навпухта, гулу гиёҳ ба димоғ мезад. Саг парвои олам надошт. Шикамаш сер, кӯҳу пушта дар ихтиёраш... Медид, ки ҷангалбон мушаввашхотир метобад. Ба чор тараф чашм давонда, аламашро базӯр фурӯ мебарад. Саг пай мебурд, ки боз ягон шикорчӣ табъи соҳибашро хира кардааст.

Ҷангалбон яке дар ҷояш истоду саг пеш давид, қариб буд, ки Ҷасур ба меҳмони нохонда дарафтад, ки соҳибаш ӯро аз роҳ гардонд.

– Ҷасур, нарас, мон, канӣ бинам, чӣ мақсад дорад ин йигити чорпаҳлӯ...

Меҳмон мисли шикорчиҳои раҳгумзада ҳайрон монд. Аз тарси саг дар ҷояш шах шуд. Ӯ шояд ҳамин тавр, карахту беҳис боз чанд соати дигар рост меистод. Ба шарте ки ин оромиро садои фарёди ҷангалбон вайрон намекард.

– Ҳе, бачаи нағз! Ҳа? – ба сарӯ рӯи ҷавон зеҳн монд мӯйсафед.

– Не, ҳамту, ҳавохӯрӣ, – ба мӯйсафед нигоҳкунон гуфт ҷавон, ҳатто пай набурд, ки дар рӯ ба рӯяш ҷангалбон истодааст.

– Ҳавохӯрию сайр? Як худат танҳо, ҳа, ин кӯҳу адир чӣ тамошо дорад? Росташро гӯй, камонат дар куҷост?

– Чӣ хел камон? Ман камон надорам, – аз оҳанги гуфтори ҷангалбон ранҷидагӣ барин гуфт ҷавон.

– Эй бача, бо ман шӯхӣ накун. Соли якум нест, умрама дар миёни ҳамин кӯҳҳо гузарондам, мефаҳмӣ? Шумо танҳо рустӣ аз мо бо парон-парону куштори ҷонварҳои бечора машғулед.

– Ака, ин қадар шӯру мағал набардор. Канӣ асос, ки ман ҷонвареро куштаам.

– Набошад, кӣ кушт ина?

Сари хунолуди нахчиреро берун кашид аз хӯрҷин ҷангалбон. Дар пешонаи нахчир изи тир ба чашм мерасид.

Аз ин амали ғайричашмдошти пиракӣ ба ҳолати ногуворе афтод ҷавон. Ҷунайд иҷозатнома пурсид. Ҷавон ба зорию таваллo даромад.

– Ма, ин пулҳоро гир. Охир, ба ту чӣ намерасад? Ҷангалу кӯҳ аз Худо мондагӣ. Бе ман ҳам онҳоро дигарҳо нест мекунанд. Хайр, як кабк ё нахчир кам шуд, осмон ба замин омада намечаспад-ку?

Ҷангалбон ғазабашро базӯр фурӯ нишонда сахт аламаш кард.

– Ин нахчир чӣ гуноҳ дошт-а! О, мефаҳмӣ, ки дар ин мавзеъ ҳамагӣ даҳ нахчир мондаасту халос. Аз дасти ту, нохалаф, акнун боз яктоаш нобуд шуд. Оҳ, ҳайвон-е, наход ба ҳамин ақлат нагирад.

Ҷавони ором аз ин суханҳои ҷангалбон барошуфт.

– О, ба даҳонат нигоҳ карда гап зан. Ҷангалат аз сарат монад. Гир, ҷарима андоз. Чӣ қадар хоҳӣ, пул медиҳам.

– Туро ҷарима не, суд кардан даркор...

Ҷавон хост бо ҷангалбон дастбагиребон шавад, ки Ҷасур бо як ҷаҳиш худашро ба ӯ расонда, ҷавонро ба замин хобонд.

Вақте ки шикорчии ҷавонро ҷангалбон ба идораи милиса бурд, саг дар берун мунтазир монд. Ҷасур хеле интизор шуд. Ҷунайд ҳиҷ набаромад, наход, барои як шикорчиро супурдан ин қадар вақти зиёд лозим бошад-а, андешид саг. Ҷунайд чанд коғазро пур карда баёнот дод, то ба муфаттиш фаҳмонд, ки дуд аз димоғаш баромад. Нав акнун коғазҳоро месупурд, ки муфаттиш ӯро ба утоқи дигар бурда, бо ҳарос фаҳмонд.

– Ака, биё, аз бахри даъвоят гузар. Хайр, як нахчир будаастда. Худатро дар бало намон. О, ин бачаи доштагият хеши прокурори ноҳия будааст. Аздусар бе ҷазо мемонад. Ҷунайди якрав аз ин насиҳатҳои муфаттиш сахт хафа шуд.

– Ба гӯри падараш. Ман аз касе сари тарс надорам, баёнотамро ҳам гашта намегирам. Вай, муттаҳам, бояд ҷазо гирад...

Ҷангалбон хафаву малул аз милисахона баромад. Саг аз ин рафтори соҳибаш зуд пай бурд, ки боз нохушие рӯй додааст.

– Биё, Ҷасур, рафтем. Ин шикорчиҳо ҳамеша пушту паноҳ меёбанд. Онҳо парвои ҷангал, табиат надоранд. Эй, беписарҳо-е...

Баъди ин ҳодиса ба сари Ҷунайд ҳангомаҳои зиёде омад. Борҳо аз милисаю прокуратура омада, корашро санҷиданд. Ҳини санҷишҳо сагро рафтори тафтишгарҳо ба ҳайрат меовард. Охир, онҳо на ба зебоӣ, нақшаи кору табиат таваҷҷӯҳ доштанд, балки ҳавасашон бештар ба хӯрдану истироҳат буд. Аз саҳар то дами бегоҳӣ мехӯрданду менӯшиданд.

Саг медид, ки соҳибаш дарунакӣ азоб мекашад, ғам мехӯрд, аммо илоҷ намеёфт. Ин дам саг ба рафтори одамҳо чӣ гуна баҳо доданашро намедонист. Ҳайрон мешуд, ки одамон ҳар хеланд, яке ростгӯй, дигаре фиребгару ҳаромхӯр, танпарвар...

Хоболуду бафурҷа шудаам, андешид саги пир, аммо аз ин маро парвое нест. Ҳоло ҳам ҳисси шунавоӣ дорам, бӯйро ҳис мекунам. Метавонам ба соҳибам то дами марг хизмат кунам. Лекин тақдирро бин, ки омада-омада дар сари пирӣ қариб кӯр шудаам. Саг чашмонашро калонтар кушоду ба атроф нигоҳ кард.

Ҳама ҷо дар назараш торик, сип-сиёҳ тофт. Ҳай дареғ, акнун тамоман хор мешавам.

Агар мӯйсафед фаҳмад-чӣ? Наход ӯ ҳам, ки ягона пуштибонам ҳаст, ба ҳоли зорам раҳм накунад? Кӣ медонад, пиракӣ чӣ хаёле дар сар дорад? Бигузор нафаҳмад. Аз одам боварӣ нест, агар як умр хизматаш кунӣ ҳам, оқибат паси дар мемонӣ.

Саги пир бӯи соҳибашро зуд ҳис мекард, ба фарёдаш ҷавоб медод, худашро дар як дам наздаш ҳозир мекард.

Ҳоло саги пир хоб медид. Умри гузаштаашро ба ёд оварда, ҳаловат мебурд. Хотираҳо оромаш мекарданд...

Саги дами роҳ ҳалқазадаро дида, касе гумон намекард, ки ӯ хоб мебинаду боз кӯр аст. Аз ҷисми пурзахми саг баъзеҳо ҳазар доштанд. Чашмони обраву доғҳои сару гардан, мӯйи рехтаашро дида, одатан наздикаш намешуданд.

Саги пир аз ҳавлӣ баромада, сари роҳи мошингард пайдо шуд. Оҳиста-оҳиста қадам зада, хост худашро дар ҳавои кушод офтоб диҳад. Лекин боз ҳам таҳқир дид.

– Ин саги лаънатӣ аз куҷо пайдо шуд-а?

– Афти хунукӣ вайро бинед-а.

Саг давоми сухани онҳоро нашунид, балки нахост, зеро нағз медонист, ки агар наравад, боз сангсораш мекунанд... Саги пири кӯр бӯи ҳамҷинсонашро ҳис кард. Фаҳмид, ки дар кӯча сагҳои гуруснаю бесоҳиб, дайдуи нонталаб зиёд шудааст.

Саги пири кӯр нав аз кӯчаи калон мегузашт, ки марди ишкамкалоне аз занҷири саги батанаи ҳавобаландаш дошта, ӯро ситоиш дошт. Саги хориҷии сермӯй, каллаи калонашро базӯр ҷунбонда фахр дошт. Гоҳе дандонҳояшро гиз карда ӯро гӯё ба таҳқир мекшид. Рӯирост саги пирро ба ҷанг даъват дошт.

Саги кӯр аз содагии соҳиби саг ва овози баланди саги фарбеҳ ба ҷон расида, хост роҳашро давом диҳад. Лекин нашуд, аллакай сагро аз занҷири зебо раҳо карда буданд.

Саги хориҷӣ якбора ба ҳуҷум гузашт. Муборизаи шадиде оғоз ёфт. Аввал саги пир каме роҳгум зад. Зеро нияти ҷанг надошт. Боз чашмонаш хуб намедиданду гурусна буд, лекин одати азалӣ, зӯру ҷасорату нанг ӯро қувват бахшид ва бо як хез аз гардани саги бепарво қапид. Саги пир ҳис кард, ки ҳарифаш ҷисман боқувват асту лекин таҷрибаи ҷангӣ надорад. Саги пир бӯи ҷонвари бегонаро ҳис карда, бо як чолокии фавқулодда ҳарифашро ба замин пахш карда, имкони хестан надод.

Кашмакаш чунон сахт буд, ки гоҳе ҷисми лоғари саги пир карахт мегашт. Вай фаҳмид, ки барояш муборизаи ҳаёт ё марг мондааст, ё мемурад ё ғалаба насибаш мегардад.

Се-чор нафари дигар низ пайдо гашта, ҷанги онҳоро тамошо доштанд. Соҳиби саги фарбеҳ ба ҳавас мегуфт:

– Ин сага ман аз худи Германия овардаам. Зоташ машҳур аст. Мо – тоҷикҳо, сага намешиносем, ин сагҳои чиркини мо ба кӣ даркор?! – Марди фарбеҳро гапаш нотамом монд. Дид, ки аз пушту гардани сагаш хун мерезад. Саги фарбеҳи нозукаш базӯр нафас кашида, дигар қудрати набард надошт.

Марди фарбеҳи ношинос ноилоҷ давида саги таърифиашро халос кард. Саги нимҷонаш винг-вингкунон дар паҳлӯяш ба қадамзанӣ даромад.

Соҳибаш марди кинагири дамдоре будааст. Ӯ ғайричашмдошт пас гашта, бехабар ба сари саги пир бо оҳани вазнине кӯфт.

Саги пири кӯр нидои имдодталабонае карда, якпаҳлӯ афтид... Аз ин даҳшат одамони тамошобинро парвое набуд. Ҳатто, надонистанд, ки саги пир кӯр асту дардманд. Лаҳзаҳои ҷонканӣ саги кӯр боз саргузашташро пеши назар овард, ба умри бабодрафтааш лаънат хонд.

Хост аз ҷой хезад, натавонист ва охирин маротиба зӯза кашиду ҷон дод. Фарёдаш аз нотавонӣ набуд, балки аз дунёи бевафо, номардии инсонҳо буд.

Роҳгузарон, соҳиби саги хориҷӣ аз ин нӯлаи бадарди саги пир чизеро нафаҳмиданд. Гумонашон, як саги бесоҳиб, ҳамин тавр, баъди зарб хӯрдан одиякак дар сари кӯча ҷон додааст...

## ВОЛА

Дами ҳаво гирифта буд. Вола ҳамоно гирди хона чарх мезад. Акнун дигар ӯ саги ҷавону бақуввати пештара нест.

Эҳ, кӣ он рӯзҳоро дар хотир дорад-а, – аз дил гузаронд Вола. Он айёми ширини зиндагӣ чӣ қадар тез гузашт. Шояд даву тоз ва корҳои неки мани ҳайвони безабон фаромӯш гаштааст.

Не, ҳамаи он лаҳзаҳоро соҳибам хуб дар ёд дорад. Аз рӯзи дар ин ҳавлӣ чашм кушоданам танҳо ин марди меҳрубону дилсӯзро дидаам. Вола боз ноаён поёнтари ҳавлӣ хамбид. Ин маротибаи садум буд ё зиёдтар, ки як бори дигар ба катаки мурғҳо зеҳн монд. Мурғҳои бепарвою телба байни худ мағал доштанд. Ба инҳо чӣ намерасида бошад. Наход, шиками серу вақти хуш писандашон набошад-а?!

Вола хеле ба хоначаи танги мурғон нигоҳ карду яке ғаму андӯҳ ва яъсу ноумедӣ қалбашро фишурд. Фаҳмид, ки ба ин ҷонваракон озодӣ намерасад. Баъди соате, ҳамин ки соҳиби хона онҳоро ба берун сар дод, шодию хурсандии мурғакон меафзояд. Чор тараф давида, дону об мехӯранд. Дигар онҳо ташвише надоранд. Аммо ман чӣ? Магар саг хоҳ пир бошад, хоҳ ҷавон лаҳзаҳаке бекор мемонад? Албатта, не! Чунки барои саг ҳамеша шуғле пайдо мешавад. Посбонӣ мекунад. Намегузорад, ки пои одами бегонае ба хонаву дари соҳибаш расад. Пою қадами одами бадро аз ҳавлӣ ба қавле мерӯбад...

Волаи пир хеле гаштугузор кард. Аммо сайругашт нафоридаш. Пирӣ ба ҷону тани вай ҳам кора кардааст. Худашро ба гунае вазнину танбал ҳис мекунад. Гоҳ-гоҳе пирӣ тазйиқаш дода, ҷонаш дард мекунад. Аммо ғурури сагона ва меҳру муҳаббат нисбат ба соҳибаш барояш аз ҳама болост. Хаёлаш, ӯ барои хизмат, барои инсон офарида шудааст. Ва фикр мекард, ки ҳамаи одамон мисли соҳиби ӯ дили кушоду дардошно доранд. Ҳайвонҳоро дӯст медоранд. Лекин хеле дертар, айёми пирӣ фаҳмид. Дар пириву нотавонӣ хуб ҳис кард, ки одамон ба чӣ қодир будаанд. Ҳине ки ба сагҳои дайду вомехӯрд, амалаш даҳчанд мегашт. Э-ҳа, дар ин замона шумораи ин гуна сагҳои нонталаб чӣ қадар зиёд гаштааст, фикр кард Вола. Мо – сагҳо ба одамон чӣ бадӣ кардаем? Охир, то дами пирӣ хизмат мекунем. Ҳамин ки умр гузашт, дарзамон сагро аз дар берун мекунанд. Гӯё тақдири минбаъдаи саг ба касе даркор нест. Чаро дами пирӣ саг ба азобу кулфатҳои вазнин дучор мешавад? Ана, барои ҳамин дили бисёр сагон аз одамон тамоман мондааст. Худи Вола дирӯз дар гузари поён бо сагони бесоҳиб дучор омад. Сагҳо зуд Волаи пирро шинохтанд. Гирдаш давр гашта, тани дардмандашро лесиданд. Модасаги шинос нигоҳи харидоронаашро аз Вола намеканд. Чашмони обрав, мижгони сафеду рӯи пурожанг, бадани пурзахму мӯйҳои рехтааш раҳми модасагро овард. Вола ин дам на ба модасаг, балки ба дигар ҳамҷинсонаш таваҷҷӯҳ дошт.

Сагҳои як вақтҳо машҳури ин макон, ки зеби маърака будананд, хору залил гаштаанд. Ана, гирем ин саги зарди гӯшбуридаро. Эҳа, маъракае набуд, ки соҳибаш таърифи ӯро накунад.

Вола нағз дар хотир дорад, ки соҳиби ин саг худашро ҳамнафаси якумрии саг медонист. Байни одамон ваъда дод, ки то охири умраш аз ин гавҳари вафодор ҷудо намешавад. Ба хотири чор танга шуда, ҳамин зарди гӯшбуридаро ҷанг меандохт. Ва доим саг ғолиб меомад. Ҳамин ки сагҳо бо ҳам дарафтода гӯшти бадани якдигарро меканданд, шӯру мағал, фарёди одамони танпарвар ба атроф мепечид. Соҳибони саг нарху навои бозиро, (аҷиб барои одамон сагҷанг хунрезӣ бозӣ

ҳисоб мешудааст, – меандешид Вола), зиёд мекарданд. Боз ҳуҷуми сагҳо, бадани якдигарро хоидан шиддат мегирифт.

Эҳ, агар сагҳо медонистанд, ки ҳамаи ин доми фиреб асту одамон барои яклаҳзаина фароғати худ ин шуғлро ба роҳ мондаанд, шояд байни худ ҷанг намекарданд. Лекин ин сагҷанги зормонда ҳоло ҳам давом дорад. Мо – сагҳоро чӣ водор мекунад, ки бо якдигар ҷанг кунем? Ин ҷо айби одамон аст, ки дигар махлуқу ҷонваронро писанд намекунанд, худро доно тарошида, сагҳоро гӯлу гумроҳ мешуморанд. Гӯё намедонанд, ки сагҳо низ нафас мекашанд, зиндагӣ мекунанд ва ҳамаи хубу гандаи дунёро мефаҳманд. Танҳо забони гӯё надоранду халос...

Вола дид, ки ана ҳамин саги гӯшбуридаи як вақтҳо машҳур чӣ аҳволи вазнине дорад. Сару бадани кандаю доғҳои танаш, ки гувоҳи мубориазаю ҷангҳо буданд, ҳолати сагро раҳмовар нишон медоданд. Вола ба тани ларзони саг ва ҳамҷинсонаш нигоҳ карда, фаҳмид, ки онҳо гуруснаанд. Гашта хона омад. Зуд устухони калонеро, ки ҳанӯз ҷо-ҷо гӯшт дошт, аз кунҷи ҳавлӣ ба даҳон гирифта, пас гашт. Ҳатто, шираву шарбати устухони даҳонашро фаромӯш кард. Танҳо вақте ки пеши ҳамҷинсонаш расид, нафаси чуқуре кашида устухонро ба саги гӯшбурида дод.

Акнун саги фартут пораи устухонро бо шавқ мехоид. Оби даҳонашро базӯр фурӯ бурда, гоҳе ба Вола нигоҳи миннатдорӣ меафканд. Аз ду кунҷи лабони саги бечора об мерехту ҷонвар устухонро мехоид. Барои Вола лаҳзаҳои аз ҳама вазнин фаро расида буд. Ӯ низ худашро мисли ҳамҷинсони бесоҳибаш дардманду бесоҳиб дид. Соҳиби хайрхоҳашро фаромӯш кард, дилаш мисли ин сагҳои дайду аз одамон монд...

Вале саг – саг аст ва ӯ бо андешаи сагонааш аз дил гузаронд, ки ба хотири соҳибаш чанд вақт боз бо модасаг вонахӯрдааст. Хумори дилашро нашикастааст. Охир, мо ҳам нафс, шӯру шавқ, ишқу ошиқӣ дорем, фикр кард Вола. Ба модасаг хеле нигоҳ карду ҳис намуд, ки ҳоло ҳам ин модасаг ҳусну ҷамолашро гум накардааст, баръакс тануманду зебост. Шӯру шавқи то ин дам хомӯшаш аз нав аланга зад. Дигар саги пир ҳамҷинсонашро надид, ҳавлиро фаромӯш кард. Назди мо-

дасаги шиносаш омада, ӯро навозиш кард. Саги мода иринҷос зада дум ликонд. Каллаашро ҷунбонда Волаи пири фартутро рӯи хуш дод. Дигар сагҳо аз пайи устухон шуда, ба онҳо аҳамият намедоданд. Модасаг низ аввал бовар накард, нафаҳмид, ки ҳоло ҳам, ҳатто дар дами пирӣ нафси Вола намурдааст. Шаҳвати Волаи пир ҳамоно боло мешуд. Модасаг сабру қарорашро аз даст дода, аз қафои Вола сарнишеб шуд. Даме ки ба хилватгоҳ, канори боғи холӣ расиданд, Вола ба модасаг ҷафс шуда, баданашро лесид. Навозишу меҳрубониҳои Вола ба модасаг хуш омад. Шӯру ғалаён Воларо фаро гирифт. Вола акнун фукашро ба бадани ӯ расонда, сагро беист мелесид. Модасаг дар зери панҷаҳои шахшӯли Вола роҳат дошт. Вола баъди чанд соли охир аввалин маротиба сагвор дӯст дошту шаҳваташро шикаст. Қариб буд, ки роҳи хонаи соҳибашро фаромӯш созад. Як дил кард, ки аз қафои модасаг раваду бо дигар сагҳои дайду ҳамроҳ шавад. Аздусар ӯро низ мисли дигар сагҳо дар дами пирӣ аз хона бароварда пеш мекунанд. Аммо Вола ба соҳибаш сахт бовар дошт. Мефаҳмид, ҳис мекард, ки соҳиби ӯ мисли дигар одамон нест. Ва ӯро меҳри сагонааш ба ҳавлии шинос овард. Дар дами ҳавлӣ ба димоғи Вола, бӯи нону гӯшт, моҳибирён расид. Вола мехост дам гирад, нав акнун фукашро болои зонуҳояш монда хоб рафтанӣ буд, ки овози шиноси соҳибаш баромад:

– Ҳа, Вола, ту дар ҳамин ҷой?

Саги пири фартут чун одат пеши соҳибаш омад. Дар назди пойҳои ӯ ғел зада, фукашро ба попӯши ягона ғамхораш молид. Мисли инсон нигоҳи миннатдоронаашро ба соҳибаш арзонӣ дошт. Ӯ ҳеҷ намехост, ки соҳибаш аз наздаш дур равад. Мехост зери пои ин ҷавонмарди покдил бимирад. Тайёр буд, барои ӯ ҷон диҳад. Дар дунё буду шудаш ҳамин мардак аст. Вай мисли дигарҳо бераҳм, ҳилагару дурӯя нест.

Вола нағз мефаҳмид, медонист, ки сагҳои мисли ӯ касалманду пирро мекушанд, нест мекунанд ё аз деҳа меронанд.

Вале соҳиби ӯ асло Воларо таҳдид накардааст, наранҷондааст. Ӯро боре озору ғам надода, балки як умр хӯрондааст, бонӣ кардааст, барои ин хел инсон ҷон додан кам аст, аз дил гузаронд Вола. Соҳиби саг аз ҳаракатҳои суст,

ҷуссаи пурзахми Вола чашм намеканд. Ӯ баробари саг ба зону нишаста, Воларо дӯстдорӣ кард. Вола кафи дастони соҳибашро ҳис кард. Бӯи хушеро эҳсос намуд. Мехост дастони соҳибашро лесад. Арзи эҳтиром намояд, аммо забони гуфтор надошт. Вола ҳар як имою ишорат, гапҳои соҳибашро мефаҳмид.

– Вола, чаро ин қадар лоғар, заифу нотавон гаштай? Беморият мегузарад. Боз чанд соле, ки дошта бошӣ, дар ин ҳавлӣ зиндагӣ мекунӣ. Ин қадар худатро обу адо накун, азоб надеҳ. Ҳама махлуқи олам, ҳамин ки таваллуд шуд, рӯзе ин дунёи равшанро тарк мекунад. Қонуни дунё ҳамин аст. Аммо ту ҳоло бақувват ҳастӣ, бепарво бош. Ҳамааш мегузарад.

Соҳиби саг қадре ҳайрон монд. Чаро ман ба Вола ин гапҳоро гуфтам? Бе ин ҳам саги бечора азоб дорад, азоби пирӣ, беморӣ. Хайр, чӣ илоҷ, одам ки забон дорад, баъзан гапашро фикр накарда мегӯяд. Саг чӣ? Як умр хомӯш аст, танҳо меҷаҳад, медавад. Ҳама чизро ҳис мекунад, ҳатто, аз одам пештар. Баръакси гумони соҳибаш, Вола ҳамаи гапҳои одами ғамбарорашро хуб фаҳмид, ҳатто, каме ҳайрон шуд, ки соҳибаш рамузфаҳм асту аллакай аз пешомади Вола огоҳӣ дорад.

Вола боз фукашро миёни пойҳои соҳибаш бурд. Пою қадамҳои ӯро лесид, гирди соҳибаш парвонавор гашт. Саг мехост ба соҳибаш гӯяд, ки пиҳилам кун! Аммо наметавонист, забони гӯё надошт. Даме ки соҳибаш дохили хона шуда, дарро ба рӯяш пӯшид, косаи чашмони обрави Вола пуроб буданд, ӯ мегирист, худаш намедонист аз шодӣ буд ё марг...

Имрӯз ҳам чун пештара Волаи пир дар саҳни ҳавлӣ танҳо монд. Ҳамаи аҳли хонавода аз пайи ташвиши зиндагӣ буданд ва Вола нағз медонист, ки соҳибаш ба кор рафтааст ва танҳо дами бегоҳ бармегардад.

Вола дар соатҳои танҳоӣ низ ба ёди соҳибаш мебошад. Хаёле ӯро дар ҳар қадам мебинад. Ана, боз сари Воларо сила дорад. Чӣ қадар гуворо ва нотакроранд ин меҳрубониҳо, аз дил гузаронд Вола. Ҳар гоҳе ки кафи дасти соҳибаш ӯро сила месозад, вуҷуди сагро оромӣ фаро мегирад.

... Нисфи рӯз шуд. Кай меомада бошад, – фикр кард Вола ва ба сӯи дарвоза чашм давонд. Касе наменамуд. Ҳаво табъи ди-

ли Вола буд. Ӯ ана ҳамин хел рӯзҳои гарму офтобиро дӯст медорад.

Саги пири фартут боз оҳиста-оҳиста қадам зада, пеши дарвоза омад. Пештар доим дар таги ҳамин дарвоза ҳалқа зада, намегузошт, ки шахси бегонае вориди ҳавлӣ гардад. Нигоҳаш зуд одами неку бадро фарқ мекард. Ва дар муддати понздаҳ соли дар ин хонадон будан хуб ҳис кард ва омӯхт, ки инсонҳо низ ҳар хел мешудаанд.

Онҳо баъзан барои як чизи нолозим, якдигарро хафа мекунанд, аз ҳам қасос мегиранд. Лекин соҳиби вай ин тавр нест, қалби бекина дорад. Вола дурудароз дар як ҷой истоду баъд ноилоҷ поёни ҳавлӣ рафт. Боз камтари дигар интизор шудан лозим, ана, мебинӣ, ки соҳиби хона аз кор меояд, фикр кард Вола.

Кош, ин дафъа хаставу монда набошад. Агар хурсанду шод бошад, даррав Воларо меҳрубонӣ намуда, нону гӯшташ медиҳад. Таърифаш мекунад ва ҳар ду паҳлӯи ҳам қадам зада, деҳаро тамошо мекунанд.

Эҳ, чӣ қадар ширинанд ин лаҳзаҳо. Вақте Вола паҳлӯи соҳибаш роҳ мегардад, худашро хушбахт ҳисоб мекунад. Фахр мекунад, ки понздаҳ сол инҷониб ба ана ҳамин мардак вафодор мондааст.

Ҳамин соҳибаш ҳаст, ки...

Аммо Вола дар бораи соҳиби хона дигар фикр накард. Ба майнааш боз як андешаи мағшуше пайдо шуд. Умри гузаштаашро ба хотир овард. Афсӯси умр мисли оҳанги дареғу пушаймонӣ қалбашро фишор дод.

Вола фукашро поён андохта, заминро бӯиду ором шуд. Пеши назараш соҳиби меҳрубонаш имою ишорат дошт.

– Чӣ хел ҷонвари боақлу меҳрубонӣ, Вола. Сару гардани сагро навозиш кард.

Ин суханҳои соҳибашро Вола мешунид. Мефаҳмид, ки ӯро мадҳу ситоиш дорад. Саги пир тамоми қувваашро ҷамъ карда, мехост ба зиндагӣ барвақт падруд нагӯяд. Бисёр мехост, ки то лаҳзаи охир дар паҳлӯи соҳибаш бошад. Нигоҳи ӯро бо худ ба гӯр барад. Аз ин дарду аламҳо ва фикрҳои бесарунӯг Вола сахт

монда шуд. Аммо ин дарди бахайр аст. Ӯро танҳоӣ, беморӣ азият медод.

Вола дар берун монд. Дигар ӯ гармӣ, бекасиро ҳис намекард. Ҳис мекард, ки соҳибаш дар дохили хона машғули мутолиаи китоб аст. Аз соҳиби азизаш дилаш пур гашт. Охирин маротиба ба дару девори пайванди ҷонаш – хонаи мурғҳо, ҳавлии калон нигоҳи ғамолуд, дардолуда карда, хост чуқур нафас кашад, ки пойҳояш ларзиданд. Чашмонаш хира гаштанду ҷисми хастааш ба замин якпаҳлӯ афтид. Вола ҷон дода буд, вале нигоҳаш ҳамоно раҳ мепоид. Роҳи соҳибашро...

## УҚОБ ВА ЛОШАХӮР

Дар ин дунёи бевафо уқоби пир аз чизе бим надошт. Танҳо гоҳи аз марг андеша кардан қалбаш ошуфтаву ғамнок мегашт. Панҷаҳои заифгаштааш сусту беҳол мешуданд. Ба танаш ногоҳ сардӣ медавид, ҳис мекард, ки болҳояш дигар ба ӯ итоат намекунанд. Аммо уқоби умрдида аз ин ҳама парво намекард, зеро нағз медонист, ки умрашро дидааст ва хоҳу ноҳоҳ рӯзе мерасаду ин дунёро падруд мегӯяд...

Зинда зистану мурдан ҳам ҳунар аст, меандешид уқоби пир. Ин дам волидайнашро ба хотир меоварду ҳайрон мешуд. Ӯ солҳои дароз ҳеҷ гоҳе падару модарашро ба ёд наоварда буд. Гӯё як умр худаш буду осмони софи беканор ва шикору ишқбозиҳо...

Бо ҳамҷинсаш уқоби мода рӯзгори ширине дошт. Пайваста машғули шикор буду аз дасту панҷаҳои гирояш фахр мекард, меболид, ки Худо ба вай чунин қуввату ҷасорат додааст.

Дар зиндагӣ уқоб танҳо бо як мақсад мезист. Мақсадаш навола, луқмаи ҳалолу покиза хӯрдан буд. Ӯ ҳеҷ гоҳе мисли баъзе ҳамҷинсони сусту камҷуръаташ ба сари мурдаи ҳаром намерафт. Сайди дигаронро соҳиб намешуд, балки худаш аз баландиҳо истода поёнро назора мекард. Ҳамин ки чашмаш ба ҷонваре меафтод, аввал онро хуб дунболагирӣ мекард, меомӯхт. Ҳиҷ гоҳ ҷонвари лоғар ё касалмандро шикор намекард. Ҳатто баъзан дилаш ба ҳоли ҷонваракони бесарпаноҳ

месӯхт. Кабки ҳилол ё дариеро, ки талвосаи рустшавӣ мекард, дида завқ мебурд. Аз дил мегузаронд: «мон, зиндагӣ кунад, бе ин ҳам дар кӯҳистон ин гуна парандаҳои нодиру зебо хеле кам мондаанд»...

Ин лаҳзаҳо уқоб аз рафтору кирдори одамизод ҳайрон мешуд. Ҳеҷ фаҳмида наметавонист, ки чаро одамон ба ғайр аз худашон дигар ҳама мавҷудоти оламро бад мебинанд. Уқоб, ки як умр танҳо бо шикорчиён вомехӯрду аз қӯтану подачароҳо дидан мекард, хаёлаш, ҳамаи одамон мисли ҳамин шикорчиёну даҳмардаҳо бераҳму пуркинаанд. Ӯ медид, ки чӣ гуна шикорчиён дом андохта села-села кабку чӯҷаҳоро медоранд. Нафси бади беохири одамизод уқобро ба шигифт меовард. Аз ҳилаву найранги шикорчиён ҳайрон мешуд. Чӣ қадар онҳо разил буданд. Шояд уқоб хато мекард. Онҳо аз куштори ҷонварон завқ мебурданд. Уқоб ҳини шикори онҳо мотамдор мегашт, дам ба дарун зада, ҳастияшро тамоман фаромӯш месохт. Аҷабо, ин чӣ даҳшатест!? Дигар дар ин кӯҳу дара ҷонзоте қариб намонда. Вай ҳар сӯ, сари ҳар қадам дом медид, доми марг. Аз ин макон бисёр ҷонварон фирор намуданд. Ҳокимони ҳақиқӣ дуртар рафтанд, ба хотири авлоди худро нигоҳ доштан беватанӣ, хорию зориро ба гардан гирифтанд.

Акнун даҳмардаҳо чашмаҳоро вайрону валангор намуда, танҳо дар ғами шиками худ беҳтарин ҷонварон, бузҳои кӯҳиро пӯст меканданд. Табиату алаф, гулу гиёҳ поймол мешуд. Аз ин беғамии инсон уқоби рамузфаҳм ба ҳайрат меомад. Оқибати ин рафтори одамро дар майнаи хурдаш радду бадал мекард. Дар пешорӯ фоҷиаи бузургеро медид, ҳис мекард, ки замоне меояду инсон ба фоҷиа дучор мегардад. Зеро табиат ҳаргиз харобкорииро хуш надорад. Ӯ ҳайрон буд, ки чаро одамон ҳамин як фалсафаи одиро намефаҳманду боз худро доно мегиранд, шоҳи табиат медонанд. Намедонанд, ки ин азобу кулфатҳои ба табиат, ба ҷонвару парандаҳо овардаашон рӯзе ба сари худи онҳо балоҳои азиме меорад. Хуни ҷонварони бегуноҳро резондан магар гуноҳу убол нест...

Уқоби пир омада-омада дар дами пирияш хуб фаҳмид, ки дар байни одамизод ҳам зиддият, бухлу кина будааст. Ва дар ин дунё ба ғайр аз шикорчиён боз одамоне ҳам ҳаёт ба сар ме-

баранд, ки табиатро дӯст медоранд, мехоҳанд ба қадри ин обу хок бирасанд. Аммо ин қабил инсонҳо на ҳама вақт ба орзуи хеш мерасанд. Онҳо низ аз дасти ҳаромхӯрҳо, дурӯяҳо ба нокомӣ дучор мешаванду оқибат орзуҳои худро ба хок мебаранд...

Аммо ҳамаи ин барои уқоби пир дарди бахайр буд. Охир, вай акнун ҷавон набуд, балки хубии умраш гузашта пирӣ ҷуссаашро хору нотавон карда буд. Акнун уқоби пир танҳо як орзу дошт, мехост бо сари баланд бимираду тӯъмаи лошахӯр нашавад. Ин охирин орзую умеди вай аз зиндагӣ буд. Уқоб ҳатто розӣ буд, ки дар танҳоӣ бо азобу шиканҷа мирад, мурдааш бесоҳиб монад ё дар сангҳо бархӯрда пора-пора гардаду танҳо тӯъмаи лошахӯр нашавад...

Вай, ки умре аз ин ҳаромхӯрҳо ҳазар дошт, аз ин ҳолат сахт метарсид, Худо накунаду дар ягон ҷойи ноқулай ҷон диҳаду ҷасадаш ба дасти ин лошахӯрҳо афтад, кор тамом. Ана, баъд мебинӣ, ки селаи лошахӯрҳо ба тӯъма дармеафтанд. Аввал чашмонашро кофта мегиранд, панҷаю болҳояшро титу парешон карда, устухонҳояшро шикаста бо ҳавас мехӯранд, ё ҷисми беҷонашро чанд рӯз нигоҳ медоранд, баъде ки бӯй гирифту кирм баровард, ба хӯрдан шурӯъ мекунанд...

Уқоби пир ин гуна лаҳзаҳоро фикр мекарду ба тани нозукаш ларза медаромад. Не, ӯ аз марг ҳаргиз ҳарос надошт. Танҳо аз лошахӯрҳои беор, берӯй метарсид, сахт метарсид...

Ин дам ногоҳ фарёди каргасҳо баланд шуд. Чашми уқоби пир ба душмани деринааш – лошахӯри сиёҳе, ки сару гардани бемӯй дошт, афтод. Лошахӯр сардори мурдахӯрҳо буд, ки ба ҳар як имою ишорати вай онҳо гӯш мекарданд. Каргасҳо барои мурдаи бадбӯй байни худ «қоғу қиғ» доштанд. Лошахӯри сиёҳ чашмони пуртамаашро аз уқоби пир наканда, гӯё ӯро мепесонд, писханд мезаду мегуфт:

– Рӯзе мурдаи ту ҳам ана ҳамин хел хомталош мешавад ё бӯй мегираду насиби мо мешавад. Ҳар як ҳаракату талоши ноҷои дилбаҳузуркунандаи лошахӯр хаёле уқоби пирро сарзаниш мекард. Ту умре мо, – лошахӯрҳоро бад мебинӣ. Ана, оқибат омада муттаҳам шудаӣ. Дар дами маргӣ, хоҳӣ-нахоҳӣ, мурдаат насиби мо лошахӯрҳост.

Охир, ту дигар танҳоӣ. Кучост он ғуруру сари баланд ва панҷаҳои оҳанинат. Ҳатто уқоббачаҳоят туро суроғ намекунанд. Ҳамсарат – уқоби мода ҳам туро кайҳо тарк кардааст...

Уқоби пир аз нигоҳи таҳқиромезу манфури лошахӯр ҳамаашро фаҳмид. Боз аламаш кард, хорияш омад. Ба зиндагӣ ва қонунҳои нонавиштаи он лаънат хонд...

Уқоби пир дигар ҳаромхӯрии лошахӯрҳоро гӯё фаромӯш кард. Надид, ки каргасҳо барои луқмаи ҳаром гӯшти танаи якдигарро меканданд. Ба тӯъмаи гандида минқор мезаданду мағалу шӯр мехест. Пару мижаҳояшон мерехт. Вале онҳо аз болои ҷасад дур шудан намехостанд. Мурдахӯрҳои гурусна бо ҳавас ба чашму косахонаи сари хар минқор мезаданду лаззат мебурданд...

Уқоби пирро таънаи ноҷои лошахӯри сиёҳ сахт хафаву хаста кард. Ӯ боз ба гирдоби хаёл рафта, уқоббачаҳояшро ба хотир овард...

Худро дар баландиҳои осмони софу беғубор дид, паҳлӯяш уқобчаҳо-ҷигаргӯшаҳояш парвоз доштанд. Ин баландиҳо ягона манзиле ба ҳисоб мерафт, ки дар он уқоб санъату маҳораташро намоиш медод. Ба чӯҷаҳои навболаш дарси ҳунару ҷасорат меомӯхт. Бо шаст парвоз карда, гоҳе ғунча шуда, сарозер мерафт, боз яке боло шуда, тирвор ба уфуқҳо мепарид. Худаш аз парвози зебояш завқ мебурд. Аз худи ҳамон дуриҳо замини зеборо тамошо мекард.

Чӣ лаҳзаҳои нотакрору гуворое буданд он соатҳо. Уқоби нотарс танҳо ана ҳамон давра, ҳини парвоз бо фарзандонаш маззаи хушбахтиро чашида буд. Вале фарзандҳо бевафоянд. Онҳо аз падари худ – уқоби далер ҳунару санъати парвозу шикорро омӯхтанду баъд лонаи худро тарк кардаву падари меҳрубони худро фаромӯш намуданд. Аммо уқоби пир аз гузашта он қадар гиламанд нест. Зеро ӯ ба ҷигаргӯшаҳояш ҳалол хӯрдан, луқмаи тоза ба даст оварданро омӯхт. Фаҳмонд, ки ҳаргиз ҳаромхӯрӣ накунанд, то дами марг луқмаи ҳалол шикор карда, ҳаёт ба сар баранд. Шояд уқоби пир аз ин одати ирсӣ огоҳӣ дошт, шояд мефаҳмид, оқибати корро медид...

Уқоб рӯзҳои аввал бо ҳамҷинсаш зиндагии ширине дошт. Бо ҳам ба шикор мебаромаданд. Ҳини шикор уқоби мода ба

часпу талоши ёраш нигариста, шукр мекард. Аз тақдираш меболид, ки ӯ бо чунин як уқоби нотарсу соҳибчангол зиндагӣ дорад. Медид, ки уқоб бемалол метавонад ба гӯсфанд ё рӯбоҳ дарафтад, тӯъмаашро ба осонӣ мутеъ созад. Уқоб хислати аҷибе дошт. Ҳаргиз назараш ба ҷонварони касалманд набуд. Балки ӯ таъқиби ягон ҷонвари тездавро дӯст медошт...

Ҳамин ки сайдашро ба даст медаровард, онро ба осмони нилгун бардошта, сар медод. Қариби замин меомад, боз ба даст мегирифт. Аммо уқоби модаро хислатҳои тозахӯрии уқоб маъқул набуд. Ӯ мехост ҳамҷинсаш баъзан ба мурда ё тӯъмаи ночиз ҳам қаноат бикунад. Вале ҳамаи ин хобу хаёл буд, зеро уқоби тезчангол ҳаргиз анъанаи худро вайрон намекард ва дар зиндагӣ покӣ ва ҳалол зистанро мепарварид. Шояд ҳамин хислатҳояш ба сари ӯ балоҳои нав оварду ёри бевафояш барвақт аз вай ҷудо шуд. Вале уқоби банангу номус як чизи одиро намефаҳмид. Намедонист, ки аз авлоди лошахӯрҳост. Намефаҳмид, ки уқобу каргас аз як авлод мебошанд. Танҳо думи паҳн ва болҳои дарози уқоб аз дигарҳо фарқ мекард.

Ё шояд уқоб аз кадом авлод буданашро медонисту танҳо ба гардан намегирифт ва аз ҳаёти ҳаромхӯрӣ безор буд. Бале, уқоб ҳаргиз мисли лошахӯрҳо набуд. Агар як рӯз ҳам зиндагӣ мекард, ҳалол мехӯрд, ҳаргиз ба пастӣ намерафт. Ӯ медид, ки лошахӯрҳо ба ғайр аз ҳаромхӯрӣ бисёр тарсончаку дурӯя мебошанд. Уқоб бошад, ҳаргиз аз марг наметарсид, метавонист то дами вопасин мубориза барад, вай фақат намехост, ки мурдааш ба дасти лошахӯрҳо афтад...

Уқоби пир аз сари санг ҷаста, хост дуртар парвоз кунад. Ҳини парвоз боз сустӣ, заифии худро ҳис кард. Фаҳмид, ки пирӣ сахт таъсираш кардааст. Акнун қуввату дармони пештарааш намондааст. Вале дар дами пирӣ низ ҳаромхӯрӣ намекард. Гурусна мегашту тоқат мекард. Дар мавриде ки ягон ҷонвар аз қабили кабк ё заргӯшеро медид, ноаён ба ҳуҷум гузашта тӯъмаашро ба осонӣ ба даст меовард. Таҷрибааш бой ки буд, дар дами пирӣ ҳам шикораш гоҳ-гоҳ барор мегирифт. Ӯ шукр мекард, ки дар пирӣ ҳам луқмаи ҳалол насибаш будааст...

Уқоби пир ба сари баландӣ нишаста, хост худашро офтоб диҳад. Нури хуршед ба тану ҷони хастааш қувват мебахшид. Дар сари баландӣ хеле нишаста, зери қанотҳояшро минқор зада тоза кард, болҳояшро кушода офтоб дод. Боз ба атроф нигаристу дилаш ҳиҷил шуд. Ӯ намехост, ки чашмаш ба ҳамон лошахӯри наҳс афтад. Лекин чӣ илоҷ, боз ба ҳамон душмани деринааш дучор шуд. Уқоби пир акнун фаҳмид, ки ин ҳаромхӯри бешарм ӯро поида гаштааст...

Бале, лошахӯр пирию нотавонии уқобро пай бурда, аз қафои вай назора мекард. Интизор буд, ки кай ин уқоби як вақтҳо мағруру нотарс ҷон медиҳад. То мурдааш пӯсида, кирм гирад ва баъд тӯъмаи лошахӯрҳо шавад. Он вақт аввал худи ман ба чашмони вай минқор хоҳам зад, меандешид лошахӯри сиёҳ...

Уқоби пир ҳам нағз фаҳмид, ки лошахӯр аз дунболи вай омадааст. Аввал дар ғазаб шуд, хост тамоми қувваташро ҷамъ карда, ба ин лошахӯри ҳаромхӯр ҳуҷум кунад ва пеш аз марг ҷазояшро диҳад. Аммо боз андеша кард, чашмаш ба тӯдаи дигари лошахӯрҳо афтоду хомӯш монд. Дарк кард, ки аз тақдир ҷои гурез нест. Ҳамаашро аз пешонӣ дид. Тӯли ин солҳо зиндагӣ ба ӯ бисёр панд додааст, пастиву баландиҳои зиёдеро паси сар кардаасту бо марг борҳо дучор гардидааст.

Аммо ӯ уқоби тезчангол асту онҳо – лошахӯрҳо. Вай куҷову он лошахӯри сиёҳи бемӯи кал куҷо...

Аз дил гузаронд, ки ман – як уқоби баландпарвози ҳалолхӯр. Ту чӣ, як каргаси тарсончаки берӯй! Шарму ҳаё накарда, боз мехоҳӣ мурдаи маро хӯрӣ, худатро ғолиб бинӣ, душманиятро нишон диҳӣ? Аммо донистa мон, аз дастат чизе намеояд. Агар ҷисми ман ҳам ба дасти шумо афтад, ин маънои онро надорад, ки ман таслим шудаам, не ҳаргиз...

Балки то дами марг шумо ҳаромхӯрҳоро бад дидаам, чашми дидан надоштаам.

Уқоби пир аз сари баландӣ дур нарафт. Ӯ баландиро дӯст медошт ва умре дар баландиҳо лона гузоштаву ҳаёт ба сар бурдааст. Ин дам вай хаёлманд буд. Гӯё фикри охираташро мекард. Вай ҳайрон буд, ки мурдааш ба дасти кӣ меафтида бошад...

Аз таҷрибаи чандинсолааш медонист, ки уқоби пир дами марг ба касе лозим намешавад. Ҳамин тавр, ноаён бо хорӣ аз дунё меравад. Лекин вай ҳамин хел одиву осонакак мурданӣ набуд.

Намехост, ки ҷонканиашро лошахӯрҳо бинанду ба ҳолаш таъна зананд. Боз ҳайрон мешуд, ба шигифт меомад, ана бинед, ки ҳаёт чӣ хел офарида шудааст. Некӣ бо бадӣ, ҳаромӣ бо ҳалолӣ умре дар набард, часпу талош мебошанд. Ҳатто дар дами пирию марг ҳам душманат қарор намегирифтааст.

Охир, ҳамин лошахӯри сиёҳ набуд, ки пасмондаи тӯъмаи маро хӯрда рӯз мебурд. Пас, лошахӯр чӣ хел ба ман душман шуда бошад-а ?

Он замонҳо уқоб дар баландтарин қуллаи кӯҳ лона дошт, бо ҷуфташ сайругашткунон аз баландиҳо парвоз мекард.

Ҳар гоҳе ки лошахӯр уқобро шоду масрур дар паҳлӯи ҳамҷинсаш ё дар ҳалқаи ҷигаргӯшаҳояш медид, дарун-дарун месӯхт. Аз ночорӣ, нотавонбинӣ, дасти кӯтоҳаш ба худ мепечид. Мехост ба парвоз омада ба уқоб дарафтад, онро пора-пора карда, гӯшташро хӯрад. Аммо ҳамаи ин як орзу, хобу хаёл буд, зеро лошахӯр ҳиҷ гоҳ ин қадар баланд парвоз карда наметавонист ва дасту бозуи шикории боқувват ҳам надошт.

Лошахӯр ночор ба тақдираш лаънат мехонд. Охир, ӯ наметавонист мисли уқоб луқмаи ҳалол ба даст ораду ишқварзӣ кунад. Дар фарози осмонҳо сайр кунад. Ана, ҳамин бухлу ҳасад лошахӯрро душмани ашаддии уқоб намуда буд...

Лошахӯр ҳамоно аз уқоб чашм намеканд. Ҳайрон буд, ки чӣ тавр уқоби гурусна соатҳои дароз наҷунбида меистад. Охир, ӯ аз дирӯз боз тӯъмаеро ба даҳонаш набурдааст. Чаро ӯ мисли мо, лошахӯрҳо, нафси ҳаром надорад-а?

Уқоб боз ба қираи чашм ба лошахӯр нигоҳ кард. Ба ҷисми бемӯи кал ва маккоронаи вай нигоҳ карда, ҳайрон шуд. Аз мурдаи ман ба ӯ чӣ фоида, аз дил гузаронд уқоб. Хайр, вай мебинад, ки мани як вақтҳо уқоби машҳур чӣ хел ҷон меканам. Наход ҳамин лошахӯре, ки аз тамоми зиндагии ман огаҳ аст, омада-омада мурдаи маро ҳам хӯрад-а?! Худо медонад?

Лошахӯр аз миёни дарахте гӯё ба уқоб тамасхур кард, нигоҳаш хаёле мегуфт: мебинем, кӣ зӯртар аст.

Ниҳоят, уқоби пир чизе ба хотираш расидагӣ барин безобита шуд. Қанотҳояшро ҷамъ карда, овоз баровард. Аз ин овозу садои ногаҳонии уқоб каргас як қад парида, ба душманаш зеҳн монд. Аз ин ҷасорату ҳаракати тези уқоб ҳайрон шуд. Уқоби пир расми аҷдодиро ба ҷо оварда, ба парвоз омад. Рост аз сари баландӣ хеста ба дуриҳо роҳ гирифт. Бо мушкилӣ ҳам ки бошад. торафт болотар парвоз мекард. Ӯ синаи ҳаворо бо азоб дарида болҳояшро рост намуд. Дар фарози осмон бо ёрии қанотҳояш рост меистод. Охирин маротиба ба поён нигарист. Ҳоло ҳам дар дами марг дилаш ба зиндагӣ кашол буд. Лекин нафаси сарди марг ҳар замон ӯро бештар нафасгиру гулӯгир менамуд. Дар поён чашми тезбинаш ба лошахӯр афтод, дид, ки душмани азалиаш бо тӯдаи ҳаромхӯрҳо даву тоз дорад...

Хост поён парвоз карда нафаси осуда кашад, ки нохост мувозинаташро гум карду сарозер шуд. Ҷисмаш тарафи замин мерафт. Дар як дам ҷисми бемадори уқоби пир ба пояи санге бархӯрда шикасту парҳояш титу парешон шуданд. Ин дам тӯдаи лошахӯрҳо «қоғу қиғ»-кунон ба сари тӯъма омаданд. Аввал лошахӯри сиёҳи беқарор ба ҷисми афгору хунолуди уқоб минқор зад. Мурдахӯрҳои гурусна сари ҷасад талош доштанд.

Каргаси манфур устухони хунолудеро дар минқор гирифта, ба «хоидан» даромад. Устухонро базӯр фурӯ бурд, ҳис кард, ки пораҳои устухон аз гулӯяш гузашт. Аммо ба ин ҳам қаноат накард. Нафси ҳаромаш, ҳисси душманияш ҳамоно ҷӯш мезад, ки каргас ҳамҷинсонашро аз болои ҷасад ронда, худаш танҳо монд. Дигар лошахӯрҳо намедонистанд, ки барои чӣ каргаси сиёҳ мехоҳад ҷисми душмани ҷониашро танҳо хӯрад...

Лошахӯр болои ҷисми шикаставу пораи уқоб хеле истод, ҳатто, як рӯз тоқат кард. Рӯзи дуюм дид, ки мурдаи уқоби пир бӯй гирифтааст. Ин дам нафси ҳаромашро ҳавас омад, гӯё маҳз ҳамин бӯи гандидаро интизор буд, ки аз рӯи хислати азалӣ-ирсияш ба канда хӯрдани гӯшти бӯйноки уқоб шурӯъ намуд...

## ШИҲАИ АСП

Аспи пир дар сояи чормағзи пир ҳайкал барин рост истода буд. Тӯрбаи каҳро пеши назар меовард. Хонаи зинаш набуд. Пушташ холиву мӯйҳои ҷо-ҷо рехтааш бо нигоҳи аламдораш якояк шуда, аспро дар назар ғарибу афгор нишон медод. Аспи пир аз ҷояш намеҷунбид, танҳо аз чашмони обраваш, ки пашшаҳои хирае ба кӯки нигоҳаш бепарво менишастанд, пай бурдан мумкин буд, ки асп зинда аст. Ҷонвар нигоҳи маъюсонаашро аз шоху навдаҳои чормағз намеканд. Медид, ки муше бо ҳамон ҷуссаи хурди худ донаи калонеро поён оварданист. Муш чормағзро бо дастчаҳои хурдаш медошту бо фукаш роҳ меҷуст.

Ранҷу азоби муш аспи пирро ба ҳайрат оварда буд. Ӯ каллаи қоқашро наҷунбонда бо ҳамон хастагӣ аз муш чашм намеканд. Аспи рамузфаҳм аз кори дунё бехабар оқибати корро интизор буд. Муш аз баландӣ истода, гоҳе ба аспи танҳо чашм медавонд. Баъд гашташро суст карда, ҳайрон-ҳайрон ба атроф нигоҳ мекард. Афсӯс мехӯрд, ки имрӯз ҳам аҳли хонавода аспро аз ёд бурдаанд. Аз саҳар боз асп бесадову овоз як ҷо ором гирифтааст. Касе ба ӯ обу алаф намедиҳад, ё ӯро тамоман фаромӯш кардаанд. Аз хонадон овози мусиқӣ ба гӯш мерасиду дар берун асп аз танҳоӣ азоб дошт.

Аммо муш дигар илоҷи фикр кардан надошт. Ӯ бояд ғами худро хӯрад. Муш боз аз пайи чормағз шуд. Ду-се донаро ба замин афтонда, охиринашро сӯрох намуда, аввал мағзи онро ботамом нӯши ҷон намуд. Баъд дохили чормағз шуда, ба замин, болои алафзор афтид.

Асп дар поён дид, ки муш аз дохили чормағз оҳистакак берун шуда, чормағзи калонеро пушт карда, таги пушта бурд. Гумон аст, ки лонаи муш ҳамон ҷост, андешид аспи пир. Ҷонвар ба ақлу доноии муш офарин хонд. Фаҳмид, ки муш низ барои зимистон озуқа захира мекунад, ғами ҷонашро аз ҳоло мехӯрад...

– Аммо мани пири бесоҳиби аз ёдҳо рафта чӣ кор кунам? Магар метавонам пасмондаи алафи бӯйноки дирӯзаро

бихӯрам? Ба одамон чӣ шуда бошад, чаро ҷавонҳо, насли имрӯза, ин қадар беғаманд-а, чаро?

Аспи пир боз чанд соати дигар рост истоду тани дардмандаш афгору монда гашт. Мехост боз давад, аз банд раҳо ёбаду роҳи кӯҳу камарро пеш гирад, шиҳа кашад, бо дард фарёд занад, аз дасти фалаки каҷрафтор то ба дуриҳо шикоят барад, аммо дид, ки дар атрофаш касе нест. Муш ҳам рафт, ҳис кард, ки ҳавои хунук бӯи борон дорад. Борони майда сим-сим ба боридан даромад. Вақте ки донаҳои борон ба пушту рӯяш бармехӯрд, ҳис кард, ки ҳанӯз ҷон дораду нафас мекашад. Ноилоҷ ба замин хобид. Нигоҳи хастааш ин дафъа ба домани хаёлҳош кӯргиреҳ шуд...

Бале, он солҳо аспи пир ном дошт, соҳиб дошт. Бодпо зеби маъракаю давраҳои деҳот буд. Соҳибаш, акаи Файз, посбони пахтазор, шабу рӯз дар майдонҳои кишт мегашт. Бо ягона ҳамрозаш Бодпо тамоми қитъаҳои пахтаро аз як сар хабар мегирифт. Асп маътали ишорати қамчини соҳибаш нагашта, худаш бо пайраҳаи шинос мерафт.

Файз болои зини асп андешаманд гашт. Мехост дар бузкашии ҳафтаи оянда ширкат намояд.

– Ин маърака чӣ хел мегузашта бошад-а –фикр кард ӯ. – Боз муборизаю зиддият, ин човандозҳо аз ҳеҷ бало рӯй наметобанд. Барои буз шуда, аспатро ҳай қамчин мекунанд. Боз Бодпо зери мушту лагад мемонад.

– Не, намеравам, ба хотири ҷонвар, ба хотири рафиқам, болу парам. Барои ман шуда асп дар азоб монад, нобуд шуданаш мумкин. Бе ҳамин бузкашӣ ҳам рӯзам мегузарад. Аз ин андешаҳои соҳибаш асп бехабар бо шавқ роҳ мепаймуд. Файз, ки болои зин буд, Бодпо парвои оламу одам надошт, ҳарорати бадани соҳибашро ҳис мекард, завқ мебурд. Асп аз миёни пахтазор гузашта, пеш мерафт. Ёлҳои мушкрангаш дар ҳавои шамол бозӣ доштанд. Аз кавшаи даҳонаш кафк мерехт.

Дар саргаҳи замини пахта Файз бо обчиҳо вохӯрда, саломуалейк намуд, ки яке мавзӯи сӯҳбатро ба маъракаи бузкашӣ бурданд.

– Файз, албатта, бо Бодпоят зеби маърака мешавӣ, ҳа, – забон хоид Наими бригад.

Файз ба қоши зин такя карда, оҳиста гуфт:

– Не, хаёлам, бузкашӣ намеравам, он зиддияту кашмакашҳо ба дилам задааст, охир, баъзе беинсофҳо ба асп раҳм намекунанд. Боз ҳамин Бодпо азоб мекашад.

Наими бригад аз ин гуфтугӯи Файз ҳайрон монду бо тааҷҷуб илова кард:

– Асп – аспи колхоз. Онро ба ту ҳамчун қаровули пахта додаанд. Чор-панҷ сол боз бо вай унс гирифтаӣ.

Акаи Файз аз ин гапҳо каме малул гашта, бо хотири ранҷида гуфт:

– Гап дар ин не, о, ҳайвон ҳам ҷон дорад. Ана, гирем Бодпоро. Вай ҳамаи хубу бадро сарфаҳм меравад. Худо ба ин Бодпо забон надодаасту халос. Убол аст ба ҷонаш ҷабр намудан.

Наими бригад гӯё ба ҳоли Файз дилаш сӯхт на ба асп, ки як табассуми дарундоре намуда, мушханде кард.

– Эй, содае, ҳайвон-ҳайвон аст. Ин қадар худатро барои як асп обу адо накун. Дар бузкашӣ иштирок намо. Ман бригад, супориш. Асп – аспи колхоз, давондан гир-да!

Файз бо аспаш танҳо монд. Ӯ аз болои зин поён фаромада, гардани ҷонварро ба оғӯш кашиду ба гап даромад.

– Маро бубахш, Бодпо! Лозим меояд, ки боз бузкашӣ кунем. Эй шоҳсутуни хонадонам, эй болу парам, Бодпо.

Асп оҳиста пой ба замин кӯфта, нигоҳи роздорашро аз соҳибаш намеканд. Ӯ гӯё гуфтугӯи одамонро фаҳмида буд, ки ҳар замон фукашро ба ҷомаи Файз бурда, бӯй мекашид. Бӯи соҳибаш ба тану ҷонаш ҳаловат мебахшид.

... То майдони бузкашӣ Файз пиёда шуда, Бодпо аз қафо меомад. Мардуми ҷамъшуда ба Файзи пиёда нигоҳ карда, ба шавқ меомаданд. Зеро аз чавандозҳо касе аспашро кӯтал карда наовард. Танҳо Файз то дами бузкашӣ пиёда гашт.

– Файз, дилатро бақувват гир, аспат боз ғолиб меояд.

– Рост-да, Бодпо дар ин иқлим яктост.

– Аспи ман ба як хироҷи мамлакат меарзад. Бовар кунед, ин асп ҷони одам аст.

Касе аз миёни тамошобинон нидо кард:

– Акаи Файз, эҳтиёт шавед. Ин маъракаи зӯр, чавандозҳои

тамоми ҷумҳурӣ ҷамъ омадаанд. Ба ғолиб мошинаи сабукрав медодаанд.

– Ҳаму човандозҳои деҳаи боло, ки аспи туро чашми дидан надоранд, ҳаминҷоянд.

Баъди ин гапҳо ба дили Файз алов афтод. Ба хотир овард, ки човандозҳои деҳаи боло хеле бахилу нотавонбинанд, барои пойга шуда, аз ҳеҷ пастӣ рӯй наметобанд. О, чӣ қадар аз дасти онҳо Бодпо қамчин хӯрдааст...

Бузкашӣ оғоз ёфту Бодпо беқарор гашт. Аспи лаҳзае пеш орому нарм якбора чорхез зада, шиҳа кашид. Даҳонаш кафк паронду чароғпоя шуда наъра кашид. Бодпо шиҳакашон, гӯё болу пар бароварда миёни тӯдаи аспон давид. Фуки кафколуди ҷонвар пардаи ҳаворо дарида, соҳибашро ба тӯдаи човандозҳо расонд.

Файз аз аспаш дилпур аст, ки ба пойгаҳ наздик мешавад. Аммо то ба буз расидан вазнин буд. Боз ҳамон човандозҳои деҳаи боло садди роҳаш гаштанд. Онҳо сари ҳар қадам аспи Файзро миёнагир карда, ба сару гардани ҷонвар мекӯфтанд. Асп дар обу арақ ғӯта зада, тан афшонду шиҳаи бадхашмонае кашид. Сару рӯи кафколуди ҷонвар ҳолати аҷибе гирифт. Даҳанаи зери дандонаш ғиҷирос мезад. Ёлафшону думафшон вазнашро ба қафо партофта, наъра кашид. Аспҳо гӯё тарсиданд, ки роҳаш кушода шуд. Файз ҳам аз сару гардан шаллоқи пай дар пай хӯрд. Аз сӯзиши дард Файз чизеро ҳис намекард.

Як дам пас Файз бузро зери пояш гирифта ба ҳалолҷо наздик шуд. Бодпо ба сурати бод медавиду садои ҳаяҷон, таҳсину офаринҳо гӯши фалакро кар мекард. Садҳо тамошобин ба ғайрату ҳиммати Файзу аспаш мафтун гашта, фарёд мекард. Ҳине ки бузро Файз ба ҳалолҷо партофт, асп қадре ором гашт. Дар як дам нигоҳаш дигар шуд. Аз тани арақшораш ҳавр мебаромад.

Доварон ба Файз мошини нави сабукрав тӯҳфа карданду мардум шӯру валвала дошт. Аммо Файз сару гардани аспашро ҳар замон навозиш дода нидо мекард:

– Эй, дар сумат садқа, эй шарики умр, ҳамнафасу ёри вафодор. Ман аз ту умре ҳилаву найранг надидаам. Боре маро ноумед накардаӣ.

Акнун соҳиби мошин шудем. Лекин ба ман мошин даркор нест, зеро ҳамрози ман туӣ, Бодпо! Эй саманди зебои ман!

Бодпо ҷони тозае гирифт, мисли гул шукуфт ба пойкӯбӣ, гардантакиву чархидан даромад. Гӯё ин тантанаю ғалабаро ба соҳибаш шодбош мегуфт. Пиру барно рақсу ҷуфтзаниҳои аспро дида лаззат мебурданд...

Аспи пир бо соҳиби азизаш Файз саргузаштҳои зиёде дошт. Аммо аз ҳама воқеаи фараҳбахш ҳамин қиссаи ба мошини сабукрав соҳиб шудани Файз буд. Ва ин лаҳзаҳоро аспи пир тез-тез ба хотир меоварду худашро тасалло медод. Дар ин миён чӣ қадар рӯзҳои талху ширине гузашт. Бодпо аз зиндагияш розӣ буд. Чунки Файз то дами маргаш аспро хору зор шудан намонд. Мошини сабукравро ба писараш доду худ боре ба он савор нашуд. Бодпоро ба нафақа бароварда, сипас аз колхоз рафт. Танҳо як-ду соли охир баъди аз дунё гузаштани Файз асп бесоҳиб монд. Ӯро фаромӯш карданд. Писари Файз ваъдаҳои ба падараш додаро аз ёд баровард. Аз пайи кайфу сафо, мошинсаворӣ Бодпоро тамоман ба гӯшаи фаромӯшӣ супурд...

Тани дардманди Бодпои пир реш-реш гаштааст. Ӯ харобу лоғар шудаасту намедонад дардашро ба кӣ гӯяд. Забони гуфтор надорад, ки ба касе арз кунад. Ҳама чизро мувофиқи ақлу фаросаташ таҳлил мекард. Хаёлаш, дар дунё танҳо одамизод метавонад шоду хуррам бизияд, дигар ҷонварҳо, ҳайвонҳо ба ин ҳақ надоранд. Гӯё вазифаи ҷонварон танҳо хизмат кардан асту халос...

Имшаб низ каҳу ҷав додани Бодпо фаромӯш гашт. Дар хона фарзанди Файзи раҳматӣ кайф карда хоб буд. Дар берун, дар ҳавои кушод Бодпо зери борони майда сахт азоб дошт. Аз бесоҳибии хеш аламдор ба худ мепечид, миёнаш дуним мегашт.

Аспи пир гумон дошт, ки ақаллан пеш аз хӯрокхӯрӣ ӯро ба ёд меоранд, ё дами саҳарӣ аз ҳолаш хабар мегиранд.

Вақте ки саҳар шуд, писари Файз пеши мошин омада як ба асп нигариста шиaccess кайф дохили мошин шуд. Боз хонаву ҳавлӣ монду аспи пири танҳо ва муши чормағзхӯр. Ин дафъа аспи пир хеле гушна монд. Бо ҳарос худро ба ҳар сӯ мезад. Ҳис мекард, ки ҳоло ҳам қуввату дармон дорад. Пойкӯбон шиҳаи

дардолуде кашиду банди фукашро кашид. Ҷонвар аз нӯхта халос хӯрда, аз таги чормағз поёнтар рафта, ба алафхӯрӣ даромад.

Бодпо дигар ба чормағзу муш ҳам эътибор надод. Шикамаш каме сер шуд. Вале ҳушу ёдаш ба гузашта банд буд.

Ёди рӯзҳои гузашта, аспсаворӣ, бузкашиҳои Файз, посбонии пахтазор қалбашро гарм мекард. Худашро боз хушбахт медид.

Ҷонварро муаммои пирӣ ба ҳайрат овард. Одамон пир шаванд, онҳоро парасторӣ мекунанд, аммо маро кӣ нигоҳубин мекунад. То вақте ки ҷони ҷавон доштаму зӯру қувват, ба одамон даркор будам. Акнун, ки пир шудаам, ягон нафар ба ман таваҷҷӯҳ надорад. Аҷаб дунёе…

Боз орзуҳои аспи пир амалӣ шуданд. Имсол мошини писари Файзи раҳматӣ вайрон шуду аксари мошинҳои деҳа бе сӯзишворӣ монданд.

Даррав ба ёди онҳо Бодпо расид. Писари Файзи раҳматӣ зину афзори чангзеркардаи падарро оварда аспро зин зад. Аз нав лаҷому узангу ва намади кӯҳна пушти аспро оро дод.

Акнун Бодпои пир ба ҷои мошини бесӯзишворӣ монда кори хоҷагидорӣ мекунад. Лекин писари раҳматии Файз мисли падараш дилсӯзу нисбати ҳайвон ғамхор нест. Ӯ гоҳе беҳуда аспи пирро зери қамчин мегирад...

Бодпои рамузфаҳму таҷрибадор ба ҳамааш тоқат мекунад ва базӯр аробаи пурборро мекашад. Баъзан роҳравон ҳайрон мешавад, ки чаро аз он мошинҳои зиёде, ки дар роҳ гаштугузор мекарданд, кам нишон мондаасту акнун одамон аз хару асп истифода мебаранд?

Ин дам ба хаёли фиребое дода мешавад. Ин одамҳоро ҳиҷ фаҳмида намешавад. Як вақт шоҳанду як вақт гадо. Акнун боз корашонро ба воситаи хару асп ба сомон мерасонанд? Аҷиб? Аспи пир намефаҳмид, ки ҳамаи ин муваққатист. Ҳамин ки сузишворӣ, қисмҳои эҳтиётӣ фаровон шуд, боз аспу хар бекор мемонад.

Бодпои пир аробаро бо машаққат пеш мекашид. Ин дам дусе нафар бачаи майдае ҳам болои ароба баромаданд. Аспи пир аз ҳаёҳӯю шавқу шӯри бачаҳо ба завқ омад, дар худ нерӯи ди-

гаре ҳис намуда, қадаммониашро тезонд. Кош, дар пирӣ ҳеҷ махлуқу ҳайвон азоб намекашид. Он гоҳ олам гулистон мешуду ҳаёт маънӣ медошт. Аспи пир дар саргаҳи кӯчаи Сафедорон як лаҳза истода, дамгирон ба пуштаи қабристони деҳа нигарист. Хаёле аз дур қабри дӯсти азизаш Файзро шинохту ба хотири он шиҳаи ҷонсӯзе аз ҷигар кашид. Шиҳааш то ба дуриҳо аксандозӣ намуд. Аспи пир пойкӯбон каллаи қоқашро ҷунбонда нафаси чуқур кашид. Ин дам, агар бачаҳо аз болои ароба поён мешуданд, медиданд, ки чӣ тавр аз дидаҳои пурнами аспи пир донаҳои ашк ҷорӣ мешаванд. Агар медиданд ҳам, намедонистанд, ки барои чӣ аспи пир ашк рехт. Аспи пир баъди таъзиму пойкӯбӣ бо дили реш-реш аз шафати қабристон гузашт...

Бодпои пир макони шиносро бӯйкашон ба сари замини ҳосил наздик мешуд. Ароба ғиҷирос зада гӯё нолиш мекард, бачаҳо шавқу шодӣ доштанд.

Аммо ҳамаи инро аспи пир гӯё намедид. Хаёлаш, ӯ монда буду ҳамин дунё, фалаки каҷрафтор ва одамони беҳиссу бепарво. Дунёе, ки вай барин ҷонварон қадру қимат надоранд. Онҳо танҳо барои кор лозиманду халос.

Одамонанд, ки он давраи бузкаширо кайҳо фаромӯш сохтаанд. Бодпоро, ки шаъну шӯҳрати деҳаашон буд, аз ёд баровардаанд.

Вале ин дам қалби аспи пир аз набудани Файз фишор хӯрд, таҳ кашид, дунёи рӯшан пеши назари аспи пир торику сиёҳ гашт. Ӯ шиҳаи дардолуди дарозе кашида, фукашро ба замин монд, навҳа кашид. Дарду алами аспи пирро худи ҷонвари рамузфаҳм медонисту халос...

## ПИРСАГ

Саги пир фукашро болои пойҳояш монда базӯр-базӯр нафас мекашид. Лаҳза ба лаҳза ҷони саг барояш тангӣ мекард, ки мор барин печида худашро лӯнда мекард. Нигоҳаш пойбанди атроф буд. Ӯ аз рӯи одат дар дами марг низ посбони хонадон буд. Намехост одами бегона вориди ҳавлӣ гардад.

Соҳиби саги пир Ҷунайди сиюпанҷ-чиҳилсола, ки марди қоқинаи дароз аст, ҷои нишастан намеёфт. Ин марди нотарс, ки як вақт шикорчии номдор буд, ҳоло рӯҳафтодаю хиҷил менамояд ва сари калобаашро гум кардааст. Ҷунайди ҳайрону зор аз саги пираш чашм намеканд, ҷонвари безабонро дилбардорӣ мекард.

–... Хез, ҷонвари вафодор, ҳолӣ вақти мурдан нест. Чашмота кушо. Баъди сари ман мурӣ майлаш. Охир, ту на танҳо посбони хонаи ман, балки пушту паноҳ, боиси пайдо шудани ризқу рӯзӣ ҳастӣ, мефаҳмӣ...

... Ҷунайди дунёдида ҳоли табоҳе дошт. Ӯ мисли ҷавонҳои навомӯхт амал дошту худашро идора карда наметавонист. Назди саги пир сари зону нишаста, домани гиряро сар дод. Гоҳе базӯр оби чашмашро поккунон боз сару тани сагро сила мекард. Ҷунайд баъди оне, ки сагашро дору хӯронд, каме ором шуд. Гардани ҷонварро молида, ба чашмони имдодталабонаи саг нигоҳ карду чизе ба ёдаш расидагӣ барин зуд дохили хонааш шуд. Баъди чанде Ҷунайд ба саг шир оварда дод.

Дид, ки авзои саги пир каме беҳтар гашт, ҷонвар фукашро боло бардошта, хост аз ҷояш нимхез шавад, аммо зӯраш нарасиду боз якпаҳлӯ ба замин хоб кард. Ҷунайд ба ҳар як ҳаракату ҷунбиши саг зеҳн мемонд. Ягон амали ҷонвари безабон аз назари соҳибаш дур намегашт.

... Ҷунайд ҳеҷ майли аз пеши саг дур шудан надошт. Як гӯшаи дилаш ҳамоно сиёҳу хиҷил буд. Метарсид, ки ин дафъа сагаш сиҳат намешавад...

– Саг ҷонвари бовафост, – андешид Ҷунайд. – Эҳа, дар бораи сагҳо чӣ қиссаю ҳикояте шунидаам. Охир, сагҳо дар мавридҳои мушкилӣ дӯсту мададгори одамонанд-ку. Солҳои ҷанг бештар сагҳо аскарҳои маҷрӯҳро аз майдони ҷанг берун мебароварданд. Беҳуда мардуми мо намегӯянд, ки «бо зан ҷафо куну бо саг не».

Ҷунайд дид, ки саги пир осуда хоб аст, вале нафасгирии ҷонвар барояш муаммо буд. Саг номураттаб нафас гирифта, паст-паст нолиш ҳам мекард. Ин ҳолат Ҷунайдро боз ғамгин мекарду фикрашро ба кӯчаҳои сарбаста мебурд. Ҳазору як ан-

дешаю хаёл мекард. Ҳеҷ бовараш намеомад, ки ана ҳамин тавр, ба таври осону одӣ аз ин ҷонвари вафодор якумра халос мешавад...

Соҳиби саг солҳои охир зиндагии вазнин дошт. Бо маоши муаллимӣ рӯзаш базӯр мегузашт. Акнун имконияти шикор кардан ҳам надошт, рӯздармиён ба кори мактаб андармон буду халос. Вале рӯзгораш беҳ нашуд. Маоши ночизи омӯзгорӣ рӯзгорашро гарон кард, моҳҳои дароз дар сараш як фикр чарх мезад. Чӣ кор кунад, ки ақаллан дигарҳо барин зиндагии миёна дошта бошад. Ҳамин ки аз мактаб меомад, боз танҳо мемонду фикру андешаи пайдо намудани пул дар зиндагӣ оромаш намегузошт. Дар ин лаҳзаҳо ягона ғамбардораш ҳамин саг буд. Як вақт зиндагӣ бисёр ҳолашро ба танг овард. Чанд моҳ бе пул монду баъд бозор ба бозор, аз пайи ёфтани ягон кор шуд. Ҳини пурсуҷӯй дар бозорҳо оқибат сагбозор омад. Дар ин ҷо дид, ки одамон бо пули калон сагҳоро ба якдигар ҷанг меандозанд. Ӯ чанд рӯз ҷанги миёни сагҳо ва пулмониро тамошо карда, дудила шуд. Умедашро аз сагаш канд. Ба таври худ хулоса кард, ки саги пираш дигар қудрати ҷангиданро ҳаргиз надорад.

Ҳамин ки ба ҷанги сагҳо чашм медӯхту бастаҳои пулро медид, дилаш гум мезад. Мехост ӯ ҳам соҳиби пул шавад. Аммо чӣ тавр, бо кадом роҳ, инашро ҳоло намедонист.

Ҷонвари пир бошад, ҳамаашро нағз фаҳмид, ӯ ҳар замон фукашро миёни пойҳои соҳибаш монда, попӯшҳои вайро мелесид. Дум меликонду садоқату муҳаббати худро нишон медод. Саги пирро баъзан ҳаракату суханҳои бепарвоёнаи соҳибаш ба ҳайрат меоварד. Ҷонварро аламаш мекард, ки инсон ба қадри некиҳои саг намерасад. Дӯсти вафодорашро зуд фаромӯш мекунад. Инсон боре ба ёд намеорад, ки зиёда аз даҳ-понздаҳ сол боз ҳамин саг хонаашро посбонӣ дорад. Чаро одамон зуд некиҳоро фаромӯш месозанд ё шояд табиати одамӣ ҳамин хел бошад.

... Саги пир кайҳо пайхас карда буд, ки соҳибаш аз ӯ чизеро интизор аст. Балки ҷонвари рамузфаҳм аз мушкилоти зиндагии соҳибаш хуб огаҳӣ дошт ва омода буд, ки ҳар як амру фармони соҳибашро иҷро намояд...

Ҷунайдро дилаш намешуд, ки саги пирашро ҷанг андозад.

Ӯ бо дили нохоҳам беихтиёр боз дохили сагбозор шуд. Дид, ки ду саги гушна байни якдигар афтударафт доранд. Сагҳо хеле ҷангида монда шудаанд. Онҳо ҳайвон бошанд ҳам, намехоҳанд хуни ҳамдигарро резанд, бераҳмиро бо ҳам раво бубинанд. Сагҳо ба якдигар нигоҳкунон аз ҷой наме-ҷунбиданд. Касе майли ҳуҷум надошт.

Вале боз ҳайҳуйи одамон, садои гир ва дор-дор онҳоро маҷбур кард, ки дуюмбора ба сари якдигар дарафтанд. Ин дам сагҳои бечора якдигарро мехостанд пора-пора кунанд. Дилашон аз сагбозҳо монда буду акнун мехостанд худро ба ҳалокат расонанд ва аз ин ҳол халос шаванд. Тамошобинони бепарво бошанд, беист механдиданд, завқ мебурданд.

Як рӯз ҷонвар бо пои худаш аз қафои Ҷунайд сагбозор омад. Мардак аз рафтори саг хурсанд буду аммо инро ошкор намекард, балки шодона бо ҳамроҳии саги пираш дохили бозори сагҳо шуд. Саги пир дарров ҳамаашро дид, фаҳмид, ки ба ивази пул сагҳо якдигарро мехоянд, буғӣ мекунанд, хуни ҳамдигарро мерезанд. Ҷонвар нигоҳ карда дид, ки соҳибони онҳо, одамони беғам, давра нишаста, аз ҷанги сагҳо боз лаззат мебаранд...

Он рӯзи наҳс аввалин маротиба Ҷунайд саги пирашро ба майдон баровард. Саги пири таҷрибадор яку якбора чунон тез ба сари рақибаш ҳамла намуд, ки тамошобинон ҳайрон монданд. Ӯ аввал бо пеши бараш сагро зада, аз пой афтонду сипас гӯшашро ба дандон маҳкам газид. Баъди ғолибият Ҷунайд соҳиби 50 сомонӣ шуда, сагро таърифкунон хона овард...

Акнун охири ҳар ҳафта Ҷунайд бо саги пираш дар сагбо-зор буд. Аз ҳисоби ҳамин ҷонвар ризқу рӯзияшро пайдо ме-кард.

... Ҳафтаи гузашта сагбозор серодам буд. Ҷунайд саргар-ми пулҳисобкунӣ он қадар ба саг аҳамият намедод. Зеро нағз медонист, ки сагаш албатта ғалаба мекунад. Пир ҳам ки бошад, ҳар як саги калону гургмонандро дар як дам аз пой меафтонад. Вақте ки Ҷунайд дуртар, зери арчаи роҳрав пул мешумурд, саги пир гурусна монда буд. Ҳамин дам марди ишкамкалоне сагро об дода, пасон пораи нонеро сӯяш

ҳавола кард. Саги пири таҷрибадор об нӯшида, саросемавор пораи нонро фурӯ бурду яке хатояшро фаҳмид. Чизе дар гулӯяш дармонд. Ҳис кард, ки ишкамкалон миёни нон сӯзан монда будааст.

... Инак, як ҳафта боз ҷонвар рӯи ҳавлӣ хоб аст, ҷон меканад. Забон надорад, ки ҳодисаи рухдодаро ба Ҷунайд фаҳмонад, нақл кунад. Дили саги бемор ҳоло ҳам ба соҳибаш месӯхт. Умуман, ба одамизод мехост ҳаргиз хиёнат накунад. Вале аз як чиз ҳайрон буд, намедонист, ки чаро одамон ин қадар бераҳманд, чаро носипосию гандагиро на танҳо нисбат ба худ, балки ба ҳайвонот ҳам раво мебинанд. Нисфирӯзӣ ҳаво салқин гашт.

Ҷунайд ҳоло ҳам сари ҷонвари вафодорро сила мекарду афсӯс мехӯрд. Дар назди дарди бедавои саг нотавон буд. Сабаби бемории сагашро ҳеҷ намефаҳмид. Ӯ аз куҷо медонист, ки бахилию нотавонии одамизод оқибат ин ҳайвони безабонро низ ба марг мубтало намуд. Маҳз сагбозҳо ӯро бо ҳила сӯзан хӯронданд. Акнун саг соатҳои вопасини умрашро мегузаронад. Саги пир ҷои мурдан меҷуст. Вале бо ақли сагонааш қазоват кард, ки бояд аввал бо соҳибаш хайрбод гӯяд.

Ҷунайд низ бо саг меҳрубонӣ дошт, ӯ чун фарзандаш дилбардорӣ мекард, зора дошт. Аз саги пир бахшиш мепурсид.

Ҷунайд бо дили афгору бирён ва зору низор оҳиста нидо кард:

– Пиҳилат кардам, дӯсти вафодор.

Саги пир ин суханони соҳибашро фаҳмид, ки миннатдорона охирин маротиба ба Ҷунайд нигоҳи маъюсонае кард. Ин нигоҳ баробари арзу сипос ғаму андӯҳу нигаронӣ аз одамизод дошт. Ҷунайд ба ин нигоҳи ҳайвон тоб наоварда, сарашро гунаҳгорона поин намуд.

Саги пир мехост аз хона берун, дур аз нигоҳи соҳибашу одамон роҳ кашад, вале поини ҳота якпаҳлӯ афтид, фукаш ба замин заду нафас дар гулӯяш дармонд. Ин дам чашмони ӯ кушодаву нигоҳаш сӯи дарвозаи соҳибаш буд...

## ВАФОДОР

Саги пир ҷон меканд, боз азоб мекашид, ин дафъа азоби ҷонвар посбонии хона ё пешгир кардани нохалафе набуд, балки саг мехост, ҳамин хел осонакак, бе азоб ҷон диҳад. Намехост, ки марги вай боиси ранҷи соҳибаш гардад. Соҳиби саги пир марди миёнаумр Ҳайдари чӯлоқ ҳиҷ аз назди саги вафодораш дур намешуд. Ӯ ба тани ларзони саг, чашмони обраваш нигариста, афсӯс мехӯрд, ки аз сагаш ҷудо мешавад – охир, ӯ кам не, понздаҳ сол боз бо ҳамин саг аст. Тӯли ин солҳо саг хизматгори беминнати аҳли оила буд. Дар ин давра саг корҳои хайре кард, нагузошт, ки нигоҳи нохалафе ба ин хона расад. Вале сад афсӯс, ки саги пир ҳоло охирин соатҳои умрашро мегузаронд. Аз зӯрии дард нолиши пасте карда, фукашро миёни пойҳояш мебурд.

Ҳаќу ҳамсояҳо озурдаҳолии Ҳайдари чӯлоқро дида, дилбардориаш карданд, гуфтанд, ки ғам нахӯрад, чӣ бисёр – саг. Ина бурда парто, бигузор дар ягон ҷои дуртар, берун аз деҳа ҷон диҳад. Ҳаминам одамгарӣ шуд, наход, инсон барои саг ғам хӯрад?!

Ҳайдари чӯлоқ ба ин гуна гапҳо аҳамият намедод. Кӯрнамакӣ, носипосии инсонҳо аламашро меовард, вале дандон ба дандон монда тоқат дошт... Боз сари сагашро сила кард. Ҳине ки пушти сагро мемолид, саги пир мисли кӯдаки касалманд ғунча зада, базӯр овози пасте бароварда, гӯё арзи миннатдорӣ мекард. Мардак фаҳмид, ки саг чӣ мехоҳад. Саги пир низ рамузфаҳм буд. Ақл дошт, забон кушода гӯё мегуфт:

– Пиҳилам кун, пиҳил...

Мардак ашкашро базӯр нигоҳ дошта, зери лаб гуфт: – Пиҳилат кардам, эй саги вафодор, дӯсти беминнатам.

Ин дам ӯро ҳикмате ёд омад: «Ҷуз саг дар ин дунё ёри вафодоре нест».

Ҳайдари чӯлоқ дигар тоқати дидани ҷонкании дӯсташро надошт. Ӯ, ки дар умри худ маргу мурдаи бисёреро дидааст, ин дам назди ҷисми нимҷони саги пир музтар монд. Дигар

ба хотири вай на гову молаш мерасиду на рӯзгораш, ҳушу ёдаш ҳамоно ба пирсаг банд буд.

Саги пир охирин маротиба нигоҳи хастаҳолонаашро ба дарвоза дӯхта хост аз ҷояш нимхез шавад. Натавониста, нохост якпаҳлӯ афтод. Пирамард аз дарду алам базӯр худашро нигоҳ дошт. Нахост, ки ашки чашмашро дигарҳо бинанд…

## САЙЁД

Аввалҳо ҳамдеҳаамон Шодисайёдро дӯст медоштам. Ҳамин ки ин шикорчии ҷасур ба мо – бачаҳо, наздик мешуд, хурсандию шодии ҳамсабақон боло мехест. Сайёд аҷаб нақлу саргузаштҳое мекард, ки мо ҳафтаҳои дароз онро муҳокима мекардем.

Маълум буд, ки Шодиамак дӯстдори табиат, набототу ҳайвонот мебошад. Соатҳои дароз дар бораи кӯҳу камар, набототу ҳайвонот нақлу ҳикояҳои ширин менамуд. Ман хаёл мекардам, ки шикорчӣ, бешубҳа дӯстдори табиат мебошад.

Боре Шодиамак моро ҳамроҳаш ба шикор бурд. Ҳини аз бари талу пуштаҳо гузаштан сайёд бепарво менамуд, ӯ чолокона роҳ гашта, бехато ҷонваронро ба нишон мегирифт. Ҳини дамгирӣ нақл кард, ки барои мерган шудану бехато тир ба нишон расондан вай ҳар моҳ мағзи сари ягон заргӯшро ҷӯшонда мехӯрад.

Дар натиҷа essence онҷунон шикорчӣ шудаам, ки ҳини ба нишон гирифтан дастонам асло намеларзанд. Баъди чанд вақт яке аз пеш заргӯше ба чашм расид. Сайёд дарҳол диккак нишаста, ҷонварро ба нишон гирифт. Тираш хато нахӯрд. Ӯ заргӯши сайдкардаашро чобукона пӯст канда, мағзи сари онро бо иштиҳо то охир фурӯ бурд. Баъди ин воқеаи даҳшатбор дилам батамом аз шикорчӣ монд. Акнун ман ба нақлҳои ӯ дар бораи зебоӣ, табиат бовар надоштам. Ҳар замон пеши назарам хамон рӯзи наҳс ба ҷилва меомад. Хаёлам, то ҳол шикорчии мағрур мағзи сари заргӯш мехӯрад, то ин ки ҳангоми нишон гирифтан дастонаш наларзанд...

## БАЙТАЛ

Дар бораи аспҳо бисёр чизҳоро медонистам хонда будам, ки байтал хислату зиндагии наҷибе дорад. Лекин аз наздик дар кӯҳистони дурдаст бо галаи аспҳо дучор шудам. Дар ин фасли зебои сол – баҳори нозанин, ки айёми зоидани байтал мебошад, галаи аспҳо беист шиҳа кашида, байталеро миёнагир доштанд. Аспҳо бо навбат сару гардани байталро лесида намегузоштанд, ки байтал танҳо монад. Байтали бордор низ безобита буд. Шиҳакашон болову поён мешуд. Худашро тилтонда беқарорӣ мекард.

Баъди чанд соате байтал таваллуд карду аспҳои доя аз вай дур шуданд. Куррачаи нав ба дунё омадаро байтал мелесид. Байтал ҳар замон ба замин пой кӯфта бо қаҳру ситеза шиҳа мекашид. Ҷонзотеро наздики ҷигарбандаш намемонд...

Тойча базӯр синаи байталро ёфта, ба серӣ макиду дар назди модар дароз кашид. Тойча акнун хоб буд...

Танҳо баъди як рӯз дидам, ки тойча ҷастухезкунон рӯи сабзаҳо медавид.

Пайдо шудани тойча ҳамаи галаи аспҳоро хурсанд намудааст. Акнун аспҳои рамузфаҳм тойчаро иҳота карда завқ мебаранд. Онро навозиш карда, аз пазируфта шуданаш ба гала шоду мамнун мегарданд.

Тойча акнун узви ҳамин гала гардид, нашъаи озодиро чашид, ки думашро хода карда медавид...

## ПАРАСТУҲОИ СУРУШ

Сурушҷони майдаяк фасли баҳорро дӯст дошт. Хурсанд шуд, ки айёми гулу лола аввалин маротиба бо селаи парастуҳо ошноӣ пайдо кард. Ин парандаҳои зебо болои хонаи Сурушино чарх зада поёнро хеле тамошо карданд. Сурушҷон ҳайрон-ҳайрон ба онҳо нигоҳ мекард, болзанӣ, сайру гашти парандаҳо ӯро ба тааҷҷуб овард. Нафаҳмид, ки онҳо барои лонасозӣ ҷоеро ҷустуҷӯ доранд. Ду фароштурук

«сурудхонон» дохили хона шуданд, гӯё фаҳмиданд, ки Сурушҷон бачаи беозор аст.

Дар ҳақиқат, аз омадани парастуҳо Сурушҷон хурсанд шуд, гӯё болу пар баровард, ки тирезаи пешайвонро кушод, то онҳо бемалол парвоз намоянд. Парандаҳо дар шифти пешайвон лона сохтанд. Сурушҷон бо онҳо одат кард. Ҳар пагоҳӣ пашша, хомӯшак ва дигар ҳашаротро дошта дар қуттича ҷой мекарду то бегоҳ ба парастучаҳои навзод мехӯронд, ба онҳо об медод.

Чӯҷачаҳои парастуҳо наврас шуданду пари парвоз кушоданд. Як ҳафта боз фароштурукчаҳо чикчиккунон гирди ҳавлӣ парвоз доранд... Онҳо болои симчӯби кӯча нишаста, ба Сурушҷон бо нигоҳи миннатдорӣ менигаристанд.

Парастучаҳо намехостанд, ки манзили Сурушҷонро тарк намоянд. Онҳо бо ин писараки доно унс гирифта буданд. Фароштурукчаҳо шодикунон поён парвоз карда, гирди сари Сурушҷон чарх зада, гӯё мерақсиданд. Ин дам очапарастуи калон пайдо шуда онҳоро наздаш даъват кард. Байни худ чиҳое гуфтанду боло париданд. Фароштурукчаҳо ҳиҷ майли рафтан надоштанд, аммо қонуни табиат онҳоро аз рӯи ҳавлӣ торафт дур мебурд.

Сурушҷон ба онҳо хайрухуш дошт, харчанд ҷудоӣ мушкил буд, аммо азм кард, ки то баҳори дигар дӯстони худ – парастуҳоро мунтазир мешавад.

## АСПИ ИСКАНДАР

Ҳамин ки бегоҳ шуд, Искандаркӯл ором мешавад. Дигар ҷонзоте дар ин ҷо пар намезанад. Атроф хомӯшу ҳавлангез. Дар ин торикии дили шаб маро хоб намебарад. Хоб аз дидаам паридааст. Баъди нақли мӯйсафеде, ки як умр дар мавзеи Искандаркӯл зистааст, дигар наметавон осонакак хоб рафт.

Бо ин ҳама худро ба хоб задам. Лекин нашуд. Хаёлам аз куҷое шиҳаи аспе баланд шуд. Боз суханҳои мӯйсафед дар гӯшам садо доданд: «Бачам, баъзе шабҳо аз Искандаркӯл садои шиҳаи асп ба гӯш мерасад, ин овози аспи Искандари Мақдунӣ аст, бовар кун...» Ночор берун баромада ҷониби

Искандаркӯл омадам. Акнун кӯл оҳиста-оҳиста лаппиш хӯрда, дар миёни кӯҳҳо чун рафидаи нонпазӣ ҷило медод. Сояи ниҳолакон дар об акс гардида, ба дили кас ваҳм меандохт. Аммо мани пакару ҳайратзада чизеро намедидам, ҳушу ёдам ба аспи Искандар банд буд. Оби кӯл мавҷ зада, хаёлам, нолиш дошт. Асрори кӯл амсоли афсонаи ширине рӯъё дошт. Боз овозе оҳиставу дилфигор аз қаъри кӯл баланд шуд.

Яке оби ороми кӯл ба хурӯш омад. Мисле ки заминҷунбӣ бошад, Искандаркӯл фиғон дошт. Об сар ба сангҳо заду шиҳаи асп баландтар гашт. Аспи Искандари Мақдунӣ обро дударон карда, аз поёнтар боло баромада, худро ба соҳил расонд. Аспи зебои ёлдор пойкӯбон худашро меафшонд. Ӯ сарашро ҷунбонда шиҳае кашид, ки гӯё аксаш дар кӯҳҳо пош хӯрд. Ҷонвар бо шӯру исён ду-се бор чорпоя истод, ҷуфтак зада, фук ба замин монд. Баъд хез карда пеш давид, аз зери сумаш хаёле пораҳои замин ба ҳаво париданд. Аҷабо, чаро овози ӯро касе намешунавад ё ман дар хоб ин ҳолатро мебинам. Чашмонамро молидам, гӯшамро кашидам, не дар хоб не, бедорӣ буду канори соҳили Искандаркӯли пурасрор...

Асп аз пайраҳаи кӯҳӣ гузашта, хеле боло баромад. Акнун асп аз болои қулла бо ҳавас ба атроф нигоҳ мекард, ёлу дум меҷунбонд. Ӯ чизеро меҷуст, ки кӯлро хеле назорат кард. Баъд нигоҳи пурҳасраташро ботамом аз об канда, шиҳаи бадарде кашида, поин хамбид, гӯё ӯ боз соҳибаш Искандари Мақдуниро пайдо накард, ки худро ба қаъри об андохт. Дар як лаҳза ҷонвар нопадид гашт...

Саҳарӣ ин ҳодисаро ба ҳамроҳонам нақл кардам, касе бовар надошт. Ба ҷуз ҳамон мӯйсафеди дарбон. Мӯйсафед табассуми ноаёне карда, рамуздорона гуфт:

– Бачам, ин сирру асрора ба ҷуз Худо дигаре намедонад. Лекин ба шиҳаи аспи Искандар бовар кардан даркор...

Даме ки аз Искандаркӯл дур мешудем, бачаҳо аз ҳар боб сӯҳбат доштанд. Дигар касе дар бораи ин кӯли пурасрор чизе намегуфт. Аммо дар гӯши ман боз садои шинос ҷарангос мезад, ин садои шиҳаи аспи Искандар буд.

# ЛОНАИ БУЛБУЛ

Аввал булбулон дар кишварҳои хеле дур маскан доштанд. Он ҷо тухмгузорӣ барояшон мушкил буд ва ҳар сол аз тағйирёбии иқлим, муҳит села-села нобуд мегаштанд. Дар ин мулки бегона танҳо фасли тирамоҳ буду зимистон. Баҳор намеомад. Булбулон овозаи баҳору диёри кӯҳистонро шунида, ба ин ҷо омаданд. Диданд, ки айёми шукуфтанҳосту баҳори нозанин ҳукм меронад. Булбулонро гулу себарга, шамолу ҳавои форам хуш омад. Акнун дар баҳор хонишашон тозаву дилошӯб гашт.

– Чаҳ-чаҳи булбулро шунида одамон ба ҳайрат омаданд. Охир, булбул парандаи муқимии диёр шуд ва хонишаш ба дилҳо сурур бахшида, нолааш ба фалак печид. Мардум бо ҳавас ин парандаро ҳазордастон, андалеб, булбул ном бурдаанд. Бо омадани булбулон бозори нағмаву хониши дигар парандагон касод гашт. Дигар касе овози онҳоро шунидан намехост. Аз аламу кина зоғу чуғз, буму каргас байни худ маслиҳат карда, ба лонаи булбул ҳуҷум карданд. Булбул бехонаву дар монд, аммо сурудхониашро давом додан гирифт. Он гоҳ аккаи шумхабар тухми буттаҳоеро, ки булбул лона мегузошт, дуздида пинҳонӣ, дуртар аз оби наҳр бурда таги хок кард. Булбулон аз ноилоҷӣ мавзеи сабзи бешаро тарк карда, дар буттаву ниҳолони қад-қади наҳр лона гузоштанд...

– Булбул гузаштаашро ҳар замон ба хотир мეораду ғамаш тоза мешавад. Боғоту чамани бесоҳиб ва хониши парандаҳои навбаромад ба тааҷҷуб овардаш. Асло надида буд, ки акка суруд хонад, тавба. Ҳоло ҳамон аккаи дузду роҳзан ғазалхон шудааст. Булбулро хориаш омад ва дар ҳавои шамолу хиширхишири баргҳо овоз андохт. Чаҳ-чаҳи булбул оҳиста-оҳиста атрофро печонда, ба тани ниҳолон оромӣ бахшид. Дарахтони шикаставу ба тороҷ рафта дарди худро фаромӯш сохтанд.

Вале парандаҳои наҳсу шумхабарро боз овози ширадори парандаи биҳиштӣ нафорид. Чун абри сиёҳ зоғу заған болои сари булбул пайдо шуданду фазоро қар-қари зоғон пур кард.

Булбули яккаву танҳо чор тараф парида, аз алафзор ба боғи

навбунёд гузашт. Вале дилаш қарор наёфту ҷониби бешаи арчазори худрӯй, ки як вақтҳо макони зисташ буд, бол кушод. То беша наздик шудан чӣ қадар хурсанд буд. Ба хотир овард долу дарахтони ҳамешасабзи бешаро. Он айёмеро, ки ҳамроҳи ҷангали анбӯҳ нафас мегирифту ҳаёти осудаҳолонае дошт.

– Чаро ӯ – булбули хушовоз, то ин дам боре бешаи арчазорро ба ёд наовард. Маҳз ҳамин беша солҳо паногоҳи оилаи булбулон буду насли ин парандаҳои биҳиштиро аз чашми бод панох мекард.

Ин дам булбулро суханони модараш ба ҳотир омад:

– Эҳтиёт шав, бачам, насли мо булбулҳо хеле кам мондааст. Агар моро парандаҳои тезчангол шикор кунанд, боке не. Як илоҷ карда халос мешавем. Аммо дод аз дасти одамизод, онҳо моро ба хотири як лаҳза шодию хурсандӣ қариб ба ҳадди нестӣ расондаанд. Акнун мо низ мисли кабк дар қафас ҷон медиҳем.

– Чаро одамон душмани моянд. Охир, онҳо овози булбулонро дӯст дошта дар васфи мо шеъру достонҳо эҷод кардаанд-ку, – гуфта буд булбули ҷавон.

– Эй нодонаки ман, ҳамин одамон буданд, ки оилаи моро аз кӯҳу камар ҷудо карда, таҳдашт бурданд. Булбулон бозичаи сари дасти одамизод шуданд. Оқибат аз оилаи мо қариб ҳама несту нобуд гардиданд. Одамон марғзору боғҳоро хароб карда, хонаву дар, манзили нав сохтанд. Дигар барои лонасозӣ, ҷои зисти ҷонварон макони ободу табиӣ намонд. Булбулон низ мисли дигар ҳайвонот беватан шуданд...

Булбул фаҳмид, ки оилаи онҳоро низ одамон куштаю нобуд сохтаанд. Ҷисми лоғари булбулро он хотираву ёддоштҳо хаставу лакот карданд. Базӯр бол кушода мепарид. Сахт метарсид, ки мабодо ба поён афтад... Булбул чӣ тавр ба беша наздик шуданашро нафаҳмида монд. Хост каме дар навдаи арчаи худрӯй дам гираду баъд бешаро давр занад, ки нохост овози шиноси парандаҳои наҳсу шумро шунид. Аз ҳар тараф «чиқчиқ»-и гунҷишку «қар-қар»-и зоғ ва «чиғ-чиғ»-и чуғзро шунида, аз омаданаш пушаймон шуд. Аз он ҷангали сабз ва осуда нишоне надид. Селаи зоғон дар осмони беша бо шасту ғурур парвоз карда, дигар ҷонзотеро назарашон намегирифт. Ин вақт

як зоғи сиёҳе, ки аз ҳама бештар қар-қар дошт, калонгирона фармонфармоӣ мекард, паҳлӯи булбул омада шишт ва даррав бо тамасхур ба пурсуков шурӯъ кард:

– Мебинам, ки бо ин ҳама ҳусну ҷамол ва овози ширадорат боз сарсону саргардонӣ.

Булбул ғамгинона хомӯш монд, хост ба суоли зоғи наҳс посух нагӯяд, аммо дид, ки ҳайбати зоғ торафт боло гирифт, ноилоҷ монд...

– Ҷои лонагузорӣ, манзили нав меҷӯям...

Зоғи сиёҳро аз оҳанги гуфтори булбул қаҳраш омад, ки бо ситеза гуфт:

– Ман ҳамаашро медонам. Кори шумо – булбулҳо, танҳо нолидану шикоят кардан аст! Ҳамин тавр не?!

Булбул хомӯш монд. Ҳарчанд сахт ташна буду ҳалқаш сӯхт, аммо сухани зоғро набурид, то охир гӯш кард.

Зоғ паст наомада афзуд:

– Ҳайронам аз кирдори одамон, чаро онҳо солу моҳи дароз дар ҷустуҷӯи булбул оворaю саргардонанд. Вақтҳои охир бисёриҳо ҳатто булбулро нашинохта дигар парандаҳои хурдро мисли чархресаку чилмангӯштак булбул гумон карда дошта мегиранд.

Булбули саргардонро тоқаташ тоқ шуду бо тааҷҷуб гуфт:

– Мо чӣ гуноҳ кардем, ки одамон тамоми фасли сол моро таъқибу шикор доранд!

– Шумо дар ҳама ҷо хушхонӣ карда ба дигар парандаҳо навбат намедиҳед.

Зоғ каме фикр карду афзуд:

– Чӣ, магар овози мо бад аст?! Чаро қар-қари мо ба гӯши одамон намефорад. Чунки шумо – булбулҳо худро дӯсти инсон тарошида, бо овози дағали худ каллаи одамонро як умр гаранг мекунед. Аммо дониста бошед, ки минбаъд ҷои булбулро овози ширадори мо – зоғу заған мегирад. Минбаъд одамизод ба овози мо ҳам одат хоҳад кард, албатта. Лекин вақтҳои охир ба касофати шумо одамон лонаи дигар парандаҳоро ҳам вайрон мекунанд.

Барои ҳамин дигар ин ҷо лона насоз, ки аз пайи қадамат одамон омада моро низ ёфта шикору бехонумон мекунанд.

... Булбул ноилоҷ бо дили дардманду садпора бешаро тарк кард ва ошуфтаю парешон соҳили дарёи пуштакӯҳ омад. Ба шоху навдаи дарахти пире нишаста чор тарафро назора кард. Ҷои беодам, гӯшаи хилвати назарногир писандаш омад, ки бо дили пур ба лонасозӣ шурӯъ кард...

Ӯ бо минқор алафҳои хушкидаи чандирро кашонда, дар навдаи баланд қадкашида ҷоеро пазируфт ва моҳирона шохчаҳоро болои ҳам чидаву устувор кард. Оқибат лона табъи дилаш шуд. Булбул аз ҷои интихобкардааш розӣ буд ва нигоҳашро аз лонаи хурдакакаш намеканд. Лонаро навда, шоху баргҳо аз чашми бад паноҳ мекарданд, он аз ду ҷониб равзана дошт. Булбулро макони нави орому сокит, соҳили наҳр, шамоли серун хуш омад...

Ӯ дигар парвои оламу одам надошт. Танҳо ба хотири идомаи наслаш мезист. Ҳамин ки бегоҳӣ шамолак вазида, аз соҳили дарёча насими тозае ба тану ҷонаш ҳаловат мебахшид, булбул ба шӯр омада овоз меандохт. Ӯро манзараҳои табиат ба ваҷд овард. Аз нолаю шевани булбули шайдо атроф ба хоби ноз рафта, аз қаъри нахр хаёле мусиқии дилреше ҳамнавои булбули танҳо гашт. Булбул ончунон нола дошт, ки фарёдаш аз канори наҳр гузашта, ба майдонҳои атроф паҳн гашт. Рафта-рафта хониши булбул аз таронаи ошиқона ба оҳанги дареғ ва ғаму дард табдил ёфт. Дигар парандаи танҳо натавонист шодӣ ва ғазалхонӣ кунад...

Булбул аз ватан ҷудо шуда, дар танҳоӣ кору бори одамизодро дар мизони тарозу баркашида ба шигифт омад. Чаро онҳо атрофро талаву тороҷ карда, ҳар сол айёми тобистон ҳазорҳо бех долу дарахтро решакан месозанд. Чуғзу бум, каргасу лошахӯронро монда, булбул ва кабкро шикор доранд. Ин дам нигоҳи булбул ба чанори пире афтод, ки шоху панҷаҳояш шикастаанд. Ҳасрати чанорро шунид, чанор дигар тоқати шамолу бод надошт. Шохҳои шикастааш поён афтида, дар кундаи кали он зоғҳо нишастаанд. Чанори пир ғами булбулро зинда кард. Ноилоҷ ба лонааш баргашт. Моҳтобшаб ғаму дард кашид ва дар дили шаб рӯ-рӯи гулу буттаҳо давида гум шуд. Ҷуссаи хурдакаки булбулро навдаи ниҳол дар худ паноҳ кард. Акнун шаб ба хотири шукуфоӣ баҳор бедорӣ мекашид.

Дами саҳарӣ булбул нохост овози фарёд, ғиреву ғавғои одамонро шунид. Ду-се нафар бо қаҳру ғазаб ба лонаҳои қатори ниҳолон ҳуҷум карда, чизеро меҷустанд. Яке лона вайрон мекарду дигаре ба сӯи селаи парандаҳо санг мепартофт.

Дар канори наҳр мотам, рӯзи маҳшар барпо шуд. Гунҷишкакону чархресакон фирор карданд. Зоғи сиёҳ бо шаст болои сари одамон пайдо шуда, бо минқораш ба сару рӯи онҳо зад.

– Ин ҳафтафаҳмҳо боз булбул гуфта, аз яксар ҳамаи моро бехонумон карданд, – гуфт чархресак.

– Охир чӣ хел ба ин гурӯҳ фаҳмонем, ки булбул дигар асту аз авлодашон дар ин гирду гӯша танҳо якто боқӣ мондаасту халос. Он ҳам бошад, дар канори наҳр лона дорад. Аздусар одамон забони моро намефаҳманд-ку, – ҳасрат кард гунҷишки дар обу арақ афтида.

Гуфтугӯи парандаҳо ба оташи қаҳру ғазаби шикорчиён равған рехт. Акнун онҳо лонаи булбулро зудтар ёфтанӣ шуда, ба сари парандаҳои бегуноҳ марг оварданд. Садои чиқ-чиқи гунҷишку ҷиғ-ҷиғи ҷуғз ва қар-қари зоғи сиёҳ асло паст намешуд. Булбул дид, ки илоҷи дигаре нест. Хост парандаҳои зиндамондаро аз ин марги ногаҳонӣ, балои осмонӣ наҷот диҳад. Ӯ паст парвоз карда, нохост наздики издиҳоми шикорчиён овоз баровард.

Чаҳ-чаҳкунон ҷастухез кард. Акнун шикорчиён булбулро шинохта, шодона аз пайи доштани вай поёнтари нишебӣ давиданд. Диданд, ки булбул даруни лонааш паноҳ шуд. Акнун булбул дар лонааш мотам дошт. Ӯ охирин сурудашро, ки моломоли ранҷу дард буд, дар лонаи бо ҳавас бунёд кардааш мехонд. Одати ин парандаи хушовоз ҳамин аст, албатта пеш аз маргаш ба лонаи ҷонкандааш видоъ мекунад. Марди дунёбехабар ҷӯбдастаашро ба лонаи булбул халонд. Лонаи устокорона сохта ба ҷунбиш омад. Асои дароз чанд ҷои лонаро сӯрох кард...

Вале булбул асло аз охирин манзилаш ҷудо шуданӣ набуд, ки ғирев дошт. Аввал хост бо нолаи зораш раҳми одамонро орад. Аммо аз ин фикраш гашт. Онҳо ҳоло ғами булбулро надоштанд. Ноилоҷ атрофи лонааш чархзанон парвоз кард. Худашро ба шоху танаи дарахт зада, болашро хуншор сохт. Мар-

даки хунукрӯй дид, ки илоҷ нест, ба танаи навдаи бед часпида боло хазид. Мисли мори сиёҳ базӯр панҷаҳояшро дар каҷиву роғҳои бед монда, ба лона торафт наздик шуд.

– Ана, лонаи булбули гӯё чӣ гуна будааст, – гуфт ба худ мардак. – Акнун худи булбулро ҳам бемалол дошта мегирам. Ӯ базӯр каҷпаҳлӯ истод, надонист, пои дигарашро куҷо халонад. Ба поён нигарист, дид, ки ҳамроҳаш аллакай чор-панҷ парандаро дар қафас ҷой карда, ӯро интизорӣ дорад. Булбул болои сари душманаш чархзанон хост ӯро аз лонааш дур созад. Аммо чӣ тавр аз ин душмани ҷонӣ халос шуданашро надонист.

Булбули зору нолонро дилаш аз ҳаёт монда буд. То ин дам ӯ ошиқи зиндагӣ, муҳаббату дӯстдорӣ буд. Мехост ба худ ёре ёбаду ишқварзӣ кунад, дар ҳавои суруд рақсад. Лекин дар як дам дилаш сиёҳу қалбаш садпора шуд. Одамизод ӯро дилхунуку ғамкушта сохт. Месуруд, аммо овозаш оҳанги нокомӣ, ҷонканӣ дошт.

Талвосаи булбул мардакро саросема кард, ки ӯ чӯбдасташро аз лонаи вайрона дур андохтанӣ шуда, нохост мувозинаташро гум карду нӯги тезу мехчадори таёқ баргашта ба сари худаш зад. Ӯ як оҳ гуфту дасту пояш аз душохаи бед канда шуд.

Акнун мардак дар поён, зери бед бо азоби алим дасту по зада ҷон меканд. Аз фарқи сараш хун ҷорӣ шуда, тану либосаш лолагун гардид. Мард паст нолиш карда, оқибати амалашро дид. Рӯ ба рӯяш лонаи вайронаи булбул кашол буд. Гӯё оҳу уболи булбул, лонаи вайрона ӯро охирин бор мепесонд. Парандаҳои зиндамонда фирор карда хостанд ин макону диёрро батамом тарк созанд...

Дигар булбулро дар шоху панҷаи беди лаби наҳр касе надид. Афсонаи талошу набарди охирини булбулро танҳо оби сарди наҳр донисту халос. Ин баҳор оби наҳр сар ба соҳил зада, ҳамон нолаи зори булбулро такрор кард...

Боз имсол дар шоху навдаи ниҳолони канори наҳр дигар парандаҳо лонасозӣ доштанд. Чуғзу зоғ ҳокими долу дарахтзор шуд... Лонаи титу пошхӯрдаи булбул дами шамолҳои баҳорӣ қариб вайрон гашт. Аз алафу каҳи лона осоре намонд. Касе нафаҳмид, ки соҳиби лона, булбули зору нолон якбора куҷо ғайб зад.

# ГУРГИ ЛАНГ

Зимистонҳо, чун аз миёнҷои Шибдара то дашти Сафедорак пурбарф мегардад, дилаш гум мезанад. Шамолу барф, тундбодҳои ин дашти васеъ ӯро ба завқ меоранд. Гурги пири ланг ба даву тоз медарояд. Гургона нӯла мекашад. Ҷонвар зимистонро нағз мебинад. Қуввату мадор ӯро тарк карданӣ мешавад. Аммо ҷонҳавлона боз бадард аз банди ҷигар фарёд мекашад. Ҳавои сардро бехудона дам кашида, пеш медавад... Имрӯз аз дами саҳарӣ беист барф меборид, резаҳои барф ба сару рӯяш бархӯрда, об мешуданд. Ӯ пардаи ҳавои сардро бо шаст дарида, ҷониби пуштаҳо роҳ мегирифт. Гушна буд, аммо худро бепарво вонамуд мекард. Аз ҷониби дигар, нағз медонист, ки дар ин дунё айёми хунукиҳо аз молу пода умед нест. Фикр кард, ки ҳоло чӯпонҳо дар хонаҳои гармак фароғат доранд, ҳатто баъзеашон аз ҳоли гӯсфандон хабар ҳам намегиранд...

Дар наздикии чашма яке ба димоғаш нафаси гарму шиноси бузи кӯҳӣ расид. Пушти гурги пир сарду хунук гашт. Абрҳое, ки ҷо-ҷо шино доштанд, рӯи офтобро бастан мехостанд. Гург бадхашмона пои лангашро кашида, хаёле сояро аз худ дур сохт. Ӯ пойҳои худро хеле устувор монда, ба макони бузҳои кӯҳӣ, ки бӯи гуворои онҳо вуҷудашро навозиш мекард, наздик мешуд. Ба чашмаи Бедак чашмаш афтиду сахт аламаш кард. Аз миёнаҷои сангҳо оби чашма базӯр ҷорӣ буд. Хорбуттаҳои хушкида мадори ба тундбод истодагарӣ надошта, бо ҳасрату дард мешикастанд, зери по мешуданд...

Ҳар тобистон, айёми гулу гиёҳ ин макон хилватгоҳи сайёҳон, чӯпонҳову меҳмонҳо мегашт. Гурги пир хаёле боз дар рӯ ба рӯяш чеҳраҳои безебу хунуки онҳоро медид. Боз медид, ки чӣ тавр он табиатдӯстон гиёҳҳоро мешикастанд, алав мезаданду аз оби чашма нӯши ҷон намуда, суруд мехонданд, маст мешуданд. Баҳори соли гузаштаро яке ба ёд оварду банди дилаш ба сӯзиш даромад. Одамизод ба чӣ корҳое даст намезадааст. Дар пеши назараш барраҷаҳои навзодро пӯст канда, селаи гунҷишкаконро бо шароб нӯши ҷон карданд.

Гург охирин бор ба буттаҳои шикастае, ки он вақтҳо чодари хаймаи сайёҳонро нигоҳ медошт, бо ҳасрат нигоҳ карду сӯи чашма омад. Бӯи бузи кӯҳиро дар димоғаш нигоҳ дошта, сӯи теғаи кӯҳ давид. Чашмаи Бедак паси сар монд, – пиндошт гурги ланг. Дар пеш боз чормағзи пир, Хами Савра, Кӯтали Вағлел... Гурги пир қариб ҳар рӯз аз ин роҳу пайраҳаи шинос мегузараду ҳайрон мемонад. Аз он ки одамизод ҳамҷинсони ӯро несту нобуд кардааст, он қадар хафа нест. Балки дар шигифт аст, ки гулу буттаҳои нодир нест мешаванду одамонро аз ин парвое нест. Ӯ аз назди чормағзи пир давида гузаштанӣ буд. Ҳароина, намехост, ки назди дарахти пире, ки шоҳиди безабони ҳодисаҳои бисёре аст, биистад. Аммо боз дилаш нашуд. Ва ӯ маҳзунона ба шоху панҷаҳои шикастаю урёни дарахт бо ҳасрат нигоҳ кард. Навдаи аз ҳама ғафси дарахт шикаста овезон буд, хаёле намехост, ки аз танаи худ ҷудо шавад, ки ҳамоно чун дасти хушкидае ҳамоил буд.

Гурги пир бори дигар даври чормағз гашту нӯла кашид. Дилаш ба ҳоли дарахти танҳою шикаста сӯхт ё ба худаш, ки бедаво гашт. Дар тӯдаи барф ғел зада, бадард овоз андохт. Зӯзаи гурги пир дар саросари дашти бесоҳиб танин андохт. Гурги пир дар ин лаҳзаҳо яккафарёд дошт. Нағз медонист, ки дар ин ҷо касе ба ӯ ҳадди нигоҳ кардан надорад. Кӣ ҳам, ба ғайр аз вай, дар ин макон мезияд? Ӯ чи қадар дар паҳлӯи чормағз ғел зад, худаш намедонад. Танҳо вақте ба худ омад, ки аллакай танашро гушнагӣ меҷафид. Аммо ҳоло ӯ дар ин бора ба худ фурӯ рафтан намехост. Ин дам ӯ гузаштаашро пеши рӯ овард.

... Гурги ланг ана дар зери ҳамин чормағз ба дунё омад. Вақте чашм кушод, аввал ҳамин чормағзро дид. Ҳайрон шуд, хаёлаш, соҳибаш маҳз ҳамин дарахт аст. Чанд ҳафта бад-ин минвол гузашт. Гургбачаҳои дигар аз ӯ хеле дур рафтанд. Ӯ ҳам хост аз паси онҳо пой монад, аммо натавонист. Баъд ӯ монду чормағзи пир. Модагург ҳам ӯро он қадар рӯи хуш намедод. Ва ӯ ноилоҷ лангон-лангон базӯр назди модар меомад. Таги пои модар хазида, ба сад азоб фукашро ба пистони модагург мебурд. Хумори шираш мегирифт, мехост ҳамроҳи додарчаҳояш ба серӣ шир макад. Аммо зӯраш намерасид. Аз

камҳавсалагии худ аламаш меомад. Баъдтар модагург гургбачаҳоро ба ҷойи дуртар ҳамроҳ мебурдагӣ шуд. Ба онҳо шикор кардану ба дигар ҳайвонҳо дарафтоданро ёд медод...

Бори нахуст, вақте ки модагург гӯсфанди хунолудеро миёни гургбачаҳо партофт, ҷанги ҳақиқӣ сар шуд. Гургбачаҳо хеле моҳирона гӯсфандро пӯст меканданд. Ӯ пои иллатиашро кашолакунон хост аз гӯшти гӯсфанд ҳаққашро ситонад, ки гургбачаҳо дандончаҳояшонро гиз карда, таҳдидаш карданд. Модагург, ки ин манзараро аз дур назорат дошт, худашро нодида гирифта даррав ба лонааш даромад...

Ва ӯ – ҳайвони безабон, ана ҳамон дам нахустин бор ҳис кард, ки вай бо ин пои иллатиаш ҳатто ба модари худ даркор нест. Чӣ илоҷ? Ҳаёти гургона ки сахт буд, модагург ба фарзанди лангаш бовар надошт. Ӯ гумон надошт, ки дар шикору талошҳои галаи гургон ин гургбачаи заифу ланг рӯзе тоб меорад. Ҳамин тавр, модагург бо гургбачаҳояш гурги лангро батамом тарк карданд...

Ва ӯ монду ҳамин чормағзи пири танҳо. Ба танҳоӣ оҳиста-оҳиста одат кард. Аввал гулу гиёҳ мехӯрд. Аҳд кард, ки барои зистан мубориза барад. Акнун аз таги чормағзи пир дур мерафтагӣ шуд. Дарунтари кӯҳпораҳо мерафт, медавид, пояшро омӯхта мекард. Ба ҷонварҳои атроф нотарсона ҳамлагар мешуд. Чусту чолок гашт. Дилаш аз гургону атрофиён батамом монд. Чанд маротиба хост ба галаи гургон ҳамроҳ шавад, вале ҳар дафъа аз роҳаш мегашт. Азобу ранҷҳои айёми наврасиаш ӯро нагузоштанд, ки пеши ҳамҷинсонаш баргардад.

Рӯз то рӯз, ҳафта ба ҳафта ӯ боқуввату чолок мешуд. Ҳатто бо ҳамин пои лангаш кори ҳар ҷонвари аз пешаш пайдошударо дар як дам тамом мекард. Дар ин гирду гӯша дигар ягон ҳайвон ё даранда ҳад надошт, ки бо ӯ сар ба сар шавад. Танҳо аз одам бим дошт. Ҳам метарсид, ҳам кирдори одамонро сарфаҳм намерафт. Зеро ӯ аз ҷумлаи одамӣ танҳо шикорчиёну чӯпонҳоро медонист. Хаёле дар дунё ӯ буду ҳамин шикорчиёну чӯпонҳои бераҳм...

Гурги пир аз Хами Савра гузашта, рост ба теғаи кӯҳ баромад. Ӯ чунон моҳирона мерафт, ки гурги ланг буданаш чандон маълум набуд. Аз паси харсангҳо гузашта ба паҳлӯи тобасанг

нишасту ба атроф зеҳн монд. Чорсад-панҷсад метр дуртар бузҳои кӯҳӣ намудор гаштанд, беихтиёр ба баданаш рашъа давид. Гурги ланг чолокона ба галаи бузҳо наздик мешуд. Бузҳо бӯи душмани ҷони худро даррав ҳис карданд. Бод аз тарафи гург мевазид. Онҳо бо бесаранҷомӣ паноҳ ҷустанӣ шуданд. Гурги пир аз таҷриба нағз медонист, ки бузҳо аз миёни харсангҳо мегурезанд. Зеро дар байни харсангу кӯҳпораҳо буз тезтар ҳаракат мекунад. Гург бошад, дар ин мавридҳо қудрати дастгир кардани тӯъмаашро надорад. Гурги ланг ҳамаи инро дониста дар як дам бузҳои содаро чапғалат дода, аз пешрӯи онҳо баромад. Барф меборид. Бузҳои аз барф таршуда бо азоб мегурехтанд. Гурги ланг ғайричашмдошт миёни бузҳо даромада бо як ҳуҷум тӯъмаашро аз пой афтонд...

Вақте ки гурги ланг бузи кӯҳиро пӯст меканд, аз бузҳои дигар нишоне намонда буд. Боз гурги ланг буду паҳнои беканору барфу борон. Гург дар як дам ҳамаашро фаромӯш кард. Гӯшти сайдашро канда мехӯрду бо ҳамин таскин меёфт. Дар ин гуна лаҳзаҳо ӯ зуд дарду кулфатҳояшро фаромӯш мекунад. Аз барори шикораш масту махмур мегардад ва гӯшти болаззат тану ҷонашро роҳат мебахшад...

Баъди ду рӯзи сербориш дар талу пуштаҳо шамоли сарде сайр дошт. Вале шасти хунукӣ гашта буд. Гурги ланг ҳавои саҳариро оҳиста-оҳиста дам кашид. Фаҳмид, ки баъди ҳафтае айёми гармиҳо фаро хоҳад расид. Ӯ аз нишебу фарозҳо гузашта, ба қуллаҳои кӯҳ ба ҳавас нигоҳ мекард. Кӯҳпораҳои шиносаш дар зери кӯрпаи барф роҳат доштанд. Ҷонвар ба теғаи кӯҳи аз ҳама баланд зеҳн монд. Кӯҳ ба шакли ҳайратовар меистоду аз миёнаҷои он шаршараи оби мусаффое ҷорӣ буд. Гурги ланг наздики шаршара омад. Дар поёни дарё оби софу зулоле ҷамъ мешуду баъд шилдирросзанон миёни харсангҳо равон мегашт. Ӯ ба қаъри ҳавз нигариста дар миёнаҷои гулҳо шишаҳои холӣ, оҳанпораҳоро дид. Аз нав аламаш кард. Тобистони гузаштаро ба хотир овард...

Он рӯз тариқи чархбол чор-панҷ марди шикамкалон дар миёнаҷои дара фуромада ана дар ҳамин мавзеъ хайма заданд. То дами бегоҳӣ чӣ қадар нӯшиданд, маълум не. Гурги ланг ҳамин қадарашро медонад, ки онҳо мастона шишаҳои холиро

ба ҳавз ҳаво медоданд. Баъд ду нафар бо навбат наздашон гӯштбирён мегузоштанд. Гурги ланг ҳайрон буд, ки чаро онҳо дар якҷо шишта танҳо менӯшанду мехӯранд. Ва ин муамморо то ҳол нафаҳмидааст. Ӯ охирин бор бо ҳасрату дард ба ҳавзи об нигоҳ карду нишеб шуд.

Дигар назараш чизеро намегирифт. Балки гурги ланги танҳо намехост, ки ба табиати атроф нигоҳ кунаду харобаҳоро бинад...

Дар бисёр ҷойҳо барф майли обшавӣ дошт. Гурги ланг дилаш пур аз яъсу ноумедӣ беихтиёр сӯи чормағзи пир меомад. Ӯ кай медонист, ки ӯро чӣ пешомаде интизор аст. Ё шояд аз ин гуна ҳаёту танҳоӣ ба танг омада буду роҳи аз он халос шуданро меҷуст, ки бо шаст дунболи марг мерафт...

Чӯпонҳои мавзеи Дамгирак кайҳо ин чормағзи пирро таги чашм карда буданд. Айёме, ки гурги ланг чӯпонҳоро зери чормағзи пир дар баҳсу талош медид, ҳеҷ намефаҳмид, ки онҳо баҳри чӣ ин қадар ба якдигар дармеафтанд. Гоҳе мушоҳида мекард, ки барои ҳосили он бо якдигар ҷанҷол мекунанд. Ҳамагӣ ба болои он баромада, шохаҳои чормағзро меафшонанду дар як лаҳза тагаш моломоли донаҳои калон-калон мегардад. Баъд халтаҳо дар даст ҳарисона чормағз меғундоранд...

Гурги ланг ҳеҷ ба гӯшаи хаёл намеовард, ки маҳз ҳаминҳо рӯзе мешаваду қасди буридани чормағз мекунанд...

Гурги ланг мавзеи чашмаро паси сар карду яке ба гӯшаш садои табарзанӣ расид. Аввал ҳайрон шуд. Бовараш наомад. Охир, кай дар чилаи зимистон ба ин дашт одам меомад, кай? Чун ба наздикии чормағз расид, пеши чашмаш сиёҳӣ зад. Ду нафар паси ҳам ба ягона чормағзи дара, ягона шоҳиди талхиву ширинҳои ҳаёти ӯ табар мезад. Гурги ланг ба табарзании онҳо хеле нигоҳ карду хост қафо гардад. Аммо ғурури гургона дар тану ҷонаш ба ғалаён омад. Нисбат ба одам нафраташ баланд шуд. Хост ба онҳо дарафтода ҳардуро пора-пора созад. Аммо боз аз нияташ гашт. О, аз дасти мани ланг, чӣ ҳам меояд? – ин ҳама дарду алам дилашро ҷафид. Гурги ланг хеле нигоҳ карду ба танаш раъша давид. Хуни авлодияш ба ҷӯш омад. Дар худ нерӯи дигареро, ки лаҳзаҳои ҳуҷум ёраш мегашт, ҳис карда, дандонҳояшро ба ҳам совида ба пеш давид.

Пайдошавии гурги ланг чӯпонҳоро мот кард. Онҳо, ки ин ҳодисаро чашмдор набуданд, гурехтанд. Гурги ланг ҳам хост баргардад, ки яке овози тир баромад. Тир пои рости гургро сӯрох карда гузашт. Гурги ланг гашташро тез карда рӯ ба нишеб ниҳод. Яке овози тири дуюм, баъд сеюм чун барқ ҳаворо рахна зад. Чӯпони дуюм бо навбат аз туфанги думилааш тир холӣ мекард. Гурги ланг дар хуни худ ғарқ гашта охирин бор бо ҳасрат ба атроф назар афканд. Ҳис кард, ки ҳалқаш месӯзад... Тани бечони гурги ланг дар шафати чормағзи пире, ки як вақтҳо саробони гурги ланг буд, мехобид.

Гурги ланг бо дидаҳои ғарқи хун хаёле ҳамоно сӯи чормағзи бурида нигоҳ дошт...

## АЛИБОЧ

Осмон барои алибоч[1] маънии дигар пайдо карда буд. Ӯ намехост паст парвоз кунад. Ҳар дафъа, ҳамин ки болҳояшро васеъ кушода тирвор боло мепарид, қалбаш пур аз шодию фараҳ мегашт. Ҳини парвоз намехост дигар поён фарояд. Гӯё дилаш аз замину одамон монда буд. Ва ӯ дар осмони нилгун давр зада – давр зада бо қанотҳои кушодааш синаи осмонро дарида роҳат мекард. Ҳавои софу беолоиш ба тану чонаш мисли марҳам кора мекард...

Алибоч ҳич ба ёд оварда наметавонист, ки аз кай боз ин қадар хаставу беҳол шудааст. Не, қуввату дармон дорад, аммо рӯйдодҳои охири рӯи замин, ҳаводиси миёни шаху кӯҳпораҳо сахт дилгираш кардааст.

Ё инчиқу зудранч шудааст, ки поён нафуромада соатҳои дароз дар осмон ҳаракат мекунад, бол мезанаду шамолу ҳавои болоро писанд накарда то монда шуданаш истодагарӣ мекунад. Ҳамин ки тамоман аз қувваю мадор монд, як илоч карда поён мефарояд. Чисми лӯндааш тирвор ба замин омада, баъд яке худашро ба даст мегирад...

---

[1] Алибоч ё чӯчабарак – парандаи кӯҳистон мебошад. Дар луғатҳо ғеливож низ гӯянд.

Имрӯз ҳам ҳаво аз дами саҳарӣ мувофиқи табъи дилаш буд, ки бе ҳеҷ фикру андеша омодаи парвоз шуд. Ӯро хумори сайр, талоши баландиҳо гирифта буд.

Алибоҷ дар осмони беканор парвози дурудароз дошт. Канотҳояшро кушодаву ҳаворо зери парҳош ҳис намуда, роҳат мекард. Дар осмони нилгун парвоз кардан барояш чӣ гуворою хушоянд аст. Ӯ маҳз дар ҳамин гуна лаҳзаҳо худашро озоду ягона, бебок, серу пур медид. Гуё танҳо умқи осмон метавонист макони фароғати ӯ бошад. Ҳоло алибоҷ барои ором кардани вуҷуди лакоту хастааш беист парвоз дошт. Гоҳе худашро сахт тилтонда тирвор паст меомад, ҳамин ки ба замин, шафати талу кӯҳпораҳо наздик меомад, боз боло мешуд. Қувват пайдо карда ноаён боло мерафт. Ин ҳангом болҳои гиро, нӯли расо, панҷаҳои серҳаракату тезаш синаи осмонро дарида, хомӯшии ин муҳити оромро халалдор мекарданд. Ҳоло танҳо шарфаи қанотҳои алибоҷ шунида мешуду халос...

Алибоҷ ин дафъа ҳам хеле дур рафта буду акнун ба поён – ба замин – макону дунёи инсоният бо ҳавас менигарист. Нигоҳи пайгиронааш аввал хеле хуб поёнро назорат кард. Балки шавқи алибоҷ омад аз тамошои боғу роғ, кӯҳпораҳои атроф. Ӯ хуб медид, ки чӣ тавр аз миёнаи кӯҳҳои азим шаршараи зебое бо шаст поён мерехту дар роҳрави пушта ҷӯйчаи оби зулоле ҷорӣ мегашт. Алибоҷ дар зиндагии тӯлониаш ҳамаи хубу бади атрофро омӯхта буд.

Солҳои аввал дар ин кӯҳу дара зиндагии ширине дошт. Ҳар гоҳе аз ғор, ки он ҷо лонааш воқеъ буд, дур мешуд, бе тарсу ҳарос ба чор тараф парвоз мекард. Аввалҳо, ҳамин ки болои деҳае, ки дар шафати кӯҳсорон воқеъ буд, пайдо мешуд, соатҳои дароз аз гирумон, давуғеҷи одамон чашм намеканд. Аз зиндагӣ, ҳаёти фарзанди инсон лаззат мебурд. Чанд сол пеш ризқу рӯзияш аз пушти мардуми ҳамин маҳалла буд. Шиками сер, рӯҳу тавонро аз миёни ҳамин одамон пайдо мекард. Ҳамаи киштзорҳо, гандуму шолӣ, алафи дашт дар ихтиёраш буд...

Баъзан ҳатто ҳамаи инро назараш намегирифту боз ба шикор мебаромад. Худо ин панҷаву бозуро барои чӣ додааст? Ин дам бо нӯли гированаш зери қанотҳояшро кофта, ху-

дашро омодаи ҳуҷум мекард. Ҳис мекард, ки бо ин панҷаҳо аз ӯҳдаи ҳама гуна шикор мебарояд. Зеро нағз медонист, ки ризқи паранда дар нӯлу панҷаи ӯст. Ва ӯ яке болои хонаҳо пайдо мешуду беист давр мезад...

... Дар миёнаҷои ҳавлӣ чӯҷаҳои нав аз тухм баромада, бепарвоёна хоклӯтак доштанд. Яке паси дигар коҳилона садои пасте бароварда дабба-дабба роҳ мегаштанд. Мокиён ҳар замон чӯҷаҳояшро наздиктараш оварда «қиғос» мезад. Онҳоро мефаҳмонд, ки дуршавӣ аз ин мавзеъ барояшон хатар дорад. Мокиён ҳамоно аз чизе хавотир буд, ки ҳар замон ба осмон нигариста, баъд ба атроф чашм медӯхт. Ӯ аз пайдо шудани гурба ҳарос надошт. Зеро медид, ки хурӯс дар поёнтари ҳавлӣ бовиқор ӯ ва чӯҷаҳояшро назорат дорад. Ҳатто дирӯз дид, ки чӣ тавр гурба миёнаҷои ҳавлӣ пайдо шуду дар балои азиме монд. Вақте ки хурӯс гурбаро дид, гарданашро баланд ёзонда қанотҳояшро бардошту ноаён ба гурбаи бечора дарафтод. Задухӯрди сахте ба вуқӯъ пайваст. Гурба аз зери панҷаҳои хурӯс халос шуда наметавонист. Хурӯси таҷанг ҳар замон ба сару тани гурба нӯл мезад, оқибат худаш дамгиру монда шуд магар ки гурбаро ғолибона сар дод...

Ҳозир мокиён аниқ медонист, ки дигар гурба аз тарс дар ин қарибиҳо пайдо намешавад. Ӯ аз дигар чиз сахт биму ҳарос дошт. Хотираш аз душмани ҷониаш – алибоҷ, ки ӯро бачаҳо чӯҷабарак гӯён фарёд мекунанд, парешон буд. Мокиён аз ӯ ҳазар мекард. Медонист, ки алибоҷ нохост пайдо шуда ба сараш ягон бало меорад.

... Сояи алибоҷ чунон тез болои ҳавлӣ пайдо шуд, ки ҳама дар ғафлат монданд. Мокиён қиғосзанон чӯҷаҳояшро наздаш даъват кард. Аммо аллакай дер шуда буд. Мокиён бо қанотҳои тилташ ҳайрону зор монд.

Алибоҷ паст фуромада ба ҷои хоклӯтаки чӯҷаҳо чанг зад. Сайди ба даст омадааш – ду чӯчаи наврас зери панҷаи гирояш чиррос мезаданд. Ӯ аз ҳуҷуми хурӯс хавф накард, баръакс, ба хурӯс дарафтода бо як-ду зарбаи сахташ ӯро аз худ дур намуда ба ҳаво хест...

Алибоҷ ҳоло дар паҳнои осмон сайругашт дошту ҳеч майли

сӯи деҳа – манзили одамон рафтан надошт. Солҳои охир дили ӯ аз инсоният, мардуми деҳа сахт монд. Алибоқ дар майнаи кӯчаки худ ҳеҷ ғунҷонда наметавонист, ки чаро одам то ба ин дарача паст фаромадааст. Охир, чанд сол пеш онҳо чашмаҳоро обод мекарданду дарахт мешинонданд ё фасли зимистон ба парандаю чаранда обу нон медоданд. Аммо ҳоло чӣ? Баръакс, аз дасти ҳамин одамизод на ҳайвон ҳол дораду на парандаи кӯҳистон...

Алибоқ акнун аз парвози дуру дароз гӯё монда намешуд, балки фикри айём, вайрониҳои атроф ӯро сахт монда карда буд. Ӯро ношукриҳои фарзанди одам ба ҳайрат овардааст. Алибоқ пештар ин хел фикр надошт. Он замон вай ба талошу корҳои неки мардуми ин деҳи кӯчак нигариста ифтихор мекард. Медид, ки чӣ тавр атроф хурраму обод мешавад, гову мол серу пур, ҳатто сагҳои деҳаро фукашон чухт буд, зеро бо шиками сер мегаштанд. Ҳоло чӣ? Деҳа хароб, киштзорҳои атроф поймолу валангор ва парандагони хушбол дар қафасу боқимондаашон гушна...

Аммо ин дафъа ноилоқ монд. Гушнагӣ, бекасӣ, азоби танҳоӣ, яъсу ноумедӣ ӯро боз болои деҳа бурд. Акнун ӯ болои деҳае, ки пештар тез-тез он ҷо пайдо мешуду ҳар гирду гӯшаашро нағз омӯхта буд, бегонавор сайр мекард. Мисли парандаҳои навомӯхт бо ҳайрату тааҷҷуб поён нигоҳ мекарду даҳонаш воз мемонд.

... Ҷои биноҳо, мағозаҳои пур тамошогоҳи холии бачаҳои оворагард буду ду-се бачаи аз дуди сигор масту махмуршуда.

... Ин алаф чӣ бошад, ки ба онҳо ин қадар писанд аст. Бачаҳо бо навбат сигор мекашиданд. Дуртар мӯйсафеди қоматхамидае дар осиёб орд мекард. Ӯ базӯр халтаи гандумро ба дӯли осиёб мерехту араки сару рӯяшро бо ҳасрат пок мекард...

Алибоқ аробаҳои холии дасти одамонро медиду мошинҳои вайронро, аз фермаи як вақтҳо ободи деҳа нишоне намонда буд. Як вақтҳо алибоқ аз ҳамин ферма ҳам ризқу рӯзиашро меёфт. Ҳоло ферма холӣ буду дару тирезааш канда, шикастаю вайрон...

Алибоқ ҳамаи инро диду бо қалби шикаста хост ба мако-

наш – кӯҳсор баргардад. Ӯ акнун аз одамизод сахт дар тарсу ҳарос буд. Мефаҳмид, ки онҳо дар майнаҳои худ фикрҳои дигари даҳшатбореро ҷой мекарданд. Нав аз болои деҳа дур мешуд, ки яке чашмаш ба хоначаи канори рӯд афтод. Ба хотир овард, ки ду-се ҳафта боз гурӯҳи одамон ин ҷо хайма задаанду замину домони кӯҳро шикофта, баъд болооби онро тоза мекунанд. Ду-се нафари дигар аз миёни регзор чизе меҷустанд. Алибоҷ ҳиҷ дар майнааш ғунҷонда наметавонист, ки онҳо тило мекобанд. Пештар ин хел иҷозат набуд. Вале акнун ҳаст. Ва гурӯҳе ин ҷоро интихоб карда бепарвоёна тило меҷӯянд. Алибоҷ ба дастгоҳе, ки садои баланд бароварда обро ба сӯе мепартофт, хеле нигоҳ кард. Дид, ки се-чор нафари дигар дуртар аз зери об сангу регҳоро кофта коҳилона аз симтӯр мегузаронанд.

... Дар паҳлӯи одамон шишаҳои холии араку консерв титу парешон мехобиданд. Ӯ дуртар сари буридаи бузи кӯҳиеро диду ба танаш ларза омад.

... Алибоҷ ба ёд овард, ки чӣ тавр дирӯз ҳамин бузи кӯҳӣ, ки охирин намояндаи ин ҷинс буд, дар сари чашма об мехӯрд. Об мехӯрду аз тарс ба чор тараф нигоҳ мекард. Бузи кӯҳӣ дар ҳасрати бачаҳошу ёрони тӯъмаи шикорчиёни худонотарсашон хеле харобу лоғар шуда буд. Аз бузи кӯҳие, ки чанд рӯз пештар хиромон роҳ мегашту зеби ин дашту дара буд, акнун танҳо пӯсту устухон ва сараш бо ду шохи калони камоншакл боқӣ монда буду халос...

Ин дам байни тилоҷӯён шӯру валвалаи сахте хест. Марди сурхинаи ишкамкалон дасташро аз табақи гӯшт гирифта, пиёлаи аракро дар як мижа задан фурӯ бурду ба ҳамроҳонаш бо виқор рӯй оварда гуфт:

– Ҷӯраҳо, то охири тобистон ҳамин ҷо меистем-а! Кайф дар ин ҷо, мо ҳам тило кор мекунему ҳам шикор, ҳам кайфу сафо... курорташ ҳамин-да... Ҳӣ, – ҳӣ, – ҳӣ, – ҳӣ...

– Ҳой, Азиз-бойбача, агар иҷозат бошад ман ҳамин пӯсти оҳуро Душанбе, хонаам барам, майлаш?!

Марди сурхина, ки аз зарби арақ чашмонаш базӯр метофтанд, як китфак зада боз баланд қоҳ-коҳ хандид. Ҳини ханда дандонҳои зарду бенураш намудор гашта, дили касро беҳузур

мекарданд. Ӯ боз зери дандонҳояшро бо сихе мекофту дарunnокӣ завқ мебурд.

– Эъ, Саид, паъат, ҳамаша гир, ҳами сари зормундааш ҳам ай ту. Дар ку... бизанашу...

Саид, ин марди қоқинаи дароз, хаёле аламаш кард, сахт ранҷид, вале аз тарс овозашро баланд накард, сир бой надод...

Ҷӯраҳо хуб хандиданд ва садои хандаи берабту хунуки онҳо боз ба атроф паҳн гашт. Марди сурхинаи шикамкалон, ки акнун номаш аниқ – Азиз-бойбача буд, шикамашро базӯр хорида-хорида яке чизе ба ёдаш расидагӣ барин, гӯё кашфиёти нодире карда бошад, ки аз ҷояш хез зада бо такаббур ба ёронаш муроҷиат кард:

– Ҷӯраҳо, медонед чӣ. Соати соҳиби пулу мол шуданамон аниқ омадааст, бовар кунед, рӯзе мерасад, ки ҳамаи мо соҳиби тилои бисёре мешавем. Чаро инро ман пештар ба хотир наовардам-а...

Нигоҳи суоломези дӯстон ба ӯ дӯхта шуд. –... Бобои маро, ки чор сол пеш аз дунё гузашта буд, ҳама Тӯхта-босмачӣ мегуфтанд. Бобом пеш аз мурдан дар бораи ана ҳамин кӯҳу пуштаи Сурхов нақл карда гуфта буд, ки замоне дар ин ҷойҳо дар як ғор як бағал тиловориро руст карда будааст. Давраи аввали ҳукумати шӯравӣ.

... Тӯхтаро омад-омади урус сахт ба ташвиш оварда буд. Деҳаро аз Афғонистон танҳо дарёи Панҷ ҷудо мекарду халос. Дар соҳили муқобил, ки хеле ба деҳа наздик буд, ҳар рӯз мардуми бисёре машғули тилокобӣ буданд. Ӯ ба онҳо менигарист бо ҳавас. Ҳис мекард, ки рӯз ба рӯз гирифтори орзуҳои нав мегардад. Аз он сӯи дарё шабе ду-се нафар меҳмони хонадони онҳо шуданд. Тӯхта бо имои падар обдастаро гирифта дохили меҳмонхона шуд. Ӯ аввал чизеро пайхас накард. Меҳмони якум, ки марди хушсурати афғон буд, дастонашро шуста табассуми ширине кард. Ҳини ба меҳмони дуюм наздик шудан қариб буд, ки обдаста аз дасти Тӯхта биафтад. Ӯ дид, ки миёни меҳмонҳо, болои кӯрпача пури тиловор аст. Лаҳзае чанд ба тило чашм дӯхту халос. Ҳине ки барои меҳмонҳо хӯроку чой оварданд, Тӯхта аз хона берун шуд.

Аммо ӯ аз меҳмонхона дур нарафт. Қалбаш беқарор гашт.

Хаёле нафасаш мегирифт. Ҳатто ҳис накард, ки чӣ тавр ба тиреза наздик шуда ба овози меҳмонҳо гӯш андохт.

– Алибой, мегум тарафҳои шумо нотинҷ шуд-да...

– Ҳа, бале. Ана, аскарҳои сурх аллакай ба қишлоқи ҳамсоя омадаанд. Замина ба пойлучҳо тақсим карда каттагарӣ карда гаштаанд.

Алибой нигоҳи маккоронаашро аз меҳмонҳо наканда суханашро давом дод:

– Пагоҳ ё пасфардо мебинӣ, ки урусҳо ба деҳаи мо ҳам медароянд. Ҳукуматшона барқарор мекунанд...

– Алибой, мо одами худӣ гуфта наздат омадем. Як бало карда ёрдам кун, одамота ёфта назди одамҳои мо фиристон. Барои ҷангидан ба муқобили сурхҳо яроқ лозим. Ин тилоҳо басандаанд, ки мо соҳиби яроқу аслиҳаи нав шавем.

Тӯхта аз паси тиреза бошад ҳам, ҳамаашро мешунид. Дилаш беқарор гашт. Ҳушу ёдашро тило батамом бурда буд. Ӯ ҳис мекард, ки падараш ҳам бекор нанишастааст. Тӯхта ҷавон ҳам бошад, хислату хӯи падарашро нағз омӯхта буд. Ӯ аллакай пайхас карда буд, ки падараш пинҳонӣ чӣ ҳилаву найрангеро ба кор бурданӣ аст. Худо медонад, ки боз ӯ чӣ даҳшатеро ба нақша гирифтааст...

Тахмину гумонҳои Тӯхта рост баромаданд.

... Нисфишабӣ падару писар меҳмонҳоро дар хоби ғафлат пахш карда, бераҳмона куштанду осонакак соҳиби тангаву тилои бисёре шуданд...

Баъди аз весилка, аз Сибир баргаштан Тӯхта ҷои тилорусткардаашро дигар наёфт. Ғаму кулфати тилоҳояшро бо худ ба гӯр бурд...

Оқибат раги авлодӣ кашид, ки Азиз-бойбача ҳам тилоков шуд. Вале Азиз ҳаргиз намехост, ки саргузашти бобояш – Тӯхта-босмачиро ба хотир биёрад. Ва ӯ ҳиҷ бовар надошт, ки ин мавзеъ ҷои наҳсу бехосият бошад.

... Ва ӯ аз дами нақли бобояшро ба ёд овардан оромиашро аз даст дода буд. Дастгоҳҳои коркарди тило беист кор мекарданд. Лекин ин садову корҳои рафиқонашро гӯё намешуниду намедид, ҳушу ёдаш тамоман ба хазинаи тилои кучое пинҳон кардаи бобояш банд буд.

Шабҳо хобаш ҳаром мегашт. То дами субҳ мижа назада фикр мекарду худро хаёлан бо ҳамон хазинаи тилои бобояш медид. Қавл медод, ки тилоро оқибат хоҳад ёфт...

Маърака метасфид. Дар берун дастгоҳ беист кор мекард. Вале садои баланди он ба гӯши касе намедаромад. Шишаҳо пайиҳам холӣ мешуданду Азизро аламаш дучанд мегашт. Ӯ гоҳе айёрона ҷинҷ зада, бо алам пиёлаи арақашро дам мекашиду боз каҷпаҳлӯ мезад...

– Иншооллоҳ, бо ёрии ин дастгоҳи хориҷӣ соҳиби кони тило ҳам мешавем. Вале бачаҳо, бовар кунед, ҳамон нақли раҳматӣ бобом, тилоҳош ҳеҷ аз хотирам намераванд. Як илоҷ карда онҳоро ёфтан даркор... Номи маро беҳуда Азиз-бойбача нагузоштаанд, меёбам, албатта меёбам...

– Биёед, барои ҳамон тилоҳо менӯшем.

Қадаҳҳо боз холӣ шуданд. Чашмони гургмонанди Азиз-бойбача ҳамоно ҳарисона медурахшиданд...

Алибоҷ хеле болои хайма, хоначаи тилокорон чарх зад. Аз вайронаҳои атроф, гулу гиёҳҳои хушкшуда, дарахтони шикаста чашм намеканд. Ӯро сӯзишворие, ки беист ба атроф мерехт, ба даҳшат овард. Ва ҳеҷ намефаҳмид, ки барои чӣ одамизод танҳо ғами худашро мехӯрад, барои чӣ замини зери пояш, атрофашро писанд намекунад.

... Алибоҷ дар болои шаху кӯҳпораҳо давр гашта – давр гашта ҳис кард, ки гушна мондааст. Эҳа, агар солҳои пештар ин ҳолат ба ӯ рух медод, дар як лаҳза сайдашро пайдо мекард. Нигоҳи тезаш даррав аз баландиҳо тӯъмаашро медид. Дигар ягон ҳайвон ё парандае қудрати аз нигоҳи ӯ паноҳ шуданро надошт. Алибоҷ қанотҳояшро тилт карда, сарозер мешуду нохост тӯъмаашро зери чанголҳояш мегирифт. Ҳоло дигар ӯ ҳаваси шикор надошт. Охир, чӣ ҳам шикор мекард, бо чашмони сараш медид, ки мардум охирин бошандагони ин дашту ҳомун – гургу рӯбоҳ, хирсу бузҳоро нест мекунанд, аз дасти одамизод дар ин макони як вақтҳо босафо дигар овози кабк ҳам намебарояд. Акнун онҳо ба ғорҳо, миёни кӯҳпораҳо хазида тамоми мавҷудотро нест мекунанду боз розӣ нестанд. Ҳоло ҳам нафсашон қонеъ нашудааст. Ин чӣ даҳшат аст-а? Аммо алибоҷи пир қудрати ҳамаи инро радду бадал, андеша кардан надошт. Ӯ кайҳо ҳирсу

тӯъмаро дар қалбаш кушта аз ризқи фаровон даст кашида буд. Ба ҳамин як наволаи ночизе ҳам қаноат мекард. Имрӯз ҳам мурдаи кирмзадаи як-ду харгӯшро нӯл зада каме шикамашро сер карду халос. Акнун ӯ парвоз дошт. Аз рӯи одат анъанаҳои авлодии хати парвозашро давр мезад. Дар ин мавзеъ аз азал авлоди ӯ ҳукмронӣ мекард. Касе ҳад надошт, ки хати ин маконро вайрон кунад. Танҳо алибоқ метавонист дар ин ҷо шикор кунад. Алибоқ хеле пештар, ҳангоми навмӯхт буданаш аз модараш фаҳмида буд, ки нисбати табиат, чарандаю парандаи дигари ин мавзеъ он қадар бераҳм набошад. Алибоқ то ин дам ин панди авлодашро дар гӯш дорад ва ҳангоми шикор инсофро дар ҷои аввал мемонад. Беҳудаю баҳуда ба ҷонварон ҳуҷум карданро ба худ раво намебинад.

... Алибоқ нимаҳои рӯз хаставу беҳолона дохили ғор шуд. Ӯ ба лонааш наздик шуда, яке овози гуфтугӯи одамонро шунид. Аввал ҳеҷ бовараш наомад. Дар умраш аввалин бор шоҳиди он гашт, ки одамизод ба ин ғори кайҳо фаромӯшшудаю касногузар роҳ ёфтааст. Дар ёд дошт, ки то ин дам пои қадами касе ба ин ҷо нарасидааст. Шояд пештар аз ӯ, солиёне, ки дигар пайвандонаш ин ҷоро лонаи худ интихоб карда буданд, одамизод ин маконро ҳам зери чашм карда бошад, шояд, – аз дил гузаронд Алибоқ. Ва ӯ оҳиставу бесадо парвоз карда ба одамон наздик шуду аз болои санги калоне ба онҳо назар афканд.

... Алибоқ даррав онҳоро шинохт. Нахуст ҳамон Азизбойбача, ҳамон ишкамкалони чашмсурхро ҳамроҳи дигар тилокорон дид. Онҳо байни якдигар баҳс доштанд. Алибоқ бисёр мехост сабаби ҷанҷоли онҳоро фаҳмад. Шояд фаҳмидан мехост, ки ин дафъа одамизод аз барои кадом кор-моли тақсимнашуда байни якдигар низоъ дорад. Вале боз аз раъяш гашт. Аз дил гузаронд, ки аз вақте худашро ёд дорад, одамизод аз кораш розӣ несту доим байни якдигар дар ҷангу ҷӯш, зиддият қарор дорад. Алибоқ ҳайрон-ҳайрон ба ин одамони гумроҳу ҳарис бо нафрат назар дошт...

Азизи ишкамкалон базӯр ҳамроҳонашро хомӯш карда боз аз пайи ҷустуҷӯи хазина шуд. Акнун ҳар кадом чор тарафи ғорро бо шасту қаҳр мекофтанд. Азиз ин дам ҳай ҷадалу талош дошт. Марде ки то ин рӯз базӯр роҳ мегашту аз кори вазнин

худашро канор гирифта аз беморӣ шикоят мекард, ҳоло девонавор ба болои сангҳо, миёнаи кӯҳпораҳо мебаромад. Ёфтани хазинаи бобоӣ, тилову танга кайҳо ӯро мутеи худ карда буд. Ӯ ҳатто ба панҷаҳои кафидаю хуншор, либосҳои даридааш аҳамият намедод.

– Ҳой, Азизбой, биё, мон ҳамун хазинаатро, аз кофтани бисёра ҳанги дилам канд. Аздусар имрӯз Худо медонад, ки корамон барор гирад.

Азиз ба миёнаҷои санге сар халонда бе он ки ба хамроҳонаш нигоҳ кунад, гуфт:

– Эй ҳафтафаҳм. Ман ҳам гушнаву хаста шудаам. Лекин чӣ илоҷ, ёфтан даркор. Ҳис мекунам, ки камтари дигар кобем, албатта тиловориро пайдо мекунем, албатта, дилам ба ин гувоҳӣ медиҳад, мефаҳмӣ...

– Эй Азизбой, Раҳим рост мегӯяд, биё, аз ин макони наҳс равем, рӯз бегоҳ шуда истодааст. Боз рӯзи Худо бисёр аст, пагоҳ ҷустуҷӯйро давом медиҳем ё...

Вале Азизбой дигар давоми сухани ҳамроҳонашро намешунид, балки ҳарфҳои онҳо ба гӯшаш намедаромад. Ӯ чун мори захмин ба чор тараф хазида, атрофро, паси ҳар кӯҳпораю сангро мепалмосид.

... Алибоҷ ҳайрон буд, ки чаро ин одам саг барин паси ҳар сангро бӯй мекашад. Мехазад, чорғовак дохили чуқуриҳо шуда беист хокпораҳоро тагурӯ мекунаду зери лаб чиҳое гуфта боз корашро давом медиҳад. Агар ҳозир ин ҳодиса ба амал намеомад, шояд шабро дар ҳамин ғор рӯз мекарданд. Вале кори шудагӣ шуд. Ин ҳодисаи ба қавли онҳо хурсандиовар чунон тез ба амал омад, ки қариб буд, Азизбой девонаю дилкаф шавад…

Ӯ тиловориро аз зери сангу хок бароварда, дар банди ҷигараш зер карду овоз набаровард. Не, ӯ натарсид, наҳаросид, балки худ ба худ зунукаш гирифт. Азизбой, ки дар гапзанӣ усто буд, акнун қудрати ҳарферо ба забон овардан надошт. Гунг, моту мабҳут шуда буд. Мисли кундаи ҷувоз, мисли ҳайкали шахшудаи бенуре тангаҳои тилоро бо тааҷҷуб, ҳайрат зери дандон мекард, ба асл буданашон бовар карда, баъд бо панҷаҳои ларзонаш палмосида-палмосида зери бағал мезад. Аввал як-як онҳоро шумурд. Бовар ҳосил кард, ки акнун

соҳиби хазина, тиловории зиёд шудааст. Хост аз бахти ёфтааш, ризқу рӯзиаш баланд фарёд кунад, ҳамроҳонашро огоҳ созаду хуб шодӣ кунад, ба ин муносибат чорта дами беғам зада маишат кунаду то бас гуфтана арақ нӯшад. Ана, омада-омада ба муроди дил, орзуи деринаам ҳам расидам, – аз дил гузаронд Азизбой. Дигар ормоне надорам. Ҳоло ҳамроҳонамро фарёд мекунаму баъд тиловориро байни якдигар тақсим...

... Не, не, не... Ҳаргиз...

Аз гуфтани ин гап яке даҳшат фаро гирифташ. Хайрият, ки ҳамаи ин фикру хаёл асту то ҳол ба забон наовардаам, – гуфт худ ба худ ӯ.

Фаҳмид, ки овозашро касе нашунидааст. Акнун Азизбой аз ҳама чизи атроф бим, сахт тарсу ҳарос дошт. Намехост, ки ҳатто шарфаи пояш, нафаскашиашро ҷондоре шунавад. Ин дам суроби ӯро танҳо алибоҷ хуб медиду мушоҳида мекард. Ҳайраташ меафзуд, ки одамизод бо ёфтани се-чор оҳанпора ин қадар бехуд шудаасту базӯр нафас мекашад. Рангу рӯи мардак сафедхок барин паридаасту қудрати аз ҷой хестан надорад. Алибоҷ дар тааҷҷуб буд, ки чаро Азизбой акнун аз ҳамроҳонаш ҳарос дорад, чаро...

Азизбой, ана ҳамин тавр, хеле карахту беҳис, гунгу кар хомӯш истод, намеҷунбид. Мехост ҳамин тавр ноҷунбон бо тилоҳои ба дил зеркардааш ба хоби ноз равад...

Яке овози ҳамроҳонаш аз дуртар ӯро ба худ овард.

– Ҳой, Азизбой, меравем ё не...

Ӯ ана ҳамин вақт фаҳмид, ки ба чӣ хатое роҳ додааст. Охир, ин тилои бобои худаш бошад, чаро онро тақсим мекардааст. Худам ёфтам-ку, – барқвор аз дил гузаронд Азизбой. Акнун ба ин лаънатиҳо чӣ хел фаҳмонам. Чаро аз аввал фикр накарда, ин ношудҳоро ҳамроҳ гирифтам-а...

Азизбой кебида-кебида ба ҳамроҳонаш таги чашм нигоҳ кард. Гӯё ӯ як марди дуппа-дуруст, ҳолиё дабба шуда буд, ки базӯр ба онҳо наздик шуда сарду бегонавор ба ҳамроҳонаш нигоҳ кард.

– Азизбой, ба ту чӣ шуд. Мабодо, аҷина ё парӣ назада бошад туро-а!

– Мор газид туро, чӣ бало!

– Чаро кару гунг шудай, дар бағалат чӣ дорӣ?...

Азизбойи хомӯшу беҳисшуда яке девонавор аррос зада ҳамроҳонашро аз худ дур карда гуфт:

– Дар бағалам, ку... Эй балозадагиҳо, тило ёфтам, тилои бобома худам... Ҳӣ-ҳӣ-ҳӣ-ҳӣ... Наздик нашавед! – Ӯ девонавор чарх зада бағалашро маҳкам медошт. – Ҳамааш аз худам, ба касе намедиҳам!

Ҳамроҳонаш ба чашмони хуношом ва ҷисми ларзони ӯ нигоҳ карда дар тааҷҷубу ҳайрат намедонистанд чӣ кор кунанд. Хаёлашон, Азизбой яқин девонаи ҳот шудааст...

Аммо ӯ девона нашуда буд. Ҳамаашро мефаҳмид. Мехост бидонад, ки дӯстонаш чӣ ният доранд. Дарк кард, фаҳмид, ки тиловориро тақсим кардан даркор аст. Аз нигоҳи тамаъангези ҳамроҳонаш инро даррав пай бурд. Аммо Азизбой марди гӯлу гаранг ё сода набуд, ки даррав бозёфташро бо онҳо бинад. Ҳамин буд, ки ягона илоҷи аз онҳо халосшавиро дар девонагӣ, якравӣ медид...

Ӯ ҳамоно дод гуфта ҳамроҳонашро аз худ дур мекард.

Тилокорон ноилоҷ аз нигоҳи ваҳшатзадаву ҳайвонии Азизбой тарсида паси ҳамдигар ҷониби манзили худ роҳ пеш гирифтанд. Азизбой ҳам аз қафошон омада дохили хайма шуд...

Шаб дохили хайма сарду хомӯш буд, дӯстон ба якдигар акнун ногап, гӯё қаҳрӣ буданд. Дигар касе қудрати хомӯшии ин шаби дилгиркунандаро шикастан надошт. Тиловорӣ байни дӯстон кайҳо тухми зиддият, кинаву адоват кошта буд. Охир, онҳо зиёда аз як моҳ мешавад, ки тило мекобанд, ҳатто дастгоҳ овардаанд, ин мавзеъро чаппагардон кардаанд, вале натиҷааш он қадар маълум не. Мана, Худо дод... Дар як рӯз ин қадар тилои қадимаи бисёр насиби Азизбой гашт.

Ҳар кадом дар дил ҳазору як нақша мекашид. Азизбойро хоб намебурд. Ин марди аслан хоболудро ҳиҷ хоб намеомад. Бо дили хаставу беқарор ҳазору як паҳлӯ гашта тангаҳои тилоро сахттар зери панҷаҳош фишурда ба фикр фурӯ мерафт. Гоҳе аз тарс даст ба корд бурда, баъд бо дили бехавф ором мегирифт.

Танҳо қарибиҳои дами саҳар Азизбойро хоб бурду яке ба гулӯяш як чизи сарду хунук расид. Хост дод занад, фарёд кунад, натавонист, ҷисми нимҷонаш зери дастони ҳамроҳонаш меларзиду корд хунашро мерезонд...

Рӯзи дигар алибоҷ боз болои хаймаи тилокорон пайдо шуду ба тааҷҷуб омад. Касе дар атроф наменамуд. Фаҳмид, ки дигар онҳо тилоро аз таги замин ҷӯё намешаванд, балки осонакак ёфтаниаанд.

Яке нигоҳаш ба ҷисми ғарқоби хоку хуни Азизбой афтоду дилаш ба ҳоли одамизод сӯхт. Ҳеҷ намефаҳмид, ки ёронаш ӯро барои ҳамон тангаҳои тило куштаанд. Алибоҷ ба ҳаво хеста атрофро назора кард. Дуртар, хеле дуртар миёнаҷои дараи серрегу санг ҷасади се нафари дигар ҳам мехобид. Алибоҷ поён фаромада ба мурдаҳои бесоҳиби одамизод тангаҳои пошхӯрдаи паҳлӯяшон дуру дароз нигоҳ кард. Чашмони ҳарису даҳони визи одамӣ аламашро овард. Афсӯс хӯрд, ки одамизод оқибат ба дасти худаш кушта гардид. Дарк кард, ки дар паҳнои як дараи зебо, миёни кӯҳҳои осмонӣ дигар ҳаёт маъние надорад...

Ӯ ба ёд овард замонеро, ки чашмаҳо хушкида, боғҳо харобу валангор шуда буданд ва аз пайи қадами одамони нопок оқибат кӯҳҳо фурӯ рафта буданд. Он заминҷунбиро ба хотир оварду ба танаш раъша давид. Он замон кӯҳҳо чаппагардон шуда, ба ҷои оби чашмаҳо аз миёнаи кӯҳҳо хун ҷорӣ гашт. Зоғу заған, парандаю чаранда он диёрро тарк гуфтанд. Кадоме ки ҷон ба саломат бурд, мавзеи дигарро ватани худ интихоб кард.

... Алибоҷ ҳам нахсӣ, пешомади бадеро ҳис карда ба парвоз омад. Ӯ қанотҳояшро кушода хеле давр зад, болои кӯҳҳои шиносу дилбандаш хаёле сайр кард. Гӯӣ, бо ин макон, зодгоҳаш, айёми бачагиҳош видоъ кард. Алибоҷ мехост чун охирин нишонаи ин макон – аз ин мавзеъ, ки як вақтҳо шоҳиди шикору барорҳо, нокомиву зафарҳош буд, баромада равад. Ӯ бо дили ҳазину қалби шикаста, оқибат баланд парвоз карда, хост охирин кӯҳҳоро гузашта, ватанашро батамом тарк созад.

... Даме ки вопасин нигоҳашро ба поён дӯхт, дилаш таҳ кашид. Дигар имкони ба замин, макони шиносу азизаш нигоҳ карданро наёфт. Тири ҷонсӯзе ҷисми афгорашро лахт-лахт кард. Чашмаш ба сайёд, баъд ба замин афтоду сарозер шуд. Хост мувозинаташро гум накунаду худашро ба даст гирад, аммо ҳайҳот, ҷисмаш торафт карахту беҳис мешуд...

# АЗ ПАЙИ ПАЛАНГ

Паланги пир рӯ ҷониби кӯҳҳои баланди барфпӯш бо шаст ҳаракат дошт. Ӯ ончунон моҳирона аз болои санге ба санги дигаре меҷаҳид, ки дар ҳайрат меафтодӣ. Ин часпу талош, нигоҳи андешаманди паланги пирро ҷигарбандаш – паланги ҷавони сермӯй мушоҳида мекард. Паланги ҷавон аз он рӯз, ки худро шинохтааст, ҳамин кӯҳҳои барфпӯшро дидаасту ҷонвари зӯрманду нотарсро. Дар миёни ин солҳо ӯ аз модараш ҳама неку бади дунёро омӯхт. Фаҳмид, ки аҷдодаш чӣ гуна умр ба сар бурдааст. Паланг аввалҳо аз ҳамаи ин ифтихор дошт. Ҳар гоҳ ки дар ин бора фикр мекард, қалбаш ба туғён меомад, меболид, ки дар ин дашту даман, миёни кӯҳсорон аз паланг дида ҳайвони нирӯманде нест.

Он вақтҳо ӯ танҳо худашро медиду модараш – паланги пир ва атрофи барфпӯшро. Ҳар гоҳе ки паланги пир сайдеро ба пеши пои ҷигарбандаш мепартофту баъд ӯ онро медаронду мехӯрд, паланги навча хаёле аз хеш бегона мегашт. Гӯшти тозаю ҳавои кӯҳӣ ба тани нозукаш ҳаловат мебахшид. Паланги пир рӯзҳои аввал ҳич намехост, ки фарзандаш ба шикор барояд. Гӯё пешакӣ аз хавфу хатаре бим дошт. Балки аз одамизод метарсид. Вале дар ин айём паланг кай медонист, ки модараш чӣ сиру савдое ниҳон дорад. Балки ӯ бо дили пур аз орзую ҳавас мехост ҳарчи тезтар ба шикори ҳақиқӣ барояд. Нохунҳои ин палангак акнун шакл гирифта, пеши синааш барҷастаю панҷаҳояш кашида мешуданд. Ӯ ҳини танҳо мондан аз хонааш хеле дур шуда ба сайри кӯҳу дараҳои баландтар баромадан мехост. Атрофи сап-сафеду зебои кӯҳистон ҳиссиёташро бедор карда, ба танаш ҳаловат мебахшид. Шилдироси чашмаҳои зулоли кӯҳӣ, хониши кабкони дарӣ ӯро ҳамоно ба сӯи дашту ҳомун, ба дуриҳо даъват мекарданд...

Паланги пир ҳамаи инро фаҳмида ночор ҷигарбандашро бо худ бурд. Акнун палангак нахустин маротиба бо модараш – ин паланги пире, ки ҳокими ин кӯҳистон гашта буд, ба шикори калон баромад. Дар миёни кӯҳҳои барфпӯш аз ин паланги кӯҳӣ дида ҳайвони бузурге набуд. Тундбоди барфолуд нафасе ором

намегирифт. Барфрезаҳоро шамол бо шаст оварда ба тани гиёҳҳои нав аз зери барф раста мезад. Ниҳолони кӯҳие, ки ба ҳамлаи тундбод тоб намеоварданд, нолиши пасте карда мешикастанд. Резаҳои барф ба сару рӯи паланги пир зада, ӯро имкони тез ҳаракат кардан намедоданд. Лекин паланги пир чун одати дерина лаҳзае гашташро суст намекард. Балки ӯ моҳирона пеш меҷаҳид. Роҳгардӣ барояш хеле осон буд. Чунки ин кӯҳу дара мисли панҷаҳои гирояш барояш ошноюю азиз буд. Палангак аввал андаке гаранг шуд, баъд худашро зуд ба даст гирифта аз дунболи модар давид...

Онҳо танҳо дар миёнаи дара имкони дамгирӣ пайдо карданд. Акнун кӯҳҳои барфпӯш аз онҳо хеле дур монда буданд. Дар поёни қуллаҳои барфпӯш на шамол буду на барф. Ба димоғ танҳо бӯи сабзаҳои нав аз хок саркашида, бӯи гулу гиёҳ мерасиду халос. Ин ҳама барои паланги навмӯхт мӯъҷиза буд. Ӯ ба ҳайрат афтод...

Ин ҷонвари безабон кай медонист, ки дар поёни кӯҳҳо чунин диёри сабзу хуррам ҷой дорад...

Паланги навмӯхт ҳар сӯ давида гоҳе худашро ба сабзаю алафҳо афканда ҳаловат мебурд. Дунё дар назараш ба сад ранг ҷилва дошт. Ӯ дигар қудрати аз ин макон дур шуданро надошт. Аммо нигоҳи паланги пиру ғамзадаро дида дилаш таҳ кашид. Ҳайрон шуд. Зеро ӯ модарашро ягон маротиба ин гуна рӯҳафтодаю малул, хотирпарешон надида буд. Паланги пир гардани бақувввату пойҳои кӯтоҳи часпонашро ба ҳам кашида нигоҳи ғазаболудашро дар домани дара шикаста садои даҳшатборе кашид. Ин овози ӯ аз даҳшату тарс дида ба дили паланги навмӯхт чун нолаи ҷонсӯзу имдодхоҳонае расид. Паланги навмӯхт ҳушёр шуд. Аз нигоҳи рамузгиронаи модараш ҳамаашро фаҳмид. Акнун ҳар ду дарунтари таҳдашт фаромаданд. Паланги пир ин диёреро, ки як вақтҳо сабзу хуррам буду имрӯз харобазорро мемонд, ба паланги ҷавон нишон дод...

Долу дарахтони шикастаю бурида, чашмаҳои хушкида. Паланги навмӯхт акнун сарфаҳм мерафт. Аз дур ба деҳае, ки дар поёноби қади дара ҷойгир буд, хеле нигаристу дар ҳайрат афтод. Аз он ки одамизод ин қадар бераҳму шафқат аст. Наход онҳо ба қадри ин дашту даман нарасанд?

Дар қадова ҷо-ҷо гулхани хокистари сӯхта, пӯсту устухони ҷонварон ба чашм мерасиду халос. Аз паси сангҳо аҳён-аҳён чирроси ҷонварону овози парандае хомӯшии даштро халалдор мекард...

Ҳамин дам паланги пир, ки хеле зираку ҳушёр буд, ноху-шиеро ҳис карда, ба зудӣ ҷигарбандашро паси харсанги калоне бурда паноҳ кард. Акнун ҳар ду ба атроф нигоҳ доштанд, ки яке аз хамгашти дара сиёҳие намудор шуд. Паланги пир зуд ин шикорчии одамсуратро, ки аз нигоҳи маккоронааш ҷонваре ҷон ба саломат намебурд, шинохт. Ӯ милтиқи думилаашро бо салобат сахттар фишурда, бовиқор қадам мезад. Паланги пир душмани деринаашро шинохту оромиашро гум кард. Гузашта аз нав пеши назараш ба ҷилва омад...

Соли наҳсе буд он сол. Қариб ҳамаи ҷонварони маконро ин шикорчӣ ва ёрони ӯ нест карданд. Аз садои тиру туфанг ҷонварон ин диёрро батамом тарк намуданд. Дар кӯҳсори атроф бузу нахчир, рӯбоҳу гург хеле кам монд...

Он сол ҳам хеле барфи баланд борид. Ва ӯ бо ёраш – паланги нар аҷаб давроне дошт. Ҳар ду якҷоя шикор мекарданд. Дар он айём кӣ ҷуръат дошт, ки садди шикори онҳо шавад.

Паланги нар ҳокими ягонаи ин дашту ҳомун гашта буд. Ӯ бо ёраш дар зери ана ҳамин кӯрпабарфи сарди зимистон ба висоли якдигар расиданд. Айёми балоғат дари тамоми мӯъҷизаҳоро барояш кушод. Вуҷудашро ҳисси шаҳвату ишқварзӣ таҳ ба таҳ месӯзонд. Сабру таҳаммулро аз даст дода буду лаҳзае аз паланги мода ҷудоӣ надошт. Бо расидани бадани ёраш ҳаловат мебурду аз ин ҳиссиёти номаълум завқ мебурд, сараш чарх мезад. Акнун паланг рӯ-рӯи барфи ғафс ғел зада бо ёраш бозӣ мекард. Бӯидану лесиданҳо, ширинии висол дар зери кӯрпаи барф ба ҷонаш осоишу роҳат мебахшид...

Он лаҳзаҳои ширину нотакрорро паланги пир ба хотир оварду вуҷудашро ҳиссиёти номаълуме фаро гирифт. Ӯ бо раҳму шафқат ба ягона ёдгори он айём – паланги навомӯхташ нигарист. Ин лаҳза ӯ тайёр буд, ки барои фарзанди ягонааш дилхоҳ рақибашро пора-пора карда ба хоку хун ҷӯлида намояд. Аммо хулқи ирсию авлодӣ аз ин роҳ ӯро бозмедошт. Охири корро интизор буд...

Сад дареғ, ки он айём хеле ба тезӣ гузашт. Он солҳо селаи палангон чӣ зиндагии ширине доштанд. Ҳатто коргарони хоҷагии ҷангал намегузоштанд, ки охирин намояндаи насли палангон – бабри барфӣ нобуд шавад, хӯрок ёфт мешуд. Ба ин қади дараи ҳамеша пурбарф пою қадами шикорчӣ қариб, ки намерасид.

Он солҳо бузҳои кӯҳӣ, дигар ҷонварон, ҳатто аз сахттарин сармоҳо раҳо меёфтанд. Ягон-ягон нахчиру бузҳои кӯҳие, ки барои чаридан ба ёлаву таҳдашт мехамбиданд, бо коҳу беда таъмин буданд. Мардум ҳам аз деҳот барои ҷонварон хӯрок меоварданд. Он вақт куштани ҷонварон манъ буду гуноҳ ҳисоб меёфт...

Вале зиндагӣ, ҳаёт ранги дигар гирифт, ё одамон дигар шуданд, ки осоишу оромии парандаю чарандаи ин кӯҳу даман ҳам поён ёфт. Баъд рӯзҳои сиёҳ оғоз шуданд. Гуруснагӣ ба тухми ҳайвонот қирон овард. Ёфтани луқмае барои ҷонварон ба ҷон баробар шуд. Гӯё ҳама мавҷудоти олам ба онҳо – ҷонварону парандагони нодир душман гаштанд. Ҳам одамон, ҳам шикорчиёну ҷавонон аз пайи ба даст овардани ҷонваре мегаштагӣ шуданд. Дар шаҳрҳо қафасе холӣ намонд. Насли палангон ҳам ба ҳадди нестӣ расид...

Паланг садои милтиқу бӯи борутро ҳам бори нахустин ҳамон сол шунид. Аз ин садои даҳшатбор палангони бисёре куштаю боқимонда фирор намуданд. Ва аз ҳамон айём ӯ ин шикорчии лоғари олусчашмро ҳамроҳи ёваронаш сахт бад дид, ба худ душмани ҷонӣ донист. Дертар, ҷонварон ба садои тиру борут, дунболгирии шикорчиён одат карданд. Вале палангон ба хамаи ин тан додан намехостанд. Ёри ӯ – паланги нари бадхашм бебокона ба шикорчиён ҳамла мекард. Нохост пайт ҷуста, аз пеши онҳо мебаромаду ба дили бисёр шикорчиён ваҳм меандохт. Ана, ҳамин шикорчӣ ва ҳамроҳонаш оқибат паланги нарро ба дом афтонданд. Ӯ талвосаи ҷонкоҳонаи ёрашро, садои дардолуду даҳшатовари ӯро то ҳол нағз дар ёд дорад. Садоҳои якнавохти тир ва силтавдиҳии доми дугонаи дандонадор ҳанӯз хам ба тани ӯ ларза меорад.

Ана, ҳамон сол паланги пир аз ягона ёру пуштибонаш бо сад азобу алам якумрӣ ҷудо шуд. Акнун ӯ бо ягона

ҷигарбандаш – ёдгории он айём паланги навомӯхт мезист. Ҳоло ӯ ба атроф менигаристу дилаш таҳ мекашид, метарсид, боз ягона фарзандаш, ки аз авлоди палангон мондааст, аз дасти ин шикорчии бераҳм ба ҳалокат нарасад. Акнун палангон ба ҳар ҳаракату қадами шикорчии бепарво хуб зеҳн мемонданд... Паланги пир ба фарзандаш наздик шуда, сару рӯи ӯро лесид. Дасту панҷаҳояшро бӯид. Бовараш омад, фаҳмид, ки паланги навомӯхт, наслашро нигоҳ хоҳад дошт. Ин лаҳзаҳо паланги пир гӯё бо фарзандаш хайрухуш дошт ё ҳис мекард, ки ин охирин дидор аст, ки панҷаҳои ҷонварро ба дидаҳояш молида аз ин ҳаловат мебурд. Дар нигоҳаш хаёле ашк ҳалқа мезад. Паланги навомӯхт, ки ҳар имою ишорати модарашро зуд мефаҳмид, дигар қудрати дидани ҳолати музтари модарашро надошт. Ва ӯ ҳамаашро фаҳмид, донист, ки вохӯрии ҳамин шикорчӣ боиси аламу хориҳои модараш гаштааст. Донист, ки аз ин баъд бояд аз одамизод паноҳ бурд. Паланги навомӯхт зуд пай бурд, ки ин шикорчӣ чӣ қадар бераҳму шафқат будааст...

Шикорчӣ ин дам дунёро ором дида, дар бари харсанги азиме қарор гирифт. Харсанг аз ҷои исти палангон он қадар дур набуд. Шикорчӣ дар як дам борхалтаашро ба замин партофта аз атрофаш гулу гиёҳҳои нодиреро шикаста, ҷамъ карда чайла сохт. Ӯ дар чайлааш дастархон густурда кабки захминеро, ки саҳарӣ ба дом гирифта буд, пӯст канда дар лахчаи оташ дуд дода кабоб кард. Сипас, аз борхалтааш шишаи арақ бароварда бо кабоб шикамсерӣ хӯрд. Завқ бурдагӣ барин аз даруни борхалтааш боз як бори дигар ғаниматҳояшро бароварда шумурд. Ду кабки ҳилолу суғури куштаро хуб палмосида зери лаб суруд хонд...

Очаю бача ғур-ғури шикорчиро хуб мешуниданд. Ин лаҳзаҳо ҳисси интиқому қасос вуҷуди палангро ба раъша меовард. Мехост дар як дам ба ин шикорчӣ ҳуҷум карда, гулӯяшро бидаронад. Аммо боз истиҳола мекард. Намехост, ки қонуни дерини аҷдодашро халалдор созад. Охир, дар ҳеҷ як давру замон паланг ба рақиби дарғафлатмондааш ҳуҷум накардааст-ку, – меандешид паланги пир.

Акнун паланг аз фарзандаш дилаш пур буд. Дар сараш танҳо нияти нест кардани шикорчиро мепарварид. Ӯ гуё бо ин

амалаш мехост ягона нишона – ин паланги навомӯхтро наҷот диҳад. Хаёл мекард, ки агар ҳамин шикорчӣ ба ҳалокат расад, дигар касе нест, ки мавзеи зисти паланги навомӯхтро ёбад...

Паланги пир яке беқарор гашт. Ба чор тараф чашм давонда, палангчаро дар пошнаи кӯҳпора танҳо монда худ бероҳа шуд. Ба пайраҳаи чашмаи хунукак гузашта, хост бо шикорчӣ рӯ ба рӯ шавад. Дар пастхамӣ шамол кам мевазид. Сангҳои яхбастаю кӯлмаки обро ҳам гузашт. Барои паланги пир ҳар як шаху кӯҳпора, долу дарахти кӯҳистон ошноянд. Дар хунукӣ ҷонварон кам берун мебароянд. Охир, ба зимистони кӯҳистон на ҳар ҷонвар тоб меорад. Шояд ҳоло хирс дар хоби ғафлат бошаду суғур барин ҷонвари бепарво дар лонааш дам гирад. Ин ҷо сангпушт ҳам то баҳор аз хонааш берун намебарояд. Қонуни табиат ҳамин. Лекин то баҳор ҳоло хеле вақт ҳаст. Аз таги арчаҳои худрӯй «ку-ку»-и фохтаке баромаду дуртар зоғи алое нолишкунон парида рафт. Паланг ҳайрон шуд. Чаро шикорчӣ ба парандаю чаранда коре надорад? Чаро ин ҷонвари дупо танҳо палангро таъқиб дорад, ҳа, ба таври худ андешид паланги пир. Аҷоиб махлуқи бад аст ин шикорчӣ. Ӯ чӣ мехоҳад аз ин дунё, наход нафаҳмад, ки ҳокими ин кӯҳу дара мо – палангонем. Охир, мо – ҷонварон ба шаҳру деҳа коре надорем-ку. Чаро шикорчӣ деҳаро партофта шабу рӯз, дар ин ҳавои сарду яхбандӣ овораю саргардон ҷон мекоҳонад, ки охирин палангро ҳам нест кунад.

Ин дам шикорчӣ палангро худ аз наздик ба мушоҳида гирифт. Акнун ҳаракату поймонии палангро ҳам назора дошт. Ӯҳ, ҳайвони нодоне, паланг, зӯрмандам гуфта худат бо пои худат назди марг меой-а, – аз дил гузаронд шикорчии носерам. Ин вақт шикорчӣ завқ дошт. Дигар ӯ хунукӣ, барфро ҳам фаромӯш кард, милтиқро сахт кафи даст дошта, пайт меҷуст.

– Эҳ, дунё, бо ҳамин қадар зӯру тавон паланг нодон будааст-а… ҳӣ, – ҳӣ, – ҳӣ, – ҳӣ… Наход бӯи борутро, одамизодро ҳис накунад. Шикорчӣ ҷои исташро хубтар карда афзуд:

– Биё, наздиктар биё, ки бехато паронамат.

Шикорчӣ бехабар буд, ки паланги дунёдида ҳамаашро медонад. Ҳилаву найранги шикорчиро ҳам. Аммо ӯро наҷоти фарзанд пеш мебурд. Мехост аз шикорчӣ қасосашро

гираду ин дара чун макони палангон боқӣ монад. Паланги пир худашро тилтонда бо панҷаҳои гирояш ба сару гарданаш барф пошида, садои бадхашмонае баровард. Шикорчӣ нафаҳмид, ки паланг чӣ ғуруру далерие дорад. Охир, паланг дар ин қади дара, дашту ҳомун аз ягон ҷонзоде тарсу бим надорад. То баландтарин қуллаи кӯҳ дар ихтиёри ӯст. Ҳоло паланги пир ба фарози кӯҳсор назар афканда ғамгин мешуд. Ба димоғаш бӯи алафҳои кӯҳӣ расид. Ҳис кард, ки ӯро қуллаҳои барфпӯш интизоранд. Аммо чӣ хел ба он макони пурасрор равад, то ҳанӯз шикорчии бераҳм зинда аст. Ҳеҷ ақли паланги пир намегирифт, ки ба шикорчӣ пӯсту нохуни вай лозим аст…

Шикорчӣ паси сангро палмосиду оби даҳонашро базӯр бо ғазаб фурӯ бурда, худ ба худ ба гап даромад.

– Акнун вақту соати мерганӣ расид, паланги далер. Чунон ба нишон гирамат, ки аз сад ҷонат як ҷонат ҳам намонад. Ҳамин ки туро пӯст кандам, нохуну пӯстатро ба шаҳр мебарам. Бигузор, дӯстонам бинанд, ки паланги ҳақиқиро парондаам.

Паланг хеле наздик омад. Ҳатто, хаёле шикорчӣ нафаскашии палангро мешунид. Ҳайвони безабон бо пояш барфро тит карда, ғуррос зад. Таҳдид дошт, гӯё ба душмани деринааш мегуфт, ки вай аз марг наметарсад. Мард бошӣ, аз чайлаат берун баро, бе яроқ биё, қувваозмоӣ мекунем. Касе дастболо гардад, ҳамин дашту канор то абад аз они вай…

Нохост овози «пақ-қ-қ!» баромаду атрофи басукутрафта, дар як дам гулдурос зад. Паланги пир дар баданаш сӯзиши сахте ҳис кард. Хост пеш давида ба шикорчӣ ҳуҷум кунаду милтиқашро гирад. Аммо пойҳояш сустӣ карданду дасту панҷаҳояш ба ӯ итоат накарданд. Аз ҷои захм хуни гарм метаровид. Паланги пир чӣ фикре карда, худашро якбора қафо партофт. Аз паси сангҳо гузашта дар нишебии барфпӯш ҷои захмашро лесидан гирифт. Ҳис кард, ки қувваташ кам шудааст. Аммо фикри палангча, наслу ғурураш ӯро ором намегузошт. Дар сар нақшаи нав кашид…

Шикорчии бераҳм хурсандона ҷои исти паланг омад. Охир, ӯро хуб ба нишон гирифта будам, тир ҳам бехато ра-

сид-ку, андешид шикорчӣ. Лекин чаро худи паланг нест. Ана, хунаш ҳам рехтааст-ку. Шикорчӣ атрофро аз назар гузаронида ҳайрон шуд. О, ин паланг таги замин шуд магар ё худашро ба ҷарӣ ҳаво додааст?

Не, ё тавба. Ба ҳар ҳол, зинда монданаш багумон аст. Аз дусар дар ин хунукӣ мемурад, ҳайфи пӯсту нохунҳояш…

Баъде ки шасти гармии офтоб гашта болои кӯҳпораҳо хунукӣ соя андохт, шикорчӣ ба роҳ даромад. Ӯ бепарвоёна қадам зада, нав ба сари баландӣ баромада буд, ки яке паланги пир аз пешаш баромад. Шикорчӣ аввал сахт тарсиду аз хеш фарёди талхе бадар сохт. Аммо паланги пир аз рангу рӯи паридаи ӯ чашм наканда нотарсона пеш меомад. Мехост душманашро аз наздик бубинад. Фаҳмад, ки ӯ чӣ қудрату ҷасорате дорад. Шикорчии дунёдида ба худ омада, зуд палангро чапғалат дода, дар канори решаи дарахте ҷой гирифта, палангро боз ба нишон гирифт. Паланги пир ин дафъа наъраи бадхашмонае кашида бо сару рӯи хуншор бо як чолокии ҳайратовар боло ҷаҳида ба шикорчӣ дарафтод. Ҷасади шикорчиро ба баландӣ оварда, баъд ба поён афканд ва худаш низ сарозер шуд...

Паланги навомӯхт аз баландӣ ба қаъри дара нигоҳ карда садои ба сангу теғаҳои кӯҳ бархӯрдани ҷасади шикорчию овози дардолуди модарашро охирин маротиба шунид...

Паланг аз ин манзараи даҳшатнок хаста шуда ноилоҷ роҳи манзили аҷдодиашро пеш гирифт. Паланги навомӯхт торафт боло мебаромад. Ба домани куллаҳои барфпӯш. Мехост он ҷоеро макону манзил интихоб кунад, ки пою қадами одамизод нарасад...

## ҲАСРАТИ ХИРС

Хирси пир имрӯз аз дами саҳарӣ хеле хушҳол менамуд. Шамоли серуни таги чормағз ба тану ҷонаш ҳаловат мебахшид, ки ҳеҷ майли аз ҷой ҷунбидан надошт. Танҳо гоҳе коҳилона ду дасташро боло бардошта наъра мекашиду овози

даҳшатбораш ба тани кӯҳпораҳо бархӯрда, атрофро ба ларза меовард. Хирс нағз медонист, дар ин паҳнои дара ба ғайр аз ӯ дигар ягон ҷондор ҳадде надорад, ки овозашро ин қадар баланд кунад.

Хирси пир качпаҳлӯ зада, аввал пои росташро хуб хорид, баъд бафурҷа панҷаҳояшро ба даҳонаш бурда хоида роҳат кард. Сипас аз таги чормағз бероҳа шуда, аз баландӣ ба поён назар афканд. Дар поён хаёле дашт мавҷ мезад. Насими сабуксайр гулу гиёҳҳои талу пуштаҳоро навозиш дошт. Себҳои худрӯй, дарахтони таги порисаҳо ба ин мавзеъ ҳусни дигаре ато мекарданд. Дуртар аз канори сангҳайкалҳо, миёни тобасангу харсангҳои дара нигоҳаш ба суғурҳои нав аз хоб сершуда бархӯрд. Ду суғури навча бо ҳарос ба қади дара чашм медавонданд... Оҳ, чӣ қонунҳои сахте дорад ин кӯҳу дара, – андешид хирси пир. Дар умри чандинсолааш инро худаш кашф кард. Ҳис кард, ки табиат мӯъҷизаҳое дорад, ки ҳайрон мемонӣ. Ҷонварону парандаҳои заифро ҳама вақт марг интизор аст... Эҳе, пештар ин ҷо макони бабру гургҳои гушна, хукҳои ёбоӣ буд. Аз дасти онҳо ин ҷонваракони бечора амон надоштанд... Ин дам яке назараш ба деҳаи вайронаи шафати пуштакӯҳ афтоду оромӣ, сабру тоқаташро аз даст дод. Аҷабаш омад. Чанде ба сукут рафта баъд фаҳмид, ки ҳамаи ин муборизаву талошҳои ҳайвонот пеши инсонҳо ҳеҷ аст. Ин лаҳзаҳо пеши назари хирси пир шикору талошҳои мардуми сайёду беғами он солҳо ба ҷилва омад. Он айём рӯзе набуд, ки мардуми ин деҳа панҷ-шаш ҷонварро накушанд. Дар як-ду соли баъдина гӯё ба тухми бузи кӯҳию бабр қирон омад. Аз бисёр ҷонварону парандагони нодир ном монду халос.

... Хирс он вақт ҷавон буд. Модахирс пеш-пешу хирсбачаҳо аз қафо, дар қадова гаштугузор доштанд. Ҳоло ҳам он давраро хуб дар ёд дорад. Чӣ тавр меҳрубонона сари хирсбачаҳояшро сила мекарду пушту паҳлӯи онҳоро мехорид. Хирс ба ҷигарбандонаш роҳгардӣ, муборизаю талошро баҳри зиндагию ҳаёт меомӯзонд. Хирсбачаҳо хеле даву тоз карда, магар монда шуданд, ки бағали хирс омаданд.

Эҳ, чӣ лаҳзаҳои ширине буд он айём. Хирс он дам кай

медонист, ки ӯро чӣ даҳшате дар пеш аст. Рӯзе ӯ сармаст аз нашъаи зиндагӣ бо хирсбачаҳояш таги дарахти себи ёбоӣ омад. Аз миёнаҷои Сурҳаи Гарданга бӯи зираву райҳон димоғро мекушод. Шохаҳои пурбори себ қариб ба замин мерасиданд. Себҳои сурхе, ки ба атроф рехтаанд, амсоли шаддаи марҷон ба назар метофтанд. Хирсбачаҳо ба қароре наомада, аз шавқу шодии беҳисоб ба меваҳо дарафтоданд. Хирс мафтуни тамошои ҷигарбандонаш буд. Танҳо гоҳ-гаҳе баъди ғурғури модахирс ба атроф назар афканда, бо имои сар мефаҳмонд, ки хатаре нест. Атроф ором...

Ана, ҳамин дам оромии дараро садои даҳшатноки тир вайрон кард. Пайи ҳам камон дар гирифту ду хирсбача яко-як ба хоку хун олуда шуданд. Хирс дасту по гум кард. Наъраи бадҳайбате кашида, хаёле замину замонро ба сараш бардошта, пеш давид. Хост дасти модахирсро гирад, ки тири сеюм ҷуссаи модахирсро ба замин афканд, аз пешонии модахирс хун фаввора мезад. Ду шикорчии бадрӯй ҳайҳайкунон ба хирсбачаҳо – тӯъмаи худ наздик мешуданду аммо хирси ваҳшатзада гӯё чизеро надида нолишкунон модахирсу ҷигарбандонашро мелесиду наъра мекашид. Танҳо даме ки хирс дар пояш сӯзишеро ҳис кард, фаҳмид, ки тир хӯрдааст ва ноилоҷ роҳи гурезро пеш гирифт. Акнун хирси гирён аз поёнтар ба сайёдоне, ки аз барор гирифтани шикорашону мурдаҳои дар хоку хун афтодаи хирсчаҳо лаззат мебурданд, чашм намеканд. Ҳине ки сайёдон бепарвоёна хирсбачаҳояшро пӯст меканданд, ӯ ба худ печида оҳ аз банди ҷигар мекашид. Ин дам гӯё дарди бедавое дар қалбаш хуруҷ дошт. Аз дасткӯтоҳӣ, тарсу ҳарос алам кашида мушт ба даҳан мезад, хоки хунукро мегазид... Ана, аз ҳамон давра хирс ба одамизод нафрат пайдо кард. Дар қалби нозукаш кинаву кудурат нисбати инсон лона кард. Ба андешаи ӯ, гӯё тамоми бошандагони ин деҳа, балки дунё душмани ҷонии табиату ҳайвонотанд. Ӯ кай медонист, ки сайёд кисту тороҷгари табиат кӣ...

Балки хирси пир то ин дам дар ақидаи хеш устувор аст. Ӯ боз ҷуссаи вазнинашро ҷунбонда ба ҳамон деҳаи вайрона чуқуртар назар карду андешид: охир, ҳамонҳо набуданд, ки

ин дара аз дасташон вайрону валангор гашта, чашмаю рӯдҳояш хушк гашту ҷонваронаш тарки ин макон карданд. Понздаҳ-бист сол пеш бошандагони ин деҳаи кӯҳистон батамом тарки ин макон намуда, ба таҳдашт кӯч бастанд. Мегӯянд, ки чӯлу қамишзорҳои таҳдаштро обод карда, он ҷойҳоро ба макони пахта табдил додаанд...

– Аҷаб махлуқонанд инсонҳо, – фикр кард хирси пир. – Охир, чунин диёри зебо, замини аҷдодиро партофта ҷои дигареро обод кардаанд, пахтакор шудаанду акнун васфи «тилои сафед» доранд. Магар кӯҳистон, чашмаву рӯдҳо, боғот дороии инсонҳо нестанд? Хирси пир аввалҳо бепарво буд, балки аз фирор кардани инсонҳо қадре хурсанд ҳам буд... Аммо як-ду соли охир аз танҳоӣ азоб мекашид. Шояд аломати пирӣ бошад, ки дилаш ба он инсонҳое, ки диёрашонро партофтаанд, месӯзад. Ҳарчанд аз одамон ранҷҳои бисёре дида, аз ҷигарбандони худ ҷудо шудааст, аммо мисли пештара ба онҳо меҳр дорад. Гумонаш, ки инсонҳо баъди ин қадар машаққатҳо ба қадри табиату ҷонварон мерасанд...

Ин дам нохост назараш ба деҳа афтоду шод гашт. Хурсанд шуд, ки одамон баъди чандин сол боз ба деҳа баргаштаанд, то ин маконро аз нав ободу зебо созанд. Бо ҳамин хаёлу орзуҳои ширин хирси пир обравро гузашта, ба тобасангҳое, ки он ҷо суғурҳо лона доштанд, хост наздик шавад, ки яке овози тир баланд шуд. Ӯ овози даҳшатбори тирро шунида, бовараш наомад: «наход боз одам». Танҳо даме ки аз миёни панҷаҳояш хун ҷӯш зада баромад, фаҳмид, ки боз ҳамон махлуқҳои одамсурат сӯяш бо тамасхур назар доранд. Хирс хост сахт наъра кашида, ба одамсуратон дарафтад, онҳоро пора-пора кунад, охирон қасоси худу ҷигарбандонашро гирад, аммо натавонист, наърааш дар даҳонаш монд. Гӯё банди ҷигараш канда шуд. Чашмонаш сиёҳӣ заданду сарозер афтод. Ҷисми беҷони ӯ миёни дара мехобиду чашмони кушодаи маҳзуну пур аз ҳасраташ ҳамоно ба атроф менигаристанд. Гӯё нигоҳаш ҳоло ҳам ба одамон бовар дошт...

# МАРГИ САГИ ЧӮПОН

Чӯпони пир имсол ба таҳдашт нарафт. Ҳавсалаи кӯчбандӣ ҳам надошт. Мехост дар дами пирӣ дар кӯҳистон монад. Бафурҷа дам гирад. Аздусар соли охири чӯпонӣ. Дигар мардуми таҳдашт ба чӯпон эҳтиёҷ надорад. Хоҷагиҳои чорводорӣ ҳам намондаанд. Одамон як-ду молу гове, ки доранд, худашон бонӣ мекунанд, – аз дил гузаронд чӯпони пир. Эҳа, давраҳое буд, ки чӯпонро киҳое ба суроғаш намеомаданд. Рамаи гӯсфанди колхоз дар ихтиёраш ки буд, касеро назараш намегирифт. Якта-нимта гӯсфандони ошноҳояшро ҳам ба рамаи хоҷагӣ якҷоя карда чиллаи тобистон аз тахдашт роҳӣ мешуд. Рама ду-се рӯз дар роҳ мемонд. Раҳораҳ рамаи гӯсфандонро ҳай мекард. Ҳини аз роҳҳои мошингард гузаштанаш ҳай азоб мекашид. Сигнали мошину доду фарёди роҳгузаронро гӯё намешунид. Зеро ба ҳамааш одат карда буд. Медонист, ки саги вафодораш сару калобаи рамаро меёбад. Ӯ аз қоши зини аспи саманд гоҳе қамчинашро боло бардошта ҳаюҳуй мекарду бо қираи чашм нигоҳ аз роҳгузарон намеканд. Дар худи ҳамин роҳ то ба чарогоҳ расидан сари се-чор гӯсфандро мехӯрд. Лаҳзаи қулай кофта ба роҳгузарон мол мефурӯхт.

Чӯпони пир акнун хаёле ба ёди ҳамон рӯзҳо мезист. Ҳамаи рӯзгори гузаштаи ширинаш калбашро гарм мекарданду мурданро, гӯру қиёматро хаёле фаромӯш мекард.

Ҳоло чӯпони пир соли охири чӯпониашро мегузаронд.

Акнун ӯ ба ҷои галаи гӯсфандони хоҷагӣ як даста моли майдаи тоҷирони навбаромадро бонӣ мекард. Ба неву нестони фарзандонаш эътибор надода, бо сагаш дар чарогоҳ монд.

Хайр чӣ, андешид чӯпони пир. Тоҷирон, – ин бӯзбалаҳои шаҳрӣ ҳамаи чизро барояш муҳайё кардаанд. Хонаву дари обод, хӯрок фаровон, қӯтани гарм, ҳатто милтиқ ҳам ёфтанд барояш. Чӯпони пир дар давраи аввал аз гирифтани ёрдамчӣ ҳам даст кашид. Мазмун, ба сагаш сахт эътиқоду бовар дошт. Чӯпони пир кай медонист, ки феъли сагаш дигар шудааст. Ҳа, дигар...

Охир, имсол дасту дили саги доною рамузфаҳм тамоман аз

соҳибаш – ин чӯпони пир монд. Ҳиҷ ақли сагонаи ҷонвари безабон намегирифт, ки чаро соҳибаш ин қадар ӯро дӯст медораду дигар ҷонваронро бад мебинад. Ҳоло чӯпон аз саги донояш чашм намеканд. Саг ҳам аз камони сари дасти чӯпон рамуз гирифта мефаҳмид, ки чӯпон ба шикор мебарояд. Саг ҳиҷ намефаҳмид, ки чаро соҳибаш душмани ҷонии ҳамҷинсони ӯ мебошад. Охир, аз дасти ин чӯпони бепарво дар ин атроф дигар на рӯбоҳ мондаасту на гургу кабк...

Аз тани саги вафодор бӯи қӯтани гӯсфандон, бӯи барф меомад. Чӯпони пир камонашро сари китф карда сагро кашолакунон баромад. Дар берун беист барф меборид. Қӯтани гӯсфандон сафедӣ дошт.

Чӯпон роҳравон гоҳе ба саг, гохе ба талу пуштаи сап-сафед нигариста, ҳаловат мебурд. Ҳавои тозаро боҳузур нафас кашида, бардам-бардам қадам заданӣ мешуд. Аммо саги рамузфаҳм ҳамаашро медонист. Дар тӯли чанд соли бо ин чӯпони пир умр ба сар бурданаш ӯро хуб омӯхта буд. Вале дар тамоми ин солҳо ҷонвари безабон ба як чиз сарфаҳм намерафт – чаро чӯпон душмани бошандагони дашту ҳомун – ҷонварону парандагон гаштааст? Саг, ки дар умри худ ба ғайр аз чӯпону гӯсфандон дигар бо касе ошноӣ надошт, хаёл мекард, ки тамоми насли одамизод душмани ҷонии ҷонварону ҳайвонот, ҳатто долу дарахтонанд. Саг бо ҳамон ихлоси сагонааш аз қафои соҳибаш равон буд. Саги чӯпонӣ чашмони сабзи шӯълапош, пеши синаи барҷаста дошта, хеле нотарсу чолок буд. Саг дами шикор зуд ба ҳар имою ишорати чӯпон сарфаҳм мерафт. Ҳангоми ба сайдаш ҳамла намудан пайкараш хаёле меёзид, пашми танааш сих зада, якбора пеши чашмонашро хун мегирифт. Сипас, худро бо як сари дав ба рақибаш расонда, сайдро таги по мекард. Ин амалҳои ӯро чӯпони пир нағз медонист, аз ин ҷиҳат дилаш аз саг пур буд...

Талу теппаҳои барфпӯш як-як паси сар мешуданд. Аз зери хорбияву ниҳолҳои шикастаи кӯҳу камар кабк ё мусичаи аз тарси ин меҳмонони нохонда парвоз карда, маконашро дигар мекард. Аз пайроҳаи шинос чӯпони пир бепарвоёна мегузашт ва бо салобату ғурур гашташро метезонд. Саг ҳам майнааш гич рамузгирона медавид. Шамоли сарде танашро

мелесид. Барф дар пашми танаш қирав баста буд. Дар нимароҳ, канори пистаи шикаста нишаста, чӯпони пир гӯш ба қимор шуду даррав камонашро рост кард. Саг дид, ки бузи кӯҳие хиромон кӯталро гузаштанист. Саг фаҳм кард, ки ҷонвар ҷониби чашма равон аст. Ташнаи об мондааст, саг ноилоҷ монд. Аз чӣ бошад ки вақтҳои охир аз ин гуна шикору пӯстканиҳои соҳибаш нафраташ меояд. Даме ки чӯпони пир ҷонвареро мекушад, саг беқарор мешавад. Дандонҳои ашкашро ба ҳам совида номаълум аз ӯ дур меравад. То ин ваҳшониятро набинад...

Садои ногаҳонии тир баланд шуду гӯшҳои саг қулф заданд. Дар фазои дашт ғулғулае аксандоз гашту саг боз оромиашро аз даст дод. Бо имои чӯпони пир дар як мижа задан ҷониби сайд хез зад. Саги босалобат, ки ба нигоҳи бадхашми вай на ҳар ҷонвар, ҳатто одамизод тоб оварда наметавонист, танҳо дами ба назди бузи кӯҳии захмин расиданаш осуда гашт. Бузи кӯҳӣ аз ҷояш хестанӣ мешуд. Вале наметавонист. Аз гардану тани захминаш хун беист мешорид. Бузи кӯҳӣ нигоҳи имдодҷӯёнаашро аз саг намеканд. Аз тарсу дарди чонкоҳи ҷои тир тамоми аъзои баданаш меларзид. Саг гарданашро ёзонда нӯлаи бадарде кашиду худро ба тӯдаи барф фиканд. Ӯ бо ҳазор рӯ дар барф ғел мезад, сарашро зери барф карда нӯлаи дардолуде мекашид. Чӯпони пир ҳиҷ намефаҳмид, ки ба сагаш чӣ ҳодисае рух додааст. Ӯ сагро нодону ҳайвони бешуур пиндошта, хаёл кард, ки сагашро хумори бозӣ гирифтааст...

Даме ки чӯпони пир ба бузи кӯҳӣ расида корд ба гулӯи ҷонвар монд, ҳаракати пойҳои ӯ батамом қатъ шуданд, пайкараш аз тапиш монд.

Саг акнун аз кордзанию хунрезии соҳибаш чашм намеканд. Ин ҷасади оғуштаи хун, аз чӣ бошад, дарду алами сагро дучанд намуд. Ба назари саг намуд, ки ба соҳибаш – чӯпони пир шайтон ёр шудаасту акнун ӯ ором намегирад, то охирин ҷонвари ин диёрро нест мекунад. Ҳине ки саг ҷасади бузи кӯҳиро бо чана кашида ба сӯи кӯтан мебурд, ҷисмаш дар кӯраи оташ месӯхт. Банди чанаро хоида оби даҳонашро базӯр фурӯ мебурд. Чанд бор ният кард, ки ҷасади беҷони бузи кӯҳиро ба ҷарие ҳаво диҳад, вале аз раъяш гашт. Меҳри сагонае, ки ба

чӯпон дошт, нагузошт бероҳа шавад. Ӯ аз паҳлӯи чӯпон мерафту майнаи сагонааш беист кор мекард. Барои саг муаммо буд, ки ҷангал хароб мешаваду чашмаҳо хушк. Аммо аз ҳамаи ин одамизодро парвое нест. Ё шояд дигарон низ мисли соҳиби ӯ – чӯпони пир бошанду ба зоти ҷонварони олам қирон овардани бошанд. Чаро одамон илоҷи ҳамаи чизро ёфтаанду илоҷи нафсро не? Ҳамаи ин фикрҳо ӯро боз сари чӯпон мебурд. Чаро чӯпон ӯро дӯст медораду дигар ҷонваронро не?

Ҳатто дӯстдории чӯпон нисбати гӯсфандон рӯякист.

Саг нағз медонад, ки чӯпони пир барои нафсаш шуда, даҳҳо гӯсфандонро қурбон намудааст.

Аҷаби саг меояд, ки ба ёди чӯпони пир на хонавода мерасаду на зиндагӣ. Дар фикру зикраш танҳо гӯшту пӯст асту халос. Чӣ қадар ӯ пӯсту рӯған фурӯхт. Аз зиндагӣ ӯ чӣ мехоҳад. Наход ба табиату ҷангалистони бобоӣ раҳмаш наояд. Саги зирак майнааш гиҷу вайрон нӯла мекашид. Сар ба пуштаҳо мезад. Аз ночорӣ намедонист куҷо равад. Дар ин роҳ ба ӯ хулқи аҷдодӣ, хӯи сагона монеъ мешуду халос.

Ӯ аз ин тарзи зиндагӣ дилгир шуда буду роҳи халосӣ меҷуст. Мехост бо ҳамҷинсони худ бошад, ишқ варзад, озодона сайру гашт намояд.

Ин зимистон, ки гӯё барои чӯпони пир соли охираш буд, чарогоҳ ба вайрона табдил ёфт. Дар пеши назари саг тамоми ҷонзоди ин кӯҳу дара қир шуд.

Чӯпони пир ҳамарӯза ба шикор машғул буд. Дар ин макон бузу нахчир нест шуд. Харгӯшу хукҳои ёбоӣ аз тарси ҷон ин диёрро батамом тарк карданд. Дар ин макони як вақтҳо обод танҳо чӯпони пир, саг ва гӯсфандонаш монда буду халос. Акнун қақраи кабк танҳо ягон-ягон аз дуриҳо ба гӯш мерасид...

Баъди чанд рӯз, ҳине ки шасти барфу тундбод андаке гашт, чӯпони пир боз ба шикор баромад. Ин дафъа ӯ қаторвазнаашро пури тир намуда, сагро ҳамроҳ гирифт. Чӯпони пир огоҳ буд, ки аз чарогоҳ болотар лонаи гургҳост.

Ба ин макон расам-нарасам, ки яке аз рӯ ба рӯи чӯпони пир чор-панҷ гург баромад. Чӯпон ба саги вафодораш имо кард. Саг бо амри соҳибаш ночор ба галаи гургон дарафтод. Ҷанги шадиде шуд байни онҳо. Бо дандонҳои тез бераҳмона якди-

гарро хуншор мекарданд. Гургон чашмдори чунин ҳарифи тавоно набуданд, ки шасташон гашт. Аммо саги чӯпон якеро паси дигар таги по карда, мехост бе хунрезӣ онҳоро таслим созад. Вале гургон низ паст наомада гоҳе ба гардану пойҳои саг часпида, неши дандонҳои худро дар баданаш боқӣ мемонданд. Се гурги захмин ночор рӯ ба гурез ниҳоданду саг ба гурги охирин дарафтоданӣ шуд. Аслан худи саг намехост гургон ҳадафи тири чӯпон қарор гиранд. Бисёр мехост, ки ақаллан ин ҷонварон аз ин талошҳо гурехта ҷон ба саломат баранд.

Саг ба гурги охирин наздик шуданӣ буд, ки нӯлаи шикваомезе баланд гардид. Нӯлаи ҷигарсӯзи саги гургмонанд хомӯширо шикаста, сагро ҳушёр кард. Саг аввал чизеро нафаҳмида дандонҳои ашкашро намоишкорона гиз намуда, ғуррос зад. Аз оғӯши барфистон ҳамоно овози гирифтаи соҳибаш – чӯпони пир ба гӯши саг мерасид. Аммо саг ором буд, овози таҳдидомези чӯпон ҳам ба саг таъсир накард. Аз ин вохӯрии ғайричашмдошт саги чӯпон қадре гаранг шуд, зеро ӯ модасаг – модари гумкардаашро хира-хира ба ёд овард. Хуб зеҳн монда фаҳмид, ки рӯ ба рӯяш модараш истодааст. Уллоси бадарде кашида, ба модасаги пири гургмонанд наздик шуд. Меҳри модарӣ аллакай дар вуҷуди саги чӯпон ғалаён дошт. Қади баланд, пойҳои серрагу пай, пашми ҷо-ҷо рехтаи модасаг ӯро ба гург монанд карда буд. Дар як дам пеши назари саги чӯпонӣ лонаи сарду пистони модараш падид омад. Он айём нав ӯ ва ёронаш ширмак буданду акнун чашм мекушоданд. Он рӯзҳо бо чӣ азобҳое модасаг онҳоро шир мехӯронд. Рӯзе бо пистони пури шир хона омаду бачаҳояшро пайдо накард. Аз он айём чӣ қадар вақт гузашт, акнун модасаг хира-хира ҷигарбандашро мешинохт. Саги чӯпон дар пеши пои модараш ғел-ғелак зада, нӯла мекашиду дум меликонд, зорӣ мекард. Ӯро хумори модар, хумори айёми ҷавонӣ гирифта буд, ки нӯлаи беохир баланд шуда, дар барфбоди нопайдоканор хомӯш мегашт. Чӯпони пир аз ин манзара дилтанг гашт. Ӯ хаёл кард, ки саги вафодораш кучвел меҷӯяду бо он модагург изҳори муҳаббат мекунад. Чӯпони пир аз куҷо медонист, ки ин гург набуда, балки ҳамон модасагест, ки як вақтҳо саги ӯро ба дунё оварда буду акнун онҳо рози ошноӣ меҷустанд.

... Чӯпони пир намонд, ки саг модарашро хуб шиносад ва яке куланги милтиқро зер кард. Садои даҳшатбори тир якбора ба дили дашти сафед ваҳм андохт. Модасаг нолаи ҷонкоҳе кашида якпаҳлӯ афтид. Аз сари синааш хун фаввора мезад. Пеши чашмони саг сиёҳӣ зад. Ӯ яке ба худ омада бо ситеза ба соҳибаш – чӯпони пир дарафтод. Дасту пойҳои соҳибашро бераҳмона хоида танашро афгору захмин кард. Танҳо баъде ки дилаш таскин ёфт, ҷисми чӯпони пирро сар дода, назди ҷасади беҷони модасаг омад...

Саги чӯпон он шабро дар паҳлӯи модагург гузаронд. Гӯё ӯ ҳамон кучуке буд, ки аз пистони пурширии модар мемакид. Барои саг низ модар азиз аст. Акнун саги чӯпон нӯла мекашид, ҷисми хунуки очаашро мелесид. Аммо модасаг ҳамоно хомӯш буд. Гӯё ӯ ҷигарбандашро то охир нашнохта аз ин олам бо қалби пурҳасрат ба хоби абадӣ рафта буд.

## КАБКБОЗ

Аз ин ҳавлӣ танҳо овози кабк ба гӯш мерасаду халос. Овози ҳазину дардолуди кабки пиреро фарёди ҷонхароши кабкҳои дигар пахш карданд. Ин саҳарӣ селаи кабкҳо овоз бароварданд. Шарифи кабкбоз ба ин овози шинос гӯш дода, медонист, ки кабки кадом қафас беҳтар мехонад, ё овози бақувват дорад. Балки нағз медонист, ки кабкҳои бечора аз зиндагӣ дилгиру ҷонсарак шуданд, охир, онҳо ҳам озодиро дӯст медоранд. Аммо ба ман чӣ, – андешид Шарифи кабкбоз. – О, дар ин замона одамон ба як корҳое даст мезананд, ки ҳуш аз сарат мепарад. Яке мардикорӣ кунад, дигаре савдогарӣ, лекин на ҳама аз пушти нони ҳалол ранҷ мекашанд. Ман чӣ, – гуфт Шарифи кабкбоз, – на дуздӣ мекунаму на ғарӣ. Аз пушти ҳунарам нон меёбам. О, кабкбозӣ ҳам ҳунар аст-ку, – худашро ҳақ бароварда хулоса кард ӯ. Аммо вақте ки пичингу таънаҳои мӯйсафедони деҳа яке ба хотираш расид, аз хулосаҳои баровардааш қариб даст кашад...

Ба ин мӯйсафедону пирони деҳааш чӣ намерасад, – сахт ранҷидагӣ барин худ ба худ гуфт Шарифи кабкбоз. Гуё ин

зумра одамон кори дигаре надошта бошанд, ҳамин ки ба ӯ рӯ ба рӯ шуданд, даррав ба панду насиҳатгӯӣ медароянд – Шариф ҳамин касабаатро парто, ҷонварони бегуноҳро азоб надеҳ, убол аст. Баъди таънаҳои беохири мӯйсафеди ҳамсоя дилаш тамоман аз одамони деҳа монд. Охир, ин мӯйсафеде, ки ӯро Шариф сахт ҳурмат мекарду гумон дошт, ки дар ҳар лаҳза пушту паноҳаш мегардад, дар байни одамон яке ба Шарифи кабкбоз дарафтод...

– Шариф, биё, аз баҳри кабкбозият гузар, охир, ту аз кабкбозӣ ба кабкҷаллобӣ, ғорату куштори кабкҳо гузаштай. Аз дасти ту дар болои деҳа дигар кабку парандае намондааст. Ба як сари қоқат ин ҳафтод-хаштод кабкро чӣ кор мекунӣ. Наход барои пул шуда, имонатро фаромӯш карда бошӣ-а?!.

Шарифи кабкбоз гарданашро каҷ карда бо қираи чашм, бо хашм як ба ҳамсояҳо, баъд ба мӯйсафеди насиҳатгӯ бо аламу ғазаб назар афканду ғурунгид...

– О, кори шумо чӣ, хонаву дарам ҷудо, дуздӣ накунам, ҳаққи ягон касро нахӯрам. Аз пушти ҳамин ҷонварон давида гаштан ҳам гуноҳ шуд магар?

Баъди ин гапҳо Шарифи кабкбоз ҳам берун намебаромадагӣ шуд. Аввалҳо ӯро мардум дар қади кӯча медиданд. Вақтҳои охир бошад, кам берун мебарояд. Доим дар хона аст. Соатҳои дароз дар гирди қафасҳояш давр мезанаду аз тамошои онҳо сер намешавад. Акнун харидорони кабк худашон кофта ӯро меёбанд...

Шарифи кабкбоз аз савдои дирӯза розию қаноатманд гашт. Бандчаи пулҳоро шумурда кайф кард. Ин бизнесмени шаҳрӣ яку якбора чиҳил кабкашро харидорӣ намуд. Панҷ кабкчӯҷаашро бо қафасҳояш бурд. Даме ки харидори бепарво кабкҳоро мебурд, Шарифи кабкбоз ба қафасҳо, нолаву хониши дардолуди чӯҷаҳо аҳамият намедод. Гӯё овози кабкҳои хору зорро намешунид. Балки бандчаи пулҳоро сахттар дар кафи дастҳояш пахш мекард. Хаёле метарсид, ки яке савдогар аз раъяш мегардаду кабкҳоро гардонда пулҳояшро бозмегирад. Шарифи кабкбоз танҳо даме ки бо он савдогар хайрухуш карда, дарвозаашро аз даруни ҳавлӣ маҳкам намуд, бовар ҳосил кард, ки пулҳо аз они ӯ шудаанд. Дилаш қарор наёфт, боз як

бори дигар бандчаи пулҳоро як-як шумурд. Аз шараққоси пулҳо сараш чарх зад...

Ӯ аз қафасҳои холӣ чашм наканда кабкҳои боқимондаро обу нон дода нақшаи нав кашид. Саҳари барвақт, даме ки ҳамсояҳо хобанд, ба шикор мебарояд... Шарифи кабкбоз – ин марди лоғарандому сиёҳчурда, ки аслан он қадар ҳушёру чолок набуд, худашро маҷбур мекард, ки тез ҳаракат кунад. Вакте ки аз пуштакӯҳ боло шуд, дамаш ба дарун зад, забонаш аз ҳалқаш баромада, ёрои пеш рафтан надошт.

Аз ғояти мондашавӣ базӯр нафас мегирифт. Хаёле ҳалқаш месӯхту нафас дар гулӯяш ях мекард. Ӯ як илоҷ карда каме дам гирифт, баъд болотар рафта тӯр партофта, қилаки кабкқапиашро дуруст карда, магнитофонашро баланд кард. Шарифи кабкбоз ҳар дафъае, ки шикор барояд, аввал дар магнитофон овози хушхонии кабкеро сабт мекунад. Ана, баъд магнитофон баланд мехонду селаи кабкҳо ба камингоҳи сайёд наздик мешуданд...

Шарифи кабкбозро шикораш барор гирифт. Дами бегоҳ, вақте ки пардаи сиёҳӣ болои деҳаро пӯшонд, ӯ ба хонааш баргашт...

Боз қафасҳои холӣ пури кабк гаштанд. Акнун рӯи ҳавлӣ пури қафаси кабк буд. Ӯ қафасҳоро як-як шумурда ҷонваронро обу нон медод...

Баъд болои сурфа баромада, роҳат мекард, ба қавли худаш, хониши кабкон дар танҳоӣ майнаашро оромӣ медод. Кабкҳои нав худро ба чор тарафи қафас зада ба ёди кӯҳу камар овоз мебароварданд. Аз қафасҳо пар мерехт, нолаву фарёд ба дуриҳо мерафт. Аммо аз ҳамаи ин Шарифи кабкбозро парвое набуд. Ӯ пойбанди хаёлҳои ширини хеш худашро «офтоб» медод...

Ӯро ногоҳ фарёди касе аз беруни дарвоза ба худ овард. Ҷонҳавлона дарвозаро кушод. Ҷавонмарди хушсарулибосе дандонҳои тилояшро намоишкорона нишон дода гарм, балки бародарвор бо ӯ вохӯрӣ кард. Шарифи кабкбоз аз ташрифи меҳмон шод гашт, таги дилаш рӯшан шуд. Онҳо зуд сари мақсад омаданд. Лекин як ҷиҳати масъала Шарифи кабкбозро гаранг кард. Ӯ дар умраш бо доллари амрикоӣ кабк савдо накарда буд. О, дар деҳаи онҳо ба ҷуз ду-се савдогар дигар касе

бо доллар сару кор надорад. Нигоҳи рамузгиронаи меҳмони нохонда хаёле сар то пои Шарифи кабкбозро муоина мекард. Ӯ хеле ба Шариф зеҳн монда афзуд:

– Ака, гиред ин пулҳоро. О, шумо кабкбози машҳур шуда аз калонҳо чӣ монданӣ доред. Пагоҳ мардум аз долларҳои шумо дарак ёфта, таърифатонро ба кучаҳое хоҳанд бурд, ҳа...

Меҳмон қариб ҳамаи кабкҳояшро харид. Ҳатто даҳ-понздаҳ қафаси гулкориашро ҳам бо худ бурд...

Шарифи кабкбоз рӯзи дигар саҳарии барвақт роҳи маркази ноҳияро пеш гирифт. Ӯ роҳравон кабки ҷангии дӯстдоштаашро, ки зери бағал дошт, навозишҳо мекард, завқ мебурд. Як даст дар бағал бо шаст ба бонки навсохти шаҳрӣ расид. Бандчаи долларҳояшро сӯи коргарзанони бонк дароз намуда, табассум кард. Аз нигоҳи занон пай бурд, ки бахташ хандидааст, охир, метавонад бо ин пулҳо ин хел ойимчаҳоро даррав ба роҳ дарорад. Эй садқаат шавам, доллар, ин доллараш аҷаб ҷаззобу зебо будааст, о, қурбаша намегӯӣ? Бо ин доллар шири мурғ ҳам пайдо мекунӣ, – аз дил гузаронд Шарифи кабкбоз. Акнун дилаш метапид, мехост ҳарчи тезтар долларҳояшро иваз карда ба деҳа баргардад.

Аммо ҳайрон буд, ки чаро занони бонк дер мекунанд. Баъди чанде он занак пайдо шуд. Ин дафъа ӯ табассум надошт, балки бо таассуф долларҳояшро ба Шарифи кабкбоз баргардонд.

– Инҳо долларҳои қалбакӣ будаанд, ҳа...

Шарифи кабкбоз дигар чизеро дар ёд надорад. Ӯ бо изову алам аз бонк баромада ба кӯчаи калон даромад. Дасту пойҳояш бемадор, афгору хор буду намедонист чӣ кор кунад. Акнун гушнагиро ҳам фаромӯш карда буд. Калавида-калавида роҳ мегашт, ҳар замон зери лаб такрор мекард. «Хонаам сӯхт, хонаам...»

Яке даст сӯи бағалаш бурд. Сардиеро ҳис кард, мурдаи ятона кабки ҷангияшро аз бағалаш берун кард. Кабк аз ташнагӣ, гушнагӣ кайҳо мурда, хунуку сард гашта буд. Ӯ ҷисми беҷони кабкро зери дарахте монду гиря гулӯгираш кард. Ноаён ашк мерехт. Баъзе роҳгузарҳо ба ӯ бо ҳайрату баъзеҳо бо таассуфу тааҷҷуб нигоҳ мекарданд. Аммо Ша-

рифи кабкбоз касеро намедид, ҳушу ёдаш ба ҷисми беҷони кабки дӯстдоштааш буду халос. Шариф қудрати ба чашмони кабки беҷон нигоҳ карданро надошт. Нигоҳи кабки мурда хаёле ин марди кабкбозро таъқиб дошт...

## ГАҲВОРАҶУНБОН

*Дар иҳотаи табиат будан,дидану*
*бо он гуфтугӯ кардан хушбахтӣ аст.*
*Л.Толстой*

Нимаҳои тамузи тобистон ҳаво хеле гарм омад. Аз гармии зиёд акнун имкони пойлуч гаштан набуд. Аммо дар рӯи ҳавлӣ кӯдакон даву ғеҷ доштанд. Бобои Рауф, ки дар хона истироҳат мекард, ниҳоят бетоқат шуда берун баромад. Ҳарчанд дар ҷои салқину офтобпаноҳ бошад ҳам, яктаки сафедаш аз арақ тар буд. Хусусан, бозувону шонаҳояш.

Вай дилу бедилон ба атроф ва бозии кӯдакон назар карда, хост чизе гӯяду танбеҳашон диҳад, то ин қадар мағал накунанд. Вале аз раъяш гашт. Пас, рӯи нимкати сояи тути калони ҳавлӣ якпаҳлӯ дароз кашид. Зери лаб худ ба худ ғур-ғур намуд: «Майлаш, мо ҳам дар вақташ ана ҳамин хел қайсару гапнодаро будем. Акнун навбати ҳаминҳо…» Бобои Рауф хост каме хоб равад, дам гирад, ки яке садои доду фарёди бачаҳо баланд шуд. Ин дафъа фарёду фиғони онҳо сахт ва имдодталабона буд. Вай як қад парида аз ҷояш хест. Дид, ки бачаҳо дар гӯшаи ҳавлӣ ҷамъ омада, мори калонеро, ки мехост ба катаки мурғ наздик шавад, сангборон мекарданд. Сангҳо ба сари мор намерасиданд. Бобои Рауф назди бачаҳо омада ҳайрон-ҳайрон ба мор нигоҳ кард. Алҳол чӣ кор карданашро намедонист,ё наметавонист сари андешаи аниқе биёяд. Мор бошад, фашшосзанон забончаашро нишон медод. Таҳдид мекард. Ба дили бачаҳо ваҳм меандохт. Касе қудрати пеш рафтан надошт. Бобои Рауф ҳам гӯё ба сеҳру ҷоду афтода бошад, дар ҷояш меҳкӯб шуда буд. Ӯ ниҳоят санги калонеро ба даст гирифт.

Ҳамин дам аз болои катаки мурғон гаҳворачунбоне поён фаромад.

Мор бошад, қариб ба катаки мурғон расида буд ва мурғон аз таҳлука беқарор мешуданд. Худро ба дару девори катак мезаданд. Ҳар гуна овозҳои пурхавотир мебароварданд. Ҳамин қадар монда буд, ки бобои Рауф барои кушодани дари мурғҳо шитобад. Аммо ӯ ба чӣ андешае аз ин кор худдорӣ намуд. Бачаҳо акнун интизори ҷанги мору гаҳворачубон буданд. Онҳо шояд гумон доштанд, ки мор бо як ҷаҳд кори ғаҳворачунбонро тамом мекунад. Аммо ғайричашмдошти онҳо мори бадҳайбат ба гаҳворачунбон нигаристу аз хазидан бозмонд. Сипас, забончаашро баровarda ба гаҳворачунбон ҳуҷум кардан хост. Гаҳворачунбони ҷасур ду қилаки тори сарашро мисли сӯзан рост карда, ба ду пои пешаш ба мор ҳамла намуд. Ду пои пешашро боло бардошта чун ништаре ба сару рӯи мор якбора фурӯ халид. Акнун аз ҳайбати мор дигар нишоне намонда буд ва ӯ талвосаи гурехтан дошт. Онҳо муддате афту дарафт карданд. Гаҳворачунбон ниҳоят пойҳои худро чунон ба сари мор халонид, ки мор сари худро дигар аз чанголи ӯ халос карда натавонист…

Оқибат мор хастаю хуншор бо сад азоб ҷонашро халос карда, рӯ ба гурез ниҳод. Бачаҳо акнун морро ба ҳоли худ гузошта, ба катаки мурғон наздик шуда, аз гаҳворачунбон чашм намеканданд. Гаҳворачунбони нотарс ҷуссаи хурдашро ҷамъ карда, ҳамчу ғолиб ва бо як тамкини ба худ хос боз болои боми катак мебаромад. Мурғони аз доми бало раста акнун андаке ба худ омада, дар катаки худ равуо доштанд: гӯё нафаси озод мекашиданд. Вале кай медонистанд, ки як гаҳворачунбони одӣ онҳоро аз дами марг наҷот медиҳад…

# БОҲТУР

*Табиат барои некӯкор шудан имконият медиҳад. Ин имконият ба туфайли фаъолияти инсон воқеӣ мегардад.*

*Форобӣ*

Бомдодон дар ҳавои кӯҳистон сайр кардан кайфияте дорад: хосса, айёми баҳорон талу теппаҳои сабзранги деҳаи Сурхсаховаро дида, дил аз шодиву фараҳ лабрез мегардад. Ба атроф назар мекуниву аз нодиракориҳои табиати фусункор ангушти ҳайрат мегазӣ. Аз миёни долу дарахтони қадқади роҳ пуштаҳои пурлола мисли машъали дурахшон ба назар метобанд.

Баробари дамидани офтоб гулу себаргаҳои шаби дароз аз оби борон сершуда бо ишваву ноз сар боло мекунанд. Боди мулоим ҳанӯз сардакак тани нозуки онҳоро навозиш мекунад.

Аз миёни сабзазорон мегузарам. Баробари шарфаи по ва хишир-хишири сабзаҳои навдамида, гоҳ-гоҳе селаи гунҷишкон ба ҳаво болои сар парида муддате чархзанон болову поён мешаванд. Аммо селаи кабкон худро нишон намедиҳанд. Аз хавфе пай бурда худро дарҳол зери баргу пояи бутта, ё алафҳо пинҳон мекунанд. Онҳоро аз байни алафҳо пайдо кардан душвор аст.

Баъди хеле тамошо қадамзанон назди чашма меоям. Оби чашма андаке хушкида, атрофи он коҳидааст. Шояд замоне онро устои гулдасте бунёд карда бошад, то мусофире ташнагияшро шиканад. Лекин баъди солиёни дароз чашма намуди пештараашро қариб аз даст додааст. Новаи шикаста ва сангҳои паҳну парешони чашма гувоҳи он буданд, ки чанд соли охир касе аз ҳоли он хабар нагирифтааст:

*Ток аз бекасӣ бар шохи чинор,*
*Гӯӣ тарсидаву дарпечида.*
*Чашмаи деҳ зи ғами танҳоӣ,*
*Рӯзу шаб гирякунон хушкида.*

Бисёр мехостам сангҳои чашмаи бобоиро аз нав чида атрофашро ба тартиб оварам, ки садои таҳлукаомези парандаҳо маро ба сӯи худ мутаваҷҷеҳ сохт.

Аз сари чашма болотар баромада ба манзараи аҷибе дучор шудам. Селаи гунҷишкон чириқ-чириққунон болои море парвоз доштанд. Мор ҷои рустшавӣ мекофт. Аммо намедонист куҷо хазад. Аз қивучуви селаи парандаҳо сари калобаашро гум карда буд. Фашшосзанон ғел мехӯрд. Гунҷишкакон гоҳе поёнтар фуромада ба ӯ ҳуҷум кардан мехостанд.

Фаҳмидам, ки ин мори боҳтур аст, яъне захрдору газанда нест. Аслан боҳтур ҳам мор аст, морест, ки тамоми баданашро холчаҳои хокистарӣ фаро гирифтаанд. Боҳтур чун дигар морон тезҳаракат нест, балки оҳиста-оҳиста ва хазида-хазида пеш меравад. Ӯ танҳо ҳашароти зарарrасонро мехӯраду халос. Намуди зоҳирии боҳтур, дарозию ғафсии вай ба дили кас ваҳм меандозад. Шахси аввалин бор бо боҳтур дучоршуда сахт тарсиданаш мумкин аст.

Аммо боҳтур бо ин ҳайбаташ базӯр ва беозор аз ҳуҷуми парандагон халос хӯрда, ба сӯрохие хазида пинҳон шуд. Вақте чашмони кӯри мори боҳтурро пеши назар оварда, худ ба худ ба хаёл мерафтам, аз нав ғавғои парандагон баланд шуд. Ин дафъа селаи гунҷишкон аз ҳад беқарору безобита мешуданд. Гӯё ба лонаи онҳо оташ афтода бошад, бо тамоми овоз фарёду фиғон мебардоштанд. Дурусттар назар кардам, ки таҳлукаи парандаҳо беҳуда набудааст. Акнун як мори чипоре чӯҷаи гунҷишкакеро ба даҳон гирифта, оҳиста-оҳиста фурӯ мебурду боз чашмашро аз лонаи гунҷишкони дигар намеканд. Ӯ чун мори боҳтур бафурҷаю ором набуд, балки бо як ҳаракати ҳайратовар, дар як мижа задан худро ба лонаи дигар расонд. Ду-се гунҷишкаки нав аз тухм баромадаро дар як дам фурӯ бурда, сипас бо хотири ҷамъ аз онҳо дур шуд…

Парандагон ҳамчунон фиғон доштанд… Аммо мани ҳайратзада ин гуна тазодҳои табиатро дар як вақт бо чашмони худ дида, хеле вақт ангушти ҳайрат мегазидам, ки чаро яке бошафқату беозор, дигаре бераҳму хунхор… Бале, чаро?

# ЗОҒИ КӮҲӢ

*Шодии дидан ва фаҳмидан*
*волотарин ҳадяи табиат аст.*
*А.Эйнштейн*

Зоғи кӯҳӣ парвозкунон болои талу теппаҳои на он қадар баланд давр мезад. Бол мекушоду ба атроф синчакорона нигоҳ мекард. Гуруснагӣ азобаш медод. Бисёр мехост, ки тӯъмаи ночизе, ақаллан лошаи гунҷишкеро пайдо намояд. Аммо ҳайҳот, дар ин пастиву баландиҳо чизе ба назар намерасид. Зоғи кӯҳӣ парвоз мекарду ҳушу ёдаш ба гузашта банд буд. Гушнагӣ ба хотираш давраи сериву пуриашро меовард. Охир, ӯ зоғи кӯҳист. Парандае, ки аз зоғи деҳоту иқлими гарм тамоман фарқ мекунад. Зоғи кӯҳӣ замоне ҳокими мутлақи ин дашту даман буд. Зоғи кӯҳиро зиндагӣ, ҳаёти вазнини кӯҳистон ва ҷангу ҷидолҳои миёни ҷонварон маҷбур кард, ки хеле барвақт бо гург ошно шавад. Зеро медонист, ки бо кӯмаки чанголҳои тези гург метавонад соҳиби тӯъмаи муфт шавад. Ва ӯ бо гургони кӯҳистони ин ҷо зуд дӯстӣ пайдо кард: гургошно шуд. Зоғи кӯҳӣ дар фазои ин дара парвоз намуда, атрофро зиракона назар мекард: ҳамин ки нигоҳаш ба рамаи гӯсфандон ё чарогоҳи гӯсфандон меафтид, дарҳол гургро хабар мекард.

Оҳ, чӣ қадар гурги зӯру боқувват буд, гурге, ки зоғ маҳалли зисти гӯсфандонро ба ӯ нишон медод. Вай ҳамроҳи гургони маст зӯзакашон ба рама дарафтода, гӯсфандонро бо шаст рабуда мерафт. Баъд ҳамон гурги нотарс зоғро ба «зиёфат» таклиф мекард. Зоғ пасмондаи онҳоро нӯл зада ҳаловат мебурд. Зоғи кӯҳӣ солиёни зиёде ба воситаи гургон ризқу рӯзиашро меёфт. Доим кӯшиш мекард, ки ҳар ҳафта барои шикори гургон маҳалли зисти чӯпону гӯсфандонро муайян созад. Вале вақт ноаён мегузашт ва рафта-рафта чӯпонҳо ин тарафҳо камтар меомадагӣ шуданд. Зоғ ҳам пир шуд ва бисёр ёварони худ–гургҳои нотарсро аз даст дод. Акнун ин тарафи кӯҳистон дар назар харобу валангор менамуд. Аввалҳо чӯпонҳо, ки бо аҳли

оилаашон ба ин мавзеъҳо меомаданд, муваққатан хайма зада, атрофро, бахусус чашмаҳоро, тозаю обод нигоҳ медоштанд.

Зоғи кӯҳӣ аз баландиҳо як ба чашмаҳои хушкидаву дарахтони шикаста нигоҳ карду дилаш таҳ кашид. Харобии табиатро нишони бадбахтӣ ва гушнагии худ донист. Акнун зоғи кӯҳӣ умедашро аз зиндагӣ тамоман канда буд. Гушнагӣ, пирӣ, қуввату дармонашро ботамом хушк мекард.

Зоғи кӯҳӣ аз куҷо медонист, ки ӯ охирин парандаи ин мавзеъ аст. Аз авлоди вай дигар ҷонзоте намондааст. Хост ба деҳае, ки дар шафати кӯҳсор аст, парвоз кунаду ризқу рӯзиашро ҷӯё шавад. Аммо боз тарсид.

Пеши назараш бачаҳои деҳа, мардум омаданд. Охир, одамони деҳот ӯро «зоғи наҳс» гӯён сангборон хоҳанд кард.

«– Чаро онҳо маро бо зоғи одӣ дар як поя мегузоранд? Оё онҳо маро фарқ намекунанд?»

Зоғ бо ин андешаҳо ба чунин қарор омад, ки аз дасти одамизод дида дар кӯҳистон, дар ин макони хомӯш мурдан сад бор авлотар аст!

Зоғи кӯҳӣ аз фарози теппа поён шуда, дар шохи дарахти пире, ки танҳо кундааш монда буду халос, нишаст. Шоху панҷаҳои шикастаи дарахт дар замин паҳну парешон мехобиданд. Зоғ болои дарахт хеле нишаставу дам гирифт. Ин дам яке чашмаш ба мурдаи гурге афтид, мурдаи пӯсидаро зуд шинохт. Бале, ин ҳамон гурге буд, ки як вақтҳо ба ҷони гӯсфандон қасд мекард. Ҳоло бо шиками даридаю пои шикаста мехобид. Зоғ дигар поён фаромада хеле ба лошаи гурги шинос чашм давонд. Бӯи бади лошаи гурги пирро ҳис карду дилаш заъф намуд. Хеле ором истод, намедонист чӣ кор кунад. Аммо оқибат ба тақдир тан дода, ба ҷасади пӯсидаи гурги пир нӯл задан гирифт. Зоғи кӯҳӣ гӯшти гандидаи гургро базӯр фурӯ мебурд…

## МЕҲРИ МОДАРӢ

Ҳамид имрӯз дар мактаб андешаманду парешон менамуд. Бисёр мехост, ки худашро ба даст гираду ором шавад, аммо наметавонист: майнааш, дасту пояш ба ӯ итоат намекарданд.

Вай ҳайрон ва дилу бедилон ба нуқтаи номаълуме чашм медӯхт. Фикраш ба чизе банд буд, суханҳои муаллимро намефаҳмид. Ҳатто номи мавзӯъро дар хотир надошт. Муаллим мавзӯи навро мефаҳмонду ҳушу ёди Ҳамид ҳамоно ба хонаашон банд буд.

Ду моҳ боз Ҳамид дар хонаашон пишаку саги зебоеро нигоҳ медошт. Дар ин муддат бо онҳо сахт унс пирифта буд. Айёми таътил дигар ҳамсинфонаш ба сайругашт мерафтанду ӯ бо ҷонваронаш танҳо мемонд. Аввалҳо Хайбари ӯ пишаки сиёҳи фарбеҳро чашми дидан надошт. Ба хоначааш наздик шудан намемонд. Пишак ҳам аз тарсу ваҳм дур-дур мегашт. Аксар вақт аз дохили хонаву анбор берун намешуд. Ин душмании онҳоро Ҳамид фаҳмида, бо ҳар роҳу восита онҳоро ба ҳам қарину дӯст кардан мехост. Акнун якҷоя хӯрок мехӯрданду якҷоя бозӣ мекарданд. Ҳамид дар ин муддат ба бисёр чизҳо сарфаҳм рафт.Фаҳмид, ки ҳайвонҳо низ мисли инсонанд. «Танҳо забони гӯё надоранду халос. Дигар ҳар як рафтору кирдор, давутози онҳо маънӣ дорад. Онҳо бо нигоҳ, имову ишорати худ ҳатто ба атрофиён панд додан мехоҳанд. Аммо ин амалҳои аҷиби ҷонвараконро на ҳар кас мефаҳмад, ҳис мекунад» – аз дил мегузаронд Ҳамид. Буданд лаҳзаҳое, ки баъзе ҳамсолонаш ҳайвондӯстии ӯро масхара мекарданд. Ё ба хонаи онҳо омада сагу пишакашро бо санг ё чӯб мезаданд. Саг ин қабил бачаҳоро аз дур мешинохту дарров ба хоначааш ё кунҷи анбор руст мешуд...

Лекин ҳоло Ҳамид дар синфхона нишаста дар сар дигар фикр дошт. Ҳайрон буд, ки минбаъд чӣ кор кунад. Як ҳафта боз ҳам пишаку ҳам сагаш бача зоидаанд. Акнун ӯ серташвиш шудааст. Шабу рӯз онҳоро нигоҳубин мекунад, шир медиҳад. Ҳамидро ширхӯрӣ, чашмони ҳанӯз накушодаи онҳо ба шавқ меовард. Ӯ ҷои хоби ҷонвараконро дуруст карда, ҳар соат аз ҳоли онҳо хабар мегирифт. Вале аз дирӯз аҳволи Хайбар ташвишовар буд. Саги пир базӯр бачаҳояшро маконда, аз паҳлӯи онҳо дур намешуд. Балки наметавонист мисли пештара берун барояд. Нигоҳи ғамолуди саги пирро Ҳамид дида дилаш таҳ қашид. Ҳис кард, ки саги пир ба дарди бедавое дучор шудааст. Ҳамин ки Ҳамид ба хоначаи саг наздик мешуд, Хайбар базӯр

нимхез шуда, нигоҳи миннатдоронаашро аз ӯ намеканд, сарашро ба пушти пойҳои Ҳамид бурда, онҳоро лесидан мехост. Дар назди соҳибаш дум ликонда бо нигоҳи хайрхоҳонааш миннатдориашро баён мекард...

Саги пир базӯр худро аз бари сагчаҳояш ҷудо кард ва ба винг-винги онҳо эътибор надода бо азоб нимхез шуд. Назди соҳибаш– Ҳамид омад. Саги пири бовафо гӯё охирин қувваю нерӯяшро ҷамъ карда, ба по меистод. Ҳамид ҳис мекард, ки бадани нозуки саги пир дир-дир меларзаду чашмонаш пуробанд. Саг хаёле мегуфг, ки маро «пиҳил» кун, ки ман мемирам.

Ҳамид фикр кард, ки сагаш бемор шудааст. Нафаҳмид, ки саги пир бо ӯ видоъ мегӯяд...

Ҳамид аз мактаб баргаштан замон зуд назди хоначаи саги пир омаду ҳангаш канд. Дасту пояш сусту бемадор гашт. Саги пир аллакай мурда буду сагчаҳояш ҳанӯз ӯро мемакиданд.

Ҳамид акнун пай бурд, фаҳмид, ки саги пир мурданашро пешакӣ мефаҳмидааст ва он нигоҳҳои вопасинаш маъние доштааст. Баъди гӯрондани саги пир ду сагчаи вай танҳо монданд. Онҳо акнун чашм кушода, ҷӯёи модар буданд. Аз катакча берун барамада, бо садои паст-пасти худ модарро мекофтанд.

Ҳамид баъдтар хуб дарк кард, ки пишак метавонад онҳоро ҳам маконад. Гурбаоча мақсаду нияти Ҳамидро пай бурд, ки худаш ба хоначаи кучукҳо наздик шуда, онҳоро лесидан гирифт. Дами саҳар Ҳамид омада дид, ки хоначаи кучукҳо холист. Давида назди пишакҳо омаду ҳайрон шуд. Пишак сагчаҳоро мемаконд.

Ҳамид аз ин рафтори пишак ба хулосае омад, ки меҳри модарӣ дар ҳайвонот бештар бузург аст. Ҳайвон ҳам ҳамҷинсонашро, тифлонашро дӯст медоштааст. Баъзан одамизод байни ин ҷонваракон фарқ мегузорад, онҳоро аз ҳам ҷудо кардан мехоҳад. Намефаҳмад, ки меҳру садоқат, дӯстдорӣ барои ҳайвонот зарур аст.

# МОРИ ДАСТОМӮЗ

*Инсон метавонад беҳтар*
*аз табиат офаридгор шавад.*
*И. Мичурин*

Карими морбоз ба гармии рӯз нигоҳ накарда дар як ҷои серсоя мори дастомӯзашро намоиш медод. Мор ҳалқа мезаду сарашро баланд бардошта, фашшосзанон мепарид. Карими морбоз бошад, бо чӯбдасташ морро идора мекард. Мор дар чӯбдасти ӯ чунон мепечид, ки гӯё онро гулкорӣ карда бошанд. Мардум аз ҳунари морбоз ҳаловат мебурд: гурӯҳе бо ҳайрату тааҷҷуб, гурӯҳе дар ғояти тарс ӯро таҳсин мегуфтанд. Вақте мор ба сару гардани ӯ чун кирми пилла мепечид, даҳони тамошобинон боз мемонд.

Карими морбоз, вақте пулҳои аз мардум ҷамъ кардаашро шумурда ба киса мезад, мори дастомӯзаш ба дасту остини ӯ печида, ором мегирифт...

Ниҳоят, як андешаи ҷиддӣ аз дили Карими морбоз бигзашт. Худ ба худ гуфт: «то кай ба ин тариқ ризқу рӯзӣ ёбам? Ҳамин морбозӣ ҳам ҳунар шуд?» Вай бо ин гуна хаёл қадам мезад, ки дар рӯ ба рӯяш ҳамсояаш – Раҳими шикамкалон баромад, ин марди зоҳирнамо ҳамеша ҳасади ӯро хӯрда мегашт. Ғайбаташ мекард. Хулоса, сояи ӯро аз девор метарошид. Ҳатто боре чунин гуфта буд:

– Ҳамсояҳо наход, ки одам бо мор унс гирад, ба тухми одамизод қаҳт омадааст магар?!..

Карими морбоз бо Раҳими шикамкалон як саломи саридастӣ карду бигзашт. Аммо роҳравон воқеаеро беихтиёр ба хотир овард...

Дар он айём ӯ соҳиби сагчаи зебое буду онро аз ҷонаш ҳам дӯсттар медошт. Сагча сахт бо вай унс гирифта буд. Охир, соҳиби чашм кушода дидаи сагча дар олами кушод ҳамин Карим буду тамом. Сагчаро ӯ бо меҳри беандоза калон мекард. Вақте ки аз кор меомад, сагча ба пешвозаш мебаромад. Дум ликонда пеши пойҳояш ба фук мезад. Карим ҳамаи

дӯстдориҳои ин ҷонвари безабонро ҳис мекард, медид, ки меҳру вафои саг ба инсон беандоза аст. Рӯз ба рӯз сагча калонтару зебову диданӣ мешуд. Ва ниҳоят, як саги рамузфаҳму зебое шуд. Сагча ба ҳар як имою ишорати соҳибаш зуд сарфаҳм мерафт.

Рӯзе Карим аз кор баргашту ҳоли сагчаашро дида ҳайрон шуд. Сагчаи дирӯз тозону ҳушёр базӯр нафас кашида, аз ҷояш намеҷунбид. Ба чашмони обрави ҷонвар нигариста дилаш таҳ кашид. Сагча ҳар замон сулфа мекард, чизе роҳи гулӯяшро мегирифт. Вай чаҳор рӯз сагро бемордорӣ кард. Вале саг ба худ наомад, балки пӯсту устухон шуда аз хӯрокхӯрӣ тамоман монд... Рӯзе, ки саги вафодораш ҷон дод, Карим мотам дошт. Алами зиндагӣ, азобҳои саги бечораро базӯр фурӯ мебурд. Ҳамон рӯз фаҳмид, ки ҳамсояаш ба саг дар нон сӯзан монда хӯронда будааст.

Баъди ин ҳодиса Карим аз ҳамсояаш дурӣ меҷуст, намехост бо ӯ рӯ ба рӯ шавад. Мешунид, ки ҳамсоя дар ҳаққаш овозаҳои зиёде паҳн кардааст. Гӯё вай мисли ҳайвонҳо мезияду боз хулқу атвори онҳоро ба худ гирифтааст...

Шабҳангом Каримро фарёди имдодталабонае аз хоб бедор кард. Ӯ саросема давида берун баромад. Чашмаш ба ҳота афтод. Ҳамсоя барги бед барин ларзида аз тарс намедонист, чӣ кор кунад. Танҳо бо дасташ морро нишон медоду ҳатто наметавонист «Мор!» гӯяд. Мори дастомӯзи Карим ҳалқа зада, забончаашро берун баровардa, ӯро таҳдид мекард.

Карим хомӯш назди ҳамсоя омада, морро сари даст кард. Мор соҳибашро шинохт, ки орому осуда гашт. Ҳамсоя дигар лолу ҳайрон монд. Шояд дар он лаҳза ҷонкании сагчаву сӯзани додагиашро ба хотир оварда, аз кори кардааш пушаймон шуда бошад? Ё бори нахуст дар умри худ дарк карда бошад, ки ҷон барои ҳайвони безабон ҳам, ана, ҳамин хел ширин аст.

## ЧОКАК

Ҳамин ки шаб фаро мерасад, парандаи бечора сахт беқарор мешавад. Аз лонаи нимвайронаи худ берун омада, бо эҳтирос

пару бол мезанад. Лаҳзае дар осмони тира муаллақ мемонад, баъд бо ҳасрат фарёд мезанад: «Чок-чок! Чок-чок!»

Дар назараш атроф хомӯшу сард ва ваҳмангезу дардолуд метобад. Чокак боз гирду гӯшаашро давр зада, аз болои гӯристон гузашта, як-як ба қабрҳои кӯҳнаву нав, талу хоктӯдаҳои ба ҳам фурӯрафта менигараду дилаш ба ҳоли одамизод месӯзад. Охир, инсон дар гӯри торик ҳам осоише надорад. Чаро?!

«Чок-чок! Чок-чок!!!»

Аз ин андеша раъшае дар бадани ӯ пайдо мешавад. Лаҳзае аз парвоз бозмемонад. Ҳайрон мешавад, ки чаро ӯ ғами одамизодро мехӯрад? Охир, вай танҳо як парандаи одӣ аст! Боз парандаи назарногиру хурд, бечорае, ки ба ёди касе намерасад!

Ин дам магар аз андешаҳои худ дилсард шуд, ки як-ду бол кушод, хост роҳашро идома диҳад. Аммо яке нигоҳаш ба хами қабристон афтид.

Дар гӯристони сокит танҳо боди шабгард мисли саги дайду зӯза мекашид. Ин садои ваҳмангез ба чокак намефорид, балки аз кадом як хабари шум гувоҳӣ медод. Дар ин дам чокак якбора ҷонсарак шуд. Ёдаш ба мори бадҳайбати дарозе, ки вақтҳои охир дар гӯристон менамуд, банд шуд. Он рӯз чокак аз лаби сой, аз обхӯрӣ бармегашт. Мор бе ҳеҷ тарс бепарво мехазид, аз чизе намеҳаросид. Намоишкорона аз болои гӯрҳои фурӯрафта гарданашро ёзонда, бадвоҳима фашшос мезад.

Чокакро аз тарс дам ба дарун мезад. Нағз медонист, ки мор ҷӯёи қабри нав, мурдаи нав асту дилаш гӯшти одамӣ мехоҳад...

Ин дам дар ин макон – водии хомӯшон, ки касе қудрати шикастани оромиро надошт, фарёди таҳлукаомези чокак баланд шуд:

«Чок-чок! Чок-чок!»

«Ана, тақдири одамизод, ёбу гир, – фикр кард чокак. – На ба қадри мурдаҳош мерасаду на ба қадри зиндаҳош. То мурданаш азоб мекашад, хорӣ мебинад. Кош, боз умри дароз бинад! Худашро барвақт обу адо, пир мекунад ва аз дунё оқибат ду даст тори сар меравад...

Чокак боз ба фиғон омад, ҷигараш месӯхт, дар ҳасрати об дар шитоб буд. Садояш боз баландтар мешуд.

«Чок-чок! Чок-чок!»

Ин дам гӯрбони маланги гӯристонро дид, ки аз дур калавида-калавида меомад. Боз аз даҳонаш ҳамон бӯи бади шиносе ба атроф паҳн мешуд. Чокак ҳайрон буд, ки чаро ҳама шаб аз даҳони ин марди, ба қавле, худотарс фақат ҳамин бӯй меояд?! Охир, рӯзи дароз магар ӯ набуд, ки дар остонаи қабристон нишаста дуо мехонд. Дар ҳаққи гузаштагон ва арвоҳи онҳо: ғарибон, шаҳидон, бекасон, ятимон, бечорагон...

Чун фотиҳаашро ба охир мерасонид, дуру дароз даст ба рӯй кашида, бо умед ба атроф менигаристу аз садақаҳо доман пур мекард. Вале ҳамин ки шаб даромад, яке ҷон мегирифт ва ҳамаро фаромӯш карда, нишеб мешуд.

Чокак танҳо номаълум рафтанашро медиду баъд замоне чун соя калавида-калавида пас гашта омаданашро. Акнун ӯ дар дили шабҳо ба ҷои дуою фотиҳа масту махмур зери лаб сурудеро замзама мекард. Боз ҳамон бӯи бад аз даҳонаш меомад. Чокак ҳайрон мешуд, ки ин чӣ бӯест?! Ғашаш меомаду нафраташ. Оҳиста аз ӯ дур мешуд...

«Чок-чок! Чок-чок!» – нола мекунад Чокак.

Чирчиракҳо ҷӯр мешаванд ва зери ин садоҳо гӯрбонро дар паҳлӯдарии дарвозаи гӯристон хоб мебарад...

* * *

Наздики гӯристон фарёду фиғон баланд мешуд. Ин дафъа одамони бисёре тобути ҷавонеро рӯ-рӯи даст мебурданд. Падари ноком пеш-пеши тобут фиғон мекашид, зор-зор нола мекард: «Маро танҳо нагузор, маро бо худ ба гӯр бубар, писарам...!»

Ҳине ки ба болои қабри ҷавон хок мекашиданд, дасту пои падар ноаён меларзид. Ӯ мушти хокро болои гӯрпуштаи ҷигарбандаш партофта оҳи ҷигарсӯз мекашид. Гӯрбон аз ин манзараи мудҳиш чашм намеканд. Вақте мардум аз гӯристон дур мешуданд, соҳиби мурда дар даҳани дарвоза бо ӯ вохӯрда, хомӯш ба кафи дасташ як қабза пул дода, гуфт:

– «Додар, фаромӯш накун, аз ҳоли манзили нав, хонаи охирати бачама хабар гир».

«Чок-чок! «Чок-чок!» – нола мекард чокак ва боз ба хомиву худфиребии одамизод нафраташ меомад...

Шаб гӯрбон боз калавида-калавида, сархуш дар қабристон пайдо шуд. Ин дафъа ҳам аз даҳонаш ҳамон бӯи бад меомад. Чокак дид, ки гӯрбон дар дами дарвоза наистода, ба гӯристон нишеб шуд. Аммо маълум набуд, ки ӯ зери лаб суруд мехонд ё ояте аз «Қуръон». Вай ҳатто аз болои қабрҳои нав бебокона по монда мегузашт. Парвою эҳтиросе надошт.

Вақте ба мағоки кӯҳнае наздик мешуд, аз чизе сахт тарсид, ки якбора истод. Забонаш дар комаш часпид, ҳангу мангаш канд. Дасту пояшро ларза гирифт. Аз рӯ ба рӯяш як мори бадҳайбате, ки ғафсиаш баробари банди по буду аз косахонаи чашмонаш хун мерехт, фашшосзанон ба сӯяш мехазид. Мор бо як хез кори гӯрбонро тамом кард. Рӯзи дигар дар деҳа овозаи ҳалок шудани гӯрбон паҳн шуд. Ҳар кас ин ҳодисаро ҳар хел маънидод мекард...

Акнун Чокак дар ҳавои гӯристони холӣ, хамӯшу бимнок парвоз мекунад ва ҳар гоҳ ҳамчунон садои ҷонкоҳе аз сина берун мекашад: «Чок-чок! Чок-чок!»

Аммо ҳеҷ кас намефаҳмад, ки чокак дар ҳасрати об нола мекунад, ё дар ҳасрати гӯрбон...

## САГИ ДОНО

Аз хурдӣ ҳайвоноту парандаҳоро дӯст медоштам. Он вақт дар ҳавлиамон сагу мурғ, қумрӣ ва тазарв буд. Ҳамин ки аз мактаб меомадам, вафодор пешвозам мебаромад.

Як рӯз хостам вафодорро хӯрок дода, сайр барам. Аз ошхона як коса атолаи гарм оварда, ба табақи вафодор рехтаму худ аз пайи либосивазкунӣ рафтам. Пас аз чанде берун баромада, вафодорро ҷеғ задам. Овоз надод. Чор тарафи хонаро кофтам, дарак нест. Падарам саргардонии маро дида, пурсид:

– Чӣ шуд, писарам?

– Навакак вафодор ҳамин ҷо буд, хӯрок мехӯрд. Хостам ҳамроҳаш сайр равам...

Падарам наздик омада, ба табақи нимхолии вафодор нигоҳ карду оҳи сарде кашид:

– Ба сагат чӣ хел хӯрок додӣ?

– Камтар хӯроки гарм... – аз суоли падар ҳайрон шудам ман.

– Ин чӣ кори кардагиат?! Дониста мон, ки ба ҷонварон ҳеҷ гоҳ хӯроки гарм намедиҳанд, фаҳмидӣ?

– Барои чӣ? О, ана, нисфашро хӯрдааст-ку.

Падарам дид, ки ман хиҷолат кашидам, бо овози нарм фаҳмонд:

– Меъдаю рӯдаи ҳайвонот, бахусус сагу гурба, хеле нозуканд. Ба онҳо танҳо хӯроки хунук додан даркор. Нигоҳубини саг муносибати хосаро талаб мекунад. Сагҳо доною рамузфаҳманд. Ана, рафта бин, ҳоло сагатро дар миёни алафзор меёбӣ!

Ман ба марғзори назди деҳа рафтам. Бинам, гапи падарам дуруст будааст. Вафодор миёнаҷои алафзор ғелида-ғелида, вингос мезаду сонӣ аз алафҳои шулхаву бубанак мехӯрд. Алафхӯрии сагро дидаму ҳуш аз сарам парид. Саг ба ман эътибор надода, алаф мехӯрд. Сонӣ ба наздам омад. Бо меҳрубонӣ фукашро ба пойҳоям молид, гӯё мегуфт: «Ҳеҷ гап не, дидӣ, ман нағз шудам...» Ба ҳавлӣ баргаштем. Падарам синчакунон ба вафодор нигоҳ карда гуфт:

– Саги доно будаст, аллакай алафи доругиро ёфта, худро табобат кард.

– Дадаҷон, охир саг аз куҷо медонад, ки кадом алаф ба вай даво мешавад?

– Ҳамаи ҷонварон хусусияти шифоии гулу буттаҳоро нағз мефаҳманд, ҳатто аз одам бештар. Чунки ҳисси бӯйфаҳмии онҳо ниҳоят тез аст. Гулу буттаҳои доругиро аз бӯяшон ёфта, мехӯранд.

Солҳои зиёде сипарӣ гаштанд. Аммо нақши нахустин сагчаам, дӯсти вафодорам ҳоло ҳам пеши назарам ба ҷилва меояд. Афсӯс, ки сагҳо умри кӯтоҳ мебинанд, вале то охир ба инсон содиқу меҳрубон мемонанд.

# ГУРГИ ПОХӮРДА

Модагург гушнагиашро фаромӯш карда буд. Яккафарёди бачаҳои интизор, гушнаву зор дар гӯшаш якзайл садо медоданд. Ӯ хаёле медид, ки чӣ тавр онҳо бо ҷуссаҳои хурдакаки худ имдодталабона роҳи модар мепоянд. Модагург гоҳе дар нимароҳ истода, ба атроф гӯш медод. Заминро бӯй кашида, чизе меҷуст. Хомӯшии тӯлонӣ ба дилаш ваҳм меандохт, ки боз ҷаста бо шаст пеш медавид. Барои дарёфти ризқи бачаҳояш худро ба чор тараф мезад, мехост ҳарчи тезтар тӯъмае ба даст орад. Табиати дилфиребӣ кӯҳистон ғарқи нур буд. Панҷаҳои нарми хуршед талу пуштаҳоро навозиш дошт. Аммо дирӯз қасд кардагӣ барин подаҷоҳо холӣ буданд. Дар атроф чизе наменамуд.

Чашмони оташбораш амсоли барқ медурахшиданд. Нигоҳаш чор тарафро мепалмосид. На аз пода нишоне меёфту на аз хазандаю чарандае ва боз ноумедона ба пеш медавид. Аз дуриҳо нолаю фарёди ҷигарбандонаш пардаи дилашро меларзонд.

Абри сиёҳ домани тира ба рӯи осмон паҳн карду боди сахт хест. Ба ҳамлаи тундбод шоху панҷаҳои ниҳолон тоб наоварда, нолишкунон мешикастанд. Гурги пир бадбахтиро эҳсос карда, бо алам ба осмони ғуборолуд менигарист. Маҳзунона шитоб дошт. Борон шиддат мегирифт. Донаҳои борон ба сару рӯи гург бархӯрда, амсоли ашки сӯзоне қалбашро ба дард меоварданд. Роҳҳои пурлою об акнун гашташро суст мекард. Гурги пир ба шикоргоҳи дирӯза бо азоб наздик мешуд, ки яке пояш ба оҳане бархӯрда, садои сахте қалбашро гӯё пора кард. Пои росташ миёни доми оҳанин маҷақ шуда буд. Тамоми вуҷудаш ба сӯзиш даромад. Гурге, ки лаҳзае пештар дар фикри тӯъма буд, ба худ мепечид. Доми оҳанин, ки бо занҷири калоне пайваста буд, пояшро гӯё ба коми худ фурӯ мебурд, гурги пир ёрои онро ҷунбондан надошт. Аз зону поён ғарқоби хун буд. Борон ҳеҷ майли мондан надошт.

Боз пеши назараш гургбачаҳои гушнааш ҳувайдо мешуду аз банди ҷигар нӯла мекашид. Беҳуш мешуд, чашмонаш

сиёҳӣ зада худро аз баландие сарозер медид. Мехост тан ба тақдир диҳаду хомӯшона маргро истиқбол гирад. Аммо боз садои дилхароши ҷигарбандонаш ӯро бедор мекард ва ӯ роҳи наҷот меҷуст. Пои маҷрӯҳашро лесида ба доми занҷирдор нигоҳ мекарду уллос мекашид. Нӯла мекард талху ҷонгудоз. Лолаҳои дашт ба нолаҳои пурсӯзи гурги пир тоб наоварда алвонҷхӯрон гӯё ашк мерехтанд. Ӯ дигар илоҷе наёфт, ки пои ғарқоби хунашро ба хоидан даромад. Гӯшти пояшро меканд. Пораҳои пурхуни гӯшт аз даҳонаш мерехтанд. Гоҳе аз ҳуш мерафту бехудона сар ба зер меафканд. Аз замин мадад меҷуст. Касе ба додаш намерасид. Селаи ашку борон аз ду бари рӯяш метаровид. Нолаи ӯро кӯҳу дара ба дуриҳо мебурд. Ӯ пояшро хоида оқибат худро аз банди дом раҳо кард... Модагург сепо акнун ҷониби бачаҳояш медавид. Лангон-лангон медавиду нӯла мекашид. Талх мегирист. Донаҳои борон ба қалби пурдардаш ангушт мезаду зардобе бо чакраҳои он поён метаровид...

## НОЛАИ САГ

Модасаг гашташро тез кард. Намехост ба одамон рӯ ба рӯ шавад, хусусан бо бачаҳои гузари поён. Онҳо мисли дигар кӯдакон сарашро сила намекарданд, балки бо сангу кулӯх пешвозаш мегирифтанд. Шояд ба ин бачаҳо не, Валии зард, ки дар саргаҳи кӯча мезист, гунаҳкор бошад.

Ва саги пир ба ёд меоварад…

Он вақтҳо ӯ ҷавон буд. Соҳибаш бобои Аҳмад ӯро ҳамроҳаш ҳама ҷо мебурд. Навозишҳо мекард. Саг аз меҳрубониҳои ӯ масрур буд. Дарвозаи фермаро посбонӣ мекард, ба кучуки навзодаш тариқи посбонӣ меомӯхт. Ва ӯро боз симои ҳафт ҷигарбандаш пеши назар омад. Валии зард пеш аз ин як кучукашро кушта буд. Саг инро медонист. Лаҳзае бозистод, нӯла кашид ва ба ҳафт пушти Валии зард нафрин хонд...

Модасаг ҳар шаб ӯро медид. Қаноре пур аз кунҷора ё коҳ амсоли соя аз коҳдони ферма берун мешуд. Модасаг меҷакид, ӯро дунболагир мешуд, Бобои Аҳмад аз ҷакиданҳои саги ва-

фодораш бедор шуда ба тани арақшори ӯ бо ҳасрат менигарист. Қанори Валии зардро шинохта, дилаш реш-реш мешуд. Кафи даст ба пешонӣ мезад. Ба саг мефаҳмонд, ки ҳамааш бефоида аст. Валии зард – хеши раиси колхоз. Аздусар ӯ дуздиашро мекунад. Мӯйсафед бо дили нохоҳам даст афшонда, дохили кулба мешуд. Гумон мекард, ки саг намефаҳмад. Вале модасаг ҳамаашро мефаҳмид ва аз раъяш гаштанӣ набуд ва шабе ба сараш балои азиме омад...

Он шаби наҳс ӯ ҳамроҳи бачааш – сагчаи пурпашм аз дунболи коҳдузд сур карданд. Валии зард қанорро аз девор гузаронида бозгашт ва ба сари сагча ҳамла намуд. Доси тез ба тани нозуки сагча бархӯрд. Садои имдодталабонаи ӯ ба гӯши саги пир ҷонхарош расид. Саги пир бо як хез аз болои Валии зард ҷаҳида, ба гулӯяш ханҷол зад. Мехост корашро ҷо ба ҷо тамом кунад. Валии зард бо сару рӯи хуншор илоҷи халосӣ меҷуст. Вале модасаг дастонашро мегазид, куртаашро даронда дандонҳояшро ба хирнои ӯ наздик мебурд. Валии зард беҳолу бемадор шуд, нолишкунон ноилоҷ мӯйсафедро ба ёрӣ даъват кард. Мӯйсафед ба ин манзара нигоҳ карда фаҳмид, ки саг аз раъяш гаштанӣ нест, қасос мегирад. Ва сагашро наздаш хонд:

– Сиёҳак, сар деҳ, нарас!!!

Саг баъди садоҳои беисти соҳибаш аз шаст гашт. Худаш ҳам нафаҳмид, ки чӣ тавр гулӯи душмани ҷониашро раҳо кард. Валии зард аз ҷой бархоста гоҳ ба мӯйсафед менигаристу гоҳ ба саги пир ва гоҳе ба кучуки бо дос задааш, ки дуртар мехобид. Бо либосҳои даридаву лабу даҳони пурхун Валии зард таҳдидкунон аз дарвоза берун шуд. Модасаг то саҳар барои тифлаш нӯла кашид ва саҳаргоҳон тарки посбонии фермаю соҳибаш кард.

Модасаг баъди чанде боз дар назди ферма пайдо шуд. Бо ҳарос ба атроф менигарист. Дар ин асно нигоҳи каҷи Валии зард ба модасаг афтод. Душмани деринаашро дид. Бачаҳои гузарро ба муқобили саг ба по хезонд. Онҳо ба чизе сарфаҳм нарафта, яке санг, дигаре кулӯх, сеюмӣ оҳане дар даст модасагро сур карданд. Модасаги пир аз ҳавли ҷон медавид, забонаш хушк мешуд, дилаш мезад, кучукҳояш ӯро нигарон буданд...

Валии зард фарёд мезад: – Занед ин саги девонаро, бо кучукҳояш ҳама ҷоро ҳаром кардааст, сангсораш кунед, ҳа, бале, бачаҳо!

Ӯ хурсанд буд, ки бачаҳо ба гуфтааш амал мекунанд. Модасаг гуфтаҳои душмани ҷонашро мешунид, илоҷи воқеа меҷуст, аммо бефоида буд. Фақат медавиду бо ҳасрат ашк мерехт, медавиду аз ҷигар нолаи бадард мекашид...

## ҶУФТИ ПАРАСТУ

Ҷуфти парасту омадани баҳорро хеле пазмон шуданд. Вале шамолу барфбоди рӯзҳои охир дили онҳоро тангу ғамгин кард. Парастуи модина ҷуссаи хурдакакашро лӯнда карда, базӯр қанотак зад. Ҳавои хунук асараш кард, ки оҳиста паҳлӯи парастуи нарина омада нишаст. Якдигарро таги бол намуда, ғанаб рафтанд, аммо хоб аз куҷо? Парастуи нарина аз тани гарми ёраш ҳаловат бурда ҷафстар шуд. Бо минқор болҳои ҷуфташро ба тартиб овард. Аз борони сел шоху панҷаи гулу буттаҳои навмуғчабаста пуроб гашта, насими баҳорӣ навдаҳои тарро алвонҷ медод. Парастуи модина дигар хунукиро ҳис накард, ӯ чашмони сиёҳашро пӯшида таги тефи пуштибонаш дурусттар паноҳ бурд. Ӯ ҷониби кӯҳсорон чашм дӯхта, аз дил гузаронд: «албатта пагоҳ гарм хоҳад шуд. Охир, баҳор омадааст, наход айёми сардиҳо ба дили зимистон назада бошад? Кӣ медонад, шояд зимистон қасди баҳори нозанин дорад?»

Ин дам боз шасти хунукӣ афзуд. Шамолу тундбоди сабуке ба боғистони болои деҳаҳои кӯҳӣ ҳамлавар гашт. Шамол хаёле охирин нафасҳои зимистонро дар шонаи гулу буттаҳо шинондан хост. Дар як дам гулҳои зебои зардолуи чатри сафед ба сар кашида ба замин рехтанд. Шохҳои пургули себи хубонӣ ҳам урён гашт. Ноилоҷ ҷуфти парасту дар таги баргҳои паҳни чанори пир ҷойгир шуданд. Дигар онҳоро шамоли дайду кордор нашуд. Парастуро гулу муғчаи нав шукуфтаю ба замин рехта сахт ғамгин кард. Ӯ аз ин муносибати бераҳмонаи табиат тааҷҷуб дошт.

Оҳ, онҳо имсол чӣ қадар баҳорро интизорӣ доштанд! Охир,

мо – парастуҳо бе баҳор ҳеҷем. Баҳор аст, ки мо зинда ҳастем. Яке боду борон монду боз офтоб баромад. Осмони деҳа софу беғубор гашт. Парасту дид, ки селаи гунҷишкон аз порисае парида, болои буттаҳои нав муғчабаста нишастанд. Аз ин манзараи дилфиреб дили парасту таҳ кашид, хурсанд шуд, ки гармӣ хамбид.

Парастуи модина аз таги тефи ёраш берун шуда, аввал болафшонӣ кард. Аз шохе ба шохи дигар парида овоз баровард. Шодӣ кард, болҳояшро дар ҳавои кушод васеъ кушод, ба тану ҷонаш гармӣ давид, баъди парвозҳои дур аз кишвари ҳамсоя аз нав ҷисми заифаш қувват гирифт. Тамошои боғу роғ, сабзаҳои навруста завқашро бедор кард, шукр дошт, ки боз ба диёри сабзаҳо расид. Худо хоҳад, баҳор ин ҷо мемонаду лонаи порсолаашро аз нав обод мекунад. Ин дам парастуро баҳори гузашта, азоби лонасозиаш ба хотир омаду дилаш яке хиҷил гашт. Бошаст парида, болои шохчаи зардолу нишаст. Парастуи нарина, ки хеле рамузфаҳм аст, даррав ҳис кард, ки дӯсташ хафаву малул аст…

– Чаро дар як дам авзоат дигар шуд? Аз чӣ хавотирӣ?

Парастуи модина аввал чизе нагуфт. Балки бо дидаи аламдору хаста ёрашро навозиш карда аз дил гузаронд: «охир, чанд маротиба гуфтам, ки биё, ин диёрро аз ёдат барор! Ҳарчанд мулки сабзу хуррам ва дилкаш асту боғу роғҳои васеъ дорад, вале лонасозӣ мушкил аст. Охир, лонаамон боз вайрон нашавад!» Парастуи наринаро хомӯшии маҳбубааш бетоқат кард. Ӯ гирди зардолу давр зада паҳлӯяш нишаст.

Бо минқораш парастуро навозишкунон боз пурсид:

– Чӣ хомӯшӣ? Гап зан охир! Чунин боду ҳавои мушкбез барои сайругашту ишқварзист. Аммо ту хомӯшиву хаста.

Парастуи модина нигоҳи маъюсонаашро аз атроф канда гуфт:

– Охир, дар он хонаи порсола чӣ хел лонаамонро таъмир мекунем? Аз соҳибаш тарс дорам.

Ин суханони ошно парастуро яке ҳушёр карданд, дарк кард, ки манзили кӯҳнаро обод кардан, албатта, душвор нест, вале муомилаи соҳиби ҳавлӣ пеши рӯяш омад. Он сол ӯ ду маротиба лонаи парастуҳоро вайрон карда буд.

Парастуи наринаро чизе ба хотираш расид, ки нидо кард:

– Ин қадар роҳи дурро тай кардем, акнун баргаштан хосияти хуб надорад. Охир, мо ба одамон чӣ бадӣ кардаем? Балки парасту аз давраҳои хеле қадим дӯсти одамизод будааст.

Парастуи нарина ин дам нақли модарашро ба ёд овард. Азм кард, ки то лонаи порсолаашонро пайдо намудан ҳамин саргузаштро ҳикоя кунад...

Мегӯянд, ки ҳазрати Сулаймон забони ваҳшу тайрро медонистааст. Душманон аз ин амалу заковати вай ҳамеша хавф доштаанду дар қасду қасос будаанд. Боре кофирҳо ҷонваронро ҷамъ намуда, бо роҳи фиребу найранг қасди ҷони ҳазрати Сулаймон кардаанд. Хостаанд, гулхани бузурге афрӯхта, дар он ҳазратро сӯзонанд. Вале ба ҳезумкашонӣ аксари ҷонварон розӣ нашудаанд. Дар ин миён танҳо хари нодон розӣ шудааст, ки ҳезум орад. Оқибат хар ҳезуми бисёре кашонда ғарам кардааст. Мори бадкирдор ҳам харро пайравӣ намуда, бо думи дарозаш оташ афрӯхтааст. Ана, дар ҳамин вақт парасту дар даҳонаш об оварда, хостааст, ки оташро хомӯш созад. Душманон ҳазрати Сулаймонро рӯи гулхани оташ шинонда, хостанд ӯро сӯзонанд, ки яке бо амри илоҳӣ малоикаҳо ба ёрии ҳазрати Сулаймон омада ӯро наҷот додаанд.

Баъдтар ҳазрати Сулаймон ҳамаи ҷонваронро ба манзилаш даъват намуда, сабаби ин ҳодисаро пурсидааст.

Нахуст ҳазрати Сулаймон аз хар пурсидааст:

– Эй хари нодон, чаро ту қасди куштани ман кардию ҳезум кашондӣ? Магар аз ман ягон бадӣ ба ту расида буд?

Хар бо пушаймонӣ нидо кардааст:

– Аз шумо, ҳазрат, мо – ҳайвонҳо, танҳо некӣ дидаему халос. Аммо мани нодон оқибати корамро фикр накардаму ба ин амали зишт розӣ шудам.

Ҳазрати Сулаймон суханони содалавҳонаи харро то охир шунида:

– Ту дар ҳақиқат ҳайвони нодону бетамиз будай. Илоҳо як умр ҳамин тавр нодону аблаҳ бимонӣ, – гӯён омин кардааст. Сипас ба мори зираку ҳушёр муроҷиат намудааст:

– Ту, кӯрмор, соҳиби дили зебою чашмони тез будӣ. Оё ягон вақт нисбати ту беадолатӣ шуда буд, ки бо нӯги думат оташро баланд намудӣ?..

Кӯрмор ба худ печида гуфтааст:

– Ман ба роҳи шайтон рафтам, оқибати корро фикр накардам. Маро бубахшед…

Ҳазрати Сулаймон, ки хислату хӯи ҳамаи ҷонваронро хуб медонист, аз ин посухи мор ба ғазаб омада амр кардааст:

– Илоҳо, кӯр гардӣ ва аз думи зебоят маҳрум гашта, як умр сарсону саргардон шавӣ!

Ниҳоят ҳазрати Сулаймон бо меҳру муҳаббат ба парасту назар афканда гуфтааст:

– Эй парандаи зебо. Ман медидам, ки дар даҳанат об гирифта, ҳар замон рӯи оташ мерехтӣ, ҳарчанд алангаи оташ баланд буд, ту аз раҳат намегаштӣ?!

Парасту арзи эҳтирому итоатро ба ҷо оварда гуфтааст:

– Мо ба шумо ихлос дорем. Шояд оташ баланд буд, вале оташи меҳру муҳаббати шумо болотар буд, бисёр мехостам, ки шуморо наҷот диҳам.

Аз ин ҷавоби парасту ҳазрати Сулаймон қаноатманд шудааст ва дар ҳаққи парасту дуо кардааст:

– Илоҳо, ҳамеша лонаат дар макони одамон бошаду инсоният туро дӯст дорад ва дар фасли баҳори нозанин лонасозӣ намоӣ.

… Вақте ки нақли ривоят ба охир расид, офтоб як қади найза баланд шуда буд.

Пеш аз парвоз парастуи модина боз изҳори нигаронӣ кард:

– Аз он айём солҳои зиёде гузаштаанд, акнун одамон ҳам дигар шудаанд. Ба онҳо эътимод нест...

– Не, ин тавр нагӯй. Охир, одамизод парастуро дӯст медорад. Аз диданаш шод мешавад. Чун паррандаи бахосият дар хонааш роҳ медиҳад…

Парастуи модина паст наомад:

– Он солҳо гузаштаанд. Дунё дигар шудааст. Акнун одамизод бо зоти худаш рақобат дорад. Мо чӣ? Ҳамагӣ як паррандаи одием.

– Ин тавр нест. Ҳоло ҳам одамон моро нағз мебинанд.

– Чӣ хел нағз мебинанд, ки маҳз одамон кабкро дар қафас карданд?! Дигар ҳайвонот ҳам мутеи одамизод шудаанд...

Парастуи нарина аз ин посух ба риққат омад. Афсӯс хӯрд,

ки дар ҳақиқат солҳои охир муносибати одамон ба парандаҳо дигар шудааст, аммо сир бой надода парвозашро идома дод. Онҳо боғу майдонҳои киштзорро давр зада, оқибат манзили шиносро ёфтанд. Ин ҳавлии боҳашамат манзилгоҳи онҳо буд. Дар сақфи пешайвони хона лонаи порсола менамуд. Ҷуфти парасту болои ҳавлӣ парвоз карда, шодона дохили пешайвон шуданд. Болои лонаи кӯҳнаи худ нишаста байни худ чиқ-чиқ карда, онро аз назар гузарониданд. Мазмун, аз нав таъмир кардан даркор! Онҳо аввал соҳибони ҳавлиро надиданд. Бахусус парастуи модина дар ташвиш буд. Ӯ суроби соҳиби ҳавлӣ – зани сурхинаи чорпаҳлӯеро, ки базӯр роҳ мегашт, нағз дар хотир дошт. Аз марди хона – мӯйсафеди Нуралӣ хотирҷамъ буд. Аммо аз зани вай ҳарос дошт. Балки дар як гӯшаи дилаш гумон дошт, ки шояд хислати вай занак дигар шудаасту акнун бо парастуҳо меҳрубон аст. Ӯ кай медонад, ки одамизод хислату муносибати бад ё некашро то ба гӯр бо худ мебарад ва ислоҳ шуданаш гумон аст.

Ҷуфти парасту бо умеди аз нав обод кардани лонаи кӯҳнаи худ берун париданд. Хеле давр зада, оқибат ҷои нармеро пайдо намуданд. Бо оби даҳон лойхонае рост карданд. Акнун кулӯхчаҳоро нарму майда карда ба ҳам хеле моҳирона мечаспонданд. Парастуи нарина регмайда меовард. Онҳо саргарми кор буданд, мехостанд лонаро пурра аз нав созанд. Ҷуфти парасту бо навбат ба пешайвон даробаро доштанд. Ин дам яке овози дағали занак ба фазо печид.

– Мардак, ҳой мардак, ин ҷо биё! Боз онҳо омадаанд.

Пир аз даруни хона берун шуд.

– Худаш чӣ гап, ҳа?

– Чӣ, намебинӣ, боз ҳамон парастуҳо омадаанд?!

Пир ба лонаи нимтайёри парастуҳо нигоҳкунон завқ бурд.

– Шукр, ки баҳор расиду парастуҳо баргаштанд. Бигузор, лона созанду чӯҷа бароранд, – нидо кард пир.

– Эй марди нодон, охир, аз дасти ин парандаҳо шифти хона ғажд мешавад, ҳар гуна коҳу лойро болои кӯрпаву либос мерезанд!..

– Занак, ин тавр нагӯй, – гуфт пиракӣ. – Охир парасту парандаи бахосият аст. Мон, нарас, бигзор лонасозӣ кунанд!

– Не, намемонам, ҳамаро ифлос мекунанд!

– Занак, аз барои Худо, ин тавр нагӯй! Оқибати ин корат хуб нест. Мегӯянд, ки вайрон кардани лонаи парасту боиси харобии хонаи одам мешавад, мефаҳмӣ?

– Эҳ, чӣ ин қадар афсона мегӯӣ? Ҳамагӣ як паранда будааст-да. О, дар хона кабк дорем-ку!

Пир дид, ки бо кампир баҳс кардан бефоида аст. Ӯ маъюсона назди қафаси кабк омад. Ба қафаси гулкорӣ ва кабк, ки дохили қафас беқарорӣ дошт, дуру дароз нигоҳкунон оҳи бадарде кашид.

– Ҳайфи умр! Ана ҳамин кабки бечора ҳам бо сад азоби алим зиндагӣ дорад. Магар ӯ дар қафас озоду хурсанд аст? Охир, ҷои кабк кӯҳсору домани ёлаву пушта аст, на дохили қафасу хона!

Пир дид, ки кабк худро ба қафас мезанаду ба дону об нигоҳе намекунад. Пару болҳои рехта, тефи захмини кабк дили ӯро хиҷил кард. Кабк бо овози паст нолиш дошт. Дар фасли баҳор ӯро ҳам хумори тамошои кӯҳу дара гирифтааст.

«Чанд бор ба писарам гуфтам, ки ҳамин кабкбозиатро парто, – андешид пир, – вале гапамро нагирифт. Ҳар сол ду-се кабкро хона оварда, дар қафас ҷой медиҳад. «Зеби хона» мегӯяд, аммо обу дон доданашро фаромӯш мекунад. Ақаллан соатаке сар намедиҳадаш, ки дар хона гардад…»

Пир дари қафасро боз кард. Кабк аввал ҳайрон шуд. Бовараш наомад, ки ӯро озод намуданд. Тарсону ҳайрон аз қафас баромада рост ба ҳота парвоз кард. Акнун кабк миёни гулҳои навруста сайр карда ғуч-ғуч дошт. Фикру ҳуши пирамард ҳамоно ба лонаи ҷуфти парасту банд буд. Вайрон кардани лонаи парасту уболи сахт аст! Охир, парасту аз рӯйи ривоят одамизодро аз заҳри мор наҷот додааст! Ба ҳимояи одамизод баромада, забони морро буридааст. Мӯйсафед азм кард, ки рафта кампирашро мефаҳмонад, ӯро аз раъйяш мегардонад, намегузорад, ки парастуи беозор ин ҳавлиро тарк созад.

Пир беруни ҳавлӣ рафта, кампирро пайдо кард. Дид, ки кампираш дар ҷое, ки ҷуфти парасту лона месохт, қарор гирифта, табассум мекард.

Ӯ пирро дида, хурсандона нидо кард.

– Ин ҷо биё, мардак, бин чӣ ёфтам!

– Чӣ, тило ёфтӣ, ки ин қадар хурсандӣ?

– Эҳ, мардаке, мани нодон аввал ба ин парстуҳо бовар надоштам! Бешубҳа, бахосият будаанд! Ана аз лойи хонаи онҳо ангуштарии гумкардаамро пайдо кардам. Онҳо чунон устокорона лона сохтаанд, ки ҳайрон мемонӣ. Аҷибаш ин, ки ангуштариро пайдо карда як тараф гузоштаанд.

Пир хеле ба лойхона нигоҳ карду афзуд:

– Акнун биё, лонаашонро тамошо кунем, ҳар ду дохили айвон шуданд. Дар кунҷи айвон лонаи зебое ба таври ҳайратовар овезон буд.

Пир лонаро аз назар гузаронда бо ифтихор гуфт:

– Бин, чӣ хел ҳунармандона сохтаанд! Лонаи парасту аз ду хонача иборат аст,– суханашро идома дод пир. Хоначаи калон барои тухмгузорист, ки онро хеле мустаҳкам месозад. Даҳлези хона ҳам аз сангрезаҳо омода шудааст. Дигар ягон паррандаи дунё чунин ҳунар надорад. Охир парасту чунон лона месозад, ки аз дари лона ғайр аз худаш ягон хазанда ё парандаи дигар даромада наметавонад.

… Акнун пиру кампир, ки то ин дам бепарво буд, бо ҳавас ба равуои ҷуфти парасту наззора доштанд. Ҳавои тозаи баҳорӣ ба димоғ бӯи муаттари гулҳоро меовард. Пир дилпур гашт, ки имсол ҷуфти парасту дар ҳавлии онҳо чӯҷа мебароранд. Аз ин хаёл қалби пир ором гашт. Дигар ҷуфти парасту аз чизе бим надоштанд. Онҳо гоҳ як дона хас, гоҳ ришта ва гоҳе наск барин лой дар минқор дохили кунҷи айвон мешуданд…

## ҶАРИ ГОВКУШ

Саиди шикорчӣ аллакай аз деҳа хеле дур рафта буд, ҳар замон гашташро тез карда беруни ҳис буд, ки аз атроф бӯи хунукӣ, бӯи барфу борон меояд. Шамоли тунде вазида, хору буттаҳои нав аз барф озодшударо меларзонд. Аз ҷойҳои барфхеста шир-шири ҷӯйчаҳои об ба гӯш мерасид.

Болотар пуштакӯҳҳо пур аз барф буданд. Аз поин боло нигариста шикорчии пир завқ бурд. Худро боз хушбахту

болидарӯҳ ёфт. Туфанги сари китфашро боло кашида миёнашро ҷунбонд. Миёнбанди чармӣ мустаҳкам буд. Хаёле ӯ ҳамаи қувваю ғайраташро дар ба ҷо будани камарбанд медид.

«Агар камарбанд суст бошаду камон бе тир, вой бар ҳоли сайёд» – аз дил гузаронд ӯ. – Вале ман пир ҳам ки бошам, ҳанӯз миёну бозувонам бақувват. Шикорчии пир акнун ба тамошои атроф мароқ зоҳир намекард, балки фикри вай ин дам ба дигар чизҳо банд буд. Ӯ тамоми дара, шаху ағба, роҳраву шикоргоҳҳои атрофашро ба хотир меовард: кӯҳи Кафтар, Лангари Алишо, Сурхаи Гардона, Вағлел, Нишорак, кадомаш? Ин дам забонаш гирифт. Ҷари Говкушро ном гирифту ба баданаш раъша давид. Боз як бори дигар ба овози нимшунаво зери лаб такрор кард:

– Ҷар, ҷари Говкуш.

Пас худ ба худ ғур-ғур намуд: – Ин қадар роҳи дарозро тай намудаму боре ба гӯшаи хаёл наовардам, ки ба ин мавзеи лаънатӣ боз рӯ ба рӯ меоям. Сайёди пир ҳис кард, ки шамолу тундбод ба сару рӯи ӯ бераҳмона «ҳамла» мекунад. Аммо тану бозувони бақувваташ аз чӣ бошад, ки ҳоло тоби хунукию шамол надоранд. Куҷо шуд он ғуруру тавоноӣ?! Акнун сайёд қадамҳояшро ноустувор мемонд. Милтиқу миёнбанди таърифияшро кайҳо фаромӯш карда буд.

Саиди шикорчӣ марди тахминан панҷоҳсолаи қоматбаланде буд. Рӯи гирду чашмони калон-калонаш ӯро бадҳайбаттар метобанд. Дар деҳаи Тобасанг мардум аз ӯ дурӣ меҷустанд. Ҳамааш аз он сар шуда буд, ки сайёд зану бачаҳояшро хеле барвақт аз худ ҷудо кард. Мегуфтанд, ки онҳо дар шаҳр зиндагӣ доранду болои кору вазифаҳои калонанд.

Саиди шикорчӣ дар Тобасанг бо як сари қоқаш зиндагӣ дошт. Бо мардуми деҳа кам рафтуомад мекард. Дом монда кабку заргӯш, рӯбоҳу гург медошт. Солҳои охир ба шикори кабк машғул буд. Хонааш мудом пури кабк буду аз ин ҳисоб зиндагӣ дошт. Аз тамоми гирду атроф ба ин ҷо кабкхарӣ меомаданд. Баъзан рӯзи дароз рӯи ҳавлияш пури кабкбозон буд. Кабкҳояш зуд ба савдо мерафтанд. Аз деҳа касе ҳад надошт, ки вориди хонаи ӯ шавад. Мо – бачаҳо гоҳ-гоҳе аз паси шиғҳо бо ҳавас ба хониши кабкҳояш гӯш медодем....

Саиди шикорчӣ бо роҳи камбарфе, ки ба поёни дара мерафт, равон шуд. Ӯ дар дил азм кард, ки ба ҷари Говкуш наздик нашуда, дар ҳамон қарибиҳо кабк шикор мекунад.

«Ба дом агар ду-сето афтад, бас», – аз дил мегузаронд ӯ.

Ин дам селаи кабкон аз паси буттаҳо поёнтар парида ба домани кӯҳ наздиктар нишастанд. Мурғони даштӣ, кафтарони ёбоӣ паст-паст парида, ба ҷойҳои камбарф меомаданд. Сайёди пир дур рафта, болои барф донаи гандум пошид. Худ поёнтар хазида, зери дарахти шикастае камин гирифт. Сайёд таги пояшро дурусттар намуда, шоху навдаҳои хушкшударо пештар кашид. Милтиқашро дар паҳлӯ монда, сипас, миёнбандашро наздаш густурда, нони хушкашро болои он гузошт.

Бурдаи нонеро базӯр фурӯ бурд. Ҳушу ёдаш ба миёнаҷои дара банд буд. Он ҷое, ки гандум пошида, дом монда буд, чун кафи даст менамуд. Каме ба атроф зеҳн монд. Барфи сап-сафед чашмро мерабуд. Хост ки нон хӯрад, вале натавонист, як гӯшаи дилаш сип-сиёҳ буд.

Баъди чанде селаи кабкон болои чоши гандум нишастанд. Сайёд куланги туфанги думилаашро зер карду садои тир дар кӯҳу дара ғулғулаафкан шуд. Аз хуни кабкон болои барф лолагун гашт. Ӯ дар як дам паси санге, ки чанде қабл кабкон қарор дошанд, расида, боз туфангашро аз тир пур карду кабкони парвозиро нишон гирифт. Хайрият ки ин дафъа тираш хато рафт, кабкон имкон ёфтанд, ки аз камари кӯҳ болотар парвоз намоянд. Сайёд туфангашро сари китф партофта, назди кабкони қурбоншуда омад ва онҳоро бардошта сӯи поин роҳ гирифт.

Ӯ баъди шикори бобарор башаст роҳ мепаймуд. Мехост ҳарчи тезтар ба Тобасанг баргардад. Ҳар қадар ба хамгашти пуштакӯҳ наздик мешуд, ҳаво ҳамон қадар хунукӣ боло мегирифт. Оқибат борони майда ба барф табдил ёфт. Сайёд ҷонҳавл гом мезад. Ӯ нафаҳмида аз таги ағба, ки роҳ дигар аз канори дара сӯи ҷарӣ мерафт, равон шуд. Зарраҳои барфи шамололуд бари рӯяшро боз ба сӯзиш оварданд. Ҷомааш пури барф гашта буд. Агар касе ин лаҳзаҳо ба ӯ дучор меомад, гумон мекард, ки рӯ ба рӯяш одами барфӣ меояд...

Саиди шикорчӣ кайҳо аз Лангари Алишо гузашпа, ба сур-

хаи Гардона расида буд ва худ нафаҳмида монд, ки чӣ тавр аз он ҷо ба тарафи дасти рост тоб хӯрду рӯ ба рӯи Ҷари Говкуш баромад.

Тобасанги калоне, ки болояш шакли даҳани аждаҳоро дошт, гӯё сайёдро мепоид. Ӯ дар як дам ба худ омад. Дасту пойҳояш гӯё шикастанду мадораш хушк шуд.

— Э-эҳа-а! Оқибат аз ҳамин роҳи Ҷари Говкуши лаънатӣ баромадам-ку! Дигар роҳи бозгашт набудагист. Чӣ хел қафо гардам?! – андешид Саиди шикорчӣ. – Магар дар ин барфбод боз қафо гаштан, ин қадар роҳро паймудан осон аст? Эҳ, сабил, гӯр пирӣ шавад. О, пештарҳо ин тавр набудам-ку? Куҷо шуд он ғайрату зӯрии пешина? Не, набояд гардан фуровард. Як илоҷ карда то бегоҳ ба Тобасанг расидан даркор. Набошад, кабкҳои хона бесоҳиб мемонанд. Шояд харидорҳо кайҳо маро мекобанду дари хонаамро охурча кардаанд. Ӯ як-як ба кабкони дар миёнбандаш овезон нигоҳ карду худро тасаллӣ дод. – Поям ба кадом тараф кашад, ба ҳамон тараф рафтан мегирам, – ниҳоят қатъӣ қарор дод ӯ.

Саиди шикорчӣ болои тобасанге чаҳида, ҷониби Ҷари Говкуш қадам зад. Лаб-лаби шах базӯр қадам мемонду аз ҷарии бетак чашм намеканд. Дилаш таҳ мекашид. Хаёле ҷарии бетагу бадвоҳима амсоли сиёҳии девсурате ӯро таъқиб дошт. Аз қаъри ҷарӣ шабаҳе ӯро таъқиб мекард. Поят ки хато хӯрд, санг барин парида меравӣ. Аз сад ҷонат як ҷонат намемонад. Пештар сайёдони кордида ин роҳро тахт карданд. Ҳоло аз ин роҳ сайёдону ҷонварон хеле кам мегузаранд. Аммо борҳо аз ин роҳ аспону ҳайвонҳо ба ҷарӣ паридаанд. Саиди шикорчӣ бо ин роҳ умуман гузаштанӣ набуд, аммо ҳоло ӯ дигар илоҷе надошт. Дилу бедилон бо сару рӯи арақшор оҳиста қадам мезаду он ҳодисаи мудҳишеро, ки бо саманди худаш рух дода буд, ба хотир меовард.

...Он солҳо Саид ҷавон буд. Дасту панҷаи паҳлавонона ки дошт, чун човандоз ном бароварда буд. Ҳамон солҳо баробари бузкашӣ гоҳе ба шикор ҳам мебаромад. Аспаш саманди вафодоре буд.

Дар иди Наврӯз ҳар куҷое, ки бузкашӣ мешуд, саманд ӯро, албатта ба ҳалолҷо мерасонд. Аҷаб аспи бофаҳме буд. Гоҳо

Саид мағрурона аспро баҳудаю беҳуда қамчинкорӣ мекард. Худо накунаду Саид ба ҳалолҷо нарасид, саманд зери шаллоқ мемонд. Аспи рамузфаҳм зери обу арақ мемонд, лекин соҳибашро ба ҳалолҷо мебурд...

Буз дар бар, шӯр дар сар Саид ба ҳалолҷо мерасиду...

Садои «Ҳалол! Ҳалол...» ба фалак дакка мехӯрд. Ҳамон солҳо ҳама таърифи аспи Саидро мекарданд. Боре Саид аз Вағлел бармегашт, шикораш барор гирифта буд. Хӯрҷинҳояш пури кабку заргӯш, парвои оламу одам надошт. Ҳамроҳонаш аз Ҷари Говкуш хавф бурда, роҳи лангари Алишоро пеш гирифтанд.

Саиди гарданшах ба неву нестони ҳамраҳонаш эътиборе надода, аспро ҷониби Ҷари Говкуш гардонд. Саманди рамузфаҳм аз пешомади баде пай бурда, аввал аз ҷояш наҷунбид. Саид ба гардану пушти саманд пайи ҳам қамчин фуровард. Асп шиҳа мекашиду беқарорӣ мекард. Гӯё дар ҷояш мехкӯб шуда буд. Саид боз баландтару сахттар ҷонварро қамчинкӯб мекард. Чашмони асп об гирифтанду оқибат ба роҳ даромад. Асп қариб ними Ҷари Говкушро паси сар карда буд, ки ногоҳ пояш лағжид. Ҳарчанд ки Саид лаҳзе даступо гум кард, боз чу-чу гуфта, пеш рафтан хост, ки яке ҷонвар ба бурҷи шах дакка хӯрд. Асп чорғпоя мешуду лаҳза ба лаҳза мувозинаташро гум мекард. Мунтазир буд, ки кай соҳибаш лаҷомашро сар дода, худ дар ҷои бехавф қарор мегирад. Саид дар танаи шах ҳайкалвор рост меистод. Саманд охирон маротиба дид, ки соҳибаш аз марг эмин аст. Ду пойи ақибаш аз лаби ҷар батамом канда шуду ба қаъри варта рафт.

...Сайёди пир ҳоло ларзону ҳайрон он воқеаро ба хотир оварду гунаҳкорона аз шахи ҷар, ба қаъри Ҷари Говкуш назар дӯхт. Гумонаш, аз кучое аз нав шиҳаи саманд баланд гашт. Аз нав шикастани навдаҳо, ба ҳам бархӯрдани харсангҳо ба атроф воҳима андохт.

Саиди шикорчӣ аз зӯрии дарду хунукӣ ба худ мепечиду арақи сарде аз танаш мешорид. Ногоҳ харсанги азиме аз боло канда шуда муаллақзанон байни раҳ уфтод.

Саиди ваҳшатзада худро зуд ба танаи шахи ҷар гирифт. Харсангу сангҳои ғелон ба поён мерехтанд...

Саиди шикорчӣ баъди лаҳзае фаҳмид, ки роҳи Ҷари Говкуш ба рӯяш баста гардид.

«Кош ба Ҷари Говкуш фурӯ мерафтаму ҷонам аз ҳамааш халос мешуд. Худоё, наход то ҳол рӯҳи саманди бегуноҳ маро таъқиб дорад. Шояд тақдирам ҳамин бошад? Не, ба ҳамааш гунаҳгор худам, аз он вақте ки сабабгори марги саманди бегуноҳ гаштам, зиндагиам тираву тор шуд. Аз зану бачаам, мардум ҷудо гаштам, Худоё, ман назди ту чӣ гуноҳе доштам, ки рӯзгорам талх гардид. Худоё...»

Саиди шикорчӣ аз дами Ҷари Говкуш дур шуда, дидаҳои тарашро пок кард. Акнун барф ҳам монда буд. Шикорчии пир дигар ёрои деҳаи Тобасанг рафтан надошт. Ӯ каме дуртар рафта байни дарахту бурсҳои шикаста ҷой гирифт. Шоху навдаҳои аз зарби тундбод шикастаро ҷамъ карда, камингоҳе сохт чайламонанд. Ба чайла даромада туфангу тирдон, кабкҳоро паҳлӯяш монда хоб кард. Саҳар барвақт хест, алов даргиронда нонушта кард. Аз чайла атроф бо пуррагӣ намудор буд. Аз шоху навдаҳо барф мерехт.

Аз атроф бӯи баҳору гармӣ меомад. Кадом як қувваи ноаёне ӯро дар ин манзили аҷдодӣ нигоҳ медошт…

Дар Тобасанг хешону наздикон, аҳли деҳа ӯро азо гирифтанд. Кабкҳояшро аз шаҳр ҷӯраҳояш омада бурданд. Хонааш холӣ монд. Ҳоло ҳам хонаи Саиди шикорчӣ дар гӯшаи деҳа нимвайрона намудор аст. Касе ба ин вайрона нигоҳ намекунад, гӯё аз ин ҳавлӣ ҳама метарсанд…

Дар Тобасанг касе намедонист, ки Саиди шикорчӣ дар канори Ҷари Говкуш то ҳол зиндагӣ дорад. Акнун ба ҷои чайла хоначаи хурдакаке аз дур намоён аст. Сайёди пир то ҳанӯз ба ёди саманду умри барбодрафтааш зиндагӣ дорад…

## ГУЛМОҲӢ

Гулмоҳӣ шино дошт. Дарёча мавҷ мезад. Шамоли саҳарӣ аз бари соҳил мевазид. Дар регзори соҳил як села парандагон сайр доштанд.

Моҳихӯракҳо аз боло худро бо шаст ҳар сӯ зада, боз нопадид мешуданд. Гулмоҳӣ дид, чӣ тавр моҳичае тӯъмаи

моҳихӯрак шуд. Моҳича дар даҳони моҳихӯрак печу тоб хӯрда умед дошт, ки боз ба дарё меафтад, аммо моҳихӯрак моҳичаро сахт дошта аз соҳил торафт дур мешуд.

Гулмоҳӣ ҳайрон буд, ки чаро моҳиҳо ин қадар сердушманад. Кам дар ёд дорад, ки аз соҳил касе ба моҳиҳо тараҳҳум карда бошад. Хоҳ моҳидор бошаду хоҳ раҳгузар, ба дарё ифлосӣ мепартояд. Гулмоҳӣ ҳамаашро мебинад, ҳам қуттиҳо, ҳам шишаҳои холиро. Гулмоҳӣ эҳтиёткор буд, ба доми моҳихӯракҳо намеафтид. Ӯ боз ба шино даромад. Вале дарёфт, ки об маҷрояшро гум кардааст…

Акнун нафасгирӣ барояш мушкил мешуд. Поёноби пахта дарёчаро гӯё дам мекашид. Гулмоҳӣ аз бими ҷон торафт чуқуртар шино мекард. Дар байни обсабзҳо ҷои мувофиқ ёфту ба боло нигоҳ кард. Дарёча гӯё талвосаи ҷонканӣ дошт. Моҳичаҳои мурда рӯ-рӯи об шино доштанд.

Аз дарёчаи нуқрафом акнун нишоне намонда буд.Оби заҳролуди пурлой гоҳ бо алам нолиш мекарду гоҳ бо қаҳр шӯрида сар ба сангҳо мезад.

Гулмоҳӣ бемадор гашт. Ба худ мепечиду вале мадори болои об шудан надошт. Аз қаъри чашмони нимпӯшаш хун ҷӯш мезад. Ӯ боз ба ёд овард, ки соле пештар чӣ зиндагии ширин дошт. Бо ҳамҷуфтонаш тамоми дарёчаро давр мезад. Аз моҳӣ ҳама ҷо пур буд. Онҳо базӯр роҳ кушода сайр менамуданд.

Гулмоҳӣ дигар чизеро намедид. Хаёлаш банди зебоиҳои қаъри дарё буд.

Баъзан болои об баромада зери шӯълаҳои гарми офтоб ҳузур мекард. Гоҳо боло меҷасту ҳавои ношинос гулӯяшро мефишурд. Берун аз дарёча барояш муаммое ғалатӣ буд. Ӯ кай медонист, ки одамон дар берун чӣ нақшаҳо доранд. Ӯ намеандешид, ки поёноби пахта чӣ хел обро ифлос мекунанд.

Заҳру дору болои дарёчаро батамом пӯшонда буд. Гулмоҳӣ беихтиёр худро ба соҳил зад. Оби дарёча сахт такон хӯрд. Гулмоҳӣ яке худро дар регзор дид. Ба худ печида фиғон кашид, имдод хост.

– «Охир, аз сад ҷонам як ҷонам халос нахоҳад хӯрд. Ана, ҳалқам хушк шуд...» – фарёд мезад Гулмоҳӣ. Аммо овози ӯро касе намешунид.

Ин дам нафраташ нисбат ба мардуми соҳил зиёд шуд. Нағз фаҳмид, ки одамизод дигар мавҷудоти оламро ба эътибор намегирифтааст. «Онҳо ҳеҷ гоҳ фаҳмида наметавонанд, ки мо, моҳиҳо дар бораи инсоният чӣ андешаҳо дорем». Дунё акнун дар назараш сиёҳ намуд. Ғуборе пеши чашмонашро пӯшонд. Базӯр дид, ки чӣ тавр дасти тавоное гулӯяшро фишурд. Комак зад, ҳини ҷонканӣ боз бо умед ба дарёча нигарист. Бовар дошт, ки одамизод ба ҳолаш тараҳҳум мекунад. Аммо, ҳайҳот...

## ТАЛВОСА

Саги пир фукашро болои пойҳояш гузошта чашмонашро нимпӯш кард. Хост лаҳзае ҳам бошад, ҳамаи дарду аламҳояшро фаромӯш кунад. Нашуд. Аз хунукӣ, барфу шамол ва тундбод баданаш меларзид. Хеле тоқат кард. Оҳиста-оҳиста баданаш батамом сард мешуд. Дигар чизеро ҳис намекард. Чанголҳои гиро, вале акнун заифгаштааш беҳаракат буданд. Бо вуҷуди хунукӣ чун рӯзҳои гузашта ғарқи андеша буд. Чанд рӯз аст, ки дар кӯчаву роҳравҳо шабашро рӯз мекарду дар олами рӯъё сайр дошт...

Аввал саг ҳаёти ширине дошт. Дар деҳа мегашт. Усто Набӣ бо сагаш фахр мекард. Ҳамин ки саг пайдо мешуд, бачаҳои деҳа аз қафояш медавиданд. Ӯ бозикунон ҷониби пуштакӯҳ роҳ мекашид. Аз боло ҷониби деҳа нигариста завқ мебурд. Бо навбат подаи деҳаро бонӣ мекард.

Баъди он воқеае, ки бо гургҳо рух дод...

Саги пир ҳоло он воқеаро пеши рӯ оварда хост ба ёди умри бободрафтааш нола кашад. Вале нахост оромии атрофро халалдор созад. Он рӯз пода нав аз байни дара гузашта буд, ки фарёди чӯпонбача баланд шуд.

– Гург!! Гург!!

Саг ҷонҳавлона ҷониби гург давид. Гурги бадҳайбате ба пода наздик мешуду аз қафояш гурги дигаре атрофро назора дошт. Ӯ бо тамоми қувва сари сина ба сари гурги аввал зад. Гурги дуюм ин ҷасорати сагро чашмдор набуд, ки дандонҳояшро гиз намуда, ба саг дарафтод. Афтударафти сахте оғоз шуд. Чашмони саг сиёҳӣ заданд. Зӯраш намерасид.

Гургҳо ӯро қариб аз по афтонда буданд, ки бачаи подабон ба гиря даромад. Саг гургонро чапғалат дода, аз нав ба ҳуҷум гузашт. Кори гурги аввaлaро тамом карда буд, ки дуюмӣ роҳи гурезро пеш гирифт. Ҳамин тавр, саг дар деҳа ном баровард, овозааш оқибат рӯзгори ӯро сиёҳ кард...

Рӯзе сагро сари мошине шаҳр оварданд. Ӯ ба хонаҳои баланду равуои мошинҳо ҳайрон-ҳайрон нигариста винг-винг мекард. Дилаш аз пешомади сиёҳ гувоҳӣ медод. Оқибат соҳиби наваш ӯро дар ошёнаи чорум, дар кунҷи дар ҷой намуд. Оҳиста-оҳиста соҳибаш ба ӯ унс гирифт. Ҷои хоби саг ҳам дигар гашт. Акнун хӯрокаш ҳам беҳтар. Ҳар рӯз сагро берун баровaрда ҳамроҳ гардиш мекард.

Лекин муносибати саг ва зани соҳибхана ин хел самимӣ набуд. Инро аз рӯзи аввал саг пай бурду фаҳмид, ки ӯро бад мебинад. Рафта-рафта дар хона муносибати марду зан бад шуд. Барои ӯ шуда моҷароҳои нав мехест. Дар набудани соҳиби хона зан сагро баста хӯроки дуруст намедод. Саг ҳамаашро мефаҳмид. Аммо ягон илоҷ намеёфт. Як чизи одиро ҳис намекард, ки зан ҳатто одамонеро, ки меҳмонӣ меоянд, бад мебинад. Мехоҳад дар хона худаш танҳо бошад. Саг хеле баъдтар фаҳмид, ки чаро ба ин хонадон меҳмону одамони бегона ин қадар кам меоянд.

Саги рамузфаҳм рӯзе шоҳиди чунин баҳсу талош шуд.

– Аз сарат монад ҳам ҳамин хонаат, ҳам сагат! Кошки саги шаҳрӣ мешуд. Ин бадбӯи қишлоқиро ба хона овардиву хона ифлос шуд.

– Не, ин хел нагӯй, саг-саги зотӣ аст. Охир, хонаро барои мо танг намекунад-ку?!

– Гап якто! – истодагарӣ кард занак, – ё ҳамин рӯз несташ мекунӣ, ё ман пою қадамамро дигар ба хонаат намемонам.

Саг бегоҳӣ, ҳамин ки дар кушода шуд, худ бадар рафт...

Ӯ аввалҳо азоб мекашид. Муҳити шаҳр барояш бегона буд. Лекин намехост, ки оворагард шавад, аммо маҷбур шуд. Зеро дар хар қадам таҳқир медид. Дар кӯчаҳо ба рӯяш санг ҳаво медоданд, бачаҳо мазоқаш мекарданд, баъд бо сагҳои кӯчагард якҷо шуд. Дар селаи сагони озоди дайду рӯз мебурд... Барф мебориду меборид, фаҳмид, ки ин зимистон хунуктар аст.

Ҳис кард, ки аз хунукию гуруснагӣ ва оворагардӣ рӯз то рӯз қуввату мадораш кам мешавад.

Оқибат ҷонвар фукашро боло бардошту бо умед ба атроф нигоҳ кард. Дар ахлоттӯдаҳо чизе ба чашм нарасиду ноилоҷ пештар қадам зад.

Пештар аз ҳамин ахлоттӯдаҳо як чиз-ним чиз хӯрданӣ меёфт. Ақаллан соҳиби устухоне, пораи нони хушкидае мешуд. Аммо вақтҳои охир ахлоттӯдаҳо ба ҷуз шишаҳои холӣ, банкаю қоғазпораҳо чизе надоштанд.

...Саги пир сарашро поин андохта, сӯи кӯчаи рӯ ба рӯ роҳ поид, зеро қариб ёрои поймонӣ надошт. Аз зӯрии барф ба худ мепечид. Саг пойҳояшро базӯр нигоҳ медошт. Нохост чашмонаш сиёҳӣ заданду мувозинаташро гум кард. Хост аккос занад, вале овози хиррияш набаромад. Яхпораи бари роҳ ҷисмашро афгор кард. Саги пир дар умраш бори аввал афтод. Фиғон кашидан хост. Қаъри дилаш таҳ кашид, сӯзише баданашро фаро гирифт. Аз бехудӣ, азобу хорӣ аввалин маротиба ба атрофиёнаш нафрат хонд. Паст, хеле паст. Инро танҳо худаш фаҳмиду халос. Боз ноилоҷ фукашро болои пойҳояш монда, озурдахотир дам ба дарун кашид. «Наход боз ноумед шавам», – аз дил гузаронд саги пир.

Ин вақт яке чашмаш ба устухоне афтид. Наздик омада бӯй кашид, устухон чандрӯза буду бӯи бад дошт. Аввал хост аз баҳри устухон барояд. Лекин нашуд. Гушнагӣ корашро кард. Устухонро пеш кашида ба хоидан даромад. Устухони чандрӯза ҷо-ҷо сафед буд. Дандонҳояш қуввати шикастани устухонро надоштанд, фаҳмид, ки пирӣ корашро кардааст. Фаҳмид, ки ба умраш рӯзҳои башумор мондааст. Аммо зистан мехост, мехост як илоҷ карда зимистонро паси сар намояд, он тарафаш осон. Як илоҷ карда аз шаҳр берун меравад. Ба ягон деҳаи дуртар паноҳ мебарад, танҳо ҳамин зимистон зияд, шуд, он тарафаш...

Устухонро мехоиду мехоид ва ба ҳалқаш оби ғашоваре мерехту дилашро нороҳат мекард, бисёр мехост, ки ҷои нармашро ёбад. Буздил набуд вай, бо вуҷуди ин, аз зимистони имсола сахт меҳаросид. Саг худашро торафт оҷизу нотавонтар ҳис мекард. Яке садои ҳамҷинсонаш ӯро ба худ овард. Дид, ки дуртар

сагҳои ҷавон бо ду-се кучукча байни худ часпу талош доранд. Гӯшу гарданҳои якдигарро мехоиданд. Саги пир фаҳмид, ки онҳо машғули ишқварзианд.

Хаёле дар рӯ ба рӯяш модасаги ҳамроҳашро дид. Ӯ ҳам ишқварзӣ мекард, соҳиби галаи кучукчаҳо гашта буд, барои онҳо талош мекард. Ӯ рангу рӯи бачаҳояшро ба хотир оварду оҳи бадарде кашид. Хаёле банди дилаш канда шуд. Чӣ кучукчаҳои зебое парвариш доштанд онҳо. Саги вафодор бегоҳиҳо илоҷе карда, барояш тӯъмае меовард. Аммо бегоҳе омада кулбачаашро холӣ дид. Кучукчаҳояшро бурда буданд. Модасаг ҳам беному нишон шуда рафт...

Гирдоби хаёлаш саги пирро ором намегузошт, боз пеши назар деҳа, подаю шодии бачаҳо падидор мегашт, боз аз қафояш фарёди бачаҳои деҳаро мешуниду ба гургон ҳамлагар мешуд. Хаёле саги пир чанд соли охир бо ҳамин хотираҳо мезияду ба ҳаёти шаҳриаш ҳазорҳо лаънат мехонад. Аз шаҳр дилмонда шудааст, менолид, ки ӯ барин сагҳои дайду, бесоҳиб дар шаҳр хеле зиёд шудаанд.

...Назараш боз ба устухон афтод, ба ҳамон устухоне, ки аллакай то нисфашро хоида буд ва бӯи бадаш аз димоғаш ҳаргиз нарафта буд. Пораи устухон гӯё ба ҳоли зори саги пири фартут тамасхур дошт. Саги пир акнун бо тамоми кувва боқимондаи устухонро мехоид. Ҳарчанд кайҳо ба кӯшишҳои бебарор ва панҷаҳои заиф шудааш тан дода буд. Вале аз кадом гӯшаи дилаш ғуруре, ки хоси авлоди ҷасураш буд, боло мегирифт. Намегузошт, ки аз нияташ баргардад. Охирин пораи устухонро хоиду қалбаш гарм шуд. Шираи иштиҳооваре баданашро ба раъша овард. Вале мадораш боз хушк гашту худ аз хунукӣ сарду беҳис...

Барф ҳамоно мебориду меборид. Саги пири фартут, ки пӯсту устухон шуда буд, майли хестан мекард. Охир, ӯ ин зимистон зиндагӣ кардан мехост. Орзуи деҳа дошт. Вале ҳайҳот. Батамом ба фук ғалтид, хеле талвоса, талвосаи ҷони ширинаш кард ва оқибат пеши чашмонашро пардаи сафеде фаро гирифт...

То дами саҳарӣ барф борид. Чошти рӯз осмон софу беғубор шуд. Аз ахлоттӯда поёнтар саги пир зери кӯрпаи сарди барф

хоб буд. Ба ин тӯдаи барф онҳое, ки ахлоти шабонаро мерехтанд, аҳамият намедоданд. Саги пир бошад, фориғ аз азобу ранҷ таҳи барф мехобид...

## САГИ ЗАРД

... Бори чандум аст, аниқ намедонад. Балки мӯйсафеди хастаи пакарнамо худашро бепарво вонамуд карда банди сагро кафи даст маҳкам дошта, роҳи бозори Яккачинорро мепаймуд. Саги зард аз қафои соҳибаш базӯр мерафт. Роҳи шиносро боз тай намудан барояш гарон буд, ки каллаашро яктарафа карда қадаммонии соҳибашро зеҳн монд...

Бозори ҳайвонот серғавғо ба назар расид. Аз ҳар гӯшаи он садои шиноси савдогарон, овози ҷонварон баланд мешуд. Мӯйсафед дохили бозор шуда паҳлӯи ду-се фурӯшандаи дигар, ки аз ночорӣ гурбаю кафтар мефурӯхтанд ҷой гирифт. Мӯйсафед ҷои мувофиқ ёфта, ба ҳамроҳонаш хубтар назар афканд. Дид, ки ҳар кас ба кори хеш оворою саргардон аст. Яке гурбаашро таъриф дораду дигаре харгӯшашро, сеюми кабки болои дасташро ситоиш мекунад. Аммо ба назари пирамард расид ё хаёл кард, ки онҳо ба ҳолати ноқулай афтоданд, зеро дар ин шабурӯз ҳайвон ё ҷонвареро фурӯхтан кори осон набуд.

Тамошои бозори сермағал ба дили мӯйсафед зад, ки ба паҳлӯяш, ба дӯсти вафодораш назар дӯхт.

Саги зард мисли соҳибаш орому осуда метофт. Гоҳе забонашро бароварда пойҳояшро мелесид, баъд ба банди дасти пирамард бо дили нохоҳам нигоҳ карда иринҷос мезад. Вай дар тааҷҷуб буд, ки ин дафъа чӣ хел як илоҷ карда сагашро фурӯшаду ҷонаш халос шавад. Саги зард бошад, дар сар андешаи дигар дошт. Ӯро хумори бозӣ, сайру гашт бо ҳамсолонаш гирифта буду орзуи озодӣ дошт. Мӯйсафед дар ҷои интихобкардааш баҳузур нишаст. Фаҳмид, ки аломати пирӣ ҷисму ҷонашро бефараву лакот кардааст. Дасту панҷаи шахшӯли дурушташ мисли пештара итоаташ намекарданд. Акнун овози ҷонварон, шӯру мағали одамон ба гӯшаш нофорам мерасид.

– Мӯйсафед, ҳой мӯйсафед! – гӯён касе аз паҳлӯяш фарёд кард. Чанд қадам дуртар соҳиби овозро диду дарав шинохт. Ин

марди қоқинае, ки нигоҳи маккоронаашро ҳоло аз мӯйсафед намеканд, доим дар бозор мегардад, одамонро ба ҷону ҳолашон намонда миёнаравӣ мекунад. Ва шояд ба ин васила соҳиби як-ду пул мешавад. Мардак нигоҳи айёрашро аз саги зарди паҳлӯи мӯйсафед канда мисли оне, ки ӯро чанд сол боз мешинохта бошад, ба гап даромад.

– Мӯйсафед, мебинам, ки чанд маротиба мешавад, ки сагатро бозор меорӣ. Лекин ба фурӯш намеравад, ҳа-а-а.

– Хайр, чӣ илоҷ? Тақдири ҷонвар ҳамин. Шояд ин дафъа онро мефурӯшам.

– Биё, мӯйсафед, худатро ғам надеҳ. Аздусар сагҳои хориҷӣ монда, касе ин саги пири фартути туро харидорӣ намекунад!

– Ин саги пир не, нав хонаи даҳро пур кард. Ҳайвони ҳушёру зирак, вафодору пурқувват аст. Охир аз насли сагони чӯпонӣ зоти хуб мебарояд.

Марди қоқина паст наомада боз мӯйсафедро сахт гирифт.

– Хайр, биё, 10 сомонӣ медиҳам, розӣ шав, сагро ба ман деҳ.

Мӯйсафед ранҷид, сахт ранҷид, албатта барои худаш не, балки барои сагаш ва дам ба дарун зада хомӯш монд. Ҳатто ба марди қоқина хайрухуш накард. Агар ӯро бо нигоҳаш гусел мекард, медид, ки чӣ тавр чашмони хунгирифтаи саг мардакро мепесонанд. Пирамард оҳи бадарде кашида банди сагро аз дасташ раҳо кард. саг дигар ҷои рафтан надошт. Акнун ҳавои сайругашт аз сараш парид. Ғами соҳибашро дарк карда, паҳлӯи ӯ ҷафстар ҷой гирифт. Сарашро миёни пойҳои пирамард монд, маҳсияшро лесид, бӯй кашид...

Пирамардро боз андешаҳои бесарунук фурӯ кашид. Хост аз баҳри фурӯхтани саг барояду бозорро ҳоло ҳозир тарк созад. Охир ӯ дигар қудрати ба чашмони маъюсу ғамолуди саги зард нигоҳ карданро надошт... Лекин дарди бепулӣ, бенавоӣ, зӯртар баромад, ки хомӯш монд. Хаёле оҳиста-оҳиста базӯр нафас кашид. Ҳис кард, ки саги зард ҳанӯз пойҳояш, кафи дастонашро мелесад...

Он айём, даҳ сол пеш, вақте ки як рӯзи сарди тирамоҳ бо кучукча дучор шуд, ҳамин меҳру вафодориро даррав ҳис кард.

Сагчаи бесоҳиб миёни пойҳои пирамард печида паст-паст нолиш дошт. Ӯ дар роҳ касеро надида фаҳмид, ки сагча танҳо мондааст. Онро болои даст гирифта хуб меҳрубонӣ карду боз гашта ба замин монд. Пирамард роҳашро идома дода, яке дид, ки сагча аз қафояш меояд. Дар як гӯшаи дилаш раҳму шафқат пайдо шуд, ки сагчаро зери бағал гирифта, рост хона омад.

– Аздусар ҷонвар танҳо аст. Ва сагча шарики ғаму шодӣ, мӯнису ғамхори ягонаи мӯйсафед гардид. Аз дасти пирамард нон хӯрда, ба ӯ сагона меҳр баст. Сагча ҳар як имою ишорати соҳибашро зуд сарфаҳм мерафт. Дар андак вақт пухтаю боақл шуд ва ба хубу бади дунё сарфаҳм рафт. Вале ақли сагонааш ҳанӯз як чизро намефахмид. Намефаҳмид, ки барои чӣ одамон, инсонҳо дӯсти худро мефурӯшанд...

Саги зард гоҳи ҳамроҳи мӯйсафед ба бозори ҳайвонот омаданаш ҳайрон мешуд. Медид, ки одамон гову моли худро чунон ба шавқу ҳавас мефурӯшанд, ки гӯё дигар аз ин дида масъалаи муҳимтаре нест...

Ва мӯйсафед рӯзе ягона бузи хонаро ба бозор бурд. Такка ҳеҷ гуноҳ надошт. Танҳо бо саги зард гоҳе бозӣ мекарду баъд миёни ҳавлӣ чор тараф медавид. Саги зард чанд маротиба мушохида кард, ки пирамард пашми таккаро тарошида фурӯхт ва гӯё ин ҳайвонро мисли вай дӯст медошт. Саг намефаҳмид, ки барои чӣ шабу рӯз мӯйсафед аз пайи обу алафи буз саргардон аст. Баъзан шабҳо ӯ хобашро ҳаром карда оғил медаромад, аз охурҷои такка хабар мегирифт. Пасмондаи хӯрок ҷамъ карда, бузро фарбеҳ мекард. Оқибат таккаи чор кас медидагиро бозор овард.

– Эҳ, чӣ қадар такка гарданшахӣ кард. Вале мӯйсафеди якрав ба ҷону ҳолаш намонд ва таккаро як саҳарӣ сари дав фурӯхт. Он вақт саги зард фикр кард, ки шояд мӯйсафед аз ноилоҷӣ ин корро кард. Не, балки баъдтар хуб фаҳмид, ки одамон дар фурӯхтани ҷонварон таҷриба доранд, ин корро хоҳу нохоҳ анҷом медиҳанд. Он вақт саги зард ҳаргиз ба гӯшаи хаёл наовард, ки рӯзе ҳоли такка ба сари ӯ меояд...

Саги зардро боз ҳини тамошои сагҷанг дилаш аз одамон тамоман монд. Онҳо заррае ба сагҳои дар хоку хун олуда парво надоштанд, балки сагҳои гурезонро дошта боз ба майдон

медароварданд, то якдигарро хоянд, газанду хӯранд. Ҳине ки аз сару гардани сагҳо хун ҷӯш зада мебаромад ё маъюбу маслуқ мешуданд, одамон завқ мебурданд.

Хайрият, ки мӯйсафед саги зардро ҳеҷ гоҳ ба майдон набаровард. Хайр чӣ? Андешид саги зард, дар сагҷанг, дар майдон мемурдам беҳтар буд, аз ин бешарафӣ дида. Ана омада-омада акнун маро низ ба фурӯш баровард...

Магар ман ба пирамард кам хизмат кардаам. Даҳ сол аст, ки хонаву даравшро посбонӣ дорам, нони ӯро ҳалол карда хӯрдаам. Оё дигар роҳ набошад, ҳа. – Наход саг ҳамин хел фикр кунад, эй не! О, вай инсон не-ку, аз дил гузаронд пирамард. Мӯйсафед фаҳмид, ки ин гапҳоро худаш бофта баровард ва дар майнаи гиҷаш радду бадал намуд. Худашро ба ҷои сагаш монда, ҳамаи инро фикр кард.

Вақте ки мӯйсафед аз қайди андешаҳои ваҳмангезаш халос шуд, дид, ки саги зардаш бафурҷа дар паҳлӯяш каллаашро миёни пойҳояш монда роҳат дорад.

– Хайрият ки саг мисли инсон фикр намекунад, ҳа, аз дил гузаронд мӯйсафед ва бо меҳр сари сагро сила кард. Саги зард боз нигоҳашро ба соҳибаш афканд, Дум ликонд, иринҷос зад. Мӯйсафед дар қаъри чашмони ҳайвон аломати яъсу ноумедӣ дид, ки банди дилаш ларзид...

– Не, ин саг ҳамаи андешаҳои маро кайҳо фаҳмидааст, набошад чаро ин қадар бо ҳайрат ва таҳдор нигоҳ дорад, ҳа. Мӯйсафед боз бо қалби озурдаву табъи хира хомӯш монд. Тақдири саги зардро фикркунон боз ба атроф нигоҳ кард.

Аз нигоҳи кампираке, ки пишаки дасташро силакунон харидор меҷуст, аламаш кард. Дар чашмони камнур, рӯи пурожанги кампир ғаму ғусса соя андохта буд. Ӯ пишакашро ба синааш зер карда гӯё дарунокӣ мегирист.

... Барои чӣ касе саги ӯро харидорӣ намекунад? Наход боз чанд ҳафтаи дигар мӯйсафед нафақаашро интизор шавад, ҳа. Охир зард, саги бад нест-ку...

– Мӯйсафеди хаёлпарешонро гуфтугӯи тӯдаи ҷавонони сари бозор ба худ кашид, он ҷо сагҳои зоти хориҷиро савдо доштанд. Мӯйсафед аз ду саги сиёҳи лабкашоли хукмонанд, ки аз фарбеҳӣ дар ҳавои гарм базӯр меистоданд, чашм намеканд.

Ҷавони олуфтае занҷири гардани сагро дурусттар нишонда, таъриф кард, ки онҳоро аз хориҷа ба пули калон харида овардааст.

– Эй бача, сагҳо чанд пулӣ, биё савдо кунем.

Соҳиби сагҳо издиҳоми одамон, тамошобинонро дида шерак шуд.

– Ака ҳардуяш 500 доллар.

– Не, ба ман яктоаш лозим. Як нархи муайян гап зан, набошад, дигар ҷо равем.

– Хайр, биё 200 доллар деҳ. О, аз ин саг зарар намебинӣ. Зӯриву боқувватиша намегӯӣ.

Ҷавони беғаму парво пулро дода, бепарвоёна сагро ба мошинаш савор карда, дар як лаҳза нопадид гашт...

Мӯйсафед аз тӯдаи одамон, ки акнун титу парешон мешуданд, нигоҳашро гурезонда лолу ҳайрон монд. Ба шигифт омад, хост чизе гӯяд, ки забонаш гирифт, ҳалқаш қоқ шуд. Дигар қудрати сухангӯӣ надошт. То дер дар дилаш ба кору кирдори одамӣ лаънат мехонду халос.

– О, наход саги зоти хориҷиро дусад доллар харанду ана ин саги чӯпонии ман бесоҳиб монад, ҳа. Наход барояш ақаллан 30 сомонӣ надиҳанд... Ин дам яке чашми мӯйсафед ба ҷавонмарди миёнаумре, ки болои сараш рост истода ӯву сагашро хаёле кайҳо назора мекард, афтод. Мӯйсафед ба ҳолати ногувор монда дилаш таҳ кашид, пай бурд, ки нигоҳи ҷавонмард бомақсаду кунҷковона ва ҳатто андаке дилсӯзона метобад.

– Мӯйсафед, ин сагро мефурӯшӣ, ҳа...

– Бале бачам. Қадре пул лозим шуд, пирӣ-да, маҷбурам фурӯшам. Набошад аз ин хел ҳайвони боақл одам ҳаргиз ҷудо намешавад...

– Мӯйсафед, асло хафа нашавед, балки росташа гӯед, магар дӯстро фурӯхтан мумкин аст?

Мӯйсафед фаҳмид, ки ҷавонмарди бофаҳм сухани дарундору таҳдор мегӯяд ва гапаш дуруст ҳам ҳаст. Лекин рӯирост тан додан нахост, балки риштаи суханро дигар сӯ кашид.

– Бачам, пирию хартозӣ-да. Дигар ҳавсалаам намондааст. Илоҷ нест. Як худам танҳо, нафақа дертар мешавад, дар пеш зимистон, боз ...

Ҷавонмард давоми суханашро гӯш накард ва нархи сагро пурсид?

– Чиҳил сомон диҳед, шуд, набошад саги ман ба садҳо ҳазор меарзад.

Ҷавонмард пулро шумурда ба мӯйсафед дод ва ким-чӣ хел беҷуръатона аз банди гардани саг дошт...

Мӯйсафед ҳамоно саги зардашро таъриф мекарду боғаму дард сарашро сила намуда, охирин нигоҳашро аз ҷонвар мегурезонд.

Саги зард аз ҷояш наҷунбид, балки мисле, ки мехкӯб шуда бошад, бо қаҳр ба сохиби бевафояш дида дӯхт...

Ҷонвар намехост асло аз мӯйсафед ҷудо шавал.

Вақте ки ҷавонмард таноби гардани сагро сахттар кашид, саг хез зада худро таги пои соҳибаш партофт, иринҷос зада, нӯлаи бадарде кашид. Ғел зада пойҳои мӯйсафедро лесид. Дар бозори ҳайвонот одами кам монда буд. Боқимонда ҳама ин манзарaро мушохида доштанд.

Мӯйсафед таги обу арақ монда сару калобаашро гум кард, пушаймону музтар худашро базӯр нигоҳ дошт, намедонист чӣ кор кунад...

Ин дам гӯё саги зард мегуфт: – Ай мӯйсафеди бевафо. Чаро маро фурӯхтӣ. Наход аз дӯстат ҷудо шавӣ. Охир, ту ҳаргиз миёни одамон дӯсти наздике надоштӣ. Танҳо ғаму ғусса, дарду доғатро ба ман мегуфтӣ-ку... Саги зард ҳаллос зада танобро мекашид, намехост бе соҳибаш аз ин ҷо равад...

Харидор, ҷавонмарди миёнаумр гӯшашро ба карӣ андохта сагро пеш кашид. Саг аз соҳибаш ҷудо шуда акнун бо сад азоб аз қафои ҳамон мард роҳӣ шуд. Мӯйсафед хаёле нав ба худ омада буду оқибати корашро фаҳмид, ки бо ҳайрат аз худ пурсид.

– Магар ман то ин дам дар хоб будам, ҳа, худоё. Ин чӣ рафтори пасте буд, ки ман содир кардам ва дӯсти бовафоямро ҳамин тавр, осонакак фурӯхтам. Саги зардро, ҳайвони доноро, ки ба тило меарзид.

– Ҷавонмард дуртар сагро хеле навозиш карда, яке нохост банди гарданашро кушод.

Саги зард як ҳаллос зада худашро боз ба назди соҳибаш ра-

сонд. Гирди мӯйсафед чарх зада, бо аломати хурсандӣ пойҳои мӯйсафедро бӯй кашид.

Мӯйсафед ба ҳуш зад, қиёфааш дигар шуд ва рӯҳу тавон пайдо карда назди ҷавонмарди миёнаумр омада пулҳояшро баровард, ки баргардонад.

Харидор хеле ба рангу рӯи парида ва дидаи пурҳайрати мӯйсафед зеҳн монда афзуд.

– Падар, ман аз аввал пай бурдам, ки саги ту, саги одӣ нест, балки маҳз ба шумо имон овардааст, то ҷон дорад, танҳо ба шумо содиқ мемонад. Ин ҳолат ҳам ошкор шуд, маълум шуд, ки одамонанд якдигарро мефурӯшанд. Ҳайвонҳо не, то дами охир ба соҳиби худ вафодор мемонанд...

– Пулро гир, то нафақаат мерасидагист. Лекин дигар сагатро ба бозор набиёр, нафурӯш. Зиқу хафа нашав. Ҳамааш мегузарад.

– Гуфтӣ, сагҳои хориҷиро қимат хариданд, хайр чӣ? Онҳо дар хонаву ҳавлиҳои барҳаво мезиянд, саги шумо чӣ, дар берун таги порисаву майдон мезияд, аммо вафодор аст ва то дами марг хизмат мекунад.

Мӯйсафеди каме ранҷидаву ба ҳайкали ҳайрату тааҷҷуб табдилёфта боз нигоҳашро ба саг кӯчонд...

Саг бо дили пур паҳлӯяш меистод. Мӯйсафед хост ба ҷавонмарди миёнаумр изҳори миннатдорӣ намоянд, ки ӯро дар ҷояш надид. Вай миёни дигар одамони парешонгашта ғайричашмдошт ғайб зад...

Мӯйсафеди дасту по гумкарда боз банди саги зардро гирифта оҳиста-оҳиста аз бозор дур шуд. Ӯ мехост, ки симои ҷавонмарди миёнаумрро аз нав, ба дида кашад, ӯро фаромӯш насозад. Аммо аллакай дер шуд. Мӯйсафед монду саги зард ва чихил сомонии кафи дасташ. Саги доно боз дар нимароҳ қафо мондани соҳибашро дида ҳайрон шуд. Ба пулҳои мӯйсафед ва дидаи ҳайратовари сохибаш нигоҳ карда чизе нафаҳмид. Ақли сагонааш ҳанӯз сарфаҳм намерафт, ки чаро пирамард ба коғазҳои дасташ нигоҳкунон афсӯс мехӯрад ва ҳар замон оҳ мекашад, оҳе, ки онро танҳо саги зард мешунаваду бетоқат мегардад, ноилоҷ зӯза мекашад.

## ДИДАМ, КИ БУНАФША ДАР ЛАБИ ҶӮБОР АСТ

Гул рамзи арӯси сол – баҳори нозанин аст.

Ва дар баҳор гулҳо мешукуфанду табиат зебою мунаққаш мегардад. Гулҳои садбарг, лола, сунбулу бойчечак, суману ёс, хайриву қоқу, сунбул боз аз замин сар кашидаанд. Ин гулҳои муаттар низ мисли инсонҳо ба худ сарнавишту тақдир доранд, вале аксар умри кӯтоҳ дида бо ҳасрату дард баҳорро падруд гуфтаанд.

**1. Гули ошиқипечон**

Майсаи гули ошиқипечон ба тани навдаи шафтолу сахт печида буд. Ҳеҷ гумон надошт, ки рӯзе мерасаду ӯро аз дилдодааш ҷудо месозанд. Гули ошиқипечон дар ин шабу рӯзи баҳорон сармасти нашъаи ишқу умед гашт. Худашро миёни шоху панҷаи шафтолу дида завқ мебурд.

Гули ошиқипечон намехост дигар лаҳзае аз маҳбубааш ҷудо бошад. Гулҳои ҳархелаи табиӣ ва худрӯи баҳориро дӯст медошт. Мехост то охири умраш миёни гулҳои сабзу нилуфари баҳорӣ боқӣ бимонад.

Оҳ, ин саҳар хаёле боди хазон вазид ва гули орзупарвар пешомади бадеро ҳис кард. Дид, ки ӯро аз миёни дигар гулу буттаҳои баҳорӣ дасти бераҳме канда бо худ бурд.

Гули ҳасратзада нафасгир шуд, вале аз чанголи марг раҳоӣ наёфт ва нафаҳмид, ки ӯро чӣ тақдире дар пеш аст. Аз решааш ки ҷудо шуда буд, худро музтару танҳо ёфт. Баргу пояи сабзу хуррамаш кайҳо зард гашта, дар баргҳояш ғаму андӯҳ лона гузошт...

Соҳиби нави гули ошиқипечон аз дунёи гулҳо хабар надошт. Ӯ ҳамаи гулҳоро як хел пиндошта мехост, ки ин гули нокомро низ дар гулдон шинонад. Марди ҳавасӣ гули ошиқипечонро ҳар саҳару бегоҳ об медод. Фикр мекард, ки гул дар хонааш мешукуфад.

Аммо гули ошиқипечон ба ҷои сарсабз шудану қад каши-

дан оҳиста-оҳиста хазону зард гашт. Соҳиби хона ҳайрон шуд. Надонист чӣ фалокате ба гул рух додааст.

Гули ошиқипечон дигар мисли пештара таровату накҳат, хушбӯӣ, зебоӣ надошт. Балки аз дасти бешафқати инсон ва азоби ҷудоӣ шикваю нола дошт. Аламаш мекард, ки соҳиби хона ба ӯ низ чун як гули одӣ муносибат дорад, балки дигар гулҳоро бештар меҳрубонӣ мекарду ба ӯ эътибор намедод.

Баъди чанд рӯз гули ошиқипечон аз сабзиш тамоман монд, пажмурда гашт. Соҳибхона аз ин ноамалӣ боз ба тааҷҷуб омад... Ӯ нафаҳмид, ки гули хурдрӯйро аз манзилаш, хонааш, табиат якумрӣ ҷудо кардааст.

**2. Ҳасрати гул**

Беш аз як ҳафта аст, ки пайваста борон меборад. Борону шамоли сард ба гулу гиёҳ ва алафҳои навруста таҳдид доштанд.

Нилуфар дид, ки гулҳои обӣ базӯр нафас мекашанд, хост баргу пояи паҳнашро ҷамъ намуда, ба ҷои бехавфтаре кӯч бандад. Вале баргу пояаш дар қабзаи тунди борон гиреҳ зад.

Нилуфар ҳис кард, ки аз ин борони бемаҳал раҳидан, ҷон ба саломат бурдан лозим аст. Аммо чӣ хел? Бо кадом роҳ? Охир, ӯ ҳамагӣ як гул аст миёни ҳавзи оби мурда.

Ин дам духтараке паҳлӯи ҳавз пайдо гашт. Ӯ хеле ба гулҳои рӯи об нигоҳ кард. Ҳавасаш омад, гулҳои рангоранг, боду ҳавои муаттар писандаш гашта буданд, ки оромиашро аз даст дод.

Аз ҷавони паҳлӯяш хоҳиш кард, ки барояш гул чинад. Ҷавон парвои сармою борон накард, хам шуда қабзаи гулро канд.

Нилуфар хомӯш буд, дигар қудрати гуфтани ҳарфе надошт. Балки аз он ғам хӯрд, ки гулҳои муаттар аз гулҳавз ҷудо шуданд. Нилуфарро боз аз бетарафӣ, тарсрӯии гулу буттаҳои паҳлӯяш ғамгинтар намуд. Афсӯс хӯрд, ки гулҳои сабзи баҳорӣ осонакак талаф ёфтанд.

Акнун дастаи гулҳоро духтарак дар кафи дасташ дошта, баланд-баланд механдид, табассум мекард, завқ мебурд.

– Чаро одамизод ин қадар бераҳм аст. Намемонад, ки гулҳои наврӯзӣ сабз шаванд, баргу поя баста, қабои арӯсӣ ба

сар кунанд, – андешид нилуфари обӣ. Ё шояд онҳо нафаҳманд, ки гулҳо низ ҷон доранд, нафас мекашанд ва зиндагӣ, баҳорро хеле дӯст медоранд.

Нилуфари обӣ аз мушоҳидаи ин манзараи гулҳои тороҷгашта хастаю бемадор шуд ва худро ба ҷуқурии об кашид. Баргҳои нилуфари обӣ, ки шакли дили хуншорро ба худ доштанд, ба қаъри гулҳавз фурӯ рафтанд...

Гули муаттари ҳарири сафедгашта дар поёноб азоб дошт. Бисёр мехост ин дам болои гулҳавз барояд, аз насими серуни баҳорӣ нафас кашаду аз чакраҳои борон рӯй шӯяд, лекин аз одамизод сахт бим дошт. Метарсид, ки боз нафаре пайдо мешаваду тармеваи сабзи мудавварашро ба тороҷ мебарад. Ҳатто баъзеҳо бераҳмона баргу пояро ҳам решакан менамоянд, ба чӣ хотир, инро ҳиҷ нилуфари обӣ фаҳмида наметавонист.

Ӯ дар паёноби гулҳавз ранҷу азоб ва мотам дошт. Чӣ илоҷ? Дигар гулу буттаҳои атрофаш парокандаю нобуд гаштанд. Рӯҳи озодипарасти нилуфари обӣ шӯру исён дошт. Ӯ мехост боз болообӣ ҳавз барояд. Охир, тамоми зимистон зери оби сард азобу шиканҷаи интизорӣ кашид. Зимистон дигар имкони берун баромадан надошт. Танҳо бо умеди баҳори нозанин мезист, ҳоло бисёр мехост, ки боз болои оби мусаффо бошад. Аз боду ҳавои тоза нафас кашад, ғунча во кунад, офтоб гармияш бахшад.

Нилуфари обӣ ҳайрон шуд, ки чаро дигар обсабз, гулу гиёҳҳо боло сар намекашанд, балки бо ҳамон зебоӣ, зуд пажмурда шуда, зери по мешаванд. Наход барояшон озодӣ авло набошад ё дар ғурбату асорат зистанро ба зимма гирифтаанд.

Аммо нилуфари обӣ мехоҳад дар рӯи гулҳавз миёни мавҷи об лаппиш хӯрад. Оҳ, чӣ қадар гуворост, вақте ки мавҷи об ба ҳам хӯрда шамол мевазаду аз атроф бӯи хуши атру ёсуман мехезад.

Нилуфари обӣ дигар ёрои зери об монданро надорад. Ӯ субҳро интизор аст, то аз қайди ин азобҳо халос шавад.

Ин саҳар нилуфари обӣ ғайричашмдошт дар гулҳавз пайдо шуд. Аз дидори офтоби оламтоб шукуфон гардид.

Баҳору насими гулбез болидарӯҳаш карданд ва нилуфари обӣ бо накҳати зебои худ боз атрофро муаттар намуд.

### 3. Гули наргис

Наргис аз гулҳои қадимаи олам ба шумор меравад ва дар саросари Аврупо, Амрико машҳур аст. Дар дунё 40 хел наргис маълум буда, дар Тоҷикистон чанд намудаш сабз мешавад.

Наргис бо омадани баҳор чашм кушода мижгони худро шона мезад. Гирд-гирди гули он гулбаргҳои зебо давра задаанд. Роҳгузаронро ороишу чашмакзаниҳои косагули наргис ба ваҷд овард. Дилдодаҳо бо ҳавас наргисро тамошо карда, онро чун рамзи покии баҳор ситоиш доштанд.

Наргис баъди борони дирӯза тозаву муаттар шуда хумор мешикаст. Ин дам хоргули пире, ки дуртар нав панҷа зада мебаромад, дигар тоқат карда натавонист, аз рашку ҳасад сӯхт. Хост рафта адаби наргисро диҳад.

Хоргул ҳиҷ бахшида наметавонист густохии наргисро. Чаро ҳама наргисро меситоянду дӯст медоранд?!

Хоргул бо умеди ниқор гирифтан сӯи наргис панҷаашро дароз кард. Ин дам боғбони пир, ки дуртар ҷунбуҷӯл дошту алафҳои хушку бегонаро дарав мекард, досашро давонда хоргулро аз бехаш, решааш ҷудо кард.

Наргиси бехабар ҳамоно чашмони шаҳлояшро бозӣ доронда дар оғӯши баҳор завқ дошт.

### 4. Гули хайрӣ

Гули хайрӣ низ аз ҷумлаи гулҳои зебову муаттари диёрамон буда, дар маҳаллаҳои гуногун бо номҳои хайригул, хирӣ ёд мешавад. Гули хайрӣ бо ҳусну таровати хоссаи худ зеби маъракаю боғҳои худрӯй буда, дар илми тиб барои муолиҷа низ истифода мешавад.

Гулҳои ҳарири зебои он дорои панҷтоӣ гулбарг мебошанд.

Дар бораи таърихи пайдоиши гули хайрӣ миёни мардум афсонаҳои зиёде паҳн шудаанд. Дар ривояте омадааст, ки дар замонҳои хеле қадим марди камбағале Хайрӣ ном духтар доштааст, ки ҳусну зебоияш рашки сад чаман будааст. Бойи деҳа ошиқи Хайрӣ шуда, мехоҳад бо роҳи фиребу найранг духтараки соҳибҷамолро ба даст орад.

Хайрӣ аз бахти сиёҳи худ ба шӯр омада, роҳи халосӣ мекофт.

Оқибат аз давлату дороии бойи деҳа рӯй гардонда барои ишқи покашро наҷот додан Хайрии ноком болои қуллаи кӯҳ мебарояду аз он ҷо худашро ба поён мепартояд.

Шояд ин афсона то ҷое ба ҳақиқат наздик бошад, ки ҳоло бисёр намуди гули хайрӣ танҳо дар баландиҳо мерӯяд...

Ва ҳангоме ки тухму решаи гули хайриро ҷамъоварӣ карда барои муолиҷаи хунпартоӣ истифода мебаранд, боз ҳамон нақли гузашта ба хотир меояд. Хаёле то ҳанӯз Хайрӣ аз баландии қулла ба поён чашм медӯзад, барои бахти баргаштааш хун мепартояд.

**5. Бунафша**

*Дидам, ки бунафша дар лаби ҷӯйбор аст,*
*Дар гирди бунафша сабзаи бисёр аст.*
*Монанди бунафша гул набошад ба ҷаҳон,*
*Аслу насаби бунафша аз кӯҳсор аст.*

Бунафша дар сари пушта миёни алафҳои сабзи баҳорӣ рӯида, аз таровиши борони саҳарӣ аз хоби ноз хеста, баргу пояаашро ғундошт. Бунафша аз гулу себаргаҳои пушта омадани баҳорро хаёле аз нав эҳсос кард, ки рангаш кабуд шуда мисли арӯсон ба ҷилва даромад...

Ин лаҳзаҳоро чӣ қадар интизорӣ кашид. Моҳҳои сарди зимистон зери хок паноҳ бурд. Рӯзҳои барфрезӣ маҷбур дар оғӯши хунукиҳо мисли ғунчае ҳалқа зада хоб кард. Дар ин моҳҳо танҳо ба ёди баҳор мезист.

Инак, баҳор омадааст ва бунафша низ мисли дигар гулҳо шод аст. Ӯ дигар парвои чизе надорад. Ҳарчанд дар ин айём умри кӯтоҳ мебинад, аммо аз бахташ розӣ аст. Худро тасалло медиҳад, ки дар ин фасл зеби кӯҳу даман мегардад.

Боз гули бунафша аз он шукр мегӯяд, ки дар илми тиб чун рустании дорувор мавриди истифода қарор дорад. Дар кӯҳистон баргу поя ва решаи бунафшаро ҷӯшонда обашро барои муолиҷаи бемориҳои сурфа ва дил менӯшанд.

# МУНДАРИҶА

Ҷангал (қисса) ........................................ 3
Санговдавак ........................................ 20
Маркаб ........................................ 25
Хуки ёбоӣ ........................................ 33
Модакабк ........................................ 39
Сари мор ........................................ 44
Мурғи даштӣ ........................................ 49
Гови якрав ........................................ 56
Гурбаи гурусна ........................................ 57
Лонаи мусичаҳо ........................................ 57
Шикори рӯбоҳ ........................................ 58
Нахчир ........................................ 59
Гӯсфанди ёбоӣ ........................................ 66
Меҳр ........................................ 69
Саги кӯр ........................................ 71
Вола ........................................ 78
Уқоб ва лошахӯр ........................................ 84
Шиҳаи асп ........................................ 92
Пирсаг ........................................ 98
Вафодор ........................................ 103
Сайёд ........................................ 104
Байтал ........................................ 105
Парастуҳои Суруш ........................................ 105
Аспи Искандар ........................................ 106
Лонаи булбул ........................................ 108
Гурги ланг ........................................ 114
Алибоҷ ........................................ 119
Аз пайи паланг ........................................ 132
Ҳасрати хирс ........................................ 139
Марги саги чӯпон ........................................ 143
Кабкбоз ........................................ 148
Гаҳвораҷунбон ........................................ 152

Боҳтур........................................................................ 154
Зоғи кӯҳӣ..................................................................... 156
Меҳри модарӣ ............................................................. 157
Мори дастомӯз............................................................ 160
Чокак.......................................................................... 161
Саги доно ................................................................... 164
Гурги похӯрда............................................................. 166
Нолаи саг ................................................................... 167
Ҷуфти парасту............................................................ 169
Ҷари говкуш ............................................................... 175
Гулмоҳӣ...................................................................... 180
Талвоса ...................................................................... 182
Саги зард .................................................................... 186
Дидам, ки бунафша дар лаби ҷӯбор аст... ........ 193

**Маҷид Салим**

**АЗ ПАЙИ ПАЛАНГ**

Муҳаррири ороиш *Р.Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М.Саидова*
Ҳуруфчин *С.Шералӣ*

Ба матбаа 11.03.2010 супорида шуд.
Чопаш 20.05.2010 ба имзо расид. Андозаи 84x108 1/32.
Ҷузъи чопӣ 6,25. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17а

Дар матбааи ҶДММ «Ёл»
ба табъ расидааст.
Суроға: ш. Душанбе, кӯчаи А. Деҳотӣ 9/1
Тел: 918-21-81-94